ISSN 2790-7198

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ
СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ

NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS
OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES

# ОСИЁ ВА АВРУПО

**(маҷаллаи илмӣ)**

# АЗИЯ И ЕВРОПА

**(научный журнал)**

# ASIA AND EUROPE

**(Scientific Journal)**

**№ 2 (14), 2023**

**Душанбе - 2023**

**Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо** – сармуҳаррир, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо;
**Раҳмонзода Азимҷони Шералӣ** – муовини сармуҳаррир;
**Одинаев Нурмуҳаммад** – муҳаррири масъул;
**Ҳабибов Абдураҳмон** – котиби масъул.

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

**Фарҳод Раҳимӣ** – академик, Президенти АМИТ;
**Муҳаммад Абдурраҳмон** – ноиби Президенти АМИТ;
**Акбар Турсон** – доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ;
**Шодимуҳаммад Суфизода** – доктори илмҳои филологӣ;
**Ҳабибулло Раҷабов** – доктори илмҳои филологӣ;
**Тоҷиддин Мардонӣ** – доктори илмҳои филологӣ;
**Санавбар Воҳидова** – доктори илмҳои таърих;
**Қосимшо Искандаров** – доктори илмҳои таърих;
**Ниёз Мирзоев** – доктори илмҳои таърих;
**Шамсиддин Каримов** – доктори илмҳои сиёсӣ;
**Раҳмон Улмасов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ҳисайн Исайнов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Баҳовиддин Ҷумъаев** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Фирдавс Муқаддасзода** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ғиёсиддин Қодиров -** номзади илмҳои филологӣ;
**Ҳусенбой Қиёмидинов -** номзади илмҳои иқтисодӣ;
**Муҳаммадамин Оймаҳмадов** – номзади илмҳои иқтисодӣ;
**Субҳиддин Зиёев -** номзади илмҳои филологӣ.

**Муассиси маҷалла: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо.**

Дар маҷалла мақолаҳою фишурдаҳои илмӣ, тақризҳо ва ахбор дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати беруна, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, забон ва адабиёти кишварҳои хориҷа ба табъ мерасанд.

Маҷалла соли 2019 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти рақами 154/РЗ – 97 санаи 12 июни соли 2020 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**
**Индекси обунавӣ: 77731**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33.
Тел.: (+992 37) 221 05 72. Сомонаи мо: www.osiyoavrupo.tj.

Осиё ва Аврупо/Маҷаллаи илмӣ. – 2023 – № 2 (14). ISSN 2790-7198.

**Ниёзи Ёрмахмад Бобо** – главный редактор, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы;
**Рахмонзода Азимджони Шерали** – заместитель главного редактора;
**Одинаев Нурмухаммад** – ответственный редактор;
**Хабибов Абдурахмон** – ответственный секретарь.

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**

**Фарход Рахими** – академик, Президент НАНТ;
**Мухаммад Абдуррахмон** – вице-президент НАНТ;
**Акбар Турсон** – доктор философских наук, академик НАНТ;
**Шодимухаммад Суфизода** – доктор филологических наук;
**Хабибулло Раджабов** – доктор филологических наук;
**Тоджиддин Мардони** – доктор филологических наук;
**Санавбар Вохидова** – доктор исторических наук;
**Косимшо Искандаров** – доктор исторических наук;
**Ниёз Мирзоев** - доктор исторических наук;
**Шамсиддин Каримов**– доктор политических наук;
**Рахмон Ульмасов** – доктор экономических наук;
**Хисайн Исайнов** – доктор экономических наук;
**Баховиддин Джумъаев** – доктор экономических наук;
**Фирдавс Мукаддасзода** – доктор экономических наук;
**Гиёсиддин Кодиров** – кандидат филологических наук;
**Хусенбой Киемидинов** – кандидат экономических наук;
**Махмадамин Оймамадов** – кандидат экономических наук;
**Субхиддин Зиёев** - кандидат филологических наук.

**Niyozi Yarmahmad Bobo** – Chief Editor, director of Institute of studying of the problems of Asian and European countries;
**Rahmonzoda Azimjoni Sherali** – Deputy of Chief Editor;
**Odinaev Nurmuhammad** – Executive Editor;
**Habibov Abdurahmon** – Executive Secretary.

**EDITORIAL TEAM**

**Farhod Rahimi** – President of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST);
**Muhammad Abdurahmon** – Vice-President of the NAST;
**Akbar Turson** – Academician of the NAST, doctor of philosophy sciences;
**Shodimuhammad Sufizoda** – doctor of philology sciences;
**Habibullo Rajabov** – doctor of philology sciences;
**Tojiddin Mardoni**– doctor of philology sciences;
**Sanavbar Vohidova** – doctor of historical sciences;
**Qosimsho Iskandarov** – doctor of historical sciences;
**Niyoz Mirzoev** – doctor of historical sciences;
**Shamsiddin Karimov** - doctor of political sciences;
**Rahmon Ulmasov** – doctor of economic sciences;
**Hisain Isainov** – doctor of economic sciences;
**Bahoviddin Jumaev** – doctor of economic sciences;
**Firdavs Muqaddaszoda** – doctor of economic sciences;
**Giyosiddin Qodirov** – candidate of philology sciences;
**Husenboy Qiyomidinov** – candidate of economic sciences;
**Mahmadamin Oymahmadov** – candidate of economic sciences;
**Ziyoev Subhiddin** - candidate of philology sciences.

# МУНДАРИҶА

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Искандаров Қ.** Таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон ва сарнавишти тоҷикон **8**
**Мирзоев Н.М.** Ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО **17**
**Воҳидова С.** Шабеҳияти анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Италия **20**
**Собирова Қ.Д.** Дастгирии ташкилотҳои байналхалқӣ ва ислоҳоти хоҷагии қишлоқ дар ВМКБ дар даврони Истиқлолият **27**
**Қудратзода К.А.** Омилҳои дубора ба қудрат расидани «Толибон» **36**
**Зиёев С.Н.** Ташаккул ва густариши ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии арабии Сурия дар замони Истиқлол **52**
**Шарипов А.Н., Мирзоев Ҳ.Т.** Дастовардҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатия Тоҷикистон дар 30- соли Истиқлолият **57**
**Махфирати Д.** Арзишҳои неоусмонӣ ҳамчун асоси ҳадафҳои геополитикии Туркия **64**
**Раҷабалиев Х.Х.** Омили Покистон дар муносибатҳои Ҳиндустону Афғонистон **70**
**Шарифов И.И.** Қувваҳои ноаён дар сиёсатгузориҳои ҷаҳони муосир **77**

## ШАРҚШИНОСӢ

**Шарифзода И. Иматова Р.Д.** Худшиносӣ ва манфиати миллӣ ҳамчун омили асосии таҳкими давлат дар Сурия **83**
**Шаҳлохони М.** Мовардӣ ва муҳити таърихӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-фалсафии ӯ **96**
**Пудинаев У.** Назаре ба вожасозии Назри Яздон **103**

## ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ

**Турсунов Т.Х.** Мушкилот ва дурнамои иқтисодиёти Бангладеш **110**
**Қудратзода К., Соҳиби Б., Сангинзода М.** Авомили рушд ва самаранокии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Индонезия **120**

## ТАҚРИЗ, КИТОБИЁТ, ТАРҶИМА ВА ТАҲИЯ

**Одинаев Н.** Ёде аз марди накӯном **128**
**Ниёзӣ Ё.** Назари исломшиноси фаронсавӣ Оливер Руа дар мавриди тамоюлоти ҳизбу ҳаракатҳои муосири исломӣ **135**
**Одинаев Н.** Пажуҳиши пурарзиш дар шинохти муҳити адабии Афғонистон **140**
**Давлиёрова С.Т.** Тарбияи ватандӯстӣ - омили ташаккул ва рушди худшиносии миллӣ **142**
**Кларк Ҷ.Д.** Ихтилофи ҳувият: миллатгароӣ дар Македонияи пас аз Югославия **146**
**Набизода М.Р.** Роҳҳои ташаккули порчаҳои яклухти синтаксисӣ ва сохтори онҳо **163**
**Хуррамзода М.Х.** Аҳамияти НБО-и "Роғун" дар меҳвари ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар масъалаҳои обу иқлим **170**
**Беков Д.** Нақши равшанфикрон дар замони Тоҷикистони шӯравӣ **175**
**Давлатова Р.А.** Марҳалаҳои рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин баъди ба даст овардани Истиқлолият **179**
**Вохидова С., Турсунова Ш.Ш.** Муносибатҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ **184**
**Сафарова М.Р.** Вазъи кунунии ҳамкориҳои байнидавлатии Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ **189**
**Юсуфӣ Ф.** Нақш ва ҷойгоҳи дипломатияи об дар раванди ҷаҳонишавӣ **197**
**Аъзамов С.** Тӯрақул Зеҳнӣ ва рӯдакишиносӣ дар нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи хх **204**

# СОДЕРЖАНИЕ

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

**Искандаров К.** Политические события в Афганистане и судьба таджиков **7**
**Мирзоев Н.М.** Взаимоотношение Таджикистана и ЮНЕСКО в сфере культуры **17**
**Вохидова С.** Сходство культурных традиций Таджикистана и Италии **20**
**Собирова К.Д.** Помощь международных организаций в реформирование сельское хозяйство ГБАО в годы независимости **27**
**Кудратзода К.А.** Факторы возвращения к власти движения «Талибан» **36**
**Зиёев С.Н.** Становление и расширение взаимного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Сирийской арабской республикой в годы независимости **52**
**Шарипов А.Н., Мирзоев Ҳ.Т.** Достижения внешней политики и дипломатии Таджикистана за 30-летие независимости **57**
**Махфирати Д.** Неоосманские ценности как основа достижения геополитических целей Турции **64**
**Раҷабалиев Х.Х.** Пакистанский фактор в индо-афганских отношениях **70**
**Шарифов И.И.** Невидимые силы в современной мировой политике **77**

## ВОСТОКОВЕДЕНИЕ

**Шарифзода И.** Иматова Р.Д. Самосознание и национальные интересы как фактор укрепления Сирийского государства **83**
**Шахлохони М.** Моварди и его историко-культурная и социально философская среда **96**
**Пудинаев У.** Взгляд в словообразовании Назри Яздон **103**

## МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА

**Турсунов Т.Х.** Проблемы и перспективы экономики Бангладеш **1101**
**Қудратзода К., Соҳиби Б., Сангинзода М.** Факторы развития и эффективность свободной экономической зоны в Индонезии **121**

## РЕЦЕНЗИИ, БИБЛИОГРАФИЯ, ПЕРЕВОД И РАЗРАБОТКА

**Одинаев Н.** Память о хорошем человеке **129**
**Ниёзи Ё.Б.** Мнение французского исламоведа Оливера Руа о тенденциях современных исламских партий и движений **135**
**Одинаев Н.** Ценное исследование по признанию литературной среды Афганистана **140**
**Давлиёрова С.Т.** Воспитание патриотизма-фактор формирования и развития национального самосознания **143**
**Джеймс Д. Кларк.** Конфликты идентичности: национализм в постюгославской Македонии
**Набизода М.Р.** Способы организации целых синтаксических частей и ее структура **147**
**Хуррамзода М.Х.** Значение Рогунской ГЭС в оси международных инициатив Таджикистана в водно-климатических проблемах **164**
**Беков Д.** Роль интеллектуалов во времена Советского Таджикистана **170**
**Давлатова Р.А.** Этапы развития сотрудничества Республики Таджикистан с Китайской Народной Республикой после приобретения независимости **175**
**Вохидова С., Турсунова Ш.Ш.** Взаимоотношение Таджикистана с международными организациями **180**
**Сафарова М.Р.** О современном состоянии и перспективы сотрудничества Китая в Центральной Азии **185**

**Юсуфи Ф.** Роль и место водной дипломатии в процессе глобализации **189**
**Азамов С. Б.** Туракул Зехни и рудакиведение во второй половине 20-ых годов хх-го века **208**

# CONTENTS

## INTERNATIONAL RELATIONS

**Iskandarov K.** Political events in Afghanistan and the fate of the Tajiks **8**
**Mirzoev N.M.** Relations between Tajikistan and UNESCO **17**
**Vohidova S.** Similarity of cultural traditions of Tajikistan and Italy **20**
**Sobirova K.D.** Assistance of international organizations in reforming agriculture in GBAO in the years of independence **27**
**Kudratzoda K.A.** Factors for the Taliban return to power **36**
**Ziyoev S.N.** Formation and expansion of mutual cooperation between the Republic of Tajikistan and the Syrian Arab Republic in the years of independence **52**
**Sharipov A.N., Mirzoev H.T.** Achievements of the foreign policy and diplomacy of Tajikistan over the 30th anniversary of independence **57**
**Makhfirati D.** Neo-Ottoman values as the basis for achieving Turkey's geopolitical goals **64**
**Khairullo Kh.R.** Pakistan factor in Indo-Afghan relations **70**
**Sharifov I.I.** Invisible forces in modern world politics **77**

## ORIENTAL STUDIES

**Sharifzoda I.U.** Immatova R.D. Self-consciousness and national interests as a factor in strengthening the Syrian state **82**
**Shahlokhoni M.** Mowardi and his historico-cultural and socio-philosophical enviroment **95**
**Pudinaev U.** A look at Nazri Yazdon's word formation **103**

## WORLD ECONOMY

**Tursunov T.Kh.** Problems and prospects of the Bangladesh economy **111**
**Kudratzoda K.A., Sohibi B., Sanginzoda M.** Factors of development and efficiency of the free trade zone in Indonesia **121**

## REVIEWS, BIBLIOGRAPHY, TRANSLATION AND DEVELOPMENT

**Odinaev N.** A memory of a good man **129**
**Niyozy Y.** Opinion of the French Islamologist Oliver Rois regarding the trends of modern Islamic parties and movements **135**
**Odinaev N.** Valuable research in the recognition of the literary environment of Afghanistan **140**
**Davliorova S.T.** Education of patriotism - a factor in the formation and development national identity **143**
**Clark J.D.** The conflicts of identity: nationalism in post-yugoslavian Macedonia **147**
**Nabijonova M.** Ways of organizing integral syntax parts and its structure **163**
**Khurramzoda M.Kh.** The significance of "Rogun" HPS in the axis of Tajikistan's international initiatives in water and climate issues **170**
**Bekov D.** The role of intellectuals in Soviet Tajikistan **175**
**Davlatova R.A.** Stages of development of cooperation of the Republic of Tajikistan with the People's Republic of China after acquisition of independence **179**
**Vohidova S., Tursunova Sh.** Relationship of Tajikistan with international organizations **184**
**Safarova M.R.** About the current status and prospects of China's cooperation in Central Asia **189**
**Yusufi F.** The role and place of water diplomacy in the process of globalization **197**
**Azamov S. B. Turakul Zehni and rudakivedenie (second half of 20-ies of the twentieth century)** **209**

***МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ***

# ТАҲАВВУЛОТИ СИЁСӢ ДАР АФҒОНИСТОН ВА САРНАВИШТИ ТОҶИКОН

**ИСКАНДАРОВ ҚОСИМШО**
доктори илмҳои таърих, сарходими илмии ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 33 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 37 2215017. E-mail: Ikas_53@inbox.ru

*Дар мақола вазъияти тоҷикони Афғонистан дар асари таҳавуллоти низомию сиёсӣ дар ин кишвар таҳлил гардидааст. Диққати махсус ба сиёсати подшоҳон ва роҳбарони паштунтабори ин кишвар дода шудааст, ки ҳокимияти сиёсиро ҳаққи инҳисории худ дониста, кӯшиш намудаанд, то бо ҳар роҳу восила қудратро дар даст дошта, намояндагони дигар қавмҳоро ба ҳошия биронанд. Дар мақола сиёсати ба минтақаҳои сукунати тоҷикон ва узбекҳо дар шимоли кишвар кӯчонидани паштунҳо аз ҷануб, напазируфтани ҳукуматҳои тоҷиктабор дар соли 1929 ва солҳои 1992-2001 таҳлил гардида, маълумоти муфассал дар бораи манифести 13 моддаии кавмгароҳои паштун, ки дар китоби "Сақавии дувум" омадаст, дода шудааст.*

*Қайд гардидааст, ки сиёсати Толибон, раисони ҷумҳур Ҳ.Карзай ва Ашраф Ғанӣ ҳам ба татбиқи ҳадафи асосии паштунгароҳо- инҳисори қудрати сиёсӣ дар Афғонистон нигаронида шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Афғонистон, паштунҳо, тоҷикон, қавмгароён, инҳисори қудрат, ғайрипаштунҳо, афғон, афғонмеҳвар.*

Дар Афғонистон, ки бо Тоҷикистон марзи тулонӣ, муштаракоти фарҳангӣ, забонӣ, динӣ ва расму суннатҳои ягона дорад, 15-уми августи соли 2021 қудрати сиёсӣ дар натиҷаи як муомилаи бозигарони асосии минтақа ва иттиҳоди бесобиқаи қавмӣ ба ҷунбиши террористии "Толибон"[1] дода шуд. Ин вазъият наметавонад боиси нигаронии тоҷикони ин кишвар ва мо тоҷикистониён нашавад. Ин нигаронӣ чанд далел дорад. Аввал, дар ҳамсоягии Тоҷикистон як низоми исломӣ, бо идеологияи бисёр тундрав бунёд шудааст. "Толибон" як тафсири радикалиро аз мактаби фиқҳии Девбанд қабул ва онро бо суннатҳои қабилавии худ омехта карданд, ки дар дунёи ислом назир надорад. Афғонистони "Толибон" метавонад ба такягоҳи гурӯҳҳои террористию экстремистӣ аз тамоми дунё ва ба маркази нави қудрати исломи тундгаро бо ҳама хавфу хатарҳояш барои низоми дунявии Тоҷикистон табдил ёбад. Дар байни бисёре аз коршиносон, аз ҷумла коршиносони тоҷик, ин ақида вуҷуд дорад, ки "Толибон" як ҷунбиши афғонӣ мебошад ва ҳадафашон эҳёи ҳамон Аморати исломии "Толибон" аст ва ба кишварҳои ҳамсоя ҳеҷ таҳдиде надоранд, яъне дар ҷиҳоди ба истилоҳ глобалӣ ширкат намекунанд ва ғайра. Гарчанде коршиносони дигар бо далелҳои қотеъ ин ақидаро рад кардаанд ва таҳдидҳои мавҷударо аз нишонии "Толибон" ба кишварҳои дигар, аз ҷумла Тоҷикистон, ташхис намудаанд. Гувоҳи ин, ки "Толибон" як ҷунбиши радикалие аст, ки бо тасарруфи Афғонистон қаноат намекунад, суханронии чанде қабли раҳбари "Толибон" Мавлавӣ Ҳайбатулло Охунд дар назди уламои дин дар Кобул мебошад, ки роҳи "Толибон"-ро ҷиҳоди ҷаҳонӣ муайян намуд. Ӯ бо сароҳат баён кардааст: "Ҷиҳоди ҷангҷӯёнаш танҳо дар қаламрави Афғонистон хотима нахоҳад ёфт ва истиқрори шариат дар Афғонистон танҳо марҳалаи аввали ҷиҳоди муваффақи "Толибон" аст". Ба гуфтаи вай, дар оянда "Толибон" ва уламои афғон мувazzафанд, ки тамоми ҷаҳонро ба сӯи мудирияти шариат раҳнамоӣ кунанд[11].Дувум, раҳбарони "Толибон" бо вуҷуди он ки аз "исломи ноб" бо тафсири худашон ҳарф мезананд ва қоидаҳои сахтеро ҳам ҷорӣ

[1] Ташкилоти террористии дар Тоҷикистон мамнуъ

намудаанд ва занонро, мутобиқ ба он тафсире, ки аз шариат доранд, аз тамоми ҳуқуқҳояшон маҳрум намудаанд, боз ҳам низоми "Толибон" як низоми паштунмеҳвар аст. "Толибон", ки то ҳол аз тарафи ҳеҷ давлате расман эътироф нашудааст, дар як кишвари касирулмиллат, ки паштунҳо яке аз ақаллиятҳои қавмӣ мебошанд, қудратро инҳисор намудаанд ва ба даъвати ҷомеаи байналмилалӣ дар бораи ташкили ҳукумати инклюзивӣ, ҷалби ақаллиятҳои дигари сокини кишвар ба идораи давлат мувофиқа намекунанд.Ин дар шароитест, ки Афғонистон як кишвари касирулмиллат аст. Гарчанде дар бораи теъдоди гурӯҳҳои этникӣ ва забонҳои гуфтугӯӣ назарҳо гуногунанд. Баъзе олимони мардумшинос, ки нақшаи қавмии Афғонистонро таҳия намудаанд, ба мавҷудияти 55-57 гурӯҳи этникӣ таъкид мекунанд, ки бо 33 забон гуфтугӯ менамоянд[9, с.202].

Муаррихи афғонистонӣ Ғуломмуҳаммади Муҳаммадӣ навиштааст, ки тибқи охирин пажӯҳишҳо дар Афғонистон 23 миллияти зинда вуҷуд дорад, ки бо 23 лаҳҷа ва забон сухан мегӯянд [3,с.5]. Ба ин далел аст, ки Афғонистонро баъзе мутахассисон музеи қавмҳо, забонҳо, мазҳабҳо, расму суннатҳои гуногун меноманд. Аз миёни ин ҳама қавмҳо тоҷикон ва паштунҳо сернуфустарин қавмҳо дар ин кишвар мебошанд. Дар Афғонистон ҳеҷ гоҳ саршумории пурраи нуфус (барӯйхатгирии аҳолӣ) гузаронда нашудааст ва таносуби дақиқи байни қавмҳо маълум нест, аммо дар маълумотномаҳои банашррасида паштунҳо аксарияти аҳолӣ пиндошта мешаванд ва ин назарияи «аксарияти қавмӣ», қавми “давлатсоз” то имрӯз дар байни нухбагони паштун устувор аст ва бар пояи ҳамин назария паштунҳо роҳбарии давлатро дар Афғонистон ҳаққи инкорнопазири паштунҳо медонанд. Аммо воқеият ин аст, ки мувофиқи маълумотҳои мавҷуд, имрӯз ҳеҷ қавме аксарияти аҳолии мамлакат, яъне беш аз нисфи онро ташкил намекунад ва Афғонистонро коршиносон “кишвари ақаллиятҳои қавмӣ” ҳам меноманд.Ҷомеаи паштунҳо, асосан, бо расму суннатҳои қабилавии худ зиндагонӣ менамоянд. Маҷмуаи қонун ва анъанаҳои қабилавӣ дарбаргирандаи идеология, ҳуқуқи анъанавӣ ва қонун барои паштунҳост ва онҳо ҳатто аҳкоми исломро то ҳадде қабул мекунанд, ки ба қонунҳои қабилавии онҳо мухолиф набошанд.Ба ғайр аз он, олимон ташаккули паштунҳоро ба сифати халқи ягона ба асрҳои XI – XII мансуб дониста, ватани аслии онҳоро доманакӯҳҳои Сулаймон дар марзҳои шарқии имрӯзаи Афғонистону Покистон медонанд. Паҳншавии онҳо ба минтақаи Афғонистони имрӯза ва ё Хуросони дирӯза ба асрҳои XV – XVI рост меояд. Сайёҳон ва дипломатҳои аврупоӣ ба мисли М. Элфинстон ва А. Бернс менависанд, ки ҳатто дар аввали асри XIX тоҷикон аксарияти аҳолии шаҳрҳои шарқ ва ҷануби Афғонистонро ташкил медоданд.Ташаккули давлати мутамарказ, ки имрӯз бо номи Афғонистон ёд мешавад, соли 1747 дар шаҳри Қандаҳор оғоз шуда, беш аз 150 сол давом кард ва дар охири қарни XIX, дар давраи аморати Абдураҳмонхон (1880-1901) ба охир расид. Дар он замон ин давлати навтаъсис бо номи “Хуросон” ёд мешуд.

Шахсияти сиёсӣ ва роҳбари аввалин ҳайати сиёсии англис ба қаламрави Афғонистони кунунӣ М. Элфинстон дар аввалҳои асри XIX чунин навиштааст: “Афғонон номи умумӣ барои давлаташон надоранд, аммо Афғонистон, ки эҳтимолан нахуст дар Эрон ба кор бурда шуда, мукаррар дар китобҳо омада аст ва агар ба кор равад барои мардуми он сарзамин ношинохта нест”[12,с.105]. Муҳаққиқи афғонистонӣ Закариё Усули дар китоби худ “Номи Афғонистон аз дидгоҳи пажӯҳишгарон”[10]. Бо такя ба Бусаиди Дониш З. Усулӣ навиштааст, “барои аввалин бор вожаи “Афғонистон” ба унвони номи расмии ин кишвар дар солҳои 1801 дар муоҳидаи байни Эрон ва Англия дар бораи давлати Дурронӣ ва Абдолӣ ба кор гирифта шудааст” [10, с. 9]. Аммо Муҳаммад Умар Юсуф дар китоби худ “Кашфи таърих” менависад, ки “ ин ном аввалин бор дар давраи Шоҳ Шуҷоъ дар 7 майи соли 1839 аз тарафи англисҳо ба кор гирифта шудааст” [10, с.7]. Ба ҳар сурат ҳақиқат ин аст, ки гарчанде дар мукотиботи ноибул салтанаи Ҳинди Бритониёӣ бо амирони ин сарзамин ин ном истифода мешуд,

аммо то аҳди амир Абдурраҳмонхон (1880-1901) бо ин номи нав одат накарда буданд. Масалан дар сиккаи падари Абдураҳмонхон ин байт хонда мешавад:

Сипоҳи машриқу мағриб зи ҳам муфасал шуд,
Амири мулки Хуросон амир Афзал шуд[10,с.9].

Ё ба муносибати бозгашти амир Абдураҳмонхон аз Ҳиндустон яке аз шоирони он давра сурудаеро ин тавр оғоз мекунад:

Волии мулки Хуросон ба Пешовар омад,
Гӯиё меҳри ҷаҳонтоб зи Ховар омад[10, с.10].

Дар ҳамин давра минтақаҳои васеи марказ, шимол, шимолу ғарб ва шимолу шарқи Афғонистон, ки сокинони он ҳама ғайрипаштун буданд, забт ва ба давлати Дурронихо ҳамроҳ карда шуд. Бо ин минтақаҳо амирони Афғонистон кӯшиш карданд, аҳолии паштунро аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир намуда, бо ин роҳ ҳузури онҳоро дар ин ҷойҳо таъмин ва таносуби қавмиро ба манфиати афғонҳо тағйир диҳанд. Ба ибораи дигар, сиёсати афғонсозии ин сарзамин аз ҳамон солҳо оғоз гардида, то имрӯз давом дорад.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳудуди 100 ҳазор хонаводаи паштун аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир карда шуданд. Бо ин роҳ амирон мехостанд дар шимол такягоҳи иҷтимоӣ дошта бошанд. Ин дар ҳоле буд, ки ба қавли муаррихон, дар ин минтақаҳо заминҳои бесоҳиб набуданд ва ноқилин заминҳои мардуми маҳаллӣ, яъне тоҷикону ӯзбекҳоро тасарруф менамуданд.

Дар давраи подшоҳии Амонуллохон (1919-1929) “Низомномаи ноқилин” қабул шуд, ки мувофиқи он ҳукуматҳои маҳаллӣ дар шимол уҳдадор шуданд ҳазорон нафар аз ноқилинро пазируфта, онҳоро бо заминҳои обӣ таъмин намоянд. Давлат ба ноқилин имтиёзҳои дигари зиёдро пешбинӣ намуд, аз ҷумла барои 12 сол аз пардохти андоз озод шуданд. Аз ҳамон давра дар минтақаи васеи шимол, аз Ҳирот то Бадахшон минтақаҳои паштуннишин, ба истилоҳ “анклавҳо” ба вуҷуд омаданд, ки имрӯз, мутаассифона ин “анклавҳои” паштуннишин хоса дар вилоятҳои шимолӣ: Форёб, Сари Пул, Ҷувзҷон, Бағлон ва Кундуз ба пойгоҳҳои аслии "Толибон" ва террористон мубаддал шудаанд.

Амонуллохон соли 1923 барои аввалин бор дар Афғонистон Низомномаи асосии давлати олии Афғонистонро таҳия ва қабул кард, ки мувофиқи он ҳамаи халқҳо сарфи назар аз қавм, нажод, дину мазҳаб дар назди қонун баробар ва озод эълон шуданд, ғуломдорӣ барҳам, бартарии маликҳо ва хонҳои афғониро, ки нафақахӯри хазинаи подшоҳӣ буданд, бекор намуд.

Аммо аз тарафи дигар, ҳангоме ки дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти Амонуллохон мавҷи норозигиҳо ва қиёмҳои мардумӣ сар заданд ва қиёми деҳқонони тоҷики кӯҳистон бо роҳбарии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ пирӯз шуд ва 14 январи соли 1929 аввалин бор дар таърихи беш аз 180-солаи давлати Афғонистон Кобулро ба тасарруфи худ даровbooарда, подшоҳи Афғонистон эълон шуд, ақвоми паштун ӯро фақат ба далели тоҷик буданаш, қабул накарданд.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки ин шӯриш ҳеҷ омили қавмӣ надошт ва тоҷикони дастаҳои Ҳабибулло бо кумаки қабилаҳои паштун тавонистанд Амонуллохонро сарнагун намоянд. Аммо баъзе аз раҳбарони паштун, бахусус Муҳаммад Нодирхон, паштунҳоро бо таблиғоти васеи зиддитоҷикӣ, ки гӯё саркардаи онҳо як «тоҷики пойлуч» ва «бенасаб» бо номи Бачаи Сақав (онҳо Ҳабибуллоҳро таҳқиромез Бачаи Сақав, яъне бачаи обкаш ва ҳукуматашро Сақавӣ номиданд), тахти подшоҳии афғонҳоро ба даст гирифтааст, ба муқобили ҳукумати Ҳабибуллоҳ таҳрик намуданд. Ниҳоят баъд аз 9 моҳ бо ёрии, ба қавли Мирғулом Муҳаммади Ғубор, «лашкари ҳашарӣ», иборат аз паштунҳои қавми вазирии он тарафи «хатти Дюранд» ҳукумати Ҳабибуллоҳро сарнагун ва минтақаҳои тоҷикнишини шимоли Кобул ғорат ва мардуми он қатли ом шуданд. Муҳаммади Ғубор менависад, ки “Муҳаммад Гулхони Муманд, ки

дар ихтиёраш қувваҳои 25 ҳазорнафарии ҳашарӣ ва як фирқаи (дивизия)-и аскарии муназзам дошт, дар Кописо ва Парвон даст ба чунон амалиёте зад, ки дар як кишвари фатҳшудаи хориҷӣ ҳам муҷоз нест"[2,с.71]. Ба қавли профессори донишгоҳи Кобул Расул Раҳин, мумандиҳо ҳазорон асири тоҷики Кописо ва Парвонро, ки аз хонаҳояшон ҷамъ карда буданд ба номи «қавми шоҳ Ҳабибуллои Калаконӣ» ба зиндонҳои Кобул фиристода, дороиҳои онҳоро барои лашкариён мубоҳ эълон карданд. Гузашта аз ин, давлат барои ҳар сари буридаи тоҷик як ҳазор афғонӣ инъом эълон кард. Табиист, ки лашкариёни қавмӣ тоҷикро дигар асир намекарданд, зеро сари буридаи ӯ фоидаи зиёд меовард"[7].Таҷрибаи сарнагун намудани амирон, куштору кӯркуниҳо дар дохили хонаводаи салтанатӣ зиёд будааст ва ба ин чандон аҳамият намедиҳанд. Аммо дар ин ҷо тафовут дар ин аст, ки подшоҳи Афғонистон аз тарафи тоҷик сарнагун шудааст ва тахти подшоҳиро тоҷик тасарруф намуда буд. Ин ҳодиса таассуби қавмиро зиёд кард. Аз ҳамин давра буд, ки назарияҳои бунёди давлати яккавмӣ ва якзабонӣ пешниҳод шуданд. Соли 1936 фармони Муҳаммад Зоҳиршоҳ дар бораи рушди забони пашту қабул шуд. Гарчанде дар фармони подшоҳ дар бораи маҳдуд кардани забони форсии кобулӣ (он вақт ҳамин тавр ёд мешуд) сухан намерафт, аммо кӯшиши зиёд ба харҷ дода шуд, ки забони форсӣ-тоҷикӣ аз доираи ҳуҷҷатгузорӣ, дафтардорӣ ва маориф берун карда шавад. Аммо маълум шуд, ки ин кор номумкин аст, зеро донандагони забони пашту ниҳоят кам буданд ва соли 1964 дар Қонуни асосии кишвар ду забон - забони пашту ва дарӣ забони расмии давлатӣ эътироф гардиданд.Сиёсати афғонсозии кишвар, албатта бо ин хатм нашуд ва он идома дорад. Аммо бо ҳама кӯшишҳо, доираҳои қавмгарои Афғонистон натавонистанд тоҷиконро, ки қадимтарин мардуми бумии ин минтақа мебошанд, аз зиндагии сиёсӣ ва иқтисодӣ ва фарҳангу маънавиёт ба ҳошия биронанд. Зеро тоҷикон, эҷодгарони аслии тамаддуни дурахшони минтақа, низоми пешрафтаи кишоварзӣ, молдорӣ, фарҳанги шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ, низоми давлатдорӣ, асосгузорони улуми гуногун ва фарҳанги беназир мебошанд. Забони дарӣ, форсӣ, тоҷикӣ ва ё ҳар номе, ки мегузоранд садҳо сол забони ҳоким ва забони илму адаб ва дафтардорӣ дар ин сарзамин будааст, гарчанде тоҷикони Афғонистон, ба мисли тоҷикони Осиёи Миёна баъд аз фурӯпошии давлати Сомониён ба истиснои зуҳури кӯтоҳмуддати давлатҳои тоҷикӣ, монанди "Давлати Ғуриҳо" ва "Давлати куртҳои Ҳирот"дар асрҳои XIII-XIV, дар тули 1100 сол онҳо аз роҳбарии низоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба ҳошия ронда шуда, аз қудрати давлатӣ ва сиёсӣ маҳрум буданд. Бо вуҷуди ин, таърихи чанд даҳаи Афғонистон нишон дод, ки тоҷикон на танҳо дар рушди фарҳангу забон, илм, эҷоди ашъори баланд, дабирию мирзоӣ Афғонистонро ба дунё муаррифӣ намудаанд, балки бо намоиши нубуғи сиёсӣ ва низомии худ озодӣ ва истиқлоли кишварро ҳифз карданд.Бо ҳама тасаввурҳо дар бораи "ғайрати афғонӣ", ки Афғонистонро гӯиё ба "қабристони империяҳо" табдил додаанд ва ба ҳеҷ таҷовузкоре сари таслим хам намекунанд ва ғайра ин тоҷикон ҳамеша сангардорони мубориза ҳои зидди аҷнабиён будаанд. Таърихи Афғонистон шоҳиди фидокорӣ ва қаҳрамониҳои беназири тоҷикон дар мубориза ҳои муштараки ақвоми сокини кишвар барои озодӣ ва истиқлоли ин кишвар мебошад. Дар ҷангҳои байни Англия ва Афғонистон минтақаҳои тоҷикнишини ин мамлакат марказҳои асосии муқовимати зиддианглисӣ гардида буданд. Соли 1880 амири ояндаи Афғонистон Абдурраҳмонхон аз Самарқанд бо роҳи Ҳисору Кӯлоб аз дарёи Панҷ гузашта, вориди Бадахшони Афғонистон гардид. Ҳазорон нафар мардуми ин минтақа барои ҷиҳод ба муқобили «душманони дин»-англисҳо дар атрофи ӯ ҷамъ шуданд. Гузашта аз ин, мардум тамоми хароҷоти артишро ба ухда гирифтанд. Бояд гуфт, ки то ба Чорикор расидани артиши Абдураҳмон дар сафҳои он беш аз 100 ҳазор довталаб шомил гардид, ки аксари онҳо тоҷикон буданд. 20 июли соли 1880 дар шаҳри Чорикор, ки мардумаш саросар тоҷик буданд ва ҳастанд, сардор Абдураҳмонхон подшоҳи Афғонистон эълон шуд ва ин мардум омода буданд, ки то охир бо таҷовузгарони англис мубориза кунанд"[4, с.54]. Аммо Абдураҳмонхон бо англисҳо муомила карда вориди музокира шуд ва шартҳои сулҳи онҳоро қабул кард, ки

мувофиқи он сиёсати хориҷии давлат пурра ба ихтиёри англисҳо гузашт. Қобили зикр аст, ки таҷрибаи муомила ва хиёнату ватанфурӯшии амирону ҳокимони Хуросон дар баробари хориҷиҳо кам нест.Тоҷикон дар ҷанги сеюми Англия ва Афғонистон низ корнамоиҳои зиёд нишон дода, дар дастёбӣ ба истиқлоли сиёсии мамлакат саҳми бузург гузоштаанд. Яке аз мубориозони роҳи озодӣ ва истиқлоли Афғонистон ва ҳамсафи наздики шоҳ Амонулло Муҳаммад Валихони Дарвозӣ буд.Ӯ дар вазифаҳои вазири дифоъ, сафири сайёр ва вазири хориҷаи Афғонистон кор карда, дар муаррифии истиқлоли Афғонистон дар сатҳи ҷаҳонӣ хидматҳои пурарзиш намудааст. Генерал Муҳаммад Валихони Дарвозӣ ду бор бо В. И. Ленин дар Кремл мулоқот намудааст ва аввалин шартномаи дӯстии Русияи шуравӣ бо Афғонистонро дар 28 феврали соли 1921 имзо намуда буд. Русия аввалин давлати хориҷӣ буд, ки истиқлоли Афғонистонро ба расмият шинохт ва В.Ленин зимни мулоқот бо Муҳаммад Валихони Дарвозӣ дар бораи ӯ гуфта буд: «Афғонистон инчунин шахсиятҳои фаҳим ва кордон дорад, ки тавонистанд истиқлоли худро аз Британияи Кабир ҳосил намоянд» ”[6, с.93]. Дар ҷараёни сафари хориҷии Амонуллохон аз моҳи декабри соли 1927 то моҳи июли соли 1928 ба як қатор кишварҳои Осиё ва Аврупо Муҳаммад Валихон вакили салтанат (иҷрокунандаи вазифаи шоҳ) буд, ки аз обрӯ, эътибор ва эътимоди Амонуллохон нисбат ба Шоҳ Муҳаммад Валихон дарак медиҳад.

Нақши тоҷикон дар мубориза бо неруҳои низомии шуравӣ барои озодии кишвар дар солҳои 1979-1989 ба ҳамагон маълум аст. Аҳмадшоҳ Масъуд, Исмоилхон, Забеҳулло, Ато Муҳаммади Нур, Басири Холид, Абдулҳақ Ҳақҷӯ ва даҳҳо фармондеҳи дигари тоҷиктабор бо дастаҳои низомии зери итоати худ дар ҳифзи озодӣ ва истиқлоли Афғонистон бузургтарин саҳмро гузоштанд. Аҳмадшоҳи Масъудро дӯсту душман бузургтарин стратеги ҷангӣ ва фармондеҳи шуҷоъ хонда, ӯро бо Абумуслими Хуросонӣ, Кутузов ва дигар лашкаркашони машҳури дунё қиёс мекунанд. Баъд аз ташкили давлат дар конфронси Бонн, Аҳмадшоҳи Масъуди тоҷик ягона фармондеҳе аст, ки ба ӯ унвони Қаҳрамони миллии Афғонистон дода шудааст.Тоҷикон дар даврони муқовимати солҳои 1996-2001 ҳастаи асосии мубориза бо "Толибон" ва терроризми байналмилалиро ташкил мекарданд. Аҳмадшоҳ Масъуд дар зарфи 5 сол бо неруи пурқуввати "Толибон", довталабони хориҷӣ ва, ҳатто қисмҳои муназзами артиши Покистон, террористони байналмилалӣ аз даҳҳо кишвари дунё муқовимат кард. Агар муқовимати тоҷикон ба раҳбарии устод Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳ Масъуд намебуд, бидуни шак Афғонистон дар ҳамон солҳои 90-уми асри XX пурра ба зери ҳукумати "Толибон" ва гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ мегузашт ва пайомадҳои он имрӯз ғайри қобили тасаввур мебуданд.

Шурои ҷиҳодии танзимҳои Афғонистон дар Равалпиндии Покистон дар апрели соли 1992 қарор намуд, то баъд аз ҳукмронии думоҳаи Сибғатулло Муҷаддадӣ зимоми ҳукумати интиқолиро дар Афғонистон раҳбари ҳизби Ҷамъияти исломии Афғонистон профессор Бурҳониддин Раббонӣ ба уҳда бигирад. Ин нишонаи пуштибонии васеи тамоми қавмҳои Афғонистон аз профессор Раббонӣ, эътирофи қудрати сиёсӣ ва низомии тоҷикон ва саҳми онҳо дар мубориза и озодихоҳонаи мардуми Афғонистон буд. Ҳамаи ин намунаҳо аз нақши тоҷикони Афғонистон дар таърихи ин кишвар ба он хотир оварда мешаванд, ки мутаассифона, баъзе намояндагони гурӯҳҳои қавмгарои паштун ҳоло ҳам тоҷиконро ба ҳайси мардумони бумии ин кишвар шинохтан намехоҳанд ва шиори “Афғонистон - барои афғонҳо (паштунҳо)-ро пеш кашида, қудрати сиёсиро ҳаққи инҳисории худ медонанд. Ҳатто, яке аз раҳбарони ҷунбиши “Толибон” Абдуманнон Ниёзӣ, дар соли 1998 вақте Мазори Шарифро ишғол карданд, гуфта буд: “Афғонистон барои афғонҳост ва тоҷикон бираванд ба Тоҷикистон, ӯзбекҳо ба Ӯзбекистон ва ҳазораҳо ба Эрон”.

Дар соли 1992 ҳам баъзе доираҳои сиёсӣ ва қавмгарои паштун ба сари қудрат омадани профессор Бурҳониддин Раббониро қабул накарданд ва барои сарнагунии ӯ ҷангҳои хунинро ба роҳ андохтанд. Нокомӣ дар сарнагунии давлати Раббонӣ боиси

зуҳури ҷунбиши «Толибон» гардид, ки дар соли 1996 ҳукумати Раббониро маҷбур сохт, то аз Кобул ақибнишинӣ намояд.Намояндагони ин гурӯҳҳо устод Раббонӣ ва Аҳмадшоҳ Масъудро «Сақавии дувум» хонданд (Сақавии аввал Ҳабибулоҳи Калакониро меномиданд). Зеро баъд аз Ҳабибуллоҳи Калаконӣ бори дувум дар таърихи Афғонистон як тоҷик зимоми давлатдориро ба даст гирифт. Паштунгароёни мутаассиб китоберо бо номи “Довоме Сақавӣ” (“Сақавии дувум”) ба нашр расонданд, ки муаллифаш номи мустаори Самсури Афғон навишта шуда буд. Дар он китоб манифестеро ё тарҳеро бо мақсади паштунсозии Афғонистон ҷой кардаанд, ки аз 13 банд иборат аст. Ҳоло ин гурӯҳи паштунгаро дар байни қавмҳои ғайрипаштун бо номи самсуриҳо ва манифесташон бо номи “Манифести фашистҳои Афғонистон” шуҳрат дорад. Дар ин ҷо фақат ба таври кӯтоҳ аз чанд моддаи ин манифест ёд мекунем.

Ин манифести 13 моддаӣ ба "Толибон", ки он вақт Кобулро ишғол карда буданд, супурда шуд ва "Толибон" агар пурра Афғонистонро ишғол мекарданд, бояд онро амалӣ менамуданд. Дар моддаи дувум гуфта мешуд, ки танҳо мазҳаби ҳанафӣ мазҳаби расмӣ бояд бошад, расмӣ кардани мазҳаби шиа дар паҳлуи ҳанафӣ ихтилофро ба вуҷуд меорад.

Дар моддаи севум гуфта мешавад, ки дар баробари ваҳдати динӣ бояд “афғон” ва “афғоният” барои мардуми Афғонистон алфози муносиб бошанд. Ва афғоният ва афғон (паштун будан) бояд дар руҳу равони мардум ва зеҳну фикри мардум тазриқ ва таблиғ шавад... паштунҳо ду баробар бештар аз ақвоми дигар мебошанд???... Зарурати рушд ва ҳамагонӣ сохтани забони паштуро ҳамчун унсури асосии ваҳдати миллӣ таъкид мекунад ва моддаи чорум паштуро омили бузург ва асосӣ дар сохтани “миллати афғон” шумурдааст. Дар моддаи 5 омадааст: “Барои ин ки дар шимоли кишвар умедҳо аз стратежии дарозмуддати русҳо ва кишварҳои тозаинтихобшуда барои абад ба нокомӣ рӯ ба рӯ шавад, шумори зиёде аз паштунҳои ҷануб, шарқ ва ҷанубу ғарби кишвар ба таври ҷамъӣ ва инфиродӣ ба шимоли Афғонистон мунтақил ва маскангузин шуда, барояшон замин тавзеъ шавад... нафъи он барои паштунҳо ин аст, ки паштунҳо монанди камарбанде давродаври кишвар бояд мусаллат бошанд ва таносуби қавмӣ дар шимоли кишвар низ (ба таври ҷабрӣ) риоят ва монанди деворе дар баробари русҳо бошад”.Моддаи 6. “Дар шимоли шаҳри Кобул даште афтода ба номи Дашти Чимтала. Ба хотири амнияти доимии шаҳри Кобул ин минтақа бояд барои мардумони паштуни ҷануб, шарқ ва ҷанубу ғарб ба номи сарпаноҳ тавзеъ шавад ва бо хонаводаҳошон дар ин манотиқ ҷобаҷо шаванд ва ҳимоят шаванд ба номи хонаводаҳои шаҳидон. Суди он барои паштунҳо ин аст, ки аввал онҳо соҳиби замину зиндагӣ мешаванд ва аз сӯйи дигар монанди камарбанде бар атрофи Кобул мусаллат мешаванд, то касе дигар сар баланд накунад”.Дар моддаҳои 7-8 тавсия шудааст, ки тақсими заминҳоро дар атрофи майдони ҳавоии Хоҷа Равош то майдони ҳавоии Багром ва заминҳои давлатии аз шимоли Кобул то Соланг ба таври ҷамъӣ ба ақвоми паштун анҷом шавад. Дар ин минтақаҳо барои ҳифзи тавозун ва надодани имкони бағоват алайҳи ҳокимияти паштунҳо аз миён бурда мешавад. Ба фикри Самсур “бо ин роҳ ҳам минтақаҳо обод мешаванд ва ҳам амният ба Кобул бозмегардад ва аз такрори юриши Сақовиҳо ба Кобул ҷилавгирӣ мешавад. Зеро тайи сад соли охир ду бор ёғиёни шимолӣ аз ҳамин масирҳо ба Кобул омада, қудратро аз паштунҳо гирифтаанд ва Кобулро табоҳ кардаанд”.

Дар банди 9 пешниҳод шудааст, ки сокинони Панҷшер пурра ба вилоятҳои ҷануб, шарқ ва ҷунубу ғарб кӯчонида шаванд ва Панҷшер пурра аз ин мардум тахлия гардад. Ба панҷшериҳо дар он манотиқ ба андозаи заминашон дар зери салтаи паштунҳо замин дода шавад.

Самсур ин корро барои он гуфт таъкид кардааст, ки “бегонагон андешаи саркаширо ба муқобили паштунҳо дар панҷшериҳо тазриқ кардаанд”[8, с.152-161]. Ба ҳамин шакл нисбат ба марзҳои Эрон ҳам пешниҳодҳое кардааст. Қобили зикр аст, ки дар давраи ҳукумати Ҳ. Карзай ва А. Ғанӣ кӯшишҳое барои амалӣ намудани ин,

махсусан дар атрофи Кобул, рӯи даст гирифта шуд.Чуноне маълум аст, баъд аз конфронси Бонн нухбагони сиёсии паштун барномаи тадриҷан маҳдуд кардани мавқеи намояндагони ақвоми дигарро зери шиори мубориза бо "ҷангсолорон" рӯи даст гирифтанд. Пеш аз ҳама, мардум дар манотиқи ғайрипаштун халъи силоҳ шуданд.Дар ҷараёни таҳия ва қабули Қонуни асосии Афғонистон тавонистанд муқарраротеро дохил намоянд, ки манфиати онҳоро дар дарозмуддат ҳифз мекард. Аз ҷумла, новобаста ба мухолифати гурӯҳҳои ғайрипаштун, низоми сиёсии Афғонистон низомӣ раёсатӣ эътироф гардида, ба президенти кишвар салоҳиятҳои бисёр васеъ дода шуд, суруди миллӣ танҳо ба забони пашту қабул шуд, истифодаи истилоҳоти расмӣ танҳо ба забони пашту ҳифз шуд; барои кӯчиён, ки ҳама паштунанд 10 ҷой дар Шурои намояндагон (палатаи поёнии парламент) ҷудо карда шуд.Дар моддаи шонздаҳуми Қонуни асосӣ чунин ишора гардидааст: «пашту ва дарӣ забонҳои расмии давлатӣ мебошанд. Дар минтақаҳое, ки аксари мардум ба яке аз забонҳои ӯзбекӣ, туркманӣ, пашаӣ, нуристонӣ, балучӣ ва ё помирӣ суҳбат мекунанд, он забон, илова бар пашту ва дарӣ, ба ҳайси забони сеюми расмӣ мебошад…» Дар Қонуни асосии Афғонистон зикр намудани забонҳои помирӣ ва дар минтақаи сукунаташон ба ҳайси забони сеюми давлатӣ донистани он аз дӯстдории паштугароён ба забони ин мардум нест, балки мехоҳанд тоҷиконро, забони форсӣ ё дарӣ-тоҷикиро пора-пора созанд.

Гузашта аз он, Идораи эҳсоияи (омори) Афғонистон дар варақаи дарёфти шиносномаҳои электронӣ дар банди "сатҳи донистани забонҳои хориҷӣ" забонҳои форсии Эрон ва тоҷикии Тоҷикистонро ҳамчун забони хориҷӣ илова намуд. Ин иқдом вокунишҳои тундеро дар миёни мардум ба вуҷуд овард ва Идораи эҳсоия маҷбур шуд, забонҳои форсию тоҷикиро аз бахши "забонҳои хориҷӣ"-и варақаи дарёфти шиносномаҳои электронӣ берун созад. Инчунин, дар моддаи 4 Қонуни асосӣ қайд шудааст: "Ба ҳар фард аз афроди миллати Афғонистон дар тазкираи тобеият (шиноснома) калимаи афғон итлоқ мешавад". Яъне, ҳувияти ҳама сокинон хоҳ тоҷик аст, хоҳ ӯзбеку ҳазора ва ғайра афғон навишта мешавад. Ҳангоми қабули қонуни Ҷумҳурии Исломии Афғонистон "Дар бораи сабти аҳволи нуфус" дар парлумон ин масъала ҳал шуда буд ва дар шиносномаҳо дар сутуни миллат "Афғонистон" бояд навишта мешуд, на "афғон". Раиси ҷумҳури Афғонистон А. Ғанӣ ин қонунро имзо намуд. Аммо дар зери фишори баъзе гурӯҳҳои қавмгаро ӯ баъд аз чанд муддат ин қонунро баргардонд ва як комиссияи муштарак аз ду маҷлиси Шурои миллӣ сари ин санад баҳс намуда, қарор кард, ки мисли пештара дар тазкираҳо дар сутуни "миллат" калимаи "афғон" ба ҳама сокинони Афғонистон навишта шавад.Иқдоми дигари А. Ғанӣ, тақсими қавми тоҷик ба хурдтаборҳои сохтагӣ ва ғайриилмӣ ва ҷудосозии онҳо аз баданаи аслӣ ва бузурги тоҷик аст. Ҳадафи аслии ин иқдомро тоҷикони ин кишвар "аксариятсозӣ барои паштунҳо", "тақсими аqвоми дигар, ба вижа тоҷикон ба аqвоми кӯчак ва маҳрум сохтани онҳо аз ҳувияти бузурги тоҷикиашон" хонданд. Мутахассисон ба ин назаранд, ки агар бо айни меъёрҳо паштузабонҳоро шиносоӣ ва номгузорӣ кунем беш аз сад қавм дар он вуҷуд дорад, ки дорои хусусиёти таърихӣ, забонию фарҳангӣ ва, ҳатто, нажоди мутафовит аз ҳам собит мешаванд. Аммо паштун ба маънои гӯяндагони забони пашту ҳисоб шуда, талош мегардад, то зери ин ном маҷмуаи бузургеро гирд оварда, аксариятсозӣ кунанд. Аммо баръакс, тоҷикон ва форсизабононро тақсим ва боз ҳам ба содот, помирӣ, мунҷонӣ, санглечӣ, ишкошимӣ, рӯшонӣ, вахонӣ, шуғнонӣ, сакоӣ, яфталӣ ва ғайра тақсим карда, ҳувияти тоҷикиашонро инкор мекунанд. Аз рӯи чунин тақсимбандӣ устод Раббонӣ тоҷик нест, ӯ яфталӣ аст. Ҳамин сиёсати афғонмеҳвар ва ё паштунмеҳвари роҳбарони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба ихтилофҳои қавмӣ шиддати бештар бахшид, интихоботҳои президентиро ҷанҷолбарангез ва пуртақаллуб сохт ва ба ин маъракаҳои муҳими сиёсӣ то ҷое ранги қавмӣ дод ва ба мубориза бо мухолифони давлат таъсири амиқ гузошт. То ҷойе, ки то охир як таърифи ягона аз "Толиб" ба вуҷуд наомад. Агар гурӯҳҳои сиёсии қавмҳои ғайрипаштун, "Толибон"-ро террорист донанд, собиқ президенти он кишвар

Ҳомид Карзай онҳоро бародар ва президенти фирорӣ Ашраф Ғанӣ - мухолифони сиёсӣ мехонд. Ҳамин омил сабаб шуд, ки рӯз ба рӯз нуфузи “Толибон” афзоиш ёфт. Нуқтаи баландтарин ва нангини ин қавмбозию қавмгароиҳо ба "Толибон", яъне ба як созмони эътирофшудаи террористӣ супоридани Афғонистон буд. Рӯзномаи “Ҷумҳурии Исломӣ” нашрияи Теҳрон, гузориши изҳороти Ашраф Ғанӣ, раиси ҷумҳури фирории собиқи Афғонистонро дар суҳбат бо як гурӯҳ аз паштунҳо дар Абу-Дабӣ дар бораи аъмоли хиёнаткоронааш дар таслими Афғонистон ба “Толибон” мунташир кардааст. Ба гузориши “Спутник”, бо нақли қавл аз ин рӯзнома, Ғанӣ, аз ҷумла чунин мегӯяд: “ Ман он чиро, ки ба шумо мегӯям, таърих ва фарзандони мо ва шумо онро бо хатти заррин менависанд... кореро, ки ба сарманзили мақсуд расонидам, на Амонуллохон тавонист, на Довудхон ва на доктор Наҷиб ин аст, ки тамоми сарзаминро оқилона ва моҳирона аз Помир то Турғундӣ ва аз Исломқалъа то Турхам, аз Нуристон то Кобулу Қандаҳор ва Ғазнию Бомиёну Урузгон ба моликҳои аслиашон супоридам (ба паштунҳо – Қ. И.). Ин ҳам на бо дастҳои холӣ, балки бо қули урдуҳо (корпуси низомӣ) ва салоҳу муҳимот. Ин кор сода набуд”. Ӯ илова намудааст, ки “бо чанд ҳамфикри дигар... ба ин натиҷа расидем, ки аз шарри Шимол, Рашиди Дӯстум, тоҷик ва узбеку ҳазора халос шавем. Барои ин фақат як роҳ буд, он ҳам ҳузури қотеъю фотеҳи "Толибон"-у бас””[1].

Ба назар мерасад "Толибон", ки як гурӯҳи на танҳо террористӣ, балки гурӯҳи қавмӣ мебошанд, кӯшиш мекунанд барномаи паштунсозии кишварро ба охир расонанд. Як ҳукумати умдатан паштунӣ аз як гурӯҳи хос ташкил намуда, намояндагони ақвоми дигарро аз қудрат маҳрум сохтанд, тамоми навиштаҳо, ҳатто дар хурдтарин нуқтаи савдо ба пашту иваз шудааст, дар идороти давлатӣ, ки роҳбарон ва маъмурини баландрутба паштунҳо мебошанд, кӯшиш мешавад коргузорӣ ба забони пашту сурат гирад. Аз ҳама хатарноктар таҳдиду фишорҳои "Толибон" ба тоҷикон, бо баҳонаи ҳамкорӣ бо низоми гузашта мебошад. Бо баъзе маълумотҳо ҳамин ҳоло дар зиндонҳои "Толибон" аз 26 то 30 ҳазор тоҷик зиндонӣ шудааст. Бо ҳама даъвату фишорҳои ҷомеаи байналмилалӣ дар бораи ташкили ҳукумати инклюзивӣ "Толибон" ҷавоби рад додаанд. Вазъият ба дараҷае расидааст, ки ҳатто баъзе аз шахсиятҳои фарҳангии паштунтабор, ки бо қавмпарастӣ шуҳрат ёфтаанд, ин амали "Толибон"-ро маҳкум мекунанд. Ба таври мисол дар шабакаҳои иҷтимоӣ мактуби саркушодаи Абдул Борӣ Ҷаҳонӣ сиёсатмадор, шоир ва нависандаи маъруфи забон ва адабиёти пашту, ки дар миёни паштунҳо ҳаводорону ҷонибдорони зиёд дорад, ба нашр расидааст. Дар ин мактуб бо муроҷиат ба сарони "Толибон" Ҷаҳонӣ менависад: “Бо зӯр ба даст овардани қудрат имконпазир аст, аммо таърих собит кардааст, ки қудратро бо зӯр нигоҳ доштан ғайриимкон аст. Бояд ба шумо ишора намоям, ки на паштунҳо ва на ягон қавми дигари Афғонистон ҳақ надоранд, ки қудратро инҳисор кунанд ва қавмҳои дигарро, ки мисли паштунҳо садҳо ва ҳатто ҳазорон сол пеш дар ин сарзамин ба сар мебаранд, аз қудрат маҳрум созанд ва ба ҳошия биронад.

Қудрат дар низоми кунунии шумо на танҳо дар дасти паштунҳо, балки бахусус дар дасти "Толибон"-и ҷанубу ғарбӣ ё ба истилоҳ “Қандаҳори бузург” аст. Шумо бо ин амал тамоми қавмҳои Афғонистон, аз ҷумла тоҷикону ҳазораҳо, узбакҳо, туркманҳо ва дигар қавмҳои хурдтар ва ҳатто паштунҳои ғайриқандаҳориро аз худ нороҳат намуда, ҳамаро нисбат ба паштунҳо, бахусус сокинони ҷанубу ғарби кишвар ноумед кардед”[5]. Ба назар мерасад, ки "Толибон" нақша доранд сиёсати кӯч додани паштунҳоро ба шимоли кишвар ва атрофи пойтахт-шаҳри Кобул вусъат бахшанд ва ҳамон нақшаи Самсури Афғонро дар бораи аксариятсозии паштунӣ дар шимол мавриди татбиқ қарор диҳанд. Барои мавриди иҷро даровардани он барнома сохтмони канали Қӯштеппа ба дарозии 285 км, аз дарёи Ому, ки дар назар аст беш аз 700 ҳазор га заминҳо обёрӣ шаванд, метавонад ҳамчун баҳонаи муносибе истифода шавад. Бо ҳама кӯшишҳои гурӯҳҳои қавмгаро нигоҳ накарда, таърих собит месозад, ки дигар имкони тоҷиконро ба ҳошия рондан дар ин кишвар вуҷуд надорад. Ин сиёсатро, чуноне дар боло ёдовар шудем, на ҳама паштунҳо дастгирӣ мекунанд. Зеро бидуни ҳузури фаъоли

тоҷикони Афғонистон ҳеҷ ҳукумате дар ин кишвар пойдор намемонад, ҳеҷ мушкили таърихии ин кишвар бе иштироки онҳо ҳал нашудааст. Тоҷикон дар меҳвари тамоми таҳаввулоти ин сарзамин қарор доштаанд. Ин сиёсат фақат метавонад мунокишаи бисёрсоларо ташдид бахшида, ба он бештар ранги қавмӣ диҳад, ки паёмадаш на танҳо барои худи ин кишвар, балки барои кишварҳои ҳамсоя ҳам ногувор хоҳад буд.

**АДАБИЁТ:**

1.Ашраф Ғанӣ : Тамоми Афғонистонро ба молики аслии он, ки толибон аст супурдам [манбаи электронӣ]. URL: //https: //spnfa. ir/amp/ 20210902 (санаи муроҷиат: 02.09.2021).

2.Ғубор Мирғулом Муҳаммад. Афғонистон дар масири таърих[Матн]. Ҷ. 2. -Вирҷиния, 2002. -285 с.

3.Ғуломмуҳаммад Муҳаммадӣ. Мо ҳама афғон нестем! -Кобул, 2018. -318 с.

4. Имом Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX[Матн]. -Душанбе , 2003. -268 с.

5.Номаи шоири афғон ба толибон: ҳеҷ қудрате наметавонад бар мардуми норозӣ ҳукумат кунад[манбаи электронӣ]. URL: // https: //www. independentpersian com/node/317861/% D8%B3%DB%8 C%D8% A7%D8% B3%DB% 8C-%D9% 88 (санаи муроҷиат: 01.04. 2023).

6.Пуҳанёр Саид Масъуд.Зуҳури машрутият ва қурбониёни истибдод дар Афғонистон[Матн]. -Кобул, 2005. -320 с.

7.Раҳин Расул. Ҳукумати худкомаи Нодирхон ва қатли омми тоҷикон[манбаи электронӣ]. URL: //www/khovaron, 1392( 2013).

8.Самсур Афғон. Сақовии дувум. Мутарҷим Халилулло Вадод Бориш[Матн]. -Кобул, 1999. -165 с.

9.Сен Ливер Пер. Нақшаи ҷадиди қавмии Афғонистон// Афғонистон, ақвом, кӯчиён [Матн].-Теҳрон, 2002.

10.Усулӣ Закариё. Номи Афғонистон аз дидгоҳи пажӯҳишгарон[Матн]. Кобул, 2018.-120 с.

11.Ҳушдор ба ҷаҳон ва таъсиси хилофат. Изҳороти Амири Толибон чӣ паём дорад? [манбаи электронӣ]. URL: https://www.asiaplustj.info/tj/news/world/20230331/ushdor-ba-aon-va-tasisi-hilofat-izoroti-amiri-tolibon-ch-payom-dorad(санаи муроҷиат: 31 марти 2023).

12.Элфинстон М. С. Афғонон: ҷой фарҳанг, нажод (Гузориши салтанати Кобул: тарҷумаи Муҳаммад Осиф Фикрат[Матн]. -Машҳад, 1997. – 660 с.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ СОБЫТИЯ В АФГАНИСТАНЕ И СУДЬБА ТАДЖИКОВ

**ИСКАНДАРОВ КОСИМШО**
доктор исторических наук, главный научный сотрудник ИИПСАЕ НАНТ, 734025, просп. Рудаки, 33, г.Душанбе, Республика Таджикистан. Телефон: (+992) 37 2215017.
Электронная почта: Ikas_53@inbox.ru

В статье анализируется положение таджиков Афганистана на фоне, происходящих военно-политических событий в этой стране. Особое внимание уделено политике пуштунских королей и лидеров этой страны, которые считали своим исключительным правом на политическую власть и пытались любыми средствами удержать ее в своих руках и оттеснить на обочину представителей других этносов.

В статье анализируется политика переселения пуштунов с юга в районы проживания таджиков и узбеков на севере страны, неприятия таджикских правителей в 1929 и 1992-2001 гг., а также приводится подробная информация о 13-пунктном манифесте пуштунских националистов, изложенного в книге "Сакави дувум" (Второй

Сакави). Отмечается, что политика Талибан, президентов Афганистана Х. Карзая и Ашрафа Гани после 20021 г. также была направлена на реализацию главной цели пуштунов – монополизации власти в Афганистане.

**Ключевые слова:** Афганистан, пуштуны, таджики, националисты, монополия власти, непуштуны, афганцы, пуштуноцентричный.

## POLITICAL EVENTS IN AFGHANISTAN AND THE FATE OF THE TAJIKS

**ISKANDAROV KOSIMSHO**
Doctor of Historical Sciences, Chief Researcher, Institute for the Study of Asian and European Countries, NAST, 734025, prosp. Rudaki, 33, Dushanbe, Republic of Tajikistan.
Phone: (+992) 37 2215017. E-mail: Ikas_53@inbox.ru

The article analyzes the situation of the Tajiks of Afghanistan as a result of military and political developments in this country. Special attention has been paid to the policy of the Pashtun kings and leaders of this country, who considered political power to be their exclusive right and tried to keep power in their hands by any means and push the representatives of other ethnic groups to the margins. The article also analyzes the policy of relocating Pashtuns from the south to areas inhabited by Tajiks and Uzbeks in the north of the country, the rejection of the Tajik governments in 1929 and 1992-2001, and gives detailed information about the 13-point manifesto of the Pashtun nationalists, which appeared in the book "Sakavii Duwum".

It is pointed out that the policy of the Taliban, presidents H. Karzai, and Ashraf Ghani is aimed at implementing the main goal of the Pashtuns - the monopoly of political power in Afghanistan.

**Keywords**: Afghanistan, Pashtuns, Tajiks, ethnicists, monopoly of power, non-Pashtuns, Afghan, Afghan axis

## ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОН ВА ЮНЕСКО
### (дар ҳошияи 30-солагии узвият ба ЮНЕСКО)

**МИРЗОЕВ НИЁЗ МИРЗОБАДАЛОВИЧ**
д.и.т., профессор, сарходими илмии ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Телефон:+992 919160026,
E-mail: nmmirzoev@mail.ru.

*Соли ҷорӣ ба узвияти Тоҷикистон ба ЮНЕСКО 30 сол сипарӣ гардид. Узвият ба ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ имкон дод, ки мероси ғании илмию фарҳангии ниёгони мо ҳифз ва ба ҷоҳониён муаррифӣ гардад. Дар мақола нақши ЮНЕСКО дар омӯзиш, ҳифз ва ташвиқу тарғиби фарҳангӣ тоҷикон дар арсаи ҷаҳон баррасӣ мегардад. Маҳз бо дастгирии ЮНЕСКО ҷашни Навруз, Шоҳнома, Фалак, Чакан, Оши палав ва ғ. ба феҳристи мероси фарҳангии инсоният дохил гардиданд. Таҷлили санаҳои таърихӣ 1150-солагии устод Рудакӣ, 2700-шаҳри Кулоб, 3000-солагии шаҳри Ҳисор, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 700-салагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва ғайра аз намунаҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ЮНЕСКО мебошад. Дар оянда низ чунин ҳамкориҳо идома хоҳад ёфт.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсат, робита, фарҳанг, мерос, илм, ахборот, мактаб, ҷоиза, шаҳр, сулҳ, маориф ҳамкорӣ.*

Бо эълони истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳони пайваста, ширкати хешро дар созмонҳои бонуфузи ҷаҳони тавсеа мебахшид. Яке аз аввалин созмонҳои байнамилалие, ки ба он Тоҷикистон дохил гардид, Созмони милали

Учитывая увеличение производства сельскохозяйственной продукции, достигнутое при помощи Программы сельскохозяйственной реформы, гуманитарный компонент пшеничной муки систематически снижается и приобретает, более целевой характер.

Для увеличения притока наличных денег в экономику ГБАО программа приобретала излишки зерна и картофеля, произведенные местными фермерами, и направляла продукции на гуманитарные цели [26,4].

На 1999 год объем данных закупок составил 109.000 долларов США. MSDSP прогнозирует, что к 2001 году годовая потребность в продуктах питания в ГБАО, которая составляет 31.000 тонн, будет обеспечиваться на областном уровне. Маловероятно то, что некоторые сельские и городские зоны с ограниченным соотношением доступа к плодородной земле на единицу населения (структурные продовольственное - дефицитные зоны) будут иметь возможность производить продукцию, достаточную для удовлетворения собственных потребностей [27,4].

Любой излишек, произведенный местными фермерами, зачастую является минимальным и, как следствие, фермерские хозяйства хранят данный излишек как гарантию против возможных продовольственных дефицитов. Таким образом, продовольственная безопасность на семейном уровне укрепилась не в достаточном объеме от общего увеличения. Деятельность MSDSP, направленная на улучшение частной сельскохозяйственной системы быта, повышение доходов и создание рабочих мест, значительно усиливает эффективность работы в направлении достижения продовольственной безопасности семей [28.Л.12].

При всесторонней поддержке Правительства Республики, плодотворном сотрудничестве Председателя ГБАО, районов и международных организаций за короткий срок удалось провести реформу таким образом, что население убедилось в преимуществах новых форм хозяйствования в агропромышленной сфере.

Успешное применение эффективных форм хозяйствования явилось гарантией стабильного роста производства продукции сельского хозяйства. В результате в 2001 году, по сравнению с предыдущими годами, производство зерна, картофеля, овощей, фруктов, мяса, яиц значительно увеличилось [29, 5].

В этом же году произведено на душу населения 56 кг зерна, 128 кг картофеля, 43 кг овощей, 35 кг фруктов, 22 кг мясо, 43 кг молока, 20 шт. яиц, которых намного ниже медицинской нормы потребления продуктов питания[30.Л.9]. В связи с этим Хукумат области большое внимание уделяет освоению новых земель. Совместно с MSDSP Фонд Ага - Хана и другие международных организаций в ближайшие годы наметили освоить более 1000 гектаров орошаемых земель долины Бартанга Рушанского района. Принимаются конкретные меры по освоению орошаемых земель хозяйства Бадахшан» Кабадиянского района выделенным Указом Президента страны для переселенцев Горного Бадахшана [31, 48].

Ведется работа по освоению малых земель практически во всех районах области, принимаются меры по вводу в оборот поступающих орошаемых земель ранее освоенных и сданных в эксплуатацию. Это позволит расширить посевные площади и увеличить производство сельскохозяйственных культур, развитие животноводства. В связи с этим для населения области важнейшее значение приобретает увеличение производства продуктов питания [32].

Работа Организация Ага - Хана среди горного населения показала, что удаление внимания определенной комбинации важнейших элементов на местном уровне может резко изменить ситуацию. Эти элементы включают следующее: работа с общинными организациями, которые могут постепенно приобрести самостоятельный характер, или создание таких организаций;

обеспечение подходящих средств, для проектов в области инфраструктуры на общинном уровне, которые собираются и реализуются в значительной мере самими общинами; предоставление кредитов и более качественных ресурсов работникам

сельского хозяйства, а также оказание технической помощи на цели поддержки проектов в области сельского хозяйства.

В Таджикистане еще одним из важных элементов является земельная реформа, которая позволила обеспечить фермерам доступ к своей земле. Эти эксперименты дают возможность извлечь множество ценных уроков:
для успешного осуществления программ необходимо, чтобы они строились на местном опыте и проводились в жизнь с помощью подготовленных сотрудников, базирующихся в пределах всего этого района; проще улучшить сельскохозяйственное производство и, тем самым, повысить уровень доходов и питания, чем создавать рабочие места в сельских районах, связанные с сельскохозяйственной или несельскохозяйственной деятельностью [33].

Задача улучшения сельскохозяйственного производства и повышения производительности, не нуждается ни в какой иллюстрации. Если проблемы, которые стоят перед горными районами, во многих случаях являются общими, то их решения зачастую носят весьма специфический характер для тех или иных конкретных микрорайоны даже в пределах одного района.

Для того, чтобы добиться успеха, необходимо произвести тщательной отбор того, что нужно возделывать: зерновые или плодовые культуры, или же какие-то специфические растения медицинского и другого специального назначения. Для этого требуется умение провести исследования, которые можно было бы использовать в полевых условиях. Таким образом, деятельность Международных организаций по восстановлении и реконструктировании сельского хозяйства в ГБАО начала давать свои результаты. Хозяйства ГБАО прилагали большие усилие к увеличению площадь поливных земель.

В рассматриваемый период наряду с успехами в сельском хозяйственном производстве были и недостатки, для устранения которых следует:

**-во первых,** принять экстренные меры по восстановлению, сохранению и развитию интеграционных процессов в сельском хозяйстве, прежде всего связей фермерских хозяйств с другими сельскохозяйственными предприятиями, инфраструктуры по обеспечению сельхоз товаропроизводителей техникой, минеральными удобрениями, средствами защиты растений и т.д.;

**- во- вторых** необходимо разработать экономическую модель развития фермерских хозяйств.

**- в- третых** увеличить масштабы и количество фермерских хозяйств по развитию садоводства с целью успешного решения продовольственной безопасности страны и предохранения горных склонов от водной эрозии и других разрушительных природных явлений.

Таким образом, международные организации развернули деятельность по восстановлению и реконструированную сельского хозяйства ГБАО:

**во-первых,** Фонд Ага Хана в рамках Программы кишлачные организации оказали помощь в формировании частных дехканских (крестьянских) и фермерских хозяйств, объединения их в ассоциации для решения задач по приватизации земли, расширения площади пахотных земель, обеспечения на кредитной основе сельскохозяйственными материалами и технической консультацией**;** **во-вторых**, ПРООН в рамках Программы продовольствия и проектов развития хозяйств проводили разъяснительную деятельность по вопросам достижения значительного повышения урожайности, интенсивного использования земель, улучшенных семян и удобрений**;** **в-третьих**, MSDSP Фонд Ага Хана содействовали в восстановлению и развитию ирригационной системы области, укреплению берегов реки Пяндж, строительству дамб протяженностью 4215 м**.;**

**в-четвертых**, MSDSP организовывали тренинги, курсы для руководителей и специалистов сельского хозяйства, целью которых являлась повышение их информативности о новых эффективных методах земледелия, сельскохозяйственной техники и передовой технологии; в- **пятых**, способах улучшения системы быта

тружеников села, повышение доходов и создание рабочих мест; **в –шестых**, MSDSP Фонд Ага Хана и ООН разрабатывали и претворяли в жизнь программы, посвященные развитию зерноводства, овощеводства, садоводства, животноводства и др., в рамках которых специалисты, представители организаций проводили различные курсы по обучению населения навыкам сельскохозяйственного производства, эффективному использованию земли и воды, агротехнической обработки и использования минеральных удобрений, правильной переработки, производимой продукции.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Гулаёзова Ш. Ход реформы сельского хозяйства ГБАО//Итог результатов Стратегии Памира, подготовлено для стратегического семинара по устойчивому развитию Таджикского Памира. – Хорог. 2002, 21-24 октяб. - С.12.
2. Хоналиев Н. Производительные силы Памира и проблемы их использования. - Хорог, 1993. - С.27.
3. Горно–Бадахшанская автономная область в цифрах в 1990г. - С.53.
4. Акназаров О. Земельный фонд. В научном отчете: Разработать научную концепцию и схему развития и размещения производительных сил Горно-Бадахшанской автономной области. - М.: ВНТИЦ, инвентарный номер 02.910054361, 30 марта 1992 г. - С.12
5. Хурни Х. Драгоценная земля: от сохранения почвы и воды к устойчивому земле управлению. Международная организация сохранения почвы. - Берн, 1996. – С.28.
6. Гафур Ф. Исследование кишлачных организаций в ГБАО, Таджикистан, 1997//Итог результатов Стратегии Памира, подготовлено для стратегического семинара по устойчивому развитию Таджикского Памира. – Хорог. 2002, 21-24 октяб.: Отчет, подготовленный для фонда Ага Хана. - С 2.
7. Данные архива сельскохозяйственного управления ГБАО за 1992 – 1994 г.г. - С.12-14.
8. Рахмонов Э.Ш. Экономические реформы, веление времени. - Душанбе: Ирфон, 1998. - С.28.
9. Из беседы с Гулаёзовым Х.– начальником УСХ ГБАО, 2003 г. 28 апр.
10. Данные агентства при Правительстве Республики Таджикистан. Социально – экономическое положение Республики Таджикистан в 1997 г. - Душанбе, 1998. - С.15.
11. Текущий архив Организации Ага Хана. Программа поддержки развития обществ горных регионов, MSDSP, Центральный офис. г.Душанбе. Годовой отчет за 1999 г. - С.4.
12. Там же. Программа поддержки развития обществ горных регионов. – Годовой отчет MSDSP за 2001 г. - Л.8.
13. Саидшаропов С. Параметры развития сельского хозяйства области. В научном отчете: разработать научную концепцию и схему развития и размещения производительных сил ГБАО на перспективу//Итог результатов Стратегии Памира, подготовлено для стратегического семинара по устойчивому развитию Таджикского Памира. – Хорог. 2002, 21-24 октяб . - С.158.
14. Статистические архивные данные сельскохозяйственного управления ГБАО.
15. Хребрес Х. Трансформация на Таджикском Памире: Горный Бадахшан - пример успешной реорганизации. Исследование Центральной Азии. – 2001. – Т. 20. - № 3. – С. 367-381.
16. Текущий архив Организация Ага Хана, г.Душанбе. Приватизация земельного управления. Программа поддержки развития обществ горных регионов. MSDSP. - Годовой отчет за 1999 г. - С.16.
17. Там же. Приватизация земельного управления. Программа поддержки развития обществ горных регионов. MSDSP. - Годовой отчет за 1999 г. - С.4.

18. Мухиддинов И. Классификация традиционных пахотных орудий таджиков Памира //Отд. Обществ.наук. – Душанбе, 1978. - № 4. – С. 32.
19. Текущий архив Организация Ага Хана, г.Душанбе. Программа поддержки развития обществ горных регионов, MSDSP. - Годовой отчет за 1999 г. - С.5.
20. Там же. Программа поддержки развития обществ горных регионов. – Годовой отчет MSDSP за 2001 г. - С.7.
21. Текущий архив Организаций Ага Хана, г.Душанбе. Производство продовольственных культур и продуктивность //Программа поддержки развития обществ горных регионов, MSDSP. - Годовой отчет за 1999 г. - С.6.
22. Там же. Производство продовольственных культур и продуктивность. – Программа поддержки развития обществ горных регионов, MSDSP. - Годовой отчет за 1999 г. - С.7.
23. Данные стратегического семинара по устойчивому развитию Таджикского Памира 21-24 октября 2002.- С.24.
24. Саидшаропов С. Параметры развития сельского хозяйства области //В научном отчете: разработать научную концепцию и схему развития и размещения производительных сил ГБАО на перспективу. - С.158.
25. Данные стратегического семинара по устойчивому развитию Таджикского Памира. Хорог, 2002. - С.25.
26. Текущий архив Организаций Ага Хана. г.Хорог. Программа сельскохозяйственной реформы //Программа поддержки развития обществ горных регионов. – Годовой отчет MSDSP за 2002 г. -С.4.
27. Там же.– Годовой отчет MSDSP за 2001 г. -С.4.
28. Текущий архив. Организаций Ага Хана. г. Хорог. MSDSP Commodity Completion report GBAO. Shipment: 004/ commodity: Whet flour date 25.03.2000/25.05.2000.
29. Там же. Годовой отчет MSDSP за 2000 г. – С.5.
30. Архив сельскохозяйственного Управления. Данные экономического анализа. УСХ ГБАО за 2002 г. –Л. 9.
31. Ниёзмамадов А. Политическая и экономическая основа устойчивого развития Горного Бадахшана. //Стратегический семинар по устойчивому развитию, г. Хорог, 2001 г. 21 - 24 окт.- С.48
32. Коммунист Таджикистан. -1990. -30 нояб.
33. Речь Его Высочества Ага Хана IV на пленарном заседании по проблемам горных районов в Бишкеке (Кыргызская Республика) 31.10.2002 г. // Чатри Симин. - № 21. – 2002 г. -5 нояб.

## ДАСТГИРИИ ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ИСЛОҲОТИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

*Дар мақола дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дастрас гардида нишон дода шудааст, ки ташкилотҳои байналмилалӣ дар доираи Барнома дар ташкили корхонаҳои хусусии деҳқонӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, муттаҳид намудани онҳо дар ассотсиатсияҳо барои ҳалли масъалаҳои хусусигардонии замин, васеъ намудани доираи масохати замини корам, дар асоси карз додани масолехи хочагии кишлок ва маслихатхои техникӣ, ҳамзамон дар доираи Барномаи озуқаворӣ ва Лоиҳаҳои рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати ноил шудан ба афзоиши назарраси ҳосил, истифодаи интенсивии замин, беҳтар намудани тухмӣ ва нуриҳои минералӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидаанд. Ташкилотҳои байналхалкӣ дар барқарор намудан ва тараққӣ додани системаи обёрии вилоят, мустаҳкам намудани соҳилхои дарёи Панҷ, сохтани сарбандҳои дарозиашон 4215 метр ёрӣ расонданд.*

*Инчунин аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ барои роҳбарон ва мутахассисони соҳаи кишоварзӣ тренингҳо, курсҳо ташкил карда шуданд, ки ҳадаф аз он баланд бардоштани мазмуни иттилоотии онҳо оид ба усулҳои нави самараноки кишоварзӣ, техникаи кишоварзӣ ва технологияи пешқадам буд.*

***Калидвожаҳо**: ташкилотҳои байналмилалӣ, хоҷагиҳои Барномаи озуқаворӣи СММ, MSDSP, Бунёди Оғохон, ВМКБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

## ASSISTANCE OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS IN REFORMING AGRICULTURE IN GBAO IN THE YEARS OF INDEPENDENCE

**SOBIROVA KURBONBEGIMDAVLATKADAMOVNA**
doctor of historical sciences, profession of Tajik National University Tel.931567325,
Email: kurbonbegim.sobirova@maili.ru

*The article, based on archival documents, reveals that international organizations, within the framework of the Program, kishlachnye organizations assisted in the formation of private dekhkan (peasant) and farm enterprises, combining them into associations to solve the problems of land privatization, expanding the area of arable land, providing on a loan basis agricultural materials and technical advice.*

*Also, within the framework of the Food Program and Farm Development Projects, awareness-raising activities have been carried out on achieving a significant increase in yields, intensive land use, improved seeds and fertilizers. International organizations assisted in the restoration and development of the irrigation system of the region, the strengthening of the banks of the Pyanj River, the construction of dams with a length of 4215 m.*

*Also, international organizations organized trainings, courses for agricultural managers and specialists, the purpose of which was to increase their information content about new effective methods of farming, agricultural machinery and advanced technology.*

***Key words:** international organizations, farms of the UN Food Program, MSDSP, Aga Khan Foundation, GBAO, Republic of Tajikistan.*

**УДК 94 (581)**

## ОМИЛҲОИ ДУБОРА БА ҚУДРАТ РАСИДАНИ «ТОЛИБОН»

**ҚУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБӢ**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо**
**Тел.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com**

*Дар мақолаи мазкур сабабҳои суқути режим дар Афғонистон дар натиҷаи бӯҳроне, ки дар ин кишвар бар асари шикасти сиёсати пешгирифтаи ҳукумати Амрико ва ҳокимони маҳаллии афғон дар бист соли охир ва дубора ба қудрат расидани ҳаракати «Толибон» мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Стратегияи ИМА дар Афғонистон аз ибтидо дар пояҳои ноустувор сохта шуда буд - ба ҷои таъмини дастаҷамъии намояндагони тамоми халқҳои кишвар дар қудрат ва иқтисодиёти кишвар ва манфиатҳои миллии он ИМА танҳо ба як гурӯҳ – паштунҳо такя мекард. Инчунин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико манфиатҳои Толибонро қонеъ карда, дар чаҳорчӯбаи созишномаҳои махфӣ дастгирӣ меёфтанд. Дар дубора ба қудрат омадани «Толибон» инчунин тафриқаи дохилӣ, фурӯпошии сохтори ҳокимияти давлатӣ ва баргузории интихоботҳои президентии тақаллубӣ нақши муҳим бозидаанд. Дар натиҷа, дар солҳои ахир дар ин кишвар дар робита ба ҳукумати Афғонистон «бӯҳрони эътимод» авҷ гирифт ва «Толибон» дар ҷомеа маҳбубияти бештар пайдо карданд. Маҳз ҳамин бӯҳрони эътимод ба Толибон имкон дод, ки дар як муддати кӯтоҳ ба чунин муваффақиятҳои назарраси низомӣ ноил шаванд ва воқеан ба сари қудрат расидани онҳоро дар Афғонистон таъмин кунанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, кӯшиш ба харҷ додашудааст, ки дар мақолаи мазкур сабабҳо ва омилҳои дубора ба қудрат расидани ҳаракати «Толибон» мушаххас ва баррасӣ карда шаванд.*

***Калидвожаҳо**: Афғонистон, ИМА, нерӯҳои байналмилалӣ, ҳукумати Афғонистон, ҳаракати «Толибон», омилҳои дубора ба қудрат расидани «Толибон», ҷомеаи ҷаҳон, мушкилоти “Толибон”, дурнамои Афғонистон*

Соли 1992 муҷоҳидин ҳукумати коммунистии Ҷумҳурии Афғонистонро сарнагун карда ба қудрат расиданд. Набудани иттиҳоди муҷоҳидин ва сустии онҳо дар заминаи тақсими қудрат ва идораи кишвар Афғонистонро ба ҷанги дохилии шаҳрвандӣ кашид. Дар чунин шароит гурӯҳи «Толибон» бо ҳадафи хатми ҷанги шаҳрвандӣ ва таъсиси як «низоми ноби исломӣ» арзи ҳастӣ кард. Мардуми аз ҷангу бесарусомонӣ хасташуда аз гурӯҳи «Толибон» пуштибонӣ карданд ва дар натиҷаи дастгирии мардум ин гурӯҳ дар як муддати кӯтоҳ дар соли 1996 Кобулро ишғол намуд ва кишварро «Аморати исломии Афғонистон» эълон кард. Гурӯҳи «Толибон» дар Афғонистон дар байни солҳои 1996-2001 ҳукмронӣ кард. Дастгирии «Толибон» аз гурӯҳҳои ифротгарову террористӣ, тафсири маҳдуди онҳо аз ислом ва иҷрои қонунҳои сахт дар арсаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ боиси эътироф нашудани онҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа гардид ва ин вазъ боиси фақру бекорӣ ва муҳоҷирати бештари афғонҳо ба кишварҳои хориҷи дуру наздик гардид.

Пас аз ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва пуштибонии ҳукумати «Толибон» аз Ал-Қоида ва раҳбари он Усома Бин Лодин бо далели дифоъи қонунӣ аз Ал-Қоида Иёлоти Муттаҳидаи Амрико алайҳи «Толибон» «Амалиёти озодии шикастнопазир»-ро рӯзи 7 октябр оғоз кард ва дар натиҷа низоми «Толибон» дар Афғонистон сукут кард. Бо дастгирии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ҷомеаи ҷаҳонӣ «Конференсияи Бонн» баргузор шуд ва дар ин конфронс пояи тартиботи пас аз «Толибон» гузошта шуд. Дар чаҳорчӯбаи қарорҳои конфронси Бонн ҳукумати муваққатӣ (барои шаш моҳ) ташкил шуда, Ҳомид Карзай сардори ҳукумати муваққатӣ таъин гардид. Вазифаи асосии ҳукумати муваққатӣ дар Афғонистон барқарор намудани тартиботи сиёсию ҳуқуқӣ буд. Бо ин мақсад парлумони Афғонистон Лоя-Ҷирга даъват карда шуд. Лоя-Ҷирга ҳукумати муваққатиро ба ҳукумати интиқолӣ (барои 18 моҳ) иваз кард ва дар ҷаласаи оянда Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и Афғонистонро тасдиқ кард. Интихобот тибқи Қонуни асосӣ баргузор шуд ва Ҳомид Карзай дар асоси раъйи мардум раисиҷумҳури ин кишвар интихоб гардид ва порлумони кишвар ба фаъолият шурӯъ кард. Инчунин дар Афғонистон ҳокимияти судӣ, артиш ва пулис ташкил карда шуд, ки дар натиҷа дар ин кишвар як низоми нисбии сиёсӣ- ҳуқуқӣ дар асоси конститутсия ба вуҷуд омад.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳти раҳбарии Ҷорҷ Буш (хурдӣ) «Толибон»-ро як гурӯҳи террористӣ номид ва иҷоза надод, ки ин гурӯҳ дар конфронси Бонн ширкат кунад. Ба далели террорист хонданаш дари музокира бо «Толибон»-ро баста ва бо асирони онҳо дар чаҳорчӯбаи қонунҳои ҷанг сару кор нагирифт. Ин намоиши Иёлоти Муттаҳида боиси интиқоди мардум ва созмонҳои ҳуқуқи башар гардид. «Толибон» пас аз сукути низомашон хомӯш наистоданд ва бо истифода аз найрангҳои мухталиф ҷангро идома доданд. Вақте ки Барак Обама дар Амрико ба қудрат расид, стратегияи Амрикоро нисбат ба «Толибон» тағйир дод. Дар ин замина Обама тасмим гирифт, ки то соли 2014 нерӯҳои Амрикоро аз Афғонистон берун кунад. Барак Обама инчунин бо «Толибон» дар бораи табодули асирон гуфтушунид кард ва ба «Толибон» иҷозат дод, ки дар Доха «дафтари сиёсӣ»-и худро кушоянд.

Вақте ки Доналд Трамп дар соли 2016 ба қудрат расид, ӯ роҳи ҳалли хуруҷи нерӯҳои Амрикоро ҷустуҷӯ мекард. Дар ин замина кобинаи Трамп тасмим гирифт, ки бидуни қайду шарт бо «Толибон» вориди музокира шавад. Амрико барои исботи ҷиддӣ будани худ Залмай Халилзодро (паштуи амрикоӣ) сармузокир ва намояндаи вижаи Департаменти давлатии ИМА дар раванди сулҳи Афғонистон таъин кард. Халилзод аз Покистон хост, ки Мулло Абдулғанӣ Бародарро озод кунад, то музокироти сулҳро суръат бахшанд. Пас аз ду соли музокира Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рӯзи 29 уми

феврали соли 2020 дар ғоиби ҳукумати Афғонистон «Созишномаи Доҳа»-ро бо «Толибон» имзо кард. Дар созишномаи Доҳа «Толибон» ваъда доданд, ки равобитро бо гурӯҳҳои террористӣ, аз ҷумла Ал-Қоида қатъ мекунанд. Дар посух Амрико ваъда дод, ки дар тули 14 моҳ аз Афғонистон хориҷ мешавад ва амалиёти ҳавоӣ алайҳи ин гурӯҳро қатъ мекунад. Дар тули 14 моҳ гуфтушуниди байни афғонҳо оғоз меёбад ва дар натиҷаи гуфтушунид дар Афғонистон «давлати нави исломӣ» ташкил мешавад.

Дар соли 2021 Ҷо Байден раисати ИМА интихоб гардид ва дар суханрониаш рӯзи 1 май (рӯзи хуруҷ дар чаҳорчӯбаи Созишномаи Доҳа) ӯ ваъда дод, ки ба Созишномаи Доҳа содиқ мемонад ва то 11 сентябри соли 2021 тамоми нерӯҳояшро аз Афғонистон берун хоҳад кард. Баъди ин суханронӣ «Толибон» ба ҷои музокира бо ҳукумати Афғонистон, ҳамлаҳои худро бештар карданд. Дар пайи ин ҳамлаҳо гурӯҳи «Толибон» аксари манотиқи кишварро ба тасарруфи худ даровcovered ва бо фирори Муҳаммад Ашраф Ғанӣ, раисиҷумҳури пешини Афғонистон, «Толибон» дар ҳузури нерӯҳои Амрико дар Афғонистон вориди Кобул шуданд ва боз ҳокимиятро дубора ба даст гирифтанд.

Бо бозгашти «Толибон» ба қудрат саволҳои гуногуне ба матраҳ гузошта мешаванд, аз ҷумла: Чаро ҳукумате, ки аз он ҷомеаи байналмилалӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пуштибонӣ мекард, ба ин гурӯҳ муқовимат карда натавонист ва суқут кард? Кадом омилҳо боиси дубора ба қудрат расидани ин гурӯҳ шуд? Ояндаи Афғонистон бо ба қудрат расидани «Толибон» чӣ гуна хоҳад буд? Дар ин таҳқиқот кӯшиш карда мешавад, ки ба ин саволҳо ҷавоб гардонида шавад ва омилҳои дубора ба қудрат расидани ин гурӯҳи «Толибон» муайян карда шаванд.

**Нокомии тарҳҳои низомии Амрико ва шариконаш дар Афғонистон.**

Пас аз суқути низоми «Толибон» бо пуштибонии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, пояи артиши нави миллии Афғонистон гузошта шуд. Аз як тараф Амрико бо далели ҳузури нерӯҳои байналмилалӣ дар Афғонистон, ба ҷои ӯҳдадории умумии ҳарбӣ «хизмати ҳарбии шартномавӣ»-ро ҷорӣ кард ва аз тарафи дигар, монеи таъсиси артиши пурзӯр дар Афғонистон гардид. Тибқи нақшаи аввали Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, шумораи артиш ва нерӯҳои амниятии Афғонистон набояд аз 70 ҳазор зиёд бошанд ва ба нерӯҳои афғон аслиҳаи замонавӣ ва ҳавопаймоҳои ҷангӣ надоданд [16]. Бо ин миқдор ва сифати нерӯҳо амнияти як кишвари кӯҳистонро, чун Афғонистон таъмин кардан ғайриимкон буд. Вақте ки Барак Обама раиси ҳукумати Амрико шуд, ваъда дод, ки то соли 2014 тамоми нерӯҳояшро аз Афғонистон берун мекунад. Обама кӯшиш кард, ки холигии низомиро, ки дар натиҷаи хуруҷи нерӯҳои хориҷӣ аз Афғонистон ба вуҷуд омадааст, бо ду роҳ ҷуброн кунад. Дар қадами аввал ӯ тасмим гирифт, ки шумори нерӯҳои амниятии Афғонистонро афзоиш диҳад. Дар ин бахш тасмим гирифта шуд, ки шумори артиши Афғонистон ба 300 ҳазор нафар афзоиш ёбад. Ба ҷуз аз омодагии ҳарбӣ, ин нерӯҳо бояд ба силоҳҳои қавӣ ва муосир дастрасӣ дошта бошанд.

Нақшаи навбатии Амрико доктринаи Петровис буд. Генерали амрикоӣ Дэвид Петреус нақшаи пур кардани холигии ҳарбиро, ки баъд аз рафтани қушунҳои хориҷӣ ба вуҷуд омадааст, таклиф кард, ки мантиқи он чунин буд: «барои таъмини амнияти деҳот, деҳа бояд мусаллаҳ шавад!». Дар доираи ин нақша онҳое, ки бар зидди Артиши Шуравӣ ва зидди «Толибон» (1994-2001) меҷангиданд ва ярoқпартоӣ карда буданд дубора мусаллаҳ гардиданд [11].

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷанги заминии худро алайҳи «Толибон» дар соли 2014 хотима дод ва нақши худро ба тамрин, таҷҳизот ва пуштибонии ҳавоии нерӯҳои афғон коҳиш дод. Дар маркази ин тасмим Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва НАТО теъдоди сарбозони худро аз 140 000 то 14 000 кам карданд. Бо ин тасмимҳо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷанги заминиро комилан ба дӯши нерӯҳои афғон гузошт [18]. Азбаски тамоми ҷанги заминӣ бар дӯши нерӯҳои афғон гузошта шуда буд, ҳукумати Афғонистон тасмим гирифт, ки шумораи нерӯҳои маҳаллӣ зиёд шаванд. Дар чаҳорчӯбаи «нақшаи таъсиси

нерӯҳои маҳаллӣ» ба ин нерӯҳо омӯзиши низомӣ дода шуда буд ва онҳо бояд зери чатри вазорати умури дохилӣ фаъолият намоянд. Аммо ҳукумати Афғонистон фармондеҳони маҳаллиро назорат карда наметавонист. Фармондеҳони маҳаллӣ аз набудани маош ва техникаи ҷангӣ аз мардум пул меситониданд, дар баъзе мавридҳо шаъну шарафи одамонро поймол мекарданд. Рафтори хушунатовари нерӯҳои маҳаллӣ бо мардум боиси фосилаи байни мардум ва ҳукумат гардид ва дар натиҷа мардум дар маҳалҳо ба «Толибон» рӯ оварданд. Албатта, ин нуктаро бояд гуфт, ки дар баъзе минтақаҳо нерӯҳои маҳаллӣ дастовардҳо низ доштанд.

Гузашта аз ин, ин нокомӣ дар суханони Ҷо Байден инъикос ёфтааст: «Мо натавонистем дар Афғонистон миллат бунёд кунем». Ин аз нокомии тарҳҳои низомии Иёлоти Муттаҳида ва шариконаш дар Афғонистон шаҳодат медихад. Бо дарназардошти ин ИМА ҳузури худро дар Афғонистон коҳиш ва ҳатто шарикони худро дар Кобул аз созишномаи Доҳа бо «Толибон» огоҳ накард.

**Хилофкориҳои Амрико ва ҳукумати Афғонистон дар бунёди артиш.**

Тибқи иттилоъи ҳукумати Афғонистон дар солҳои 2008-2014 ҳудуди 45 000 нерӯҳои афғон дар ҷанги зидди «Толибон» ҷони худро аз даст дода, ҳазорон нафар аз сафи нерӯҳои амниятӣ хориҷ шудаанд [3]. Ҳамчунин, манобеъи мухталиф мақомоти давлатии Афғонистон ва Амрикоро дар дурӯғгӯӣ дар бораи теъдоди нерӯҳои афғон муттаҳам мекунанд. Ҳукумати Афғонистон ва мақомоти амрикоӣ теъдоди нерӯҳои афғонро 350 000 нафар хабар доданд. Ин дар ҳолест, ки ин рақам дар хориҷ вуҷуд надошт ва мақомоти Афғонистон ба далели дарёфти маблағҳо аз Амрико, ин рақамро номбар мекард. Ба гуфтаи бархе аз мақомоти амниятии Афғонистон шумори нерӯҳои афғон на бештар аз 150 000 сарбозро ташкил медод, ки 20 дарсади онҳо шояд азму иродаи қавии ҷангӣ доштанд. Бархе аз мақомоти Афғонистон, аз ҷумла Холид Поянда, вазири молияи ҳукумати Ашраф Ғанӣ, шумори артиши Афғонистонро беш аз 100 ҳазор нафар намедонад. Холид Поянда мегӯяд, ки мақомоти Афғонистон ба далели гирифтани пул аз Амрико ин рақамро 350 ҳазор нафар нишон дода буданд [16].

Дар баробари теъдоди кам будани нерӯҳои амниятӣ дар ҷанги зидди «Толибон», инчунин онҳо рӯҳияи қавии ҷангӣ надоштанд. Аксари онҳое, ки дар сафи нерӯҳои амниятии Афғонистон буданд, ба ҷои содиқ будан ба Ватан хидмати ҳарбиро кори даромадноке медонистанд. Аммо «Толибон» ҷанги худро «Ҷиҳод» ва ҷангиёни худро муҷоҳид номиданд, яъне ҷангиёни толиб на барои пулу имтиёзҳои моддӣ, балки барои андеша ва идеология меҷангиданд. Аз нигоҳи руҳияи ҷангӣ, ҷангҷӯёни «Толибон» дар муқоиса бо нерӯҳои низомии афғон дар мавқеи бартар қарор доштанд [31].

Сиёсати нодурусти давлатиро пеш гирифтани Карзай ва Ғанӣ алайҳи «Толибон», манбаи даромад ва сиёсӣ шудани нерӯҳои амниятии Афғонистон аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мавқеъ пайдо кардани фасоди густурда дар артиш ва қатъи амалиёти ҳавоии нерӯҳои Амрико алайҳи «Толибон» ба руҳияи аскарони афғон таъсири манфӣ расониданд. Фрэнк Ван Ҳиппел, мақомдори собиқи Қасри Сафеди Амрико ва устоди Донишгоҳи Принстон мегӯяд: «Артиши Афғонистон бештар аз ҳукумати худ ба нерӯҳои низомии НАТО эътимод дошт. Нерӯҳои низомии НАТО ҳудуди 100 000 сарбози худро аз Афғонистон ихроҷ карда буданд, аммо тақрибан 20 000 халабон ҳамчунон техникҳои ниҳоии таъмир, нигоҳдорӣ ва амнияти сафоратхонаҳо ва иншооти стратегӣ аз нерӯҳои ҳавоии Афғонистон пуштибонӣ мекарданд. Вақте ки ин сохтори ҳимоятӣ хориҷ шуд, артиши Афғонистон эътимоди худро ба ҷанг аз даст дод» [16].

Афғонистон бинобар табиати куҳсораш барои ҷанги партизанӣ мувофиқ аст. Барои таъмини амнияти чунин кишвар сифати артиш аз миқдори он муҳимтар аст. Ба ибораи дигар, аз доштани нерӯҳои сердаромад дида, нерӯҳои хурди бо аслиҳаи муосир муҷаҳҳаз ва доштани нерӯи ҳавоии қавӣ нисбатан бештар дар таъмини амнияти Афғонистон мусоидат мекард. Дар 20 сол ҳузури Нерӯҳои байналмилалӣ, аз як тараф, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз як артиши пурқуввате, ки бо силоҳҳои пешрафта ва муосир муҷаҳҳаз шудааст, пешгирӣ карда, аз тарафи дигар, бо корбурди низоми

ихтиёрии ҳарбӣ (хизмат бар ивази пул) ба таъсиси артиши пурзӯр ва ватандӯст монеъ шудааст. Тибқи далелҳои овардашуда, артиши Афғонистон ба ҳамлаҳои «Толибон» муқовимат карда натавонист ва дар натиҷа ҷангиёни «Толибон» дар Афғонистон бартарӣ пайдо карданд.

**Талафоти инсонӣ ва хароҷоти бузурги молии беҳадафона дар ҷанг.**

Тибқи таҳқиқоти Пажӯҳишгоҳи Уотсон ва Донишгоҳи Брауни иёлати Род-Айленди Амрико, дар ҷанги Афғонистон пас аз 11 сентябр 2001 6 триллион доллар харҷ гардидааст. Дар ин муддат 800 ҳазор кас ҳалок гардид ва дар таърихи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷанг дар Афғонистон тулонитарин ҷанг аст ва Амрико дар ин ҷанг ҳудуди як триллион доллар масраф кардааст [5]. Илова бар хароҷоти бузурги иқтисодӣ, дар ҷанги Афғонистон 2400 сарбози амрикоӣ кушта ва 20589 нафар маҷруҳ шудаанд. Аз ҷумла аз ҷониби сарбозони амрикоӣ ва НАТО, 62 ҳазору 124 нерӯҳои афғон ва ҳазорон мардуми бегуноҳ кушта шудаанд [2].

Соли 2019 рӯзномаи Washington Post гузориши 2000 саҳифагиро нашр кард, ки дорои асноди маҳрамона дар бораи ҷанг дар Афғонистон аст. Дар асноди зикршуда бештари мақомоти амрикоӣ эътироф кардаанд, ки дар ҷанги Афғонистон шикаст хӯрдаанд ва сабаби бохти ҷангро дар додани маълумоти бардурӯғ ба мардуми Амрико медонанд. Ин дурӯғҳои мансабдорони амрикоӣ дар мавриди хароҷоти иқтисодии ҷанг дар Афғонистон буд [2]. Пас аз муддати тулонӣ, мақомоти Амрико ва мардуми Амрико ба саволҳои зерин ҷавоб ҷустуҷӯ карданд: Мо бо харҷи миллиардҳо доллар ва куштани даҳҳо ҳазор сарбоз дар ҷанги Афғонистон ба чӣ ноил шудем? Ин ҷангро чӣ гуна бояд хотима дод?

Вақте ки Доналд Трамп ба унвони раисҷумҳури Амрико интихоб шуд, ӯ ба мардуми Амрико ваъда дод, ки тулонитарин ҷанг дар таърихи Амрикоро хотима медиҳад. Аз нигоҳи Трамп, ҷанг дар Афғонистон барои Амрико як ҷанги аблаҳона буд ва ҳеҷ фоидаи иқтисодие надошт. Трамп як соҳибкор буд ва ба масъалаҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва тиҷоратӣ назар мекард. Худи Трамп дар як суханронӣ чунин гуфтааст: «Замоне ҷанги Афғонистон Иттифоқи Шуравиро ба Россия табдил дод, агар мо ба ин ҷанг хотима надиҳем, он Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро ба Амрико табдил медихад» [25]. Трамп ба хароҷоти иқтисодии ҷанг дар Афғонистон ва чӣ гуна ҷанг дар Афғонистон Артиши Сурхи Шуравиро ба зону зада, яке аз сабабҳои пош хурдани он гардида буд, ишора намудааст.

Иқтисод яке аз параметрҳои асосии қудрат аст ва дар замоне, ки мо дар он зиндагӣ дорем, қудрат ва иқтисод барои ҳамдигар заруранд. Амрико ба ҷои он, ки аз ҷанги Афғонистон фоидаи иқтисодӣ ба даст орад, дар ҷанг миллиардҳо доллар сарф кард ва ин хароҷот вокуниши андозсупорандагони амрикоиро ба бор овард. Дар ҷанги Афғонистон на танҳо Амрико ва шаҳрвандонаш зарар диданд, балки ҳар кишваре, ки дар ҷанги Афғонистон ширкат дошт, зарар дид. Пас аз хуруҷи нерӯҳои Амрико, раисиҷумҳур Ҷо Байден ошкор кард, ки Амрико ҳар ҳафта дар ҷанги Афғонистон 300 миллион доллар масраф мекардааст [9]. Амрико бо далели истифода аз молиёти ҷанг ва поймол кардани ҳуқуқи башар зери фишори шаҳрвандон ва афкори ҷаҳон қарор гирифт. Ба ин далел ӯ ба ҷои ғарқ шудан дар ботлоқи Афғонистон тасмим гирифт, ки бо «Толибон» паймон бибандад ва ҳатто аз бозгашти «Толибон» ба қудрат розӣ шавад. Ҳадафи Амрико ин буд, ки ба тулонитарин ҷанги худ дар Афғонистон бо ҳар роҳе, ки имконпазир аст, хотима диҳад.

**Қатъ нагардидани манобеи молии «Толибон» ва ситезакории сарбозони амрикоӣ дар Афғонистон.**

Амрико дар ҷанги зидди «Толибон» бештар ба куштор ва боздошти ҷангиёни гурӯҳи «Толибон» истодагӣ карда, дар баробари манобеъи молии он тадбирҳои ҷиддӣ нагирифтааст. Дар робита ба мубориза бо манобеъи молии «Толибон», назари Амрико ва ҳукумати Афғонистон гуногун буд. Бар иловаи пуштибонии хориҷӣ, «Толибон» аз қочоқи маводи мухаддир миллионҳо доллар ба даст оварда, бо ин пул муҳаррики

мошини ҷангии худро гарм нигоҳ доштанд [23]. Яке аз сабабҳои ҳузури Амрико дар Афғонистон мубориза бо парвариш, тавлид ва қочоқи маводи мухаддир буд, аммо Афғонистон аз лиҳози кишт ва тавлиду қочоқи маводи мухаддир дар садри кишварҳои ҷаҳон қарор дошт. Аксари манобеъ дар бораи парвариш ва тавлиду қочоқи маводи мухаддир дар манотиқи таҳти нуфузи «Толибон» нақл мекунанд. Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид дар суханронии худ дар нишасти Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар соли 2019 оид ба «Толибон» чунин иброз кард: «Пулҳое, ки онҳо аз қочоқи маводи мухаддир ба даст меоранд, тавонмандиҳои ҷангии онҳоро тақвият медиҳад. Барои заъиф кардани ин гурӯҳ кишварҳои минтақаро зарур аст, ки алайҳи тиҷорати маводи мухаддир муштарак амал кунанд [13].

Илова бар тиҷорати маводи мухаддир бархе аз кишварҳои аъзои Нерӯҳои байналмиллалӣ ба ин гурӯҳ барои ҳамла накардан алайҳи сарбозони онҳо ба «Толибон» фидя пардохт кардаанд. Мувофиқи маълумоте, ки WikiLeaks нашр кардааст, ҳукумати Италиё ба «Толибон» пул додааст, ки ба нерӯҳои он ҳамла накунанд [6]. Инчунин, «Толибон» аз мардуми тобеи худ закот ва ушр ҷамъ мекардаанд ва аз гузариши мошинҳо андоз меситондаанд. Ба ҷуз ин, «Толибон» аз истифодаи минаҳои Афғонистон даромади калон низ доштаанд. Аз замони ҷанги байни Иттиҳоди Шуравӣ ва Муҷоҳидин дар Афғонистон аслиҳаи зиёде мавҷуд буд ва ҳукумати Афғонистон то ҳол онро назорат намекунад ва он ба тиҷорати ин гурӯҳ табдил гардидааст. Ба ин далел Афғонистон ба маркази қочоқи силоҳ табдил ёфтааст. Бо мавҷудияти пул дар Афғонистон хариди ҳар навъ силоҳ осон шуд ва «Толибон» даромади худро барои харидани силоҳ ва таҳкими соҳибихтиёрии худ истифода мекарданд.

Дар раванди ҷанг ИМА ба иштибоҳҳое роҳ додааст, ки аз он «Толибон» ҳамчун ғизои таблиғотии зидди ИМА ва ҳукумати пуштибони он барои ҷалби сарбозон истифода кардаанд. Аз ҷумлаи ин иштибоҳҳо кушта шудани одамони бегуноҳ, дахолат ба ҳаёт ва ҳарами шахсии мардум, беэҳтиромӣ кардани сарбозони амрикоӣ ба муқаддасоти мардуми Афғонистон буданд (ҳарчанд Амрико баъдан дарк кард ва кӯшиш кард, ки иштибоҳоти худро такрор накунад). Масалан, соли 2012 сарбозони амрикоӣ дар пойгоҳи ҳавоии Багром саҳифаҳои Қуръони Каримро сӯзонданд. Пас аз ин ҳодиса мардум дар саросари кишвар ба тазоҳуроти зидди Амрико шуруъ карданд, ки дар натиҷа 35 нафар ҷони худро аз даст доданд. Раиси ҳукумати онвақтаи ИМА Барак Обама аз мардум ва ҳукумати Афғонистон узр хоста буд. Чунин ҳодисаҳо борҳо такрор мешуданд. Ҳамчунин, дар замони ҷанг сарбозони амрикоӣ ба занони афғон таҷовуз карданд, ин амал дар фарҳанги Афғонистон як амали зишт маҳсуб мешавад [10]. Дар стратегияи ҷангии ИМА куштани 5 ғайринизомӣ дар ҳолатҳои зарурӣ барои куштани як ҷангҷӯи «Толибон» ва Ал-Қоида ҷоиз буд [23]. Амрико борҳо бо баҳонаи нест кардани террористон мардуми осоиштаро зери ҳадаф қарор додааст. Баъзан нерӯҳои амниятии Афғонистон низ ҳадафи ҳамла қарор гирифтаанд. Куштори мардуми осоишта дар ҷараёни ҷанг боиси хашми ҳукумат ва мардуми Афғонистон шудааст. «Толибон» аз иштибоҳҳои сарбозони амрикоӣ истифода карда, тафаккури мардуми Афғонистонро тағйир доданд ва дар натиҷа як қисми мардуми Афғонистонро ба қонунӣ будани ҷанги худ алайҳи Амрико ва ҳукумате, ки аз он пуштибонӣ мекунад, қонеъ карданд. Дар натиҷаи таблиғоти худ «Толибон» пуштибонии мардуми деҳоти Афғонистонро пайдо карда, бо ин гуна дастгирӣ мавқеъи худро рӯз аз рӯз мустаҳкамтар менамуданд.

**Фассоди густурда ва таассуби этникӣ дар ҳукумат ва идораҳои давлатии Афғонистон.**

Ҳукумате, ки бо дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва Амрико ташкил шудааст, дар баробари набуди хадамоти амният, тандурустӣ, маориф ва шуғли аҳолӣ на танҳо бо фасод дар ниҳодҳои давлатӣ мубориза намебурданд, балки худи он манбаи фасод буд. Ҳомид Карзай, раисҷумҳури собиқи Афғонистон боре гуфта буд: «Агар ришва бигиред, пулро ба хориҷ интиқол надиҳед» [30]. Ба қавли Саъдӣ «Агар зи боғи раъият малик хӯрад себе, Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех». Вақте раисҷумҳури кишвар ришвагириро як амали маъмулӣ мегардонад, аз зердастонаш чиро интизор шудан лозим

аст? Аз ин сабаб кӯмакҳои башардӯстонае, ки ба мардуми Афғонистон расонида мешаванд, дуруст тақсим ва истеъмол намегардиданд. Масъулини ҳукумат бо ҳамкории донорҳои хориҷӣ пулеро, ки ба мардуми камбизоати Афғонистон бояд дода мешуд, ба хориҷи кишвар интиқол дода, ба суратҳисоби онҳо дар бонкҳои хориҷӣ зам мегардид. Дар феҳристи кишварҳои фасодзадаи ҷаҳон Афғонистон дар ҷои аввал буд.

Фасод дар ниҳодҳои додгоҳии кишвар ба авҷи аъло расида буд. Шаҳрвандони Афғонистон ба далели фасод дар ниҳодҳои додгоҳӣ баҳсҳои худро дар додгоҳҳои шариатии «Толибон» ҳал мекарданд. Масалан, даъвое, ки арзиши моддии як миллион афғонро дошт. Мардум барои гирифтани хуқуқи худ ҳамон қадар ришва медоданд, вале хаққи худро намегирифтанд. Дар баъзе даъвоҳо, агарчи суд ба манфиати шахси ҳақбуда ҳукм баровардa бошад ҳам, масъулини ҳукумат қудрати татбиқ ва барқарор кардани ҳуқуқро надоштанд. «Толибон» ин гуна даъвоҳоро зуд ҳал мекарданд ва қарорҳои додгоҳии худро ҳарчи зудтар иҷро мекарданд.

Дар баробари фасод сатҳи бекорӣ аз 50% боло ва сатҳи саводнокӣ (хондан ва навиштан) аз 40% камтар буд [33]. Ба миллиардҳо доллари кӯмак нигоҳ накарда, нисфи мардуми Афғонистон зери хатти фақр умр ба сар мебурданд ва аксари бекорон ҷавонон буданд. Дар Афғонистон пеш аз таҷҳизонидани хоҷагии қишлоқ дар донишгоҳҳои Афғонистон курсҳои ҳозиразамони хоҷагии қишлоқ таълим дода мешуданд. Аз сабаби набудани асбобҳои ҳозиразамони истеҳсолот ҷавонон бекор мемонданд. Бо вуҷуди ин, қавмпарастӣ дар идораҳои давлатӣ дар он вақт ба авҷи худ расида буд. Ҳар гоҳ шахсе раиси як муассиса мешуд, кӯшиш мекард, ки аз қавми худаш одамонро ба кор гирад. Теъдоди ҷавононе, ки бо вуҷуди гирифтани диплом бо омили ҷойдошта ба кор гирифта нашуданд, аз ҳасад ва қасос ба сафи «Толибон» пайвастаанд.

Вақте ки ҳукумат хидматҳои одиро ба миллат таъмин намекунад, гурӯҳе бо номи роҳбар ва мансабдорони ҳукумат пулҳои ёрирo ба хориҷ интиқол медиҳанд ва ба хушомадгӯёнашон тақсим мекунанд, дар чунин вазъият мардум ба ҳукумати сояафкан, яъне «Толибон» муроҷиат карданд. Яъне, бо далели фасоди ҳокимони Афғонистон кумакҳои хориҷӣ барои рафъи камбизоатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, фароҳам овардани шароити таҳсил истифода намешавад, мардум огоҳона ва ё бешуурона ба сӯи «Толибон» рӯ меоранд. Фасод дар ҳукумати Афғонистон омили аслии ба қудрат расидани «Толибон» буд. Фасод мисли термит ҳукумати Афғонистонро заъиф кард ва боиси суқути ин низом гардид.

**Ба инобат нагирифтани воқеият ва ташкили ҳукуматҳои ғайриқонунӣ дар Афғонистон.**

Назми ҳуқуқӣ ва сиёсие, ки дар конфронси Бонн ва дар асоси сарқонуни Афғонистон ташаккул ёфт, бо воқеияти аслии ҷамъияти Афғонистон мувофиқ набуд. Ба ин маъно, ки ба ҷои ҳалли мушкилоти Афғонистон, боиси бӯҳрони сиёсӣ дар кишвар шуд. Тибқи сарқонуни Афғонистон президент ба ҳайси Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳ ва роҳбари ҳукумат дар шохаҳои иҷроия, қонунгузорӣ ва судӣ салоҳият дорад, аммо ноиби президент, ки ба мисли президент бо раъйи мардум интихоб мешуд, ҳеҷ гуна салоҳияти дар қонун муайяншударо надошт. Дар баробари ноиби президент низоми Афғонистон монеъи пайдоиши ҳизбҳои қудратманд мегардид. Дар натиҷа, дар сурати набудани ҳизбҳои қудратманд парлумон натавонист як қудрати муқовиматӣ ба ҳокимияти иҷроияро ташкил намояд. Порлумон, ки бояд чашму гӯши низом бошад, ба ҷои ҷилавгирӣ аз фасоди ҳукумати худ, дар фасоди ҳукумат шарик буд.

Афғонистон кишвари сермиллат аст, ки дар он ҳеҷ як гурӯҳи этникӣ аксарияти мутлақро ташкил намедиҳад. Ба ибораи дигар, бар асоси равандҳои демократӣ ҳеҷ як миллат наметавонад ба танҳоӣ қудратро ба даст орад. Аз ҳамин сабаб ба онҳо лозим омад, ки бо пешвоён ва ҳизбҳои намояндагони дигар миллатҳо иттифоқ банданд. Мувофиқи низоме, ки намояндаи онвақта ва сафири Амрико Залмай Халилзод дар меҳвари конститутсияи Афғонистон таъсис дода буд, раиси ҳукумат бояд паштун ва муовинони ӯ аз миллатҳои дигар бошанд. Аммо хусусияти рамзии нақши муовинони

президент ва вогузор нашудани салоҳияти сарвари давлат ба муовинони президент боиси ноустувории сиёсӣ гардид, зеро ҳар як ноиби президент, ки аз ҷониби мардум интихоб мешуд, аз нигоҳи сиёсӣ як миллатро нишон медод ва ин вазъ боиси бӯҳрони сиёсӣ дар кишвар гардида буд. Масалан, Ашраф Ғанӣ ба Дӯстум салоҳияти кофӣ дар пешбурди умури давлатдорӣ надодааст ва ин рафтори Ғанӣ боис шудааст, ки ҷонибдорони Дӯстом аз ҳукумат дилсард гарданд. Хулоса, низоми сиёсии пасошӯравӣ ва пас аз «Толибон» дар Афғонистон натавонистааст тамоми гурӯҳҳои қавмӣ ва сиёсиро зери чатри ҳукумат гирдоварӣ кунад ва бархе аз гурӯҳҳои қавмӣ ва сиёсӣ дар ҳоле, ки мавҷудияти худро дар ҳукумат надида буданд, ҳукуматро аз байн бурданд. Ба далели нотавонӣ ва нокомии сиёсӣ дар Афғонистон, ҳатто ин тамоюл низ ба марзи ҳимоят аз «Толибон» оварда мерасонад.

Яке аз ҳолатҳои дигаре, ки қонунияти ҳукумати Афғонистонро заъиф кардааст, баргузории интихоботи тақаллубӣ буд, ки дар натиҷа ҳукуматҳои ғайриқонунӣ таъсис дода шуданд. Интихобот дар соли 2009 баргузор шуд ва Комиссияи мустақили интихобот Ҳомид Карзайро баранда эълон кард. Аммо рақиби аслии Ҳомиди Карзай, доктор Абдуллоҳ Абдуллоҳ натиҷаи интихоботро напазируфт ва бо фишори ҷомеъаи ҷаҳонӣ Комисияи интихобот тақаллуб дар интихоботро пазируфт ва баргузории дубораи интихоботро эълон кард. Доктор Абдуллоҳ ба далели истеъфо надодани раиси комиссия (баъзе манобеъ мегӯянд, ки доктор Абдуллоҳ дар ивази пул ба нафъи Ҳомиди Карзай истеъфо додааст) интихоботро таҳрим кард ва бо пуштибонии ҷомеъаи ҷаҳонӣ Комиссияи интихобот Карзайро барандаи интихобот эълон кард [21]. Агар номзади пешбаранда дар даври дуюм иштирок накунад, тақдири интихобот чӣ мешавад, конститусия инро пешбинӣ накардааст. Гарчанд Комиссияи интихоботӣ бо дастгирии беруна конститутсияро шарҳ дода ва Карзайро президент эълон кард, аммо хуруҷи Комиссияи интихоботӣ дар асоси фишори беруна қонунияти ҳукумати Карзайро ба чолиш овард.

Дар интихоботи президентии соли 2014 ҳеҷ номзад дар даври аввал натавонист панҷоҳу як овоз ба даст орад. Мувофиқи сарқонун даври дуюми интихобот барпо гардид. Дар даври дуввуми интихоботи ду номзад - рақибони пешин Муҳаммад Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай ва Абдулло Абдулло рақобат намуданд. Комиссияи мустақили интихоботӣ дар натиҷаи муқаддамотии худ Муҳаммад Ашраф Ғаниро барандаи интихобот эълон кард. Абдулло Абдулло ба далели тақаллуби густарда дар интихобот натиҷаи интихоботро напазируфт. Мамлакат дар арафаи ҷанги шаҳрвандӣ буд, ки тарафдори асосии ҳукумати Афғонистон - ИМА ҳамин тавр рафтор кард. Ҷон Керрӣ, вазири умури хориҷии Амрико, бо миёнҷигарии миёни ду номзад ба буҳрони сиёсӣ муваққатан хотима гузошт. Ҷон Керрӣ аз раъйи мардум ва муқарраротӣ Қонуни асосӣ даст кашид ва бо истифода аз қудрат ва нуфузи Амрико «ҳукумат ва хушунати миллӣ»-ро бар сари мардуми Афғонистон таҳмил кард [29].

Тибқи нақшаи Ҷон Керрӣ Муҳаммад Ашраф Ғанӣ раисҷумҳур ва Абдуллоҳ Абдуллоҳ раиси иҷроияи ин кишвар таъйин шуданд. Вазоратҳо бошанд, дар байни ду номзад баробар таксим карда шуданд. Азбаски ҳам Ғанӣ ва ҳам Абдуллоҳ қудрати иҷроия доштанд ва конститутсияи Афғонистон дар таъсиси ҳукумати ваҳдати миллӣ ҷудо шуда буд, дар баҳсҳои сиёсӣ Ғанӣ ба Қонуни асосӣ ва Абдуллоҳ Абдуллоҳ ба матни созишномаи сиёсӣ ба далели пуштибонии конститутсионии салоҳиятҳои президент такя мекард [29]. Дар интихоботи соли 2019 низ ҳамин сенария такрор шуд ва ҳукумат на бар асоси раъйи мардум, балки бо фишор ва миёнравии Амрико ташкил карда шуд. Бар асоси тавофуқномаи ҳосилшуда Муҳаммад Ашраф Ғанӣ раиси ҳукумат ва Абдуллоҳ Абдуллоҳ раиси Шурои олии оштии миллӣ интихоб шуданд [21].

Дар асл ҳукумат ва хушунати миллие, ки бар хилофи конститутсия ва иродаи мардум бо фишори Амрико барпо гардида буд, ҳеҷ заминаи ҳуқуқӣ надошт. Аз тарафи дигар, ҳукумати ваҳдати миллӣ ваъдаҳои ба мардум додаашро иҷро накард ва бо сиёсӣ кардани ниҳодҳои амниятӣ (вазоратҳои соҳаҳои амниятӣ аз ду нафар супориш

мегирифтанд, зеро як вазир аз тарафи як нафар ва вазири дигар аз тарафи нафари дигар таъин мешуд) ба решаи ҳукумат зарба зад. «Толибон» қонунияти ҳукуматро зери суол бурда, бо ин ҳукумат ба таври ҷиддӣ музокира накарданд, зеро ҳукумат на бо раъйи мардум, балки аз ҷониби Иёлоти Муттаҳида таъсис ёфтааст. Набудани заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсии ҳукумат яке аз омилҳои бунёдии бозгашти «Толибон» ба қудрат гардидааст.

**Мутобиқгардонии тактикаи ҷангӣ ва сиёсати этникии худро тағйир додани «Толибон» дар Афғонистон.**

Ҳарчанд низоми «Толибон» дар соли 2001 суқут кард, ин гурӯҳ бо сухан ва фаъолиятҳои худ ҳузури худро дар Афғонистон зинда нигоҳ дошт. Дар ин мавзеъ ба далели ҷуғрофиёи кӯҳистонии Афғонистон гурӯҳи «Толибон» ба ҷанги партизанӣ рӯ оварда, аз усули «бизан ва фирор кун» истифода кардаанд. «Толибон» дар меҳвари ин тактикаи ҷангӣ аз минагузорӣ дар канори роҳ, қатли мансабдорони давлатӣ ва ҳамлаҳои маргталабона истифода мекарданд. Дар натиҷаи ин ҳамлаҳо «Толибон» ба нерӯҳои хориҷӣ ва афғон талафоти зиёде додаанд. «Толибон» дар фасли баҳор, тобистон ва тирамоҳ ҷангҳои худро алайҳи нерӯҳои амниятии Афғонистон ва хориҷа шадидтар карда, дар фасли зимистон ба ҷалб, омӯзиш ва муҷаҳҳаз кардани нерӯҳои худ машғул буданд [12].

Пас аз суқути «Толибон» дар соли 2001 бо дастгирӣ ва фишори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ҷомеаи ҷаҳонӣ Афғонистон дар асоси арзишҳои демократияи либералӣ ташаккул ва рушд ёфт. Интиқоли қудрат дар асоси арзишҳои демократия, яъне мардумсолорӣ, озодии баён ва васоити ахбори омма, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи занон, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои шаҳрвандӣ сурат мегирифт ва «Толибон» ин арзишҳоро ҳамчун василае, барои расидан ба ҳадафҳои худ бидуни эътиқод истифода карданд. «Толибон» бо истифода аз озодии матбуот, аз як тараф амалиёти худро ба мардуми Афғонистон ва ҷаҳон ҳамчун як намоиши қудрат нишон медоданд ва аз тарафи дигар, ҷиноятҳое, ки нерӯҳои хориҷӣ алайҳи мардуми бегуноҳ дар ҷараёни амалиёти худ анҷом додаанд, барои чолиш ба қонунияти ҳузури нерӯҳои хориҷӣ истифода мекарданд.

Аз нигоҳи суханронӣ, «Толибон» ҳузури нурӯҳои хориҷиро ғосиб дониста, ҷанги худро алайҳи нерӯҳои хориҷӣ ва ҳукумати таҳти ҳимояти Амрико «ҷиҳод» эълон карданд. Бархе аз мардуми Афғонистон зери таъсири таблиғоти ин гурӯҳ афтода, аз онҳо пуштибонӣ мекарданд. «Толибон» дар ҳар музокира ва платформа хуруҷи нерӯҳои хориҷӣ ва таъсиси «давлати исломии пок»-ро хати сурхи худ медонистанд. Аз нигоҳи «Толибон» ҳукумати Афғонистон қудрати чунин тасмимро надорад ва ба ин далел ҳеҷ гоҳ бо ҳукумати Афғонистон ҷиддӣ музокира накарданд [19].

Илова ба тактикаи ҷанг «Толибон» сиёсати этникии худро тағир дода, ҷангро дар саросари кишвар паҳн карданд. Дар аввал «Толибон» дар афкори умум чунин вонамуд мекарданд, ки «Толибон» аз мардуми паштун иборат аст, зеро тамоми сарварон ва саркардаҳои низомии ин гурӯҳ паштунҳо буданд. Баъдан ба далели дар саросари кишвар густариш ёфтан ва аз Ҷануб ба Шимол гузаштани ҷанг тасмим гирифтанд, ки аз мардуми маҳаллӣ фармондеҳи ҷанг ва дар сатҳи роҳбарӣ аз дигар қавмҳо нафаронро истифода баранд ё ба кор гиранд. Аз ин найранг истифода бурда, узбеку туркману тоҷикро ба сафи худ гирифтанд. Дар натиҷаи ин ҷалб, «Толибон» майдони соҳибихтиёрии худро васеъ ва ҳузури худро мустаҳкам карданд. Масалан, «Толибон» бо ҷалби тоҷикони Бадахшон ин вилоятро борҳо пахш карданд, ҳарчанд аксари сокинони ин вилоят низ тоҷиканд. Пас аз ба сари қудрат расидан «Толибон» Қорӣ Фасиҳуддинро (бадахшонии тоҷик) сардори артиш таъин карданд [24].

«Толибон» бо сухан, амалиёт, тағйири сиёсати қавм ва татбиқи қонунҳо дар ҷойи ҳукмронии худ хузури худро дар Афғонистон таъсис дода, ҳар рӯз доираҳои ҳукмронии худро васеъ мекарданд. Дар натиҷа, онҳо барои дубора ба даст овардани қудрат дар Афғонистон заминаҳои мусоид фароҳам оварданд.

**Дастгирии кишварҳои минтақа аз «Толибон» ва сиёсати духӯраро пеш гирифтани онҳо.**

Соли 2014 дар Ховари Миёна Давлати Исломии Ироку Шом (ДИИШ) пайдо шуд. Дар асоси идеологияи хилофат ДИИШ сиёсати таҷовузкорона пеш гирифт. Ба ибораи дигар ДИИШ тамоми кишварҳои исломиро сарзамини ислом «Дорул-ислом» ва халифаашро раҳбари кулли мусалмонони ҷаҳон медонист. ДИИШ ҳар кишвари исломиро вилояти худ дониста, волии худро таъйин мекард. Дар ин бахш ДИИШ аз унвони таърихии Хуросон истифода кардааст, яъне Эрон, Афғонистон, Покистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва бахше аз Чинро «вилояти Хуросон» номид ва дар соли 2015 бахши Хуросонро фаъол кард. Ҳофиз Саид, раҳбари толибони Покистон, аввалин нафаре буд, ки парчами ДИИШ-ро дар Афғонистон барафрохт ва раиси бахши Хуросон таъйин шуд [26].

Бо таваҷҷуҳ ба қудрати молии ДИИШ, эъломи марги Мулло Муҳаммад Умар, раҳбари «Толибон» пас аз 2 соли махфӣ нигоҳ доштан сабаб шуд, ки бархе аз раҳбарон ва фармондеҳони «Толибон», аз ҷумла Абдулрауф Ҳодим ба Абубакри Бағдодӣ, раҳбари ДИИШ байъат кунанд. Аммо раҳбарони «Толибон» ДИИШ-ро таҳдид арзёбӣ карданд ва ба ДИИШ байъат накарданд. Он вақт ҷангҷӯёни «Толибон» ва ДИИШ дар манотиқи дурдасти Афғонистон амал карда, ин ду гурӯҳ якдигарро таҳдид мекарданд [7].

Пас аз ҳодисаи 11-уми сентябр Русия, Чин ва Эрон аз ҷанги ИМА ва НАТО барои саркӯб кардани Ал-Қоида ва «Толибон» пуштибонӣ карданд. Масалан, Русия ба таъсиси пойгоҳҳои низомии Амрико дар Қирғизистону Узбакистон монеъ нашуд. Ҳатто пас аз шикасти Ал-Қоида ва «Толибон», Амрико Афғонистонро тарк накард. Идомаи ҳузури Амрико дар Афғонистон боиси нигаронии Эрон, Русия ва Чин гардид. Амрико вуруди худро ба Афғонистон ҳамчун мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ эълон карда буд. Аммо ин ҳузур на танҳо боиси аз байн нарафтани терроризму ифротгароӣ шуд, балки боиси афзоиши он гардид. Масалан, дар соли 2001 Ал-Қоида танҳо дар Афғонистон фаъол буд, тибқи маълумоти ниҳодҳои амниятии ҳукумати собиқи Афғонистон, дар Афғонистон 21 гурӯҳи террористӣ фаъол буданд [27]. Бо ҳузури нерӯҳои хориҷӣ, фаъолияти ҳамаи ин гурӯҳҳои террористӣ, аз ҷумла бахши Хуросони ДИИШ мояи нигаронии аксари кишварҳои минтақа шуда буданд.

Афғонистон барои ДИИШ муҳим буд, зеро ДИИШ бо тасарруф дар Афғонистон метавонад ба осонӣ вориди кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия, Чин ва Эрон шавад. Пас аз соли 2014 артиши Афғонистон дар ҷанг бо «Толибон» қарор дошт ва ҳангоме, ки ДИИШ ба фаъолият шуруъ кард, артиши Афғонистон қодир ба ҷанги дуҷониба набуд. Илова бар ин, Русия, Чин ва Эрон бар ин назаранд, ки кишварҳое, ки дар Афғонистон ҳузури низомӣ доранд, ДИИШ-ро васеъ кардаанд, то кишварҳои минтақаро ноором созанд. Масалан, Эрон ва Русия борҳо кишварҳои хориҷиро, ки дар Афғонистон ҳузури низомӣ доранд, ба ҳимоят аз ДИИШ муттаҳам карда буданд [1].

Фаъолияти бахши Хуросони ДИИШ дар Афғонистон хатари ҷиддӣ ба тамомияти арзӣ ва амнияти миллии кишварҳое чун Эрон, Русия, Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ буд. Кишварҳои минтақа бо далели вобастагии ҳукумати Афғонистон аз Амрико ва НАТО аз «Толибон» ҳимоят намуда, кӯшиш намудаанд, ки дар ҳамкорӣ бо онҳо марзу буми худро дифоъ кунанд.

«Толибон» аз дидгоҳи Русия, Чин ва Эрон ҳам аз назари ақида ва ҳам аз лиҳози фаъолият бо ДИИШ даргиранд. «Толибон» ба фарқ аз ДИИШ мехоҳанд дар ҷуғрофиёи Афғонистон ҳукумати дилхоҳи худ, Имората исломии Афғонистонро таъсис диҳанд ва ба сарзаминҳои ҳамсоя чашм надӯхтаанд. Илова бар ин, бештари ҷангиёни «Толибон» афғон буданд ва аз нигоҳи дин ҳам, агарчи мазҳабро танг шарҳ диҳанд, «ҳанафӣ» ҳастанд [22]. Русия, Чин ва Эрон бо назардошти ҳузури нерӯҳои хориҷӣ дар Афғонистон ба ҷои дахолати мустақим дар асоси мантиқи «душманат душмани ман аст, дӯстам» ва

«душмани душманам дӯсти ман аст» аз «Толибон» бар зидди ДИИШ ва ҳузури нерӯҳои хориҷӣ дар Афғонистон ҳимоят карданд.

Фаъолияти ДИИШ дар манотиқи дурдасти Афғонистон барои «Толибон» як чолиши бузург буд, аммо ба далели таҳдиди фаъолияти ДИИШ алайҳи кишварҳои минтақа, он барои «Толибон» як фурсате шуд. Дар ҷанг алайҳи ДИИШ манфиатҳои кишварҳои минтақа бо «Толибон» вобастагӣ доранд ва ин кишварҳо аз «Толибон» алайҳи ДИИШ ҳимоят кардаанд. Бо дастгирии кишварҳои минтақа «Толибон» дар ҷанг алайҳи ДИИШ комёбиҳо ва дастовардҳо доштанд. Ҳатто Амрико нақши мусбати «Толибон»-ро дар шикасти ДИИШ дар вилоятҳои шарқии Афғонистонро эътироф кардааст [8]. Ба гуфтаи онҳо, он замон «Толибон» гурӯҳи террористӣ набуда, саркӯбкунандаи террорист буд. Муборизаи «Толибон» бо ДИИШ ва пуштибонии кишварҳои минтақа, аз як тараф, «Толибон»-ро дар минтақаи ҷанг нерӯманд ва аз тарафи дигар, ба онҳо ҳуқуқи байналмилалӣ дод.

**Тағйири душман дар сиёсати хориҷии ИМА ва пеш гирифтани «сиёсати нарм» алайҳи «Толибон».**

Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз сиёсати «изолятсионизм»-и асосгузори Амрико Ҷорҷ Вашингтон даст кашид ва ҳамчун ғолиби ҷанг роҳбарии Ғарбро аз Британияи Кабир ба даст овард. Иёлоти Муттахидаи Амрико ҳукми худро дар асоси «як душман» қарор дода, бо мурури замон душманро дигар кард. Дар ин шароит вай дар солҳои «ҷанги сард» Иттиҳоди Шуравиро душман ҳисоб карда, ба сабаби рақобаташ бо Иттиҳоди Шӯравӣ иттифоқчиёни худро ба тарафи худ гузошт. Пас аз анҷоми «ҷанги сард» ва фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ Амрико талош кард, барои худ як душмани дигар пайдо кунад. Дар ин асно ҷомеашинос Ҳантингтон дар китоби «Бархӯрди тамаддунҳо» дар баробари тамаддунҳои дигар исломро ба унвони душмани тамаддуни Ғарб муаррифӣ кардааст. Дар меҳвари ин рисолаҳо вожаҳое чун «терроризми динӣ, терроризми исломӣ, терроризми байналмилалӣ» ба адабиёти сиёсии Ғарб ворид шуда, бо ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 терроризмро «душман» эълон карданд. Дар меҳвари доктринаи Буш дар бораи «ҷанги пешгирикунанда» ва мубориза бо терроризм Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба манотиқи мухталифи ҷаҳон, аз ҷумла Афғонистон ва Ироқ дахолат кард ва 20 сол нерӯҳои худро дар Афғонистон нигоҳ дошт [28].

Дар ҳоле ки ИМА дар мубориза бо терроризм ва дигар масъалаҳои байналмилалӣ банд буд, Чин бо истифода аз «глобализатсияи иқтисод» иқтисоди худро рушд дод. Иқтисод яке аз параметрҳои асосии қудрати миллӣ мебошад. Иқтидори иқтисодӣ асоси қудрати сиёсӣ ва ҳарбӣ мебошад. Иқтидори иқтисодии Чин ба иқтидори ҳарбӣ ва сиёсии он оварда расонд ва ин вазъият Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро ба ташвиши ҷиддӣ овард. Аз замони ҳокимияти Барак Обама Чин оҳиста-оҳиста рақиби иқтисодии Иёлоти Муттаҳида шуд ва Доналд Трамп бар асоси сиёсатҳои нави тиҷорӣ алайҳи Чин ҷанги иқтисодро оғоз кард [20]. Агар ба гуфтаҳои мансабдорони ҳукумати Ҷо Байден ва қарорҳои Шурои олии амнияти ИМА назар андозем, Чин рақиби дараҷаи аввали ИМА маҳсуб мешавад [14].

Ба далели қавитар шудани худ дар муқобили таҳдидҳои Чин ва таваҷҷуҳ ба уқёнус ва Шарқи Дур, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико алайҳи «Толибон» «сиёсати нарм»-ро интихоб кард ва тасмим гирифт, ки ҷангро дар Афғонистон бо «созиш» бо «Толибон» хотима диҳад. Мақсади сиёсати нарми ИМА нисбат ба «Толибон» бар ивази созиш, оштӣ додани «Толибон» бо ҳукумати Афғонистон ва фароҳам овардани имкони «хуруҷи шоиста» барои нируҳои он аз Афғонистон буд.

Вақте ки Доналд Трамп ба қудрат расид, ба «Толибон» музокироти бидуни шарту шароитро пешниҳод кард. Дар ин замина Залмай Халилзод намояндаи вижаи вазорати хориҷаи ИМА дар Афғонистон ва раҳбари ҳайати музокиракунандаи ИМА таъйин шуд. Пас аз ду соли музокироти ҳайратангез байни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва «Толибон» 29 феврали соли 2020 «Созишномаи сулҳи Доҳа» ба имзо расид. Дар

созишномаи Доҳа, Иёлоти Муттаҳида ваъда додааст, ки дар сурати риояи шартҳои муайян Афғонистонро дар тули 14 моҳ тарк мекунад. Дар иваз «Толибон» ваъда додаанд, ки равобитро бо ҳама гурӯҳҳои террористӣ, аз ҷумла бо Ал-Қоида қатъ мекунанд ва ба гурӯҳҳои террористӣ иҷоза нахоҳанд дод, ки хоки Афғонистонро бар зидди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва шариконаш истифода баранд. Дар чаҳорчӯбаи созишномаи Доҳа бо назардошти исбот намудани иродаи нек ва коҳиши фишор болои «Толибон», бояд 5 ҳазор ҷангҷӯи ин гурӯҳ бар ивази 1 ҳазор нерӯҳои афғон аз зиндонҳо раҳо шаванд. Ҳамчунин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амалиёти худро алайҳи мавқеъҳои «Толибон» дар чаҳорчӯбаи тавофуқномаи Доҳа мутаваққиф карда, тасмим гирифтааст то 11 сентябри 2021 бидуни имзои сулҳ миёни ҳукумати Афғонистон ва «Толибон» аз Афғонистон хориҷ шавад [15].

Созишномаи Доҳа дубора ба «Толибон» қонунияти байналмилалӣ дод ва далели он, ки «Толибон» дигар як гурӯҳи террористӣ нест, балки музокиракунандаи қудратмандтарин ҳукумати ҷаҳон Иёлоти Муттаҳида мебошанд. Аз тарафи дигар, ҳукумати Афғонистон дар ин қазия дар раванди музокироти сулҳи Доҳа ба унвони як тарафи дигари музокирот дар канор монд. Ҳатто Халилзод барои хушнудии «Толибон» ҷузъиёти музокиротро бо ҳукумати Афғонистон надод. Нусхаро ба намояндагии мақомоти Афғонистон дод ва пас аз хондани он дубора аз онҳо гирифт [32]. Ин амали Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қонунияти ҳукумати Афғонистонро заиф кард.

Илова бар қонунияти байнулмилалӣ додан, раҳоии 5000 зиндонӣ ва қатъи амалиёти ҳавоӣ алайҳи «Толибон» дар чаҳорчӯбаи созишномаи Доҳа аз ҷониби Амрико мавқеъи ин гурӯҳро дар муқобили ҳукумат қавӣ кардааст. Қабл аз баста шудани созишномаи сулҳ миёни ҳукумати Афғонистон ва «Толибон» Амрико аз хуруҷи бечунучарои худ хабар дод. «Толибон» аз ин фурсат истифода бурда аввал ба ноҳияҳо ва баъдтар ба музофотҳо ҳуҷумҳои худро вусъат дода, шаҳрҳоро пай дар пай ба тасарруфи худ гирифтанд. Фирори Ашраф Ғанӣ заминаи вуруди «Толибон» ба Кобул шуд ва дар натиҷа ин гурӯҳ бори дувум дар Афғонистон ба қудрат расид. Сукути ҳукумати таҳти ҳимояти Амрико дар ҳузури нерӯҳои ин кишвар боиси шикасти сиёсати нарми ИМА шуд ва стратегияи хуруҷи шоиста аз ҷониби Амрико ба «хуруҷи таҳқиромез» табдил ёфт [4].

Бо имзои созишномаи Доҳа бо «Толибон» Иёлоти Муттаҳида ба поёнравии ҷумҳурӣ ва ҳукмронии Ғанӣ дар Афғонистон ишора кард. Ин масъаларо шахсони воломақоми низомии Амрико - вазири дифоъ Ллойд Остин, генерал Марк Милли, сардори штаб, генерал Кеннет Маккензи, сардори Фармондеҳии Марказии Қувваҳои Мусаллаҳи Иёлоти Муттаҳида ошкоро баён карданд ва онҳо ҳатто онро нокомии стратегӣ барои Амрико номиданд. Марк Милли гуфт, «нокомии стратеги»-и Амрико дар Афғонистон натиҷаи тасмимҳои бепарвоёнаи 20 соли ахир аст. Генерал Кеннет Маккензи изҳор доштааст, ки «сукути ҳукумати Афғонистон решаи созишномаи Доҳа буд. Имзои созишномаи Доҳа воқеан ба ҳукумати Афғонистон ва нерӯҳои низомии он таъсири харобиовар расонда». Вазири мудофиаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ллойд Остин дар ин мулоқот изҳор намудааст, ки бо таҳлили Маккензи розӣ аст. Вай илова кардааст, ки тавофуқномаи Доҳа ваъда додааст, ки ҳамлаҳои ҳавоии Амрико алайҳи «Толибон» қатъ хоҳанд шуд. «Ба ин тартиб, «Толибон» қавитар шуданд, амалиёти ҳамлаи худро алайҳи нерӯҳои амниятии Афғонистон пурзӯр карданд ва афғонҳо ҳар ҳафта шумори зиёдеро талаф медоданд» [16; 17].

Хулоса, пас аз 20 соли ҷанг бо «Толибон», Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба хулосае омад, ки наметавонанд «Толибон»-ро дар Афғонистон пурра мағлуб кунад. Ба ин далел, онҳо хуруҷ аз Афғонистонро манофеи худ арзёбӣ карда, дар чаҳорчӯбаи сиёсати нарм қарордоди Доҳаро бо «Толибон» имзо карданд. Дар чаҳорчӯбаи созиши Доҳа, Иёлоти Муттаҳида ваъда дод, ки дар сурати риояи ухдадориҳои ба худ гирифтаи «Толибон», нерӯҳои худро аз Афғонистон хориҷ хоҳад кард. Ҳадафи ИМА дар созиш бо «Толибон» барқарории сулҳ миёни «Толибон»-у ҳукумати Афғонистон ва фароҳам овардани

шароит барои хуруҷи шоиста аз Афғонистон буд. Аз як тараф, созишномаи Доҳа ба «Толибон» қонунияти байналмилалӣ дод, то раҳбарони ин гурӯҳ ба осонӣ ба кишварҳои минтақа сафар кунанд, аз тарафи дигар, раҳоии 5000 зиндонӣ ва қатъи ҳамлаҳои ҳавоӣ ба мавқеъҳои ин гурӯҳ аз сӯи нерӯҳои хориҷӣ дар меҳвари ин тавофуқ «Толибон»-ро дар ин минтақа нерӯманд кардааст. Қабл аз созиши сулҳ миёни ҷонибҳои афғон, ИМА тасмим гирифт, ки то 11 сентябри соли 2021 тамоми нерӯҳояшро аз Афғонистон берун кунад.

«Толибон» ҳукумати Афғонистонро «маъмурияти Кобул» номиданд ва ба далели он ки ҳукуматро лӯхтак хонданд, қабл аз тавофуқи Доҳа бо ин ҳукумат музокира накарданд ва пас аз тавофуқи Доҳа «Толибон» аз музокираи ҷиддӣ бо ҳукумати Афғонистон худдорӣ карданд. Аз нигоҳи «Толибон» музокира маънои таслими қудрат ба ин гурӯҳро бо роҳи осоишта дорад. Вақте ки Амрико тасмим гирифт, ки бидуни қайду шарт хориҷ шавад, «Толибон» ин тасмими Амрикоро як фурсати тиллоӣ арзёбӣ карда, ҳамлаҳои худро шадидтар карданд. Дар натиҷаи ин ҳуҷумҳо онҳо дар қадами аввал ноҳияҳо ва баъдтар музофотҳоро ба дасти худ гирифтанд. Бо истеъфои Амрико ва фирори Муҳаммад Ашраф Ғанӣ, раисҷумҳури Афғонистон, «Толибон» дар ҳузури нерӯҳои хориҷӣ Кобулро ишғол карданд ва худро дар ҷанги 20-сола пирӯз эълон карданд.

«Толибон» бо сабаби пирӯзӣ дар ҷанг бар зидди ИМА, НАТО ва ҳукумати аз ҷониби ИМА дастгиришаванда аз «Толибон»-и солҳои 1990-ум руҳан қавитаранд. Ба ин далел сиёсати дохиливу хориҷии ҳукумати Афғонистон аз ин ба баъд бар асоси ҳадафҳои «Толибон» муайян хоҳад шуд. Дар ҳоли ҳозир дар дохили Афғонистон ба мисли солҳои 1990-ум як нерӯи қавии боздоранда алайҳи «Толибон» вуҷуд надорад, бо ин истилоҳ «Толибон» қудрат ба даст оварда, дар Афғонистон ҳукмрон шуданд.

Барои идомаи қудрати «Толибон» дар Афғонистон чолишҳои зиёде вуҷуд дорад ва ин гурӯҳ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки бо ҳалли ин мушкилот қудрати худро идома диҳад. Яке аз чолишҳои асосӣ ба даст овардани қонунияти байналмилалии қудрати «Толибон» дар ҳокимияти Афғонистон аст, яъне эътирофи давлати «Толибон» ба унвони намояндаи ҳукумати Афғонистон аз ҷониби кишварҳои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ аст. То ҳол ягон ҳукумат ё созмони байналмилалӣ аморати «Толибон»-ро эътироф накардааст. Ҳукуматҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ барои эътирофи аморати «Толибон» шартҳо пешниҳод кардаанд. Таъсиси ҳукумати фарогир, эҳтироми ҳуқуқи башар ва занон, иҷозаи тарки Афғонистон, қатъи равобит ва мубориза бо гурӯҳҳои террористӣ тақозои ҷомеъаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа аз «Толибон» аст.

Дуввумин чолиш, ки ҳукумати «Толибон» рӯ ба рӯ аст, мушкилоти иқтисодӣ аст, ки мардуми Афғонистон бо онҳо сару кор доранд. Иқтисодиёти Афғонистон комилан ба кумаки кишварҳои хориҷӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ вобаста аст. Баъди ба қудрат расидани «Толибон», Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Бонки Ҷаҳонӣ, Сандуқи Байналмилалии Асъор ва аксари кишварҳои аврупоӣ кумакҳои худро ба Афғонистон қатъ кардаанд. Ҳамчунин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пулҳои ҳукумати Афғонистонро бастааст. Аз нигоҳи амалӣ «Толибон» ҳукумати Афғонистонро ташкил медиҳанд ва барои таъмини ниёзҳои аслии мардум масъуланд. Бо гузашти рӯзҳо мардуми Афғонистон фақиртар шуда, «Толибон» барои ҳалли ин мушкил ҳеҷ коре ҳам карда натавонистанд. Мушкилоти иқтисодии Афғонистон замоне ҳал мешавад, ки «Толибон» аз ҷомеаи ҷаҳонӣ кумак бигиранд.

Яке аз мушкилоти фарогири аморати «Толибон» ҳузури фаъоли ДИИШ дар Афғонистон аст. Ҳангоми хуруҷи Амрико аз Афғонистон, ДИИШ дар наздикии фурудгоҳи Кобул, аз ҷумла ба афғонҳо ва ҷангҷӯёни «Толибон» ҳамлаҳои маргталабона анҷом доданд, ки дар натиҷа 13 аскари Амрикоӣ низ кушта ва 17-тои дигарро захмдор карданд. ДИИШ алайҳи ҷангиёни «Толибон» ва шиъа низ ҳамлаҳо анҷом додааст, ки дар натиҷа садҳо нафар кушта шудаанд. Ба далели вазъи бади иқтисодии мардум,

ДИИШ аз ноогоҳӣ ва фақри мардум истифода карда, ҳар рӯз сарбозонро ҷалб мекунад ва нерӯҳояшро тақвият медиҳад.

Масъалаи дигар бархӯрди «Толибон» ба дастовардҳои 20 соли ахир аст. Насли нави Афғонистон бо навгониҳои ҷаҳон ошно шуда, аз ҳуқуқҳои нисбии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бархурдоранд. Ҳамчунин, масъалаи ҳуқуқи занон як паҳлӯи дигари масоили доғи имрӯзаи Афғонистонро ташкил медиҳад. «Толибон» дар солҳои навадум бо тафсири маҳдуди дин ҳуқуқи занонро ба таҳсил, кор ва моликият эътироф намекарданд. Дар 20 соли охир дар чаҳорчӯбаи сиёсати «табъизи мусбӣ - дар ихтиёр гузоштани ҳуқуқи интихоб» занон ҳуқуқи таҳсил, кор ва моликиятро пайдо карданд. Илова бар ин, занон дар вазифаҳои калидӣ, ба ҳайси муовини вазир, муовин, сардори раёсат, адвокат, сафир ва ғайра кор ва фаъолият мекарданд. Яке аз шартҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои эътирофи ҳукумати «Толибон» эҳтироми ҳуқуқи башар ва мақоми зан аст, яъне «Толибон» бояд ҳуқуқи занон ба таҳсил, кор ва моликиятро эътироф кунанд.

«Толибон» баъди тасарруфи Кобул афви умум эълон карданд. Ҳамаи онҳое, ки дар низоми қаблӣ кор мекарданд, авф шуданд. Эълони авфи умум як қадами муҳим буд, аммо ҷанбаи амалиро талаб мекунад. Барои таъмини сулҳи нисбӣ ва назорати иҷрои ин фармон, фароҳам овардани шароити корӣ барои роҳбарону кормандони ҳукумати қаблӣ хеле муҳим аст. «Толибон» бояд ҳама мухолифони худро ба оғӯш гиранд ва ба ҳама фурсати кор дар ҳукумат диҳад. Дар конфронси Бонн «Толибон» даъват шуда, ҳамчун як ҷузъи воқеияти Афғонистон пазируфта шуданд.

Агар ҳукумати «Толибон» барои эътирофи шартҳое, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа ба миён гузоштааст, иқдомоти ҷиддие биандешанд ва кумакҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Афғонистон идома ёбад, имкони таъмини сулҳу амнияти нисбии Афғонистон имконпазир аст. Дар акси ҳол дар баробари талафоти калони инсонӣ, ки бар асари фақру гуруснагӣ ба вуқӯъ пайвастааст, эҳтимоли дубора ба лонаи терроризм табдил ёфтани Афғонистон, ишғол шудан ва дучори ҷанги шаҳрвандии дигар гардидани он низ вуҷуд дорад. Ҳоло дар Афғонистон ҳукмрон «Толибон» ҳастанд ва аз назари фаъолони дохилӣ ва хориҷӣ интихоб дар дасти «Толибон» аст ва онҳо Афғонистонро ба кадом самт мекашида бошанд, вақт муайян хоҳад кард.

**АДАБИЁТ:**

1. Abraham Mahshie. Talks With Taliban Restart as US Worries About Al-Qaeda Threat in Afghanistan https://www.airandspaceforces.com/talks-with-taliban-restart-as-us-worries-about-al-qaeda-threat-in-afghanistan/

2. Afghanistan 20/20: The 20-Year War in 20 Documents // National Security Archive https://nsarchive.gwu.edu/briefing-book/afghanistan/2021-08-19/afghanistan-2020-20-year-war-20-documents

3. Afghanistan's Ghani says 45,000 security personnel killed since 2014 // BBC News https://www.bbc.com/news/world-asia-47005558

4. Ahmad Khan Dawlatyar. The Effect of the USA's Failure/Defeat in Afghanistan on its Hegemony https://www.ankasam.org/the-effect-of-the-usas-failure-defeat-in-afghanistan-on-its-hegemony/?lang=en

5. Amanda M. America has spent $6.4 trillion on wars in the Middle East and Asia since 2001, a new study says https://www.cnbc.com/2019/11/20/us-spent-6point4-trillion-on-middle-east-wars-since-2001-study.html

6. Amin Saikal. The Afghan War: Why the US Lost // RSIS Commentary https://www.rsis.edu.sg/wp-content/uploads/2021/09/CO21140.pdf

7. Amy Forsythe Lt. Special Forces Soldiers help Afghan forces defeat ISIS in eastern Afghanistan // THE ARMY'S VISION AND STRATEGY https://www.army.mil/article/209723/special_forces_soldiers_help_afghan_forces_defeat_isis_in_eastern_afghanistan

8. Briefing With Special Representative for Afghanistan Reconciliation Zalmay Khalilzad https://2017-2021.state.gov/briefing-with-special-representative-for-afghanistan-reconciliation-zalmay-khalilzad/index.html

9. Christopher H., Hank T. The War In Afghanistan Cost America $300 Million Per Day For 20 Years, With Big Bills Yet To Come / https://www.forbes.com/sites/hanktucker/2021/08/16/the-war-in-afghanistan-cost-america-300-million-per-day-for-20-years-with-big-bills-yet-to-come/?sh=756b11957f8d

10. Fazl Ahmed Borgit. Afghanistan Awaiting 2014: The Taliban Organization and New Groups Towards a New Political Process // Center for Middle East Studies, Issue Fifty-Two, Volume Five, pp. 103-90

11. From Arbaki to local police / Afghanistan Independent Human Rights Commission (AIHRC) https://www.aihrc.org.af/media/files/Reports/Research/English/Report%20on%20Afghan%20Local%20Police%20%28Final%20Draft%2C%20English%29.pdf

12. Gilles Dorronsoro. The Taliban's Winning Strategy in Afghanistan https://carnegieendowment.org/files/taliban_winning_strategy.pdf

13. Gretchen Peters. How Opium Profits the Taliban // Peaceworks 62. United States Institute of Peace https://www.usip.org/sites/default/files/resources/taliban_opium_1.pdf

14. Hung Tran. Is the US-China strategic competition a cold war? https://www.atlanticcouncil.org/blogs/new-atlanticist/is-the-us-china-strategic-competition-a-cold-war/

15. Lindsay Maizland. U.S.-Taliban Peace Deal: What to Know // Council on Foreign Relations https://www.cfr.org/backgrounder/us-taliban-peace-deal-agreement-afghanistan-war

16. Mohammad Ikram Andeshmand. Eight political regimes and governments have collapsed in Afghanistan in the last hundred years https://kokchapress.com/author/andishmand/

17. Mohammad Ikram Andishmand, America in Afghanistan. Mayvand Publishing House, Kabul, 2003 https://ru.scribd.com/document/519250713/%D8%A7%D9%85%D8%B1%DB%8C%DA%A9%D8%A7-%D8%AF%D8%B1-%D8%A7%D9%81%D8%BA%D8%A7%D9%86%D8%B3%D8%AA%D8%A7%D9%86-%D9%85%D8%AD%D9%85%D8%AF-%D8%A7%DA%A9%D8%B1%D8%A7%D9%85-%D8%A7%D9%86%D8%AF%DB%8C%D8%B4%D9%85%D9%86%D8%AF

18. Nozar Shafei. «Interpretation of the factors that affect the approval of the strategy of the Trump administration in Afghanistan» International Relations Research Quarterly, twenty-fourth issue, 2016, p. 109-132

19. Peace talks and red lines between the government and the Taliban // The daily afghanistan http://dailyafghanistan.com/opinion_detail.php?post_id

20. Pinelopi K. G. America Should Rethink Its Economic War on China // Project Syndicate https://www.project-syndicate.org/commentary/us-should-rethink-china-export-restrictions-economic-war-by-pinelopi-koujianou-goldberg-2022-11

21. Presidential Elections in Afghanistan — the First Stage Is Complete // Independent Analytical Center For Geopolitical Studies «BORYSFEN INTEL» https://bintel.org.ua/en/nash_archiv/arxiv-regioni/arxiv-blizkij-sxid/arxiv-inshij-vostok/prezidentskie-vybory-v-afganistane/

22. Priyanka Boghani. ISIS is in Afghanistan, But Who Are They Really? https://www.pbs.org/wgbh/frontline/article/isis-is-in-afghanistan-but-who-are-they-really/

23. Rangin Dadfar Spanta. Book Launching of «Afghanistan's Politics: A Narrative from Within» Former National Security Advisor / Foreign Minister of Afghanistan // Afghan Institute for Strategic Studies https://www.aissonline.org/index.php/en

24. Shafiq Ahmad. Who's who in Taliban interim government? https://www.aa.com.tr/en/asia-pacific/whos-who-in-taliban-interim-government/2360424

25. Steve Holland, Doina Chiacu. Trump says U.S. role in Afghanistan has turned into 'ridiculous' police force // WASHINGTON (Reuters) https://www.reuters.com/article/cnews-us-usa-afghanistan-idCAKCN1VA1SK-OCATP
26. Taliban Incapacity and the growing threat of Islamic State-Khorasan Province // Mantraya strategy, innovation and alternatives. https://mantraya.org/analysis-taliban-incapacity-and-the-threat-of-islamic-state-khorasan-province-to-south-asian-security/
27. Terrorist Groups in Afghanistan // Congressional Research Service (CRS) https://sgp.fas.org/crs/row/IF10604.pdf
28. The Bush Doctrine https://carnegieendowment.org/2002/10/07/bush-doctrine-pub-1088
29. United States Institute of Peace. Peacebrief // Forging Afghanistan's National Unity Government https://www.usip.org/sites/default/files/PB183-Forging-Afghanistans-National-Unity-Government.pdf
30. U.S.: Afghan officials derail corruption cases // Washington Post. By Greg Miller and Ernesto Londoто https://www.nbcnews.com/id/wbna37966029
31. Why Do People in Afghanistan Object to Taliban Rule? https://www.institute.global/insights/geopolitics-and-security/why-do-people-afghanistan-object-taliban-rule
32. William Maley, Ahmad Shuja Jamal. Diplomacy of Disaster: The Afghanistan 'Peace Process' and the Taliban Occupation of Kabul https://brill.com/view/journals/hjd/17/1/article-p32_2.xml?language=en
33. Zabihullah J. Afghanistan Has Highest Unemployed Work Force: ILO https://tolonews.com/business/afghanistan-has-highest-unemployed-work-force-ilo

## ФАКТОРЫ ВОЗВРАЩЕНИЯ К ВЛАСТИ ДВИЖЕНИЯ «ТАЛИБАН»

**КУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБИ**
Институт изучения проблем стран Азии и Европы
Тел.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

В статье анализируется причины падения режима в Афганистане в результате возникшего в стране кризиса из-за провала политики, проводимой правительством США и местными афганскими правителями в течение всех последних двадцати лет и прихода к власти движение «Талибан». Стратегия США в Афганистане с самого начала была построена на неверных постулатах – вместо того, чтобы обеспечить равный доступ к административным и экономическим ресурсам представителям всех народов страны, ставка была сделана на обеспечение и защиту лишь одной группы населения - паштунов. Также, США сделали ставку на удовлетворение интересов «Талибан», которые в рамках негласных соглашений получили поддержку США. Немаловажную роль в приходе к власти движения «Талибан» сыграл также внутренний раскол и развал в структуре государственной власти после лжи президентских выборов. В результате, в последние годы в стране назрел «кризис доверия» в отношении к правительству Афганистана и в обществе талибы стали более популярными. Именно этот кризис доверия и позволил талибам в такой короткий срок добиться столь значительных военных успехов и де-факто обеспечить себе приход к власти в Афганистане. С учетом этого в данной статье делается попытка определить и обсудить причины и факторы возвращения талибов к власти.

**Ключевые слова:** Афганистан, США, международные силы, афганское правительство, движение «Талибан», факторы возвращения к власти талибана, мировое сообщество, проблемы «Талибана», перспективы Афганистана.

## FACTORS FOR THE TALIBAN RETURN TO POWER

**KUDRATZODA KOMRON ABDUNABI**
Institute for studying the issues of Asian and European countries
Tel.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

The article analyzes the reasons for the fall of the regime in Afghanistan as a result of the crisis that arose in the country due to the failure of the policy pursued by the US government and local Afghan rulers over the past twenty years and the coming to power of the Taliban movement. From the very beginning, the US strategy in Afghanistan was built on the wrong postulates - instead of providing equal access to administrative and economic resources for representatives of all the peoples of the country, the stake was placed on providing and protecting only one group of the population - the Pashtuns. Also, the United States relied on the satisfaction of the interests of the Taliban, which received US support in the framework of tacit agreements. An important role in the coming to power of the Taliban was also played by an internal split and collapse in the structure of state power after the lies of the presidential elections. As a result, in recent years, a "crisis of confidence" has brewed in the country in relation to the government of Afghanistan, and the Taliban have become more popular in society. It was this crisis of confidence that allowed the Taliban to achieve such significant military successes in such a short period of time and de facto secure their coming to power in Afghanistan. With this in mind, this article attempts to identify and discuss the causes and factors behind the return of the Taliban to power.

**Keywords:** Afghanistan, USA, international forces, Afghan government, «Taliban» movement, factors of "Taliban" regaining power, world community, «Taliban» problems, Afghanistan's prospects

## ТАШАККУЛ ВА ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ АРАБИИ СУРИЯ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

**ЗИЁЕВ СУБҲИДДИН НАСРИЕВИЧ**
мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; тел: +992 92-704-09-08; e-mail: rakesh-23@mail.ru

*Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксари кишварҳои Шарқи Наздик муносибатҳои дипломатӣ дорад ва барои таҳкиму густариши ҳамкориҳо нақшаҳову тарҳҳои навро ба роҳ монда истодааст. Дар аввали истиқлоли сиёсиро ба даст овардан кишвари арабии Сурия Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва дар самтҳои маориф, илм, фарҳанг, сармоягузорӣ ва сайёҳӣ ҳамкориҳоро ба роҳ монд. Баъд аз соли 2010 бо сабаби низоъҳову бесуботии Сурия ва ноороми ин кишвари арабӣ ҳамкориҳои миёни ду кишвар муваққатан боз дошта шуд. Аз соли 2019 ин ҷониб ҳамкориҳо дубора барқарор гардида, ҷиҳати рушди ҳамкориҳо тадбирҳои зарурӣ андешада шуда истодааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Арабии Сурия, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, густариши ҳамкорӣ.*

Пас аз дастёбӣ ба истиқлоли сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати хориҷиашро мустақилона муайян намуд, яъне дар ин давра заминаи ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ гузошта шуданд. Дар ин росто дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои ҷаҳонии ин шахсияти баруманд Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист ҷойгоҳи шоиста ва таърихиеро дар ҷаҳони муосир ва арсаи байналмилалӣ касб намояд. Илова бар ин, ҷумҳурӣ

муносибатҳои дипломатии худро бо аксари кишварҳои Осиёву Аврупо ва дигар минтақаҳои олам аз ҷумла кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик ба роҳ монад.

Аз соли 2007 ба инҷониб дар сиёсати хориҷии мамлакат, хусусан дар самти таҳкимбахшии муносибатҳо бо кишварҳои араб, марҳилаи сифатан нав оғоз ёфт. Табодули сафар миёни роҳбарияти олии Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои араб маҳз дар ҳамин давра сурат гирифта, сафарҳои расмӣ баёнгари ҳусни таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишварҳо дар ростои таҳкимбахшии муносибатҳои гуногунҷанба буда, ҳамзамон заминаи қонунии ҳамкориҳои дуҷонибаро дар бахшҳои мухталиф фароҳам овարданд [3].

Боиси зикр аст, ки дар ҷараёни сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои араб як қатор санаду созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши иқтисодиёт, илм, техника, энергетика, фарҳангу маориф, саёҳат, мубориза муштарак бар зидди ҷинояткорӣ, терроризм ва экстремизм, ҷалбу ташвиқ ва ҳимояи сармоягузории мутақобил ба имзо расиданд [1,5]. Албатта, татбиқи чунин санаду созишномаҳо ба рушди самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба мусоидат менамоянд.

Метавон ишора кард, ки ҳамкориҳои гуногунсоҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Арабии Сурия бо омилҳои ҷанги дохилии ин кишвари араб дар муддати чанд соли охир ба тавқиф гузошта шуд. Аз ин лиҳоз, чунин низоъ ва танишҳо ба вусъати муносибатҳои дипломатии кишварҳо монеа эҷод намуд ва кишвари Сурия низ аз ҷумлаи он кишварҳое буд, ки дар он ҷангҳои вахшиёна сурат гирифт ва як қатор ёдгориҳои таърихӣ ва бостонии ин сарзамини мутамаддин аз ҷониби ҷангиёни ДОИШ вайрону валангор гардиданд ва ҳатто аз байн ҳам рафтанд.

Ҷумҳурии Арабии Сурия истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро 21 декабри соли 1991 ба расмият шинохт ва 29 марти соли 1992 байни ду кишвар муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд.

Рӯзҳои 7-10 феврали соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Арабии Сурия сафари расмӣ анҷом дод, ки ба раванди робитаҳои ҳамкории ду кишвар такони ҷиддӣ бахшид. Натиҷаи ин сафар ба он асос меёбад, ки зимни он 8 санади ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Сурия ба имзо расид, ки инҳо аз ёддошти тафоҳум байни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди палатаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Арабии Сурия; созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг; ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот; ёддошти тафоҳум дар бораи машваратҳои дуҷониба байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арабии Сурия; ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф; созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва илмию техникӣ; созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ; созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм мебошанд. Бо назардошти ин, метавон зикр кард, ки Тоҷикистон ва Сурия имконоти хуби густариши ҳамкориҳои мутақобила доранд, ки ин робитаҳо бо амалишавии ин созишномаҳои тарафайн ҷараёни тоза касб менамоянд.

Рӯзҳои 18 – 20 майи соли 2010 Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арабии Сурия Валид ал-Муаллим барои иштирок дар Ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, мулоқоти ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир гардид [6].

Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Арабии Сурия, ки яке аз давлатҳои бонуфузи мусулмонӣ аст, равобити деринаи сиёсӣ ва тиҷоратию фарҳангӣ ба ҳам

мепайванданд. Омодагии ҷиддии ҷониби Сурия ба сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов аз лаҳзаҳои аввали оғози он хуб эҳсос мегардид. Дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Димишқ - пойтахти ин кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмоноврo Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арабии Сурия Валид ал-Муаллим, намояндагони гурӯҳи кории ҳайати Тоҷикистон ва дигар ашхоси расмӣ дар фазои тантанавӣ ва бо иштироки горди фахрӣ ва бо шиору навиштаҷоти дӯстона истиқбол гирифтанд [7].

Ба Ёддошти тафоҳум дар бораи машваратҳои дуҷониба байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арабии Сурия Вазири корҳои хориҷии вақти Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифов ва Вазири корҳои хориҷии Сурия Валид ал-Муаллим имзо гузоштанд. Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз ҷониби Вазири вақти маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонов ва Вазири вақти таълимоти олии Ҷумҳурии Арабии Сурия Ғиёс Баракот ба имзо расид. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва илмию техникӣ ва ҳамчунин Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ аз ҷониби Вазири ҳамонвақтаи рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Ғуломҷон Бобоев ва Вазири ҳамонвақтаи иқтисод ва тиҷорати Сурия Омир Ҳуснӣ Лутфӣ ба имзо расиданд. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризмро Вазири вақти корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарипов ва Вазири туризми Сурия Саъдулло Оғо ал-Қалъа имзо намуданд.

Инчунин ёддошти тафоҳум байни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди палатаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Арабии Сурия аз ҷониби Раиси онвақтаи Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Саидов ва Раиси ҳамонвақтаи Иттиҳоди палатаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Арабии Сурия Ротиб аш-Шаллоҳ ба имзо расид. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳангро Вазири пешини фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзошоҳрух Асроров ва Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Арабии Сурия доктор Ниёз-Наъсон-Ого имзо намуданд.

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Сурия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоотро Вазири вақти корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарипов ва Вазири иттилооти Сурия доктор Муҳсин Билол имзо намуданд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ва Иёд Ғазол - губернатори вилояти Ҳимс, ки Тадмур дар ҳудуди он қарор дорад, зимни суҳбати самарабахш ба мувофиқа омаданд, ки шаҳрҳои Кӯлоби Тоҷикистон ва Тадмури Сурия бародаршаҳр эълон карда шаванд [7].

Зимни сафари расмӣ дар соли 2010 Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар қароргоҳи муваққатии худ дар шаҳри Димишқ бо донишҷӯёни тоҷик, ки дар донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Арабии Сурия таҳсили илм мекунанд, мулоқоти судбахш анҷом дод. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон онҳоро бо сиёсати имрӯзаи Ҳукумати мамлакат, ки ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардуми кишвар равона гаштааст, ошно намуда, ҷавононро ба омӯзиши амиқи илмҳои зарурии муосир ҳидоят намуд. Ӯ ҳамчунин таъкид дошт, ки сафари нахустини расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Арабии Сурия баҳри таҳкиму густариши ҳамкориҳои барои ҳарду кишвар манфиатбахш ва таъмини шароити мусоиди илмомӯзии ҷавонони тоҷик дар Сурия заминаи мусоид фароҳам меорад. Пешниҳоди донишҷӯёни тоҷик дар бораи муҳайё намудани шароити беҳтари омӯзиши улум, забони арабӣ ва дигар забонҳо дар Тоҷикистон ба хотири он, ки ҷавонони мо ба хориҷа танҳо барои аз худ кардани

ихтисосҳои гуногуни дунявӣ сафар кунанд, аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон хуш пазируфта шуд, чунки маҳз ҳамин гуна сиёсатро давлати Тоҷикистон имрӯзҳо амалӣ мекунад.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин ба суолҳои сершумори донишҷӯён посух дода, барои муҳайё намудани шароити беҳтари зист ва омӯзиши онҳо дар Сурия ва ҳамчунин таъмини робитаи доимӣ бо Ватан ба шахсони дахлдори давлати Тоҷикистон, ки дар ин мулоқот ширкат доштанд, дастуру супоришҳои мушаххас доданд. Эмомалӣ Раҳмон бо ин бори дигар собит намуданд, ки ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ва кулли ҳамватанони бурунмарзӣ пайваста зери назар ва ғамхории давлати Тоҷикистон қарор мегиранд. Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2010 муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Арабии Сурия ба роҳ монда шуда, беш аз 50 нафар ҷавонони тоҷик дар ин кишвари арабӣ аз рӯйи ихтисосҳои гуногун таҳсили илм мекарданд.

Бо таъсири абарқудратҳо қариб як даҳсола Ҷумҳурии Арабии Сурия дар гирдоби ҷанг печида шуда буд ва қариб як даҳсола, яъне то соли 2019 Ҷумҳурии Тоҷикистон натавонист ҳамкориҳояшро бо Сурия ба роҳ монад.

Марҳилаи нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Сурия ба роҳ монда шуда, 2 октябри соли 2019 дар шаҳри Димишқ мулоқоти Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Кувайт Зубайдзода Зубайдулло бо Муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арабии Сурия Файсал ал-Миқдод бо ҳузури Сардори котиботи ӯ, Сардорони раёсатҳои Осиё, консулӣ, ташрифот ва созмонҳои байналмилалии Вазорати корҳои хориҷии он кишвар баргузор гардид.

Бояд ёдовар шуд, ки дар давоми солҳои ҷангу кашмакашиҳои дохилии Ҷумҳурии Арабии Сурия ҳазорон шаҳрвандони аз худ ногоҳи тоҷик ба сафи ҷангиёни ДОИШ пайвастанд ва ҷони худ ва хонаводаи худро зери хатар гузоштанд ва садҳо нафар аз тоҷикон дар ин ҷангҳо ҷони худро аз даст доданд ва зумрае аз ин ҷангиён, ки бо баҳонаи “ҷиҳод” ба сарзамини Сурия рафта буданд, ҳамроҳи худ зану фарзандони худро бурда буданд, ки то имрӯз тақдири бархе аз онҳо ноаён мондааст ва сарсону саргардон дар ин кишвари арабӣ овора ҳастанд.

Мавзӯи меҳварии мулоқоти фавқуззикр масъалаи муайян намудани шахсияту шумораи шаҳрвандони мо дар он кишвар, роҳҳои баргардонидани онҳо ба Ватан буда, ҳамчунин густариши ҳамкориҳои дуҷониба миёни ду кишвар дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла мубориза бо терроризму экстремизм бо дарназардошти таҷрибаи фаровони он кишвар дар ин самт мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифта, атрофи вазъияти минтақаи Ховари Миёна табодули афкор сурат гирифт [5].

Дар таърихи 21-23 майи соли 2019 сафари кории Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Кувайт Зубайдзода Зубайдулло ба шаҳри Димишқ сурат гирифт. Дар доираи сафар санаи 22 майи соли 2019 дар бинои Вазорати корҳои хориҷии он кишвар мулоқоти Сафир бо Муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арабии Сурия Файсал ал-Миқдод баргузор гардид.

Сафир номаи Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддинро ба унвони Вазири корҳои хориҷӣ ва муҳоҷирини Ҷумҳурии Арабии Сурия Валид ал-Муаллим ҷиҳати тақвият ва таҳкими муносибатҳои дуҷониба супорид.

Ҷонибҳо бар зарурати табодули сафарҳои расмӣ дар сатҳҳои мухталиф ва баргузории Машваратҳои сиёсӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар дар давоми соли 2019 таъкид карданд [4].

Дар заминаи ҳамкориҳои судманд дар таърихи 16 майи 2019 дар Душанбе дар остонаи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир ва ҷинояткории муташаккил” муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хусрав Нозирӣ роҳбари ҳайати Ҷумҳурии Арабии Сурия, Сафири Фавқулода ва Мухтори он кишвар дар Теҳрон Аднон

Маҳмудро ба ҳузур пазируфт. Дар он мулоқот масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногун ва мавзӯъҳои дигари мавриди эҳтимоми муштарак баррасӣ гардиданд.

Роҳбари ҳайати Сурия бо ишора ба сатҳи баланди баргузории Конфронси Душанбе ва нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар муборизаи байналмилалӣ бо терроризм таъкид намуд [2].

Ҳамин тариқ, ба тариқи хулоса метавон зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд, аз ин ба пас ҳамкориҳои худро бо ин кишвари арабии Сурия ҳарчи мустаҳкамтар ба роҳ монад ва ба ин восита метавон фарҳангу тамаддуни ғании халқи тоҷикро дар миёни ақвоми Шарқ, махсус мардуми Сурия муаррифӣ намояд. Дигар ин ки Ҷумҳурии Арабии Сурия, ки айни замон дар ҳолати бозсозӣ қарор дорад, Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд ба ҳар васила ҳамкориҳои худро дар самтҳои илму маориф, фарҳанг, иқтисдиёт ва варзиш бо ин кишвари арабӣ ба роҳ монад, то тавонад ба ин восита ҷойгоҳи худро дар таҳкими муносибаиҳои байналхалқӣ боло барад.

Дар хусуси дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Сурия дар соҳаҳои гуногуни дипломатӣ, иқтисодӣ аз ҷумла гуманитарӣ метавон зикр кард, ки ин ҳамкориҳо вусъатёбанда буда, фарогири манфиатҳои ҳар ду кишваранд. Дар доираи сиёсати хориҷии ҷонибҳо самтҳои зеринро метавонад тақвият ёбанд:

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштарак дар намуди коммисияи байниҳукуматӣ доир ба масоили ҳамкорӣ дар самтҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ;
- тақвияти ҳамкориҳо дар самти илм ва маориф;
-сафарҳои таҷрибаомӯзӣ барои олимон, омӯзгорон ва дошиҷӯён;
- барои омӯзиши услуб ва назари илмии донишмандон ва коршиносони кишвари Сурия дар самти омӯзиши масоили кишварҳо, ташкили курсҳои кутоҳмуддат дар заминаи донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ-пажӯҳишии Сурия ва мубодилаи таҷрибаи илмӣ бо ходимони илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**АДАБИЁТ:**


1. Давлятов З.Қ. Тоҷикистон ва шоҳигариҳои арабӣ: ҳамкорӣ ва дурнамо. (Таҷрибаи таҳлилӣ ва иҷтимоию сиёсӣ). Душанбе. – 2018. С. – 5.
2. Дидори Муовинии якуми вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо роҳбари ҳайати Сурия, https://mfa.tj/tg/main/view/4082/didori-muovinii-yakumi-vaziri-korhoi-khorijii-tojikiston-bo-rohbari-haiati-suriya? 16.05.2019 16:38
3. Қаландарзода С. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Аморори Муттаҳидаи Араб дар соҳаҳои илму маориф ва фарҳанг. Сешанбе, Авг 24 2021 osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/1206-munosibat-oi-um-urii-to-ikiston-va-amoroti-mutta-idai-arab-dar-so-a-oi-ilmu-maorif-va-far-ang
4. Мулоқоти Сафир бо Муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арабии Сурия, https://mfa.tj/tg/main/view/4128/muloqoti-safir-bo-muovini-avvali-vaziri-korhoi-khorijii-jumhurii-arabii-suriya? 24.05.2019 12:26
5. Мулоқоти Сафир бо Муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Арабии Сурия, https://mfa.tj/tg/main/view/4993/muloqoti-safir-bo-muovini-avvali-vaziri-korhoi-khorijii-jumhurii-arabii-suriya? 05.10.2019 16:05
6. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Сурия, 01.03.2013 10:10 https://mfa.tj/tg/main/view/1088/munosibathoi-tojikiston-bo-suriya
7. President.tj – якчанд саҳифа аз ҳамин сирчашма
8. www. google.com

# СТАНОВЛЕНИЕ И РАСШИРЕНИЕ ВЗАИМНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И СИРИЙСКОЙ АРАБСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

**ЗИЁЕВ СУБХИДДИН НАСРИЕВИЧ**
заведующий отделом Среднего и Ближнего Востока Азии Института Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана; тел: +992 927-04-09-08; e-mail: rakesh-23@mail.ru

*Статья посвящена взаимного сотрудничество между Республики Таджикистан и Сирийской Арабской Республикой в годы независимости. Республика Таджикистан имеет дипломатические отношения с большинством стран Ближнего Востока и реализует новые планы и проекты по укреплению и расширению сотрудничества. В начале обретения политической независимости арабская страна Сирия официально признала Таджикистан и наладила сотрудничество в сферах образования, науки, культуры, инвестиций и туризма. После 2010 года сотрудничество двух стран было временно приостановлено из-за конфликтов и нестабильности Сирии и волнений в этой арабской стране. С 2019 года сотрудничество по этой стороне восстановлено, и принимаются необходимые меры для развития сотрудничества.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Сирийская Арабская Республика, международные отношения, внешняя политика, расширение сотрудничества.*

# FORMATION AND EXPANSION OF MUTUAL COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE SYRIAN ARAB REPUBLIC IN THE YEARS OF INDEPENDENCE

**ZIYOEV SUBHIDDIN NASRIEVICH**
Head of Department for Middle East and Near Orient, The Institute of Asia and Europe of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan; tel: +992 927-04-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru

*The Republic of Tajikistan has diplomatic relations with most countries of the Middle East and is implementing new plans and projects to strengthen and expand cooperation. At the beginning of gaining political independence, the Arab country of Syria officially recognized Tajikistan and established cooperation in the fields of education, science, culture, investment and tourism. After 2010, cooperation between the two countries was temporarily suspended due to conflicts and instability in Syria and unrest in this Arab country. Since 2019, cooperation on this side has been restored, and the necessary measures are being taken to develop cooperation.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, Syrian Arab Republic, international relations, foreign policy, expansion of cooperation.*

# ДАСТОВАРДҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА ДИПЛОМАТИЯ ТОҶИКИСТОН ДАР 30- СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатияи ва сиёсати хориҷии ҶТ ДМТ. Телефон: (+992) 988-50-10-11; email: amrsharif@mail.ru

**МИРЗОЕВ ҲАБИБҶОН ТАБРИКҶОНОВИЧ**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Республика Таджикистан, г. Душанбе пр. Рудаки 17.Тел. 933-60-94-94. E –mail: Diplomat.tj94@mail.ru

*Дар мақола масъалаи дастовардҳои сисолаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Маълум аст, ки дар шароити мураккаби муносибатҳои байналхалқӣ дуруст муайян намудани самти сиёсати хориҷӣ яке аз ҷанбаҳои асосии дарёфти ҷойгоҳи шоиста дар саҳнаи байналхалқӣ ба шумор меравад, ки заминаи асосии муваффақият ва дастовардҳо мебошад. Дар мақола нақши Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи тоҷик инъикос гардидааст. Дар заминаи ин қайд мегардад, ки эътирофи кишвар дар саҳнаи ҷаҳонӣ маҳз бо шарофати сиёсати воқеъбинонаи хориҷӣ ба даст омадааст, ки асоси сиёсати дарҳои бозро ташкил менамояд. Инчунин, дар мақола зарурати ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва дастёбӣ ба дастовардҳои нави сиёсати хориҷӣ таъкид гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои байналхалқӣ, Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, Пешвои миллат, истиқрори сулҳ, хадамоти дипломатӣ, дипломатияи фарҳангӣ, вазорати корҳои хориҷӣ.*

Сиёсати хориҷӣ ин ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар ба манфиати кишвари худ: самти умумии кишвар дар умури байналхалқӣ ба шумор меравад. Сиёсати хориҷӣ равобити кишвари мазкурро бо кишвар ва халқҳои дигар мутобиқи асл ва ҳадафҳои он танзим менамояд, ки тавассути истифодаи усул ва василаҳои мухталиф ба даст меояд. Воситаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ дипломатия маҳсуб мегардад.

Сиёсати хориҷӣ бо сиёсати дохилӣ алоқамандии зич дорад [1].

Сиёсати хориҷии ин ё он кишвар принсипҳои асосии сиёсати байналхалқии давлатро муаррифӣ менамояд, ки аз ҷониби вазорати корҳои хориҷӣ (ё идораи мутаносиби сиёсати хориҷӣ) ба таври мушаххас ва амалӣ татбиқ гардида, ҳадафи инъикоси манфиатҳои миллиро дорад.

Мавзуи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ аслан манфиатҳои миллии давлат мебошанд, ки алоқаи наздики онҳоро исбот месозад [7].

Ҳамагон медонанд, ки ҳадафи ниҳоии ҳар як сиёсати давлатӣ – ҳифзи манфиатҳои миллии давлат мебошад. Аз ин рӯ сиёсатшиносони воқеӣ бояд дар миқёси давлатӣ тавозуни одилона ва оқилонаи манфитаҳои гуногунҷонибаи давлатҳоро ёбанд [4. С. 119].

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баҳри таъмини манфиатҳои миллӣ, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон дар хориҷи кишвар ва муаррифии давлати тоҷикон дар саҳнаи байналхалқӣ равона гардидааст. Бояд таъкид намуд, ки дар тули сӣ соли истиқлолият сиёсати хориҷии кишвари мо марҳилаҳои ташаккул, рушд ва таҳаввулро сипарӣ намудааст, ки бо сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқаманд мебошад. Тайи ин муддат дар самти сиёсати хориҷӣ ва дипломатия тоҷикон ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд, ки дар таърихи халқи мо назир надоранд.

Агар мо хоҳем, ки дастовардҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи халқи тоҷикро дар даврони истиқлолият баррасӣ намоем, пас метавонем ба чунин натиҷагирӣ расида бошем:

Дастоварди якум - Касб ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ дар шароити мураккаби шиддати муносибатҳои байналхалқӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва осебпазириии кишварҳои миллӣ арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолор ва куҳанбунёди тоҷик ба шумор меравад. Дар воқеъ, дастёбӣ ба ин неъмати волотарин, ки барои ҳар як халқу миллат азизу муътабар аст, як сарчашмаи бебаҳоест, ки тамоми равандҳои дигари ҳаёти давлату миллатҳоро муайян месозад. Имрӯз дар саҳнаи ҷаҳонӣ халқу миллатҳое мавҷуданд, ки таърихи бою куҳан дошта, барои касби истиқлолият садсолаҳо мубориза мебаранд, вале аз ин неъмати илоҳӣ бархурдор нестанд. Аз ин рӯ, мебояд ба қадри истиқлолияти давлатӣ расида, тамоми кӯшиш ва талоши худро барои ҳифзи ин неъмати воло равона намоем;

Дастоварди дуюм - Эътироф дар саҳнаи муносибатҳои байналмилалӣ ва дарёфти ҷойгоҳи хосса дар он. Миллати тоҷик ба шарофати соҳибистиқлолӣ дар саҳнаи ҷаҳонӣ ба сифати иштирокчии комилҳуқуқ фаъолият намуда, орзуву ормони ҳазорсолаи халқашро амалӣ менамояд. Замони дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шудани Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, узвият ба Созмони Милали Муттаҳид, ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистонро 192 давлати дунё чун кишвари соҳибистиқлол расман эътироф кардааст [3. С. 16]. Ворид шудан ба саҳнаи ҷаҳонӣ аз Муроҷиатномаи аввалини Сарвари давлат ба мардуми шарифи Тоҷикистон [5. С. 6] маншаъ гирифта, ҳадафҳои дар он муайяншуда пайгирона ва тадриҷан амалӣ мегарданд. Зиёда аз он Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 зимни баромади нахустин аз минбари Созмони Милали Муттаҳид, ҷомеаи ҷаҳониро бо ҳадафи сиёсии сулҳҷӯёна ва таҳкиму тақвияти ҳамкорӣ бо кишварҳои дӯсту сулҳпарвари ҷаҳон ошно намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани асноди робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади хотимавии Ҳелсинки, Баёнияи Париж ва дигар санадҳо зербинои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро бунёд намуда, эълон кард, ки инсон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онро, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, мазҳабӣ, нажодӣ ва ҷинсӣ арзиши олӣ мешуморад [2]. Маҳз ин арзишҳо заминаи рушди сиёсати хориҷии кишвар ва эътирофи он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дастоварди сеюм - Истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ. Яке аз омилҳои асосии хотима ёфтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Сарвари давлат мебошад, ки истиқрори сулҳ, баргардонидани гурезаҳо ва таҳкими ваҳдати миллииро ҳамчун ҳадафҳои олӣ қарор дода буд. Дар раванди татбиқи ин ҳадафҳои олӣ сарвари давлат иродаи қавӣ, мардонагӣ, ҷасорати бемаҳдуд ва дурандеширо ба хотири миллат нишон дод. Ҳамагон медонанд, ки зимни музокироти байни тоҷикон таҳдиду суиқасдҳои зиёд аз дохилу хориҷ, хатари табдили кишвар ба майдони рақобати мансабталошон ва бозингарони минтақавию ҷаҳонӣ возеҳ буд. Устуворӣ ва қатъият новобаста аз душмании рӯйрости қувваҳои дохиливу хориҷӣ, мулоқоту вохӯрӣ бо роҳбари мухолифин дар Кобулу Хусдеҳ, гузашт ба хотири миллат аз нотакрории шахсияти Пешвои тоҷикони ҷаҳон шаҳодат медиҳад [8. С. 293]. Имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар бобати ҳалли мусолиматомези низоъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба сарвати илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ мубаддал шудааст [2]. Ҳамчун нишони эътирофи ин заҳматҳо раёсати ҷаласаи 54-уми Маҷмааи Умумии СММ ба зиммаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон вогузор гардид [9. С. 85].

Дастоварди чорум - Интихоби дуруст ва пешбурди сиёсати хориҷии "дарҳои боз", ки расман аз 31 декабри соли 2002 эълон гардидааст. Зарурати эъломи он бо омилҳои зерин алоқаманд буданд: -мавқеи муҳимми стратегии кишвар, ки яке аз нуктаҳои калидии фазои Осиёи Марказиро дар бар гирифта, баъди оғози амалиёти байналхалқии зиддитеррористӣ дар Афғонистон мақоми хосса касб менамояд; - зарурати ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ дар шароити мураккаби муносибатҳои байналхалқӣ, умқи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва зуҳури хатарҳои муосири ҷаҳонӣ; - инъикоси арзишҳои фарҳангию таърихӣ ва суннатии халқи тоҷик яъне дӯстӣ ва ҳусни ҳамсоягӣ дар сиёсати хориҷии кишвар; - нигоҳ доштани тавозун дар самти афзалияти самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар;- ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ барои эҳёи иқтисоди кишвар ва татбиқи ислоҳот дар самти рушди ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон. Ба шарофати сиёсати «дарҳои кушода», ки ҷавҳари сиёсати хориҷии кишварро ташкил медиҳад, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо аксари давлатҳои дунё муносибатҳои нек ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро дар соҳаҳои мухталиф ба роҳ монда, тақвият бахшад. Натиҷаи ин сиёсати воқеъбинона дар истиқрори муносибатҳои дипломатӣ бо 179 кишвари ҷаҳон, ифтитоҳи қариб 50 намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва дар назди созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ифтитоҳи беш аз 30 намояндагиҳои дипломатии кишварҳои

хориҷӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар Тоҷикистон[6], мубодилаи ҳамасолаи молу маҳсулот бо 100 кишвари ҷаҳонӣ (нисбат ба соли 1991 тақрибан 35 маротиба афзоиш ёфтани гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ, ки бо арзи хориҷӣ ҳисоб шудааст) ва аз ҳама муҳим ироаи ташаббусҳои байнамилалӣ ба хусус дар масъалаи об, ҳамкорӣ дар соҳаи он ва табдили он ба омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ инъикос меёбад. Тоҷикистон бо истифода аз асли сиёсати «дарҳои боз» ва бисёрсамтӣ робитаи худро бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷанубу Шарқи Осиё, кишварҳои арабӣ, олами ислом густариш дода, аз имконият ва мавридҳои муносибе, ки имрӯз ва дар оянда пеш хоҳанд омад, ба манфиатҳои миллии хеш истифода мебарад [2].

Ба шарофати ин сиёсат Тоҷикистон мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ мустаҳкам сохта, бо назардошти манфиатҳои миллӣ тавозуни муносибат ва манфиатҳои худро таъмин кард. Сиёсати “дарҳои боз” меҳвари сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҷассум мекунад.

Зиёда аз он ба макони баргузории чорабиниҳои сатҳи минтақавию байналмилалӣ табдил ёфтани пойтахти кишвар ва ҳамчун бренди миллии Тоҷикистон дар чорабиниҳои байналмилалӣ эътирофи ҷаҳонӣ касб намудани “Раванди Душанбе” [6]; натиҷаҳои дигари сиёсати дарҳои боз бо сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат ба шумор меравад.

Дастоварди панҷум - Ташаккули хадамоти дипломатии касбӣ дар кишвар. Анъанаҳои давлатдорӣ, сиёсати хориҷӣ ва дипломатия, тартиби фиристодани расул, таҷрибаи сулҳ ва миёнаравӣ ҳамоҳанги таърихи ташаккули халқи тоҷик буданд. Вале бунёди хадамоти дипломатӣ ҳамчун инъикоси механизми татбиқи ҳадафҳои миллии тоҷикон, инъикоси мустақилияти сиёсӣ ва фароҳам овардани шароити рушди дохилӣ танҳо бо касби истиқлолияти давлатӣ ба даст омад. Муваффақияти сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи тоҷик, пеш аз ҳама, маҳорати барномарезӣ ва дурандешии сарвари он, анъанаҳои давлатдорӣ, арзишҳои фарҳангию маънавӣ ва касбияти кормандони хадамоти дипломатӣ вобаста мебошад. Маҳз дар зимни ташаккули ин мактаби дипломатӣ чунин дипломатҳои забардаст, аз қабили Эмомалӣ Раҳмон, Талбак Назаров, Рашид Олимов ва дигарон ба саҳна омаданд, ки бо маҳорати дипломатӣ ва хусусиятҳои фардӣ намунаи дипломатияи муваффақ дар ҷаҳон эътироф шудаанд. Яке аз заминаҳои устувори рушди хадамоти дипломатии тоҷик дар даврони истиқлол ин эътироф ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар самти пешбурди сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатии Тоҷикистон мебошад. Ҳамроҳ шудан ба Эъломияҳои байналхалқӣ дар самти равобити дипломатӣ ва консулӣ, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» (солҳои 2002, 2014 ва бо тағйироти нав дар соли 2019) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2001, 2013 ва 2016) дар таҳрири нав қабул гардиданд. Барои тақвияти заминаи меъёриву ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ 27 январи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №332 Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он бо дарназардошти таҳаввулоту тағйироти дар арсаи байналмилалӣ бавуҷудомада, ҳадафу мақсадҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар муайян карда шудаанд [3. С. 17]. Аз ҷониби дигар, бинобар возеҳ гаштани нақши иқтисод ва тиҷорат дар сохтори Вазорати корҳои хориҷии кишвар Раёсати иқтисодӣ ташкил шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №657, аз 30.12.2019 дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №593, аз 26.12.2006 “Дар бораи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шуд. Инчунин, вобаста ба намояндагони тиҷоратии ҶТ дар хориҷи кишвар қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 қабул гардид, ки махсусиятҳои муосири рушди касбӣ-соҳавии анвои гуногуни хадамоти дипломатӣ ва заминаи ҳуқуқии рушди онро инъикос менамоянд.

Дастоварди шашуми дипломатҳои тоҷик ин эъломи 29 сентябр ба унвони “Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ” дар Тоҷикистон мебошад, ки далели нуфузи соҳа, эътирофи он дар низоми хизмати давлатии кишвар мебошад [10. С. 14]. Дар баробари ин, хадамоти консулӣ ҳачун ҷузъи таркибии хизмати дипломатӣ рушд намуда, инкишофи он дар заминаи узвият ба Эъломияи Венагӣ оид ба раовбити консулӣ, қабули Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон - аз 30 июли соли 1998 ва таҳаввули хизмати консулӣ бо роҳандозии шабакаи электронии фарогири масоили додугирифти раводид ва рафтуомади шаҳрвандон, аз ҷумла шаҳрвандони хориҷӣ пайгирона ба назар мерасад. Ҳамчунин, дар ин радиф барномаи судури раводиди электронӣ (e-visa) ба кор андохта шуд, ки айни замон шаҳрвандони зиёда аз 80 кишвари дунё метавонанд аз он истифода кунанд. Ин иқдом дар ташаккули имиҷи мусбати кишвар ва рушди соҳаи сайёҳии давлат нақши бузург дорад [3. С. 18].

Дастоварди ҳафтум ташаккул ва рушди дипломатияи фарҳангӣ мебошад. Дар зимни ташаккули дипломатияи касбии тоҷик, нақши ҷанбаи фарҳангии он возеҳ мегардад. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва густариши арзишҳои ғарбӣ яке аз вазифаҳои асосии кишварҳои миллӣ – ҳифзи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ ба шумор меравад. Дар ин қарина дипломатияи фарҳангии тоҷик бо сарварии Пешвои миллат бо муаррифии мероси адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ, бузургдошти доимии чеҳраҳои мондагор ва фарзандони барӯманди миллат ва таърихи қадимаи миллати тоҷик дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Ин дастовардҳои мардуми тоҷик аз ҷониби ниҳоди бонуфузтарини ҷаҳонӣ дар самти илм, маориф ва фарҳанг ЮНЕСКО эътироф шуда, ба Феҳристи Мероси фарҳангии умумибашарии он ворид гардиданд. Дар ин радиф, ворид шудани Саразм (соли 2010), Боғи миллии Тоҷикистон (соли 2013), ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил гардидани «Шашмақом» (соли 2008), Наврӯз (соли 2010), “Оши палав” (2016) ва “Чакан” (соли 2018), “Фалак” (соли 2021) бо қарорҳои ЮНЕСКО арҷгузорӣ намудани як қатор шахсиятҳои фарҳангии тоҷикон ва рӯйдодҳои таърихии миллат далели ҷавҳари фарҳангии миллати тоҷик, моҳияти сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи он маҳсуб мегардад.

Дастоварди ҳаштуми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ва густариши робитаҳо бо сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин, созмонҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Дар даврони истиқлолият Тоҷикистон ба узвияти 57 созмони минтақавию байналхалқӣ пазируфта шуда, яке аз муассисони Иттиҳоди далватҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Хазинаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал, ва Раванди Истамбул ба шумор меравад. Табдили шаҳри Душанбе ба маркази баррасии масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ, раисии бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ироаи ташаббусҳои муҳим дар самти пешгирии хатарҳои муосир, эҷоди камарбанди амниятӣ дар атрофи Афғонистон, баргузории ҳамоишҳои илмиву амалӣ дар самти мубориза бо падидаҳои номатлуби муосир далели эътирофи кишвар ба ҳайси муайянкунандаи мавзӯи рӯз дар самти мубориза алайҳи хатарҳои муосир ва меҳвари афкори байналмилалӣ дар ин самт аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дастоварди нуҳум ин ташаккули сатҳи нави ҳамкорӣ - шарикии стратегӣ мебошад, ки аз самаранокии сиёсати хориҷии кишвар ва дипломатии мо дарак медиҳад. Ташаккули тадриҷии муносибатҳо бо кишварҳои дӯст ва ҳамсояи заминаи ба сатҳи стратегӣ расидани шарокати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Туркманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Беларус гардиданд, ки аз оғози марҳилаи нави сифатӣ дар самти таҳкими муносибатҳои мутақобила ва сиёсати дӯстона бо ин давлатҳо шаҳодат медиҳад. Дар ин радиф як нукта боиси тазаккур аст, ки маҳз сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат дар муносибат бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки аз Муроҷиатномаи аввалин ба мардуми шарифи Тоҷикистон ибтидо ёфта, тадриҷан дар

асноди дучониба ва меъёрӣ –ҳуқуқии кишвар дар қиболи Консепсияҳои сиёсати хориҷӣ ва Паёмҳои солона ифода меёфт, изҳори анъанаҳои ҳамсоягӣ ва камоли инсонӣ зимни вафоти аввалин Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов, ширкат дар маросими такфини ӯ аз суннатҳои неки мардуми тоҷик шаҳодат медод, ки минбаъд заминаи то сатҳи стратегӣ расидани ҳамкориҳои ду кишвари дӯсту ҳамсоя гардиданд.

Дастоварди ниҳоӣ ин оромӣ, субот ва амнияти фарогир дар шароити тағйиротҳои бунёдӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ бо ивазшавии усулҳои рақобати абарқудратон ва минтақаҳои геополитикӣ; - зуҳури ғояҳои нави ифротӣ ва иртиҷоӣ, аз қабили ифротгароии динӣ, миллатгароии нав (неофашизм) ва осебпазирии давлатҳои миллӣ, терроризми дорои инфрасохтори давлатӣ ва худкифо (аз раванди ҷаҳонишавӣ бештар созмонҳои ғайридавлатӣ ва террористӣ истифода бурда, мутобиқ шудаанд); - таъсири манфии хатарҳои иттилоотӣ (шустушӯйи мағзҳо, ҷалби ҷавонон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ ва паҳн намудани ғояҳои ифротии динӣ) ба шумор меравад. Тавре маълум аст, ташкили Артиши миллии Тоҷикистон дар шароити мураккаби ҷанги шаҳрвандӣ аз сифр оғоз шуда, фаъолияти муваффақ ва ҳамоҳанги он бо сохторҳои иҷтимоӣ тадриҷан заминаи ба як кишвари амнтарини ҷаҳон табдил ёфтани Тоҷикистон ва ба сегонаи аввалин давлатҳои амни ҷаҳон дар раддабандиҳои байналмилалӣ ворид гаштани он ба шумор меравад.

Миллати мо тули солҳои истиқлол рӯзҳои сангинро паси сар кард ва аз онҳо бароиояндаи худ таҷрибаи арзишманд бардошт, ба гирдоби офату сахтиҳо гирифтор шуд, вале бо тадбиру хирадмандиву дурандешии Пешвои маҳбуби худ аз миёни амвоҷи пурталотуми ҳаводис солим берун омад. Инак, Тоҷикистон ба оромтарину босуботтарин кишвари минтақа табдил ёфта, бо азму иродаи матин ба сӯйиояндаи шукуфон роҳ мепаймояд[2].

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаҳон чун кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили глобалӣ ва таъсиргузор дар танзими равандҳои сиёсии минтақа мешиносанд. Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон қадамҳои устувор гузошта, бо пешбурди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳодҳои созандааш мавқеи худро истеҳком бахшид ва дар оянда низ бо қадамҳои устувортар дар паҳнои олам нақшофарӣ хоҳад кард.

Дастовардҳои халқи тоҷик дар даврони истиқлолият таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёданд, вале инъикоси самти сиёсати хориҷии онҳо далел аз самаранокии дипломатияи тоҷик, талоши ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва эъмори давлати пешрафта шаҳодат медиҳад. Новобаста аз ин, мо набояд ба ин дастовардҳо иктифо намуда, барои рушди бештари кишвар, татбиқи ҳадафҳои стратегии он талош ва афзоиши нуфуз ва мақоми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар саҳнаи ҷаҳонӣ талош намоем.

Аз ин рӯ, мардуми кишварро зарур аст, ки барои ободии кишвар, сулҳу ваҳдат, таҳкими арзишҳои динию маънавӣ ва фарҳангӣ дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид гардида, бахри татбиқи нақшаҳои нек - ҳифзи истиқлолият, дину оин, номуси ватандорӣ ва таъмини шароити хуб бароиояндаи миллат саҳмгузор бошем.

## АДАБИЁТ:

1) Внешняя политика. Электронный ресурс. URL https://ru.wikipedia.org/wiki/Внешняя_политика (санаи мурочиат 11.02.2020)

2) Дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/tg/main/view/12/dastovardhoi-sijosati-khorijii-tojikiston (санаи мурочиат 26.05.2021)

3) Муҳаммадзода П. А. Малангова И. И. Таҳлили дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солхои 2013-2020 //Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. 2020, №4(72) С.15-23

4) Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том первый - Душанбе 2004, 358 с.

5) Рахмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносии миллӣ - Душанбе, 1995,

6) Сӣ дастоварди муҳимми Тоҷикистон дар сӣ соли истиқлоли давлатӣ. [манбаи электронӣ] URL: https://khovar.tj/2021/06/vymyvmiys-dastovardi-mu-immi-to-ikiston-dar-s-soli-isti-loliyat-davlat-mutahassisoni-markazi-tad-i-oti-strategii-nazdi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-on-oro-zikr-kardaand/(санаи муроҷиат 06.11.2021)

7) Тюрина И.А. Системный подход к изучению взаимосвязи внешней и внутренней политики Электронный ресурс. URL https://cyberleninka.ru/ article/n/sistemnyy-podhod-k-izucheniyu-vzaimosvyazi-vneshney-i-vnutrenney-politiki (санаи муроҷиат 12.05.2021)

8) Шарипов А.Н. Махсусият ва омилҳои маҳбубият касбнамудаи Пешво.// Паёми ДМТ. №1, 2019, С.292-296.

9) Шарипов А.Н. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии ҶТ. .//Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир". "Душанбе, 11 декабри соли 2019. 256 с. –С.79-88.

10) Шарипов А.Н. Ташаккули хизмати дипломатӣ дар Тоҷикистон//Ба қуллаҳои дониш. №15-16 (1443), 4 октябри соли 2018, С-14.

## ДОСТИЖЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ И ДИПЛОМАТИИ ТАДЖИКИСТАНА ЗА 30-ЛЕТИЕ НЕЗАВИСИМОСТИ

**ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ**
кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики РТ ТНУ. Телефон: (+992)988-50-10-11; email: amrsharif@mail.ru

**МИРЗОЕВ ХАБИБДЖОН ТАБРИКДЖОНОВИЧ**
кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений факультета международных отношений Таджикского Национального Университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе пр. Рудаки 17.Тел. 933-60-94-94. E –mail: Diplomat.tj94@mail.ru

*В статье расмотрены тридцатлетние достижения внешней политики и дипломатии Таджикистана. Известно, что в сложнейших условиях международных отношений правильное определение направлений внешней политики является одним из основных факторов нахождения достойного места на международной арене и главной основы успеха и достижений. В статье освещена роль Лидера нации в формировании внешней политики и таджикской дипломатии. На основе этого, подчеркивается, что признание страны на мировой арене стало возможным именно благодаря прагматичной внешней политики, кторая составляет основу политики открытых дверей.*

*Также, в статье подчеркивается необходимость защиты и укрепления государственной и приобретения новых достижений внешней политики.*

***Ключевые слова:*** *международные отношения, Таджикистан, внешняя политика, Лидер Нации, установление мира, дипломатическая служба, культурная дипломатия, Министерство иностранних дел..*

## ACHIEVEMENTS OF THE FOREIGN POLICY AND DIPLOMACY OF TAJIKISTAN OVER THE 30TH ANNIVERSARY OF INDEPENDENCE

**SHARIPOV AMRIDDIN NURIDINOVICH**
candidate of historical sciences, associate professor of department of diplomacy and foreign policy RT TNU. Tel: (+992)988-50-10-11; email: amrsharif@mail.ru

**MIRZOEV HABIBJON TABRIKDZHONOVICH**
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of International Relations of the Faculty of International Relations of the Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave. Tel. 933-60-94-94. E – mail: Diplomat.tj94@mail.ru

*The article examines the thirty-year achievements of the foreign policy and diplomacy of Tajikistan. It is known that in the most difficult conditions of international relations, the correct determination of foreign policy directions is one of the main factors in finding a worthy place in the international arena and the main basis for success and achievements. The article highlights the role of the Leader of the Nation in the formation of foreign policy and Tajik diplomacy. Based on this, it is emphasized that the recognition of the country on the world stage became possible precisely thanks to a pragmatic foreign policy, which forms the basis of the open door policy.*

*Also, the article emphasizes the need to protect and strengthen the state and acquire new achievements in foreign policy.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои байналхалқӣ, Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, Пешвои миллат, истиқрори сулҳ, хадамоти дипломатӣ, дипломатияи фарҳангӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ.*

# АРЗИШҲОИ НЕОУСМОНӢ ҲАМЧУН АСОСИ ҲАДАФҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ ТУРКИЯ

**МАХФИРАТИ ДИЛОВАРШО**
муаллими калони кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Сурога:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Саид Носир 33. тел: +992918803132, e-mail: makhfirat.94@mail.ru

*Мақола ба яке аз маъалаҳои муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шуда, дар он муаллиф кушиши баррасии нақши арзишҳои неоусмониро ҳамчун фишанги “нерӯи нарм”-и Ҷумҳурии Туркия намудааст. Дар асри XXI ягона консепсияе, ки дурнамои Туркияро муайян намуда, онро на танҳо абарқудрати минтақавӣ, балки яке аз давлатҳои фаъол дар арсаи ҷаҳон табдил медиҳад, дар амал тадбиқ намудани консепсияи неоусмония дар зери истилоҳи “нерӯи нарм” мебошад.*

*Яке аз хусусиятҳои консепсияи неоусмония аз он иборат мебошад, ки тавассути “нерӯи нарм” сиёсати иқтисодӣ, таъсири башардӯстона ва “рӯҳияи фаромиллӣ”-ро баланд бардошта, ҳадафаш васеъ кардан ва таъсир расонидан ба ҳудудҳои давлатҳои ҳамсоя мебошад. Ба ақидаи коршиноси донишгоҳи давлатии муносибатҳои байналмилалии Москва ва Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия В. Аватков неоусмония ақидаҳо ва назарияҳои муносибатҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ба онҳо неотуркизм ва панисломизм дохил мешавад. Дар робита бо ин Ҷумҳурии Туркия кӯшиш ба он менамояд, ки ислом ва миллатгароиро ба хотири рушди давлат дар шуури шаҳрвандонашон муттаҳид созад, ки ҳарчанд мафҳуми “миллӣ” дар ислом нақши ҳалкунанда надошта буд. “Ҷудошавии шуури сиёсӣ, аз як тараф бозгашти давра ба давра ба идеологияи панктуркизм (ғояи муттаҳид кардани тамоми халқҳои туркзабон ва ташкил намудани давлат бо номи “Турони бузург”) ба вуҷуд овард, ки амалӣ гардонидани он кӯшишҳо тавассути баргашт ба арзишҳои исломӣ имконпазир мегардид. Агар мо назар андозем, мефаҳмем, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ Туркия аз ислом ба таври фаъол истифода мебарад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Туркия, сиёсати хориҷӣ, “неруи нарм”, низоми муносибатҳои байналмилалӣ, консепсияи неоусмония, таъсир, Р. Т. Эрдуғон, Абдулҳамиди II, арзиш, ҳадаф, дурнамо.*

Дар замони муосир механизме, ки стратегияҳои ояндаи Туркияро муайян менамояд истифодаи “неруи нарм” дар зери консепсияи “неоусмонизия” мебошад.

Истилоҳи “неоусмония” бори нахуст аз ҷониби сиёсатшиноси бритониёӣ Дэвид Бурчард дар соли 1985 истифода шудааст [7, с.177]. Ин истилоҳ дар Туркия дар нимаи дуюми асри XIX замоне пайдо шудааст, ки Империяи Усмонӣ ба сари ҳокимият омаданд, ки ба модернизатсияи ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамуд. Тамоми қонунҳое, ки барои модернизатсияи ҳаёти ҷамъиятӣ равона гардидааст аз сарқонуни аввалини Империяи Усмонӣ (1876) сарчашма мегирад. Дар ин консепсия ҷойи махсусро фармони султон дар бораи риояи баробарии мутлақи тамоми намояндагони динҳои гуногун дар қаламрави Империяи Усмонӣ ишғол менамояд. Санаде, ки дар соли 1869 дар Туркия қабул карда шуд, тафовути динӣ ва миллиро барҳам дода, ба ҷойи он шаҳрванди умумии Империяи Усмонӣ ҷорӣ карда шуд [2, с.127].

Ғояи асосии дар амал татбиқ намудани консепсияи “неоусмония” дар асри XIX дар замони ҳукмрони Абдулҳамиди II оғоз гардид. Дар замони ҳукмронии Абдулҳамиди II (1876-1909), ки ҳарчанд сиёсати хориҷии Туркия ба рушди муносибатҳо ба давлатҳои Ғарб равона гардида буд, ҳаёти дохилии кишвар ба пояи анъанаҳои динӣ такя мекард. Кӯшишҳо барои муттаҳид кардани равияи ғарбгароӣ ва арзишҳои анъанавии усмонӣ-исломро дар Туркия метавон мушоҳида кард, ки пешгузаштагони Абдулҳамиди II исломро аз қасри аврупоӣ Долмаҳбача таблиғ мекарданд [4, с.13].

Абдулҳамиди II ба хотири муаррифӣ намудани давлат дар арсаи байналмилалӣ аз тамоми роҳу воситаҳо истифода бурдааст. Вай дар замони ҳукмрониаш низоми маорифро такмил дод, ки мувофиқи он духтарон метавонистанд, дар мактабҳои махсус таҳсил кунанд, дар баробари ин ҳуқуқҳои насрониён васеъ карда шуданду ҳамроҳи мусалмонон ҳуқуқи баробари таҳсилро доштанд. Дар давлати Туркия муассисаҳои таълимии фаронсавӣ ва аврупоӣ таъсис дода шуданд, ки дар онҳо асосан юнониҳо ва арманиҳо таҳсил мекарданд. Дар баробари ин Абдулҳамиди II барои нигоҳ доштани ҷузъҳои динӣ ҳангоми таҳсилоти олӣ ба ҳар роҳ кӯшиш мекард. Ӯ бовар дошт, ки тамоми илмҳои ҳақиқӣ аз ислом пайдо шудааст, вале ниёгони мо онро фаромуш кардаанду танҳо илми ғарбро мешиносанд [2, с.14]. Абдулҳамиди II бар он бовар дошт, ки ба хотири пешравии давлат ба тамоми халқиятҳо новобаста аз динашон бояд дар тамоми самтҳо раванди ҳамгироиро ба роҳ барорему дар натиҷаи ҳамкории бисёрҷониба ва дипломатияи бисёрсамта тавассути дини ислом дар арсаи байналмилалӣ таъсиррасон бошем.

Бархе аз коршиносон бар он назаранд, ки консепсияи неоусмония, ҳамчун стратегияи сиёсати хориҷии Туркия ба таври сунъӣ аз берун сохта шудааст ва пеш аз ҳама, маҳсули тафаккури геополитикии Амрико мебошад. Аз рӯйи нуқтаи назари коршиносон маҳз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Туркияи муосирро як давлати нави неоусмонӣ медонад. “Неоусмония” дар ин раванд “тамоюли нави амрикоипарастӣ дар сиёсати хориҷии Туркия шинохта шуда, ба таври равшан баъд аз ба сари қудрат омадани Барак Обама дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико зоир шудааст” алоқаманд мебошад [5, с.150].

Дар замони муосир консепсияи неоусмония ҳамчун назарияи сиёсии ҷаҳони муосир мебошад. Имрӯзҳо чанд мафҳуми неоусмония, ҳамчун назарияи ҷаҳонбинии сиёсӣ вуҷуд дорад. Н. Данфорт қайд менамояд, ки дарки мафҳуми неоусмония бар он вобаста аст, ки худи Империяи Усмонӣ дар ҷаҳони муосир чи гуна дарк карда мешавад [10]. Коршиносони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба Туркия А. Тзашка ва Э. Вастинҷ қайд менамояд, ки ҳадди ақал 3 тафсири неоусмония вуҷуд дорад, ки ҳамаи онҳо дар сиёсати хориҷии Ҳизби Адолат ва Рушди Туркия хос мебошанд:

1. Империяи Усмонӣ ҳамчун гаҳвораи тамаддун;
2. Империяи Усмонӣ ҳамчун империяи исломӣ;
3. Империяи Усмонӣ ҳамчун империяи бисёрфарҳангӣ [9].

Дар мавриди аввал агар қайд намоем, Туркия ҳамчун вориси империя, нигоҳдорандаи ҳувияти фарҳангӣ ва анъанаҳои он муаррифӣ гардида, вазифадор аст, ки тамоми мероси фарҳангиро дар миқёси минтақавӣ инкишоф дода, дар тамоми гӯшаҳои дурдасти ҷаҳон онҳоро паҳн намояд. Дар моҳи майи соли 2010 зимни ифтитоҳи маркази фарҳангӣ ва маърифатӣ ба номи Юнус Эмре дар Остона собиқ президенти Туркия Абдулло Гул қайд карда буд, ки барои Туркия амри зарурӣ паҳн кардани забон ва фарҳанги он дар хориҷи кишвар аст. “Забон, фарҳанг ва анъанаҳои худро набояд танҳо барои худ нигоҳ дорем. Баръакс ба мо лозим меояд, ки тавонем онҳоро ҳифз намоему дар саросари ҷаҳон паҳн намоем [13, с.58]. Ба гуфтаи профессори Колеҷи Ҳарбӣ (ИМА) О. Ташпинар идеологияи неоусмония як механизми ҷойгир кардани Туркия ба унвони кишваре мебошад, ки дар минтақа нақши ҳалкунандаи сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ дорад [15, с.14-17].

Дар мавриди дуюм консепсияи неоусмония ва иртиботи зичи он ба исломгароӣ асос ёфтааст, ки мақсади асосиаш барқарорсозии арзишҳои ибтидоии тамаддуни исломӣ ва давлати аслии мусалмонӣ, дар қиёс бо давлате, ки дар даврони ҳазрати Муҳаммад (с.а.с) вуҷуд дошт мебошад. Консепсияи неоусмония дар ин маврид вазъияти мутлақи омили диниро ба хотири пешравии давлат ва ҳамкорӣ ба давлатҳои Ғарб “сабук” карда, мавқеи муътадили Туркияро дар байни кишварҳои Шарқу Ғарб ба вуҷуд оварда, гӯё ихтилофоти баёни онҳоро муайян намуда нишон медиҳад.

Дар ин сурат тақвияти сиёсати хориҷии Туркия дар Ховари Миёна маънои тарки комил аз Ғарбро надорад, балки мувозинати таърихӣ ва манфиатҳои муосири минтақавии Туркияро ошкор мекунад. Тавре Р. Т. Эрдуғон дар соли 2012 дар замони нахуствазир буданаш қайд намуда буд, ки: “Туркия рӯяшро ба Ғарб кардааст, аммо Туркия ҳеҷ гоҳ рӯяшро аз Шарқ намегардонад. Мо нисбат ба давлатҳое, ки ҳазорҳо сол бо онҳо зиндагонӣ кардем, бепарво буда наметавонем. Мо наметавонем бародарони худро ба тақдирашон вогузорем” [16].

Дар мавриди сеюм “бисёрфарҳангӣ”-и консепсияи неоусмония ба арзишҳои либералии таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба дигар фарҳангҳо асос ёфтааст. Тарафдорони ин раванд ба гузаштаи таърихии Туркия, ки баъд аз соли 1990-ум таваҷҷуҳи худро бо мақсади “пешбурди демократия” дар Осиёи Марказӣ, Қафқоз, Балкан, инчунин ба раванди сармоягузорӣ ба иқтисоди кишварҳои ин минтақаҳо ва пеш бурдани сиёсати фаъоли ҳамгироӣ равона намуданд [6].

Асосгузори мубрам гардонидани идеологияи неоусмонӣ собиқ Вазири корҳои хориҷии Туркия ва сипас сарвазири Туркия (то 22 майи соли 2016) Аҳмад Довудоғлу мебошад. Ба гуфтаи Аҳмад Довудоғлу “неоусмония” ин маънои рад кардани сиёсати прагматикӣ, ки ба манфиати давлати миллӣ буда, бо мақсади табдил додани Туркия ба як маркази ҷаҳони ислом равона шудааст, мебошад [11]. Аҳмад Довудоғлу Туркияро дар замони ҳукмронии Абдулҳамиди II маҳз аз он сабаб бемуваффақият медонист, ки он танҳо ба манфиатҳои Ғарб равона шуда буд. Чунин сиёсат рушди давлатро ҳамчун абарқудрати минтақавӣ дар назар надошт. Дар натиҷа аҳамияти тамоюли кур-курона ба Ғарб сабаби кам шудани нуфӯзи Туркия дар минтақа гардид.

Консепсияи неоусмония ҳамчун воситаи амалӣ шудани мақсадҳои геополитикии Туркия дар замони муосир дониста шудааст [3]. Ҷумҳурии Туркия барои дар амал татбиқ намудани консепсияи неоусмония дар низоми сиёсии ҷаҳон тамоми кушишҳои худро ба кор бурда истодааст.

Дар маҷмуъ туркҳо ба халқҳое, ки дар қаламрави кишварҳои Балкан, Қафқоз, Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ зиндагонӣ мекунанд, робитаи муштараки қавмӣ ва забонӣ доранд.

Дар давраи инқилобҳои “Баҳори араб” дар солҳои 2010-2011, Туркия барои як қатор давлатҳои исломӣ ҳамчун намунаи рушди давлат муаррифӣ шуд. Бо вуҷуди ин, режимҳои ғайридемократӣ дар қисми зиёди минтақаи Шарқи Наздик боқӣ мондаанд, ки барои Туркия ҷиҳати ба эътидол овардани вазъият ва мусоидат ба “арзишҳои демократӣ”-ро душвор мегардонад.

Туркия як намунаи давлати муосир бо иқтисодиёти гуногунсоҳа мебошад, ки аз тарафи ҳизби исломии Адолат ва Рушд идора карда мешавад [8]. Дар ин раванд воқеан сиёсати пешгирифтаи Р. Т. Эрдуғон намояндагӣ намуда, маънои исломро аз сари нав шарҳ медиҳад [12, с.287]. Маънои идеологияи ислом дар замони муосир аз консепсияи нави неоусмония ташаккул меёбад.

Бо назардошти он ки Туркия дорои иқтидори муайяни саноатӣ ва иқтисодӣ мебошад, барои як қатор кишварҳои минтақаи Шарқи Наздик ва қитъаи Африқо ҳамчун шарқи иқтисодии ҷолиб арзёбӣ гардидааст.

Дар соли 2014 Барномаи ҷаҳонии озуқа (WFP) пешниҳод намуд, ки бо назардошти кӯмаки молии фаъоли Туркия ба кишварҳои Африқо, мавқеи Туркияро ҳамчун кишвари рушдёбанда ва абарқудрат боло бурд. Туркия дар замони муосир тавассути “нерӯи нарм” ва амалӣ гардонидани консепсияи неоусмония фаъолона сиёсати ба қитъаи Африқо даромаданро пеш гирифтааст. Муваффақияти назарраси Туркия баргузории Саммити дуюми Туркия дар Африқо дар охири моҳи ноябри соли 2014 буд, ки дар он нақшаи амалиёти муштарак барои солҳои 2019 тасдиқ карда шуд.

Ҳамин тариқ, Туркия барои таҳкими нуфӯзи худ дар минтақа тамоми кӯшишҳои худро ба амал мебарорад. Роҳбарияти кунунии Туркия бо сарварии Р. Т. Эрдуғон барои расидан ва нуфӯзи худ дар минтақа кӯшиш менамояд, ки аз консепсияи неоусмония ба таври фаъол истифода намуда, дар оянда Империяи Усмониро дубора дар Туркия барқарор намояд. Ҷумҳурии Туркия дар низоми нави ҷаҳони муосир ба воситаи истифодаи “нерӯи нарм” ва консепсияҳои самарабахш тавонистааст, ки ба дастовардҳои бузург ноил шуда, ҳамчун абарқудрати нави минтақавӣ шинохта шавад.

Дурнамои Туркия дар асоси истифодаи “нерӯи нарм” аз якчанд стратегияҳо иборат мебошад, ки ба манфиатҳои миллӣ ва хориҷии Туркия равона гардида, дар нақша гирифта шудааст, ки бояд то соли 2041 ҳалли худро ёбад:

- дубора барқарор намудани Империяи Усмонӣ дар замони муосир ва ташкил намудани федератсия бо номи Тӯрони Бузург;
- барқарор намудани равандҳои ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ тавассути “нерӯи нарм” бо давлатҳои Шарқу Ғарб;
- тавассути раванди ҳамгироии иқтисодӣ то соли 2041 ворид намудани Ҷумҳурии Туркия ба қатори 9 давлати иқтисодиёташон баландтарин;
- паҳн намудани фарҳангу маданияти Туркия на танҳо ба давлатҳои турkзабон, балки ба давлатҳои ғайритурк низ равона шудааст;
- дар баробари назорати минтақаҳои Балкан, Шарқи Наздик, Осиёи Марказӣ, Қафқози Шимолӣ то Ҷануби Сибир ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, инчунин назорати қитъаи Африқо [14].

Барои амалӣ гардонидани чунин стратегияҳо тавассути “нерӯи нарм”, ҳизби ҳукмрони Адолат ва Рушди Туркия бо сардории Р. Т. Эрдуғон тамоми кӯшишҳои худро сарф намуда, барои расидан ба ҳадаф тавассути “нерӯи нарм” якчанд вазифаҳоро дар пеш гузоштаанд, ки бояд аз ҷониби ҳукумати Туркия бо мақсади дар амал татбиқ намудани он пурра назорат карда шавад:

- миллатгароӣ, ки Ҷумҳурии Туркия бовар дорад, ки он пояи идеологӣ, такони таҳаввулоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро бо ғурур аз ҳисси мансубият дар таъмини амнияти миллати турк ҳамчун яке аз тавонотарин ва мӯътабартарин кишварҳои замон ташкил медиҳад;
- идеализм, ки заҳмат кашидан ва бедор намудани садоқат ва ишқи хидмат ба ватану миллатро дар ҷавонони турк бедор менамояд таъриф мекунад;

- ахлоқӣ, ки ҳадафи ҳифз ва интиқоли хислати беҳтарини баланди миллати турк ба наслҳои оянда буда, ба пояи муҳаббату таҳаммул ва адолат дар муносибатҳои инсонӣ байни халқиятҳои турк равона карда шудааст;

- илмӣ, ки истифодаи илм, маълумотҳои илмиро дар ҷомеаи иттилоотӣ пешниҳод менамояд ва барои ҳар як масъала барои Ҷумҳурии Туркия як роҳнамо шуда, давлатро дар замони муосири ҷомеаи иттилоотӣ ба технологияҳои ҷаҳонӣ ворид менамояду тавассути созмони Агенти Ҳамкории Бисёрҷониба (ТИКА) ва ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ мавқеи маорифи Туркияро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам менамояд;

- ҷомеае, пешниҳод мекунад, ки дар Ҷумҳурии Туркия ҷомеае вобаста ба сулҳи иҷтимоӣ ташкил намуда, ба он заминҳое, ки дар замони Империяи Усмонӣ ба Туркия тааллуқ дошт дубора ҳамроҳ карда шавад. Яъне ин раванд ташкил намудани Турони Бузургро дар назар дорад;

- кишоварзӣ, ки ба давлат имкон медиҳад ҳатто ба гӯшаҳои дурдасттарини кишвар меҳру муҳаббати худро расонад ва ҳар шаҳрванди туркро бо ғизову сарпаноҳ ва сулҳу амният таъмин намояду деҳаҳои ободеро бунёд кунад ва мардумро ба хушбахтӣ сарфароз гардонад;

- либерализм ва шахспарастӣ, мафҳумеро дар бар мегирад, ки бартараф намудани ҳама монеаҳо ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро дар madди аввал гузошта, волояти қонунро вазифаҳои асосии давлат медонад;

- пешрафт ва популизм, аз он дарак медиҳад, ки дар тули таърих барои пешрафти ҷомеа, тамаддунҳо сарчашма мегирад ва аз нерӯи пешбарандаи пешрафт ва рушди давлат дар оянда далолат медиҳад;

- технология ва индустриализм, ки барои баланд бардоштани сатҳи умумии сарват, тавассути баланд бардоштани илму техника, бо назардошти шароити хоси кишвари Туркия истеҳсоли маҳсулот мутобиқ ба шароити рақобати байналмилалӣ, дар муддати кӯтоҳ табдил додани истеҳсолот ба манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ [14, с.7].

Ҷумҳурии Туркия дар оянда кӯшиш намуда истодааст, ки аз ҷиҳати радабандӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз Британияи Кабир пеш гузашта, ба Ҷумҳурии Италия баробар карда шавад [143, с.11]. Вале, якчанд мушкилот дар истифодаи “нерӯи нарм” ва амалӣ гардонидани дурнамо ва стратегияҳои самарабахши Туркия вуҷуд дорад:

- дар се соли ахир ноороmиҳое, ки дар натиҷаи табодулоти давлатӣ дар Туркия ба амал омад, мавқеи Туркияро дар арсаи ҷаҳон коҳиш дода, якбора дар соли 2016 ин раванд ба коҳиши шумораи сайёҳон оварда расонид;

- дар навбати дувум мушкилии ҷиддии сиёсати хориҷии Туркия мушкилии курдҳо ба шумор меравад, ки ҳукумати кунунии Туркия барои ба танзим даровардан ва барқарор намудани муносибатҳо бо курдҳо кӯшиш намуда истодааст. Ҳамсарҳад будани Туркия бо Сурия дар сиёсати хориҷии Туркия таъсир расонида, мушкилотҳои моҷароҳои сиёсиро байни Туркия ва созмони байналмилаии террористӣ (ДОИШ) ба вуҷуд меорад;

- дар навбати севум, принсипи мушкилии фаъолияти сиёсати хориҷии Туркия дар амал тадбиқ нашудани “ҳалли тамоми мушкилиҳои ҳамсояҳо” мебошад, ки роҳбарияти Туркия бар он бовар дошт, ки монанд будани решаҳои таърихиву фарҳангии давлатҳои ҳамсоя ва берун аз он барои Ҷумҳурии Туркия басанда мебошад, ки мақоми абармани минтақавиро ишғол намояд [8].

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки дар натиҷаи ҳалли мушкилотҳои мавҷуда ва амалӣ гаштани стратегияҳо ва консепсияи неоусмония, Ҷумҳурии Туркия метавонад ба муваффақиятҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил шуда, дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши калон бозад.

**АДАБИЁТ:**

1. Аватков В.А. Неоосманизм. Базовая идеологема и геостратегия Турции // Свободная мысль. 2014. № 3. (Avatkov V.A. 2014. Neo-ottomanism. Basic ideologeme and geostrategy of Turkey // Svobodnaya mysl. № 3) (In Russ.). С. 75-77.
2. Дулина Н. А. Танзимат и Мустафа Решид-паша. М., 1984. (Dulina N.A. 1984. Tanzimat and Mustafa Reshid- pasha. M.) (In Russ.). С. 127.
3. Надеин-Раевский В. Поиск новой идентичности и внешняя политика Турции (Nadein-Raevsky V. Search for a new identity and foreign policy of Turkey) (In Russ.). URL: http://russiancouncil.ru/inner/?id_4=739#top-content . (Санаи мурочиат: 31.01.2023).
4. Стоун Н. Краткая история Турции. М., 2014. (Stone N. 2014. Brief History of Turkey. M.) (In Russ.). С. 13.
5. Шкира Н.В. Пантюркизм, пантуранизм, «неоосманизм» и экономические интересы России и Турции // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И.Герцена. 2014. № 165 (Shkira N.V. 2014. Panturkism, Panturanism, «Neo-ottomanism» and economical interests of Russia and Turkey // Izvestia Rossiiskogo gosudarstvennogo pedagogicheskogo universiteta im. A.I.Gertsena. № 165) (In Russ.) С. 150.
6. Aydin-Duzgit S., Keyman E.F. Democracy Support in Turkey's Foreign Policy // Carnegie Endowment for International Peace. 25.03.2014. URL: http://www.carnegieendowment.org/2014/03/25/democracy-support-in-turkey-s-foreign-policy/h5ne. (Санаи мурочиат: 3.02.2023).
7. Barchard D. Turkey and the West. London. 1985. P.10.
8. Curwin D. Turkey's Neo-Ottomanism: Engaging the Pivitol Middle-Power // Human Security Centre Policy Brief. 01.09.2014. Issue 9. № 1. URL: http://www.hscentre.org/policy-unit/turkeys-neo-ottomanism-engaging-pivitol-middle-power. (Санаи мурочиат: 10.02.2023).
9. Czajka A., Wastnidge E. The Centre of World Politics? Neo-Ottomanism in Turkish Foreign and Domestic.Politics. URL: http://web.isanet.org/Web/Conferences/GSCIS%20Singapore%202015/Archive/a1b05e35-80f6-40ae-9c56- b5708c5c321e.pdf. (Санаи мурочиат: 1.02.2023).
10. Danforth N. The Empire Strikes Back // Foreign Policy. 27.03.2014.
11. Erdogan Getting Rid of Neo-Ottomanism // Katehon. URL: http://www.katehon.com/ru/node/27201. (Санаи мурочиат: 4.02.2023).
12. Kaplin R. The Revenge of Geography. New York: Random House Inc., 2012. C. 287.
13. Kaya A. Yunus Emre Cultural Centers: The AKP's Neo-Ottomanism and Islamism // Perspectives. 2013. № 5. C. 58.
14. See Appendix for a description of the methodology used in our long-run growth model. URL: https://www.pwc.com.tr/tr/publications/arastirmalar/pdf/turkey-in-2041-eng.pdf. C. 6. (Санаи мурочиат: 11.02.2023).
15. Taspinar O. Turkey's Middle East Policies. Between Neo-Ottomanism and Kemalism // Carnegie Papers. № 10. September 2008. C. 14-17.
16. We should turn to South, back to the East // Dunya. 22.04.2012 (In Turk.). URL: http://www.dunya.com /mobi/politika- diger/sirtimizi-doguya-guneye-donmeyiz-152390h.htm. (Санаи мурочиат: 1.02.2023).


## НЕООСМАНСКИЕ ЦЕННОСТИ КАК ОСНОВА ДОСТИЖЕНИЯ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ ТУРЦИИ


**МАХФИРАТИ ДИЛОВАРШО**

старший преподаватель кафедры дипломатии и международных отношений факультета дипломатии и политики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Саид Носир 33.тел.: +992918803132, e-mail: makhfirat.94@mail.ru

*Статья посвящена одному из важных вопросов международных отношений, в котором автор совершает попытку рассмотреть роль неоосманских ценностей как инструмента «мягкой силы» Турецкой Республики. В XXI веке единственной концепцией, определяющей перспективу поведения Турции и делающей её не только региональной сверхдержавой, но и одним из важных государств на международной арене, считается «концепция неоосманизма» - важный инструмент «мягкой силы» этой страны.*

*Одной из особенностей «концепции неоосманизма» является то, что посредством «мягкой силы» экономической политики, она усиливает гуманитарное влияние и «общенациональный дух», а её целью является расширение и влияние на соседние государства. По мнению эксперта МГИМО (У) МИД России В. Аватков «неоосманизм представляется как концептуальный конгломерат, включающий в себя различные идеи и теоретические установки, такие, как, например, неопантюркизм и панисламизм, ориентированные на расширение сфер влияния».*

*В этой связи Турецкая Республика пытается совместить и укрепить в сознании своих граждан «ислам» и «национализм» с целью развития государства, хотя в исламе понятие «национальное» никогда не имело решающей роли. «Эта раздвоенность политического сознания порождала, с одной стороны, периодические возвраты к идеологии пантюркизма (идее объединения всех тюркоязычных народов в огромное государство под названием «Великий Туран»), с другой – периодические попытки возвращения к «ценностям ислама». Таким образом, если внимательно присмотреться, то можно увидеть, что современная Турция активно использует ислам для достижения своих целей на международной арене.*

***Ключевые слова:*** *Турция, внешняя политика, «мягкая сила», система международных отношений, «неоосманская концепция», расширение влияния, Р.Т. Эрдоган, Абдулхамид II, ценности, перспектива.*

## NEO-OTTOMAN VALUES AS THE BASIS FOR ACHIEVING TURKEY'S GEOPOLITICAL GOALS

**MAKHFIRATI DILOVARSHO**
senior teacher of the Department of Diplomacy and International Relations of the Faculty of Diplomacy and Politics of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Avenue 33. Phone: +992918803132, e-mail: makhfirat.94@mail.ru

The article is devoted to one of the important issues of international relations, in which the author attempts to consider the role of neo-Ottoman values as an instrument of the “soft power” of the Republic of Turkey. In the XXI century, the only concept defining the perspective of Turkey's behavior and making it not only a regional superpower, but also one of the important states in the international arena, is considered to be the “concept of neo-Ottomanism" - an important tool of this country's “soft power”.

One of the features of the “neo-Ottomanism concept” is that through the "soft power" of economic policy, it strengthens the humanitarian influence and the "national spirit", and its goal is to expand and influence neighboring states. According to the MGIMO (U) expert of the Russian Foreign Ministry, V. Avatkov, "neo-Ottomanism is presented as a conceptual conglomerate that includes various ideas and theoretical attitudes, such as, for example, neo-Adventurism and pan-Islamism, focused on expanding spheres of influence."

In this regard, the Republic of Turkey is trying to combine and strengthen "Islam" and "nationalism" in the minds of its citizens in order to develop the state, although in Islam the concept of "national" has never had a decisive role. “This split of political consciousness generated, on the one hand, periodic returns to the ideology of pan–Turkism (the idea of uniting all Turkic-speaking peoples into a huge state called the Great Turan), on the other -

periodic attempts to return to the "values of Islam." Thus, if you look closely, you can see that modern Turkey actively uses Islam to achieve its goals in the international arena.

**Keywords:** Turkey, foreign policy, “soft power”, system of international relations, "neo-Ottoman concept", expansion of influence, R.T. Erdogan, Abdulhamid II, values, perspective.

## ОМИЛИ ПОКИСТОН ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҲИНДУСТОНУ АФҒОНИСТОН

**РАҶАБАЛИЕВ ХАЙРУЛЛО ХОЛНАЗАРОВИЧ**
докторанти PhD- соли 3-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Адрес: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. Рӯдакӣ 33 Тел: 938-58-58-15. E-mail: khair1508@mail.ru

*Дар мақола мавзуи омили Покистон дар муносибатҳои Ҳиндустону Афғонистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳиндустону Покистон дар Афғонистон дар робита ба ҳамдигар ҳадафҳои мушаххасро пайгирӣ мекунанд ва барои расидан ба ин ҳадафҳо аз ҳолатҳои гуногун истифода мекунанд. Масалан, Покистон аз гурӯҳҳои ҷангҷӯёни ба мисли гурӯҳи “Толибон” ба унвони вакилони стратегӣ истифода мекунад ва Ҳиндустон бошад, ҳамеша барои таъсиру нуфузи худро гузоштан дар ин минтақа ба қудрати нарми худ такя мекунад.*

*Дар тули чанд даҳаи охир Ҳиндустону Покистон муқовимати худро барои минтақаи нав (Афғонистон) идома додаанду ҳамеша кӯшиш кардаанд, ки дар сохториояндаи Афғонистон нақши фаъол дошта бошанд ва маълум аст, ки ҳар ду тараф дар робита ба Афғонистон манфиатҳои худро дунбол мекунанд.*

***Калидвожа:*** *Ҳиндустон, Афғонистон, Покистон, Ҷамму, Кашмир Толибон, рақобат, сармоягузорӣ ва барқарорсозӣ.*

Покистону Ҳиндустон бо далели доштани марзҳои муштарак, ҷуғрофиёи наздик, нажод, фарҳанг ва ихтилофоти марзӣ ба мисли дигар кишварҳои абарқудрати ҷаҳон ва минтақа аз муҳимтарин кишварҳои таъсиргузор дар таҳаввулоти дохилии Афғонистон ба шумор меравaнд.

Чӣ гунае ки дар ҳама сарчашмаҳои илмию таърихӣ омадааст, равобити Покистон бо Ҳиндустон аз замони ҷудо шуданаш аз кишвари Ҳиндустон (14- уми августи соли 1947) бо ҷангҳои хунини марзӣ рӯ ба рӯанд, ки на танҳо хисороти иқтисодию ҷонӣ ба кишварҳои худ, балки ба кишвари Афғонистон низ меоранд.

Омилҳое зиёде мавҷуд аст, ки Ҳукумати Ҳиндустон кишвари Афғонистонро дар меҳвари сиёсати хориҷии худ қарор додааст. Яке аз омилҳои асосӣ рақобати таърихии Ҳидустон бо Покистон мебошад. Рақобати ин ду кишвар бар сари даъвоҳои худудӣ дар қаламрави иёлати Ҷамму ва Кашмир боиси тақсими ин минтақа ба ду бахш шуда, низоъ дар ин минтақа беш аз 70 сол аст, ки идома дорад.

Доктори илмҳои таърих, профессор Қ. Искандаров дар мақолаи худ “Фактор Пакистана в Афганском конфликте” қайд мекунад, ки “...Покистон баъди мустақил шудан, дигар қарордодеро дар мавриди кашидани хатти марз миёни Ҳинди Британиёӣ ва Афғонистон, ки соли 1893 дар Кобул аз ҷониби амири Афғонистон Абдураҳмонхон ва котиби ҳукумати Ҳинди Британиё сэр М.Дюранд баста буданд, риоя намекард”[10, 2].

Баъдҳо ин хатти марзӣ, номи “хатти Дюранд”- ро ба худ гирифт [9, 107]. Яъне, то таъсиси кишвари Покистон ҳамаи амирони баъдии Афғонистон ин хатро эътироф мекарданд, аммо баъдан нисбати ин қарордод муносибати роҳбарони Афғонистон тағйир ёфт, ки инро метавон оғози афзоиши шиддати мунокишаҳо байни Ҳиндустон ва Покистон номид. Инчунин, ин масъаларо низ метавон яке аз сабабҳои дахолат кардани Покистон ба муносибатҳои Ҳиндустону Афғонистон гуфт.

Агарчи дар мунокишаҳои марзии солҳои 1948, 1964, ва 1970 кишвари Ҳиндустон бартариро дар даст дошта буд, аммо бо миёнҷигарии Созмони Милали Муттаҳид ва Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ ба нафъи ҳарду кишвар ҳал гардид [7, 5].

Дар китоби “Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ” 5 омили таъсиргузори сиёсати Покистон дар муносибат бо Афғонистон бо мисолҳо дарҷ шудааст, ки яке аз ин омилҳо (чӣ гунае ки оид ба ин масъала дар боло ишора намуда будем) баҳси марзӣ миёни Покистону Ҳиндустон мебошад. “...Мушкили қадимӣ дар муносибатҳои Ҳинду Покистон масъалаи қаламрави иёлати собиқи Ҷамму ва Кашмир аст. ...ба ҳамин далел Покистон ба як “умқи стратегӣ” ниёз дорад ва Афғонистон метавонад чунин “умқе” бошад. Дар ҳолати муташанниҷ гаштани муносибатҳояш бо Афғонистон Покистон метавонад дар миёни “неш”-и ду кишвари рақиби худ қарор бигирад. Аз ин хотир аст, ки Покистон ба рушди муносибатҳои Ҳинду Афғонистон назари некбинона надорад” [9, 118], менависанд олимони тоҷик.

Инчунин, муҳаққиқи рус Д. В. Савченко қайд мекунад, ки “Афғонистонро Покистон ҳамчун як "ҳавлӣ"- и худ қабул мекунад ва барои нигоҳ доштани ин мақом тамоми талошро ба харҷ хоҳад дод... барои мақомоти Покистон дар сурати муқовимати низомӣ бо Ҳиндустон, Афғонистон аз ҷиҳати стратегӣ муҳим ба ҳисоб меравад” [14].

Омили дигари мунокишаҳои Ҳиндустону Покистон дар Афғонистон дар доштани силоҳи ҳастаӣ мебошад, ки ҳар ду кишвар дар қатори кишварҳои абарқудрати ҷаҳон (Россия, Хитой, ИМА, Англя, Франсия ва дигарон) дорои ин гуна силоҳҳо мебошанд. Аз ин рӯ, ҳар ду кишвар замини Афғонистонро барои кам кардани хатар ба кишварҳои худ истифода мебаранд.

Сиёсатшиноси рус А. А. Диких оид ба ин масъала чунин қайд мекунад, ки “...18 майи соли 1974 Ҳиндустон аввалин маротиба санҷиши силоҳи ҳастаии худро дар саҳрои Покрани иёлати Роҷистон анҷом дод, ки ин амалиёт бо номи “Бутҳои хандон” шинохта мешавад...ва баъдан дар ҷавоб соли 1980 аз ҷониби комиссияи нерӯи атомии Покистон бо сарварии Мунир Аҳмадхон 24 амалиёти махфиёна гузаронида шуд”[6]. Инчунин, 11 майи соли 1998 Ҳиндустон ва 28 майи ҳамон сол Покистон аз ин намуди силоҳ санҷиш гузарониданд [19]. Яъне, ҳар ду кишвар алайҳи якдигар қудратмандии худро намоиш дода, аз зиёд кардани шумори бомбаҳои ҳастаӣ, санҷиш гузаронидан ва дар ваҳшату ҳарос қарор додани мардум, то соли 1998 даст накашиданд. Дар натиҷа ин масъала ба ҳадде расид, ки созмонҳои байналмилалӣ низ зиддияти хуро нишон доданд ва аз соли 1998 то ба ҳол, аз ин силоҳ ҳар ду кишвар дигарбора истифода накарданд.

Дар соли 1994 ҳарду кишвар роҳи нави сиёсати хориҷиро тавассути дипломатия пеш гирифтанд. Моҳи феврали ҳамон сол Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи башар Ҳиндустонро бо таъмини лағви қатъномаи душманонаи Покистон, ки нақзи иддаои ҳуқуқи башар аз ҷониби нерӯҳои низомии Ҳиндустон дар Кашмирро маҳкум мекунад, пуштибонӣ кард [7, 8]. Барои Ҳиндустон ин ғалабаи ҳақиқии дипломатӣ ба ҳисоб мерафт. Дар навбати худ ба Исломобод муяссар шуд, ки дар нишасти сарони Созмони Конфронси Исломӣ, ки дар Марокаш баргузор шуд, қатъномаеро, ки дар он нақзи ҳуҷҷатии ҳуқуқи башар аз ҷониби нерӯҳои мусаллаҳи Ҳиндустон дар Кашмир маҳкум карда мешавад, қабул кунад. Аз моҳи феврали соли 1995 то феврали соли 1996 аз ҷунбишҳои мустақил дар Ҷамму ва Кашмир ба нишони эътироз алайҳи амали ваҳшиёнаи нерӯҳои амниятии Ҳиндустон як корпартоии умумимиллиро ба нишони ҳамраъйӣ ва пуштибонии Покистон аз ҷунбиши мустақил ташкил карда буд [7, 14].

Дар давраи ҳукмронии аввали гурӯҳи “Толибон” (солҳои 1996-2001) равобити Ҳиндустону Афғонистон ба поинтарин сатҳи худ расид. Ҳиндустон пеш аз ба сари қудрат омадани гурӯҳи “Толибон” (солҳои 1996-2001) бо низомҳои подшоҳӣ, ҷумҳурӣ ва ҳатто режимҳои коммунистӣ муносибатҳои хуб дошт. Аммо пас аз воруди гурӯҳи “Толибон” дар соли 1996 ба Кобул, Ҳиндустон фавран сафоратхонаи худро баст ва ин гурӯҳ бо пуштибонии артиши Покистон муттаҳидони Ҳиндустонро маҷбур карданд, ки ба самти Шимолӣ ақибнишинӣ кунанд.

Муҳаммад Валӣ дар муқаддимаи китоби худ “Афғонистон дар стратегияи Ҳинд ва Покистон” чунин қайд мекунад: “Равобити Ҳинд ва Афғонистон аз замони соҳибистиқлол шудани Ҳинд ҳамеша сулҳҷӯёна буд ва пайваста барои барқарор намудани муносибатҳои некбинона ҷиҳати пешрафту тараққиёти якдигар кӯшидаанд.... аммо муносибати Афғонистону Покистон аз замони соҳибистиқлол шудани Покистон ба ҳайси ду ҳамсояи ҳамкеш масири солимро напаймудааст. Мушкили хатти Дюранд ва сарзаминҳои ҷудошуда аз пайкари Афғонистон омили аввалин равобити ноустувор буда, баъдҳо Покистон тавонист дар пешбурди полисӣ нисбат ба Афғонистон ба ҳайси як хасми оштинопазир ба тахриби ин кишвар бипардозад ва на танҳо зерсохторҳои моддӣ ва техникии онро дар оташи нестӣ бисӯзад, балки дар садади барбоддиҳии фарҳангу тамаддуни пур аз қудумати он иқдом намояд”[11, 10].

Яке аз паҳлуҳои мусбат дар сиёсати хориҷии Ҳиндустон дар қиболи Афғонистон ин аст, ки Ҳиндустон ҳеҷ гоҳ аз ҳизб ё гурӯҳҳои хоссе дар Афғонистон ҳимоят накардааст. Пайваста кӯшидааст, ки бо давлати мавҷуда ва расмии Афғонистон, ки мавриди таъйиди ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, ҳамкорӣ кунад [5, 268]. Ҳаракати “Толибон”, ки ба ҷуз аз се кишвар (Иморoти Муттаҳидаи Араб, Покистон ва Арабистони Саудӣ дар соли 1996-2001), дигар ҳеҷ кишваре онро ба расмият нашинохта буд, аз қоидаи равобити хориҷии Ҳиндустон берун буд. Дар муқобили кишвари вақти Афғонистон, ки дар Шимоли кишвар ҳузур доштанд ва аз ҷониби кишварҳои мухталиф ва СММ ба расмият шинохта мешуд, робитаи расмии сиёсӣ дошт.

Доктор Муҳаммадуллои Афзалӣ дипломат, нависанда, шоир ва устоди пешини Донишгоҳи Ҳироти Афғонистон оид ба равобити Ҳиндустону Покистон ва чигуна рақобат кардани онҳо дар кишвари Афғонистонро дар китоби худ “Сиёсати хориҷии Афғонистон дар сипеҳри ҳамкориҳои минтақаӣ”, дар бахши “Сиёсати хориҷии Афғонистон дар қиболи Ҳиндустон ва таъсири он бар ҳамкориҳои минтақаӣ” назари хешро баён намудааст. Вай чунин қайд мекунад: “Афғонистон қалби Осиёст: ин бад-он маъност, ки мавқеияти сиёсӣ-ҷуғрофии кишвар ниҳоят ҳассос аст. Дар баҳси равобити Афғонистон ва Ҳиндустон ва мавонеи сиёсии он ҳеҷ мавзее барҷастатар аз ҳузури Покистон дар байни ин ду кишвар нест... Аз зоҳири амр падид аст, ки ҳеҷ кишваре ба ҷуз Покистон назари номуносибе дар хусуси равобити Ҳиндустону Афғонистон надорад. Ин танҳо Покистон аст, ки бо ин тул ва ҷуғрофиёи худ ба унвони бузургтарин монеи сиёсӣ дар муносибатҳои минтақаии ҷануби Осиё бо Афғонистон матраҳ будааст... Бо ин ки Афғонистон Ҳиндустонро кишвари ҳамсоя медонад, аммо, дар воқеъ ин Покистон аст, ки ҳамсояи девор ба девори Афғонистон аст. Интихоби ҳамсоя як амри ихтиёрӣ нест. Афғонистон чӣ бихоҳад ва чӣ нахоҳад, роҳи иртибототи он бо ҷануби Осиё аз масири Покистон мегузарад. Дар ин ҳолат, ҳар гоҳ равобити Покистону Афғонистон муносиб бошад, метавон ба коҳиши мавонеи сиёсӣ байни Афғонистон ва Ҳиндустон умедвор буд”[5, 268-269].

Аз таҳлилу баррасиҳои муҳаққиқони кишварҳои мухталиф, ки дар боло бо мисолҳо дарҷ кардем, кишвари Покистон, ба унвони монеаи аслӣ дар равобити сиёсии Ҳиндустону Афғонистон шинохта шуда, монеи дигар дар ин арса чандон барҷастатар ба назар намерасад.

Раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҳиндустон пас аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 ва ҳамлаи низомии Амрико ба Афғонистон нишон дод, ки дипломатияи Ҳиндустон дар ин замина нисбати дипломатияи Покистон фаъолтар буду нақши фаъолтареро дар минтақа мебозид. Аз ин рӯ, пас аз ҳузури нерӯҳои низомии Амрико дар Афғонистон ва ба сари қудрат омадани Ҳомид Карзай дар ин кишвар равобити Ҳиндустон дар ин самт зиёд гардид, ки аз ҷумла метавон бо мулоқотҳои фаровони шахсони воломақоми кишварҳо ва кумакҳои ҳамаҷонибаи Ҳиндустон мушоҳида кард.

Чӣ гунае ки дар боло ишора намудем, Ҳукумати Ҳиндустон аз моҳи сентябри соли 2001 барои дастгирии рушди зерсохтор ва захираҳои инсонӣ дар Афғонистон 3 миллиард доллар кумаки иқтисодӣ ҷудо карда буд. Аз тарҳҳои муҳимми ҳиндуҳо дар

Афғонистон сохтмони “Сарбанди дӯстии Афғонистон ва Ҳиндустон” (“Салмо”) дар вилояти Ҳирот, сохтмони бинои “Шуроии миллӣ” дар Кобул ва бунёди долонҳои тиҷоратӣ аст.

Ҷолиб инҷост, ки Покистон ҳамеша аз наздикшавии равобити Ҳиндустону Афғонистон ва Ҳиндустон низ аз наздикшавии равобити Покистону Афғонистон нигаронӣ доранд. Ин мавзуъ аз ҷониби мақомот ва расонаҳои ин давлатҳо ҳам манъ нашудааст. Ин матлаб дар мусоҳибаи Ҳомид Карзай собиқ раиси ҷумҳури Афғонистон дар посух бо хабарнигори телевизони (ҶЮ) Покистон ба сароҳат баён шуда буд. Ӯ миегӯяд: “Ҳиндустон як кишвари бузурги иқтисодӣ ва таълимӣ аст ва дар айни ҳол ҳамсояи мо ва ҳамсояи Покистон аст. Ҳукумати Ҳиндустон солона ҳазорон бурсияи (квота) таълимӣ ба мо медиҳад ва инчунин кумаки иқтисодӣ ба миқдори ду миллиард доллар ба Афғонистон доштааст... ин кумакҳо ба нафъи Афғонистон аст. Вале мутлақо ба зарари Покистон нест ва ин тасаввури манфиро Покистон набояд дошта бошад. Робита бо кишварҳо чизи хубе аст. Бо ин иллат, Афғонистон дар талоши доштани равобит бо Покистон низ мебошад. Бо таъкид бар ин нукта, ки Афғонистон ва Покистон ҳар ду кишвари мустақил ҳастанд, доштани равобит бо ҳар кишваре дар чаҳорчӯбаи ихтиёроташон аст ва ин амр сабаби яке нисбати дигаре набояд бошад”[5, 270].

Дар воқеъ, ин ҳолатҳое буд, ки Покистон барои Ҳукумати навтаъсиси Афғонистон мушкилиҳоеро эҷод мекард ва намехост муносибатҳояшро бо Ҳиндустону Покистон бад кунад. Чаро ки Афғонистон маҷбур аст бо Покистон як ҳамсояи табиӣ ва кишваре, ки тулонитарин марзро бо он дорад, робитаи наздике дошта бошад. Инчунин, бо кишварҳои бузург ва таъсиргузори минтақа низ дар иртибот бошаду тавассути ин кишварҳо иқтисодиёти миллату давлаташро баланд бардорад.

Новобаста бо ин ҳама мушкилиҳо Ҳомид Карзай тавонист, ки дар даврони сарварии худ 13 маротиба ба Ҳиндустон ва 20 маротиба ба Покистон сафари расмӣ анҷом диҳад [5, 624]. Дар ин сафарҳо вай тавонист, ки суди зиёде ба даст орад. Аз ҷумла, аз сафари сездаҳгонаи худ ба Ҳиндустон чандин маротиба зиёдтар аз сафари бистгона ба Покистон суд бурдааст.

Қобили қайд аст, ки санаи 4 октябри соли 2011 Созишномаи шарикии стратегии Ҳиндустон ва Афғонистон ба имзо расид, ки ба қавли бархе коршиносон “мавқеи Покистонро дар кишвари Афғонистон рӯз ба рӯз тангтар мекард” [20].

Дар ин раванд, Ҳукумати Покистон алакай мавқеи дипломатӣ ё умуман дар ин бозии сиёсӣ дар баробари Ҳукумати Ҳиндустон ба куллӣ ақиб монда буд. Инчунин, кишвари Покистон яке аз сабабгузори нуфуз ва тақвият додани кумакҳои бисёрсамтаи Ҳиндустон дар Афғонистон ба ҳисоб мерафт.

Баъди имзои Созишномаи шарикии стратегӣ, Ҳиндустон неруи нарми худро дар Афғонистон дар соҳаҳои тандурустӣ, кишоварзӣ, маориф, идоракунии об, манзил, варзиш ва сайёҳӣ тақвият медод. Чӣ гунае, ки дар боло ишора намуда будем, Ҳукумати Ҳиндустон ба хизматчиёни давлатӣ, сарбозон ва кормандони мақомоти амният ва ҳифзи ҳуқуқи афғон таълим медод ва ҳар сол ба донишҷӯёни афғонӣ 1000 бурсия (стипендия) пешниҳод мекард.

Соли 2016 як назарсанҷии “Gallup” нишон дод, ки тақрибан 62% афғонҳо ба Ҳиндустон назари мусбат доранд. Тибқи ин назарсанҷӣ, маъруфияти Покистон дар байни мардум ҳамагӣ 3,7% буд. Ин рақам камтар аз маъруфияти ДИИШ (5,8 дарсад) буд [8]. Албатта, ин омор бо назардошти робитаҳои амиқи фарҳангии Ҳиндустон ва Афғонистон тааҷҷубовар нест.

Аз замони ба қудрат расидани Ашраф Ғанӣ дар Афғонистон соли 2014, сиёсатшиносон таҳаввулоти Афғонистонро бо нигаронӣ пайгирӣ мекарданд.

Ба гуфтаи коршиноси равобити байналмилалӣ Саидҷовид Ҳакимӣ: “...Покистон ҳамеша даъвои дӯстӣ ва бародарӣ бо Афғонистон дорад, аммо ҳеҷ гоҳ ин даъворо иҷро накардааст. Бо вуҷуди ваъдаи ҳамкориҳои Покистон, дар замони ҳукумати Ҳомид

Карзай, Ҳукумати Покистон гурӯҳи Толибон ва шабакаи Ҳаққониро дар қаламрави худ паноҳ дода, аз гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон ҳимоят мекард. Баъди ба сари қудрат омадани Ашраф Ғанӣ дар соли 2014 сиёсати хориҷии худро дар робита бо Покистон тағйир дод ва Ашраф Ғанӣ бо Покистон равобити хубе оғоз кард ва ҳатто бо Оҷонсии истихборотии Покистон (ISI) як созишномаи табодули иттилоотӣ ба имзо расонд, ки аксари мардуми Ҳиндустонро ба ҳайрат овард. Вай (Ашраф Ғанӣ) изҳор менамуд, ки нақши Ҳиндустон дар Афғонистон фақат як мусоидаткунанда асту тамом"[17] .

Ашраф Ғанӣ дар соли аввали раёсаташ сиёсати хориҷии худро нисбат ба покистониҳо беҳтар карду умедвор буд, ки ин беҳбудии равобит бо Покистон гурӯҳи Толибонро барои пайвастан ба музокироти сулҳ бо Ҳукумати Афғонистон қаноатманд кунад. Аммо ба қавли Ҳ. Саидҷовид, "талоши Ашраф Ғанӣ барои афзоиши нақши Покистону Чин дар раванди музокироти сулҳ ва дар натиҷа, фишори он барои имзои як ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкориҳои хадамоти ҷосусии Покистону Афғонистон боиси нигаронии Деҳлии Нав шуда буд" [17].

Ҳиндустону Покистон дар тули чанд даҳаи охир рақобати худро дар Афғонистон идома дода, ҳамеша кӯшиш кардаанд, ки дар сохтори ояндаи Афғонистон нақши фаъоле дошта бошанд ва маълум аст, ки ҳар ду тараф дар робита ба Афгонистон манфиатҳои худро дунбол мекунанд.

Ба ақидаи устоди пешини Донишгоҳи Кобул Абдулносир Нурзод "...Исломобод Афғонистонро ҳамчун "қалъаи ақибмонда"-и худ тасаввур мекунад ва тамоми талошашро барои нигоҳ доштани ин мавқеъ сарф кардааст. ...онҳо метавонанд гурӯҳҳои ғайриҳукуматӣ ва гурӯҳҳои ифротгароро ба манфиати Покистон дар минтақа афзоиш диҳанд. Илова бар ин, Афғонистон барои Покистон умқи стратегӣ ҳисоб мешавад, ки мантиқи дахолати Покистон ба Афғонистонро ба вуҷуд меорад, зеро гурӯҳҳои содиқ ба Исломобод дар Афғонистон метавонад барои миёнаравӣ ва таҷдиди нерӯҳо дар сурати муноқиша бо Ҳиндустон замина фароҳам кунад"[3].

Яке аз омилҳои дигари асосие, ки Ҳукумати Покистон ба корҳои дохилии Афғонистон дахолат кардааст, ин ниёзмандиҳои иқтисодии он мебошад. Покистон барои роҳандозии ҳамкориҳои густурда ва рушди саноату корхонаҳояш аз тариқи Афғонистон бо кишварҳои Осиёи Миёна манфиатдор мебошад. Аммо бинобар низои Афғонистон, Покистон метавонад имконоти худро аз роҳ ёфтан ба бозорҳои Осиёи Миёна, ки майдони рақобати кишварҳои зиёде мебошад, аз даст диҳад.

Норасоии об дар кишвари Покистон низ яке аз омилҳои дигари муноқиша Ҳиндустону Покистон дар Афғонистон мебошад. Яъне, соли 2003 Ҳиндустон эълон намуд, ки омодааст масрафи сохтмони обанбор дар вилояти Нангарҳорро бар изофаи корҳои анҷомшуда: обанбори Салмо ва канали Хонобод дар Қундузро бар уҳда бигирад. Дар худи ҳамон сол хишти аввали сохтмони обанбор дар рӯдхонаи Кунар гузошта шуд, ки қарор буд, оби ин рӯдхона дар наздикии Ҷалолобоб сарозер сохта шавад [13].

Ин иқдомоти Ҳиндустонро Покистон ҳамчун талоше барои заиф сохтани иқтисодиёти худ арзёбӣ мекунад. Бар изофаи ин Ҳиндустон дар назар дорад, ки барои тағйир додани маҷрои рӯдхонаҳои Ровӣ, Сотлеҷ ва Биас (се шохоби асосии Ҳиндустон) якчанд иншоотҳои гидроэнергетикӣ бисозад.

Инчунин Покистон Ҳиндустонро дар дуздии об дар Кашмир низ муттаҳам мекунад. Дар моҳи марти соли 2001 муассис ва роҳбари созмони "Лашкари тайиба" Ҳ. Сайид изҳор дошт, ки "агар Ҳиндустон ба терроризми обӣ" идома диҳад, Покистон масъалаи истифодаи нерӯ дар ҳалли ин масъаларо имконпазир медонад [9, 117].

Албатта, ҳадафи Ҳиндустон дар Афғонистон аз таъсиси низоми устувори демократӣ, муқовимат ба нуфузи Покистон, пешгирӣ кардани гурӯҳҳои мусаллаҳе, ки аз ҷониби Ҳукумати Покистон пуштибонӣ мешаванд ва дар натиҷа ба манфиатҳои Ҳиндустон таҳдид мекунанд, мебошад.

Дар пайи ин сиёсатҳо, ба чунин хулоса расидем, ки айни ҳол Покистон муассиртарин фаъоли минтақаӣ дар Афғонистон аст, аммо Ҳиндустон, ки дар ин рақобат аз Покистон қафо аст, то охирин рӯзҳои Ҳукумати А. Ғанӣ ба сиёсати ҳимоят аз он пойбанд буд. Эҳтимол аст, ки пас аз ташкили як ҳукумати фарогир дар Афғонистон, хушунат миёни Ҳиндустон ва Покистон дар ин кишвар коҳиш ёбад, аммо бо вуҷуди ин Покистон метавонад аз роҳҳои нав барои ҷилавгирӣ аз ташаббусҳои Ҳиндустон дар Афғонистон истифода кунад.

Ҳиндустон ҳамчунин аз истифода шудани Афғонистон ба ҳайси пойгоҳи нерӯҳои тундрави мазҳабии Кашмир нигарон аст, зеро дар гузашта гурӯҳҳои тундрави омӯзишдида дар пойгоҳҳои Афғонистон дар низоъи Кашмир мушоҳида шудааст.

Инчунин, Ҳукумати Ҳиндустон мехоҳад мавқеи мутаносиб бо сармоягузории худ дар Кобулро ишғол кунад ва ҳамзамон аз эътидол овардани вазъият дар Афғонистон ва кам кардани таъсири Покистон ба вазъияти Афғонистон манфиатдор мебошад.

Дар навбати худ Покистон Ҳиндустонро муттаҳам мекунад, ки ба гурӯҳҳои ифротии мухолифи давлати Покистон, ки асосан бо номи “Таҳрики толибони Покистон” шинохта мешаванд, кумаки молӣ ва низомӣ мекунад. Мақомоти Покистон муътақиданд, ки пойгоҳҳои ин мухолифон дар хоки Афғонистон қарор дорад ва Ҳиндустон кумакҳои худро ба ин гурӯҳҳои исломгарои тундрав аз тариқи Афғонистон мерасонад. Инчунин, Покистон наметавонад ба ташкили як режими содиқ ба Ҳиндустон дар Афғонистон иҷоза бидиҳад, зеро муътақид аст, ки дар ин сурат худро дар муҳити душманона қарор хоҳад дод. Бинобар ин Покистон саъй дорад, ки нуфузи Ҳиндустонро дар Афғонистон ба ҳадди ақалл кам кунад ва ё ба куллӣ аз байн барад.

**АДАБИЁТ:**


1. Афганистан и Пакистан: Современное состояние и перспективы развиятия. Институт востоковедения РАН, М., 2012- 228 стр.
2. Алаев Л.Б. Историография истории Индии / Л.Б. Алаев .-М.: Институт востоковедения РАН, 2013.-472 стр.
3. Абдулносир Н. Афғонистон саҳнаи рӯёрӯии Ҳинд ва Покистон. http://irdiplomacy.ir/fa/news/2014045. (санаи истифодабарӣ:12. 03. 2023).
4. Бурсияҳои Ҷумҳурии Ҳиндустон барои таҳсили шаҳрвандони Афғонистон панҷ сол тамдид карда шуд. https://www.dw.com/ (санаи истифодабарӣ:19. 09. 2022).
5. Доктор Муҳмадуллои А. Сиёсати хориҷии Афғонистон дар сипеҳри ҳамкориҳои минтақаӣ, ҷилди 1.- Кобул, 2014- 542 саҳ.
6. Диких А. А. Индия и Пакистан: войны, конфликты, их разрешение и последствия https://nbpublish.com/library_read_article.php? (санаи истифодабарӣ:10. 02. 2023).
7. Зверев П. Г. Индо-пакистанский конфликт и Группа военных наблюдателей ООН в Индии и Пакистане (ГВНООНИП): история и современность. М.- 2013
8. Захро Х. Таҳлили муфассали рақобати Ҳиндустон ва Покистон дар Афғонистон. соли 2018
9. Искандаров Қ., Раҳматкарим Д., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ.-Душанбе: Дониш, 2018-219 саҳ.
10. Искандаров Қ., Фактор Пакистана в Афганском конфликте. Центральная Азия и Кавказ, Том.16, 2013
11. Муҳамад В. Афғонистон дар стратегияи Ҳинд ва Покистон. -Кобул: интишори Майванд, 2019-150 саҳ.
12. Муҳаммад В. Афғонистон дар стратегияи Ҳинд ва Покистон. Бознашр аз интишороти Роҳи парчам. – Кобул. 2019- 135 саҳ.
13. Нақши об ва Кашмир дар баҳсҳои Ҳинд ва Покистон https://peace-ipsc.org/fa/%D9%86%D9%82%D8%B4 (санаи истифодабарӣ: 05.03.2023)

14. Пакистан и Индия в борьбе за Афганистан. http://afghanistan.ru/doc/19737.html (санаи истифодабарӣ:12. 03. 2023).

15. Савченко Д. В. Индопакистанское противостояние и война в Афганистане.- М., 2009-206 стр.

16. Современный Афганистан и сопредельные страны (Сборник статей.- М., 2011-315 стр.

17. Саидҷовид Ҳ. Равобити Афғонистон бо Ҳинд дар давраи Ашраф Ғанӣ. https://8am.media/afghanistans-relationship-with-india-during-the-ashraf-ghani-era/ (санаи истифодабарӣ:13. 03. 2023).

18. Таҳлили геополитикии равобити Покистон бо кишварҳои ҳамсоя https://pir.shahreza.iau.ir/article санаи истифодабарӣ: 16.03.2023).

19. Mohammad K. D. India and Pakistan Rivalry in Afghanistan: A new Imperialism in the Making. https://kardan.edu.af/data/public/files (санаи истифодабарӣ:19. 09. 2022).

20. India's Nuclear Weapons Program Smiling Buddha: 1974 [electronic resource] // Nuclearweaponarchive.org [Site]. URL: http://nuclearweaponarchive.org/India (санаи истифодабарӣ: 21.07.2022).

21. Mohsin T., "India-Afghanistan Relation and its Impact on Pakistan," SSPC, November 4, 2011, (санаи истифодабарӣ:12. 02. 2023).

## ПАКИСТАНСКИЙ ФАКТОР В ИНДО-АФГАНСКИХ ОТНОШЕНИЯХ

**РАДЖАБАЛИЕВ ХАЙРУЛЛО ХОЛНАЗАРОВИЧ**

Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, доктор PhD- 3 курса. Адрес: 734025, Республики Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 33. E-mail: khair1508@mail.ru.Тел: (+992) 938-58-58-15.

*В статье подробно анализируется тема пакистанский фактор в индо-афганских отношениях. Индия и Пакистан преследуют определенные цели по отношению друг к другу в Афганистане и используют разные ситуации для достижения этих целей. Например, Пакистан использует военизированные группы, такие как «Талибан», в качестве стратегических марионеток, а Индия всегда полагается на свою мягкую силу для оказания влияния в регионе.*

*За последние несколько десятилетий Индия и Пакистан перенесли своё противоборство в Афганистан и всегда пытались играть активную роль в будущем устройстве Афганистана, и ясно, что обе стороны преследуют свои собственные интересы в отношении этой страны.*

***Ключевые слова:*** *Индия, Афганистан, Пакистан, Талибан, конкуренция, инвестиции, реконструкция, Джаму и Кашмир.*

## PAKISTAN FACTOR IN INDO-AFGHAN RELATIONS

**KHAIRULLO KHOLNAZAROVICH RADZHABALIEV**

Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Science, Doctor of PhD - 3 courses. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. E-mail: khair1508@mail.ru. Tel: (+992) 938-58-58-15.

*The article analyzes in detail the theme of the pakistan factor in Indo-Afghan relations. India and Pakistan have certain goals towards each other in Afghanistan and use different situations to achieve these goals. For example, Pakistan uses paramilitary groups like the Taliban as strategic puppets, while India always relies on its soft power to exert influence in the region.*

*Over the past few decades, India and Pakistan have taken their rivalry to Afghanistan and have always tried to play an active role in the future of Afghanistan, and it is clear that both sides have their own interests in this country.*

***Keywords:*** *India, Afghanistan, Pakistan, Taliban, competition, investments, reconstruction, Jamu and Kashmir*.

## ҚУВВАҲОИ НОАЁН ДАР СИЁСАТГУЗОРИҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

**ШАРИФОВ ИСКАНДАР ИБРОҲИМОВИЧ**
ходими хурди илмӣ, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо – и АМИТ. Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Мушфикӣ 51/2. Тел: 928083451. E-mail: iskandarsharifi10@mail.ru

*Мо дар як давраи таърихӣ зиндагӣ дорем, ки дар он кӯшиши доимӣ ва баъзан қариб номуносиби консепсияи низоми ҷаҳонӣ вуҷуд дорад, ки фаҳмиши умумиро аз даст додааст. Хаос ба мо таҳдид мекунад ва дар айни замон вобастагии бесобиқаи мутақобила ба вуҷуд меояд, аз паҳншавии силоҳи қатли ом, пошхӯрии давлатҳо, оқибатҳои муносибати ғоратгарона ба муҳити зист, идомаи амалияи наслкушӣ ва босуръат ҷорӣ намудани технологияҳои нав, таҳдиди шадидтар кардани низоъҳо то андозае берун аз имкониятҳои инсонӣ ва ғайраҳо. Имрӯз роҳҳои нави коркард ва интиқоли иттилоот минтақаҳоро мисли пештара муттаҳид карда, рӯйдодҳои маҳаллиро дар сатҳи ҷаҳонӣ тарҳрезӣ мекунанд, аммо ба тавре ки онҳо фаҳмиши пурраи онҳоро пешгирӣ мекунанд ва ҳамзамон аз раҳбарони давлатҳо вокуниши фаврӣ, ҳадди ақал дар шакли шиорҳоро талаб мекунад. Мо ба давраи наве дохил шуда истодаем, ки дар он ояндаро қувваҳое муайян мекунанд, ки на сарҳад ва на ягон низомро эътироф мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *"қувваҳои ноаён", "низоми нави ҷаҳонӣ", "дастҳои ноаён", Иллюминатҳо, масонҳо, Клуби Билдерберг, Римӣ, Коммисияи Сетарафа, Шуро оид ба корҳои хориҷӣ*

Дар сиёсат бо ибораҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки шахсро вориди фикру мулоҳизаҳои тулонӣ мекунад. Шояд, шумо низ бо ин гуна мафҳумҳо рӯ ба рӯ шудаед. Масалан, "қувваҳои ноаён", "қонунҳои ноаён", "дастҳои ноаён", "сиёсатҳои ноаён" ва амсоли инҳо. Аз ин саволе бар меояд, ки чаро "ноаён", "аён" нест. Мо аз қонунҳои физикӣ, аз табиат, коинот медонем, ки "қувваҳои ноаён" мавҷуданд, ки онҳоро дидан намешавад. Барои мисол қувваи ҷозибаи замин, қувваи электрикӣ, қувваи соиш ва ғайраҳо. Агар аз қувваҳое, ки мисол овардем, яке набошад ва ё аз андоза ё меъёр берун равад, пас шояд ҳаёт дар замин нест шавад. Оқибати аз андоза берун шудани қувваҳои табиат боиси нест шудани ҳаёт дар замин мегардад. Аммо дар сиёсат кадом "қувваҳои ноаён" мавҷуд аст? Вазифаи "қувваҳои ноаён" дар чист? Оё мо "қувваҳои ноаён" –и сиёсатро медонем? Оё "қувваҳои ноаён" моро иҳота кардаанд?

Ин "қувваҳои ноаён"- ро муҳаққиқон, бонкдорон, сиёсатшиносон "аҳли тавтеа", ҳукумати пинҳонии ҷаҳон, "дастҳои ноаён", "ҷамъияти пӯшида", Иллюминатҳо, масонҳо ва ғайраҳо номидаанд, ки бевосита бо сиёсати ҷаҳонӣ сару кор доранд. Ҷанг, инқилоб, эътирозҳо ва бухронҳо дар сайёраи замин аз ҷониби онҳо тарҳрезӣ ва ба ҳар гӯшаи ҷаҳон ба воситаи навкарон, муассисаҳои худ таҳмил мегардад. Аз ин маълум мегардад, ки дар сиёсат ягон ҳаводис худ аз худ ба вуқӯъ намепайвандад ва агар ба вуқӯъ пайваст, пас ҳатман "дасти онҳо" дар ин кор ҳаст. Неъматҳоро тақсим мекунанд, сармояи ҷаҳониро назорат мекунанд, бухронҳои иқтисодӣ – сиёсиро идора мекунанд, параметрҳои "ҷангу сулҳ" – ро муайян мекунанд ва бо принсипи "лейсеферизм" амал менамоянд.

Ҳар кишвари сайёра таомули рушди худро доро буда, суверенитети миллии худро дорад ва дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ ҳар давлат нақши худро меофарад. Яке "абарқудрат", яке "таҷовузгар", яке "сулҳҷӯ", яке "тараққикарда", яке "қашшоқ" ва ғайра. Аммо боз чароғи давлатҳо хомӯш мешавад, чун медонем, то имрӯз чароғи

бузургтарин империяҳои инсоният хомӯш шудаанд. Барои мисол, Империяи Куруши Кабир, империяи Искандар, империяи Рими қадим, империяи Византия, империяи Туркҳои Усмонӣ, империяи Британия ва ғайра. Ба ин далел ин мисолро овардем, ки дар ҷаҳон ягон чӣ абадӣ нест. Танҳо дар хотираи таърих боқӣ мемонаду халос.

Рӯҳи миллат бо таърихи миллат зинда мемонад. Имрӯз давлатҳо, миллатҳо бо нигоҳи нигилистӣ таърихи худро фаромӯш сохта ба вартаи нобудӣ ва хаос ворид шуда истодаанд. Анатомияи рӯҳи миллиро забон, фарҳанг, таърих, арзишҳои давлатдории миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ғояи миллӣ ташкил медиҳанд. Зеро рӯҳи миллат ва тафаккури миллӣ аз ин падидаҳо ғизо ва қувват мегирад. Халалдор шудани яке аз ин мафҳумҳо таъсири худро ба рӯҳи миллӣ ва тафаккури садсолаҳо шаклгирифтаи миллат мерасонад. Дар олам “забонҳои мурда”, “фарҳангҳои мурда”, “тамаддунҳои мурда” ва “арзишҳои мурда” кам нестанд, ки бо мурури гузаштани вақт мавқеи худро аз даст дода, ба гӯшаи фаромӯшиҳо рафтаанд. Албатта, омилҳои зиёд буданд ва ҳастанд, ки ба пояҳои ин арзишҳо теша зада аз байн бурдаанд. Аммо соҳиби забон, фарҳанг, тамаддун ва ҷамъияти арзишмеҳвар метавонист, пеши роҳи нобудшавиро гирад. Ин як сабаби асосӣ дорад. Вазифаи умумӣ ба вазифаи фардӣ иваз гардидааст.

Муҳандисони ҳукумати худкома бар он назаранд, ки давлатҳои миллӣ ба як мафҳуми берун аз истифода мубаддал шудаанд. Ҳатто дар шаклгирии сиёсати ҷаҳонӣ нақше надоранд. “Қувваҳои ноаён” бо давлатҳои миллӣ иртиботи созанда надоранд. Бо амалҳои конвергенсионӣ, ба монандкунии хусусиятҳои забонӣ, фарҳангӣ, тамаддунӣ, идеологӣ ва эътиқодӣ мушарраф гашта, ҷаҳонро бо равандҳои мондиалистӣ муттаҳид ва ба ҳукмронии ҷаҳон ноил гардиданӣ ҳастанд.

“Қувваҳои ноаён” тарҳи умумибашарии худро дошта, дар асоси арзишҳои либералию сатанӣ мехоҳанд, низоми нави ҷаҳониро созмон диҳанд. Ин амали онҳо аз вақту фазо берун нест. Муассисаҳо ва навкарони онҳо дар тамоми гӯшаву канори олам мавҷуданд, ки барои шикастани рӯҳи миллатҳо камар бастаанд. Ва содиқона аз ҳадафҳои онҳо дифо намуда, вазифаи хешро иҷро менамоянд, то ки ба диққати назари онҳо афтанд. Ё худ содиқи “тахайюли бофта” – и худ мебошанд.

Дунёи сиёсат пурасрортарин ва аз ҷиҳати мавзӯъ мураккабтарин падида ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, сиёсат олами гуногунранг аст. “Қувваҳои ноаён” – и сиёсат ин оламро боз ҳам мураккабу пурасрор мекунанд. Падидаҳои терроризм, экстремизм, ҷанги иттилоотии ҷадид, бархурди тамаддунҳо, “одами ҷадид”, “ҷануби бой ва шимоли қашшоқ”, “сиёсати дугона ва сегона”, “қоидаҳои асри 21” ва бозӣ накардан бо онҳо, падидаҳои офарида ва натиҷаи фаъолияти онҳо мебошад. Ҷамъ гаштани сармояи ҷаҳонӣ дар дасти онҳо, идораи системаи пулии ҷаҳон, бозори сиёҳ, воситаҳои ғуломсозии асри 21, савдои одамон, қочоқи моводи мухаддир, бозори танфурӯшӣ, хариду фӯруши силоҳ ва воситаҳои қатлу куштор, саноати порнографӣ ва истеҳсоли воситаҳои дилхушӣ низ аз ҷумлаи соҳаҳои даромадноки онҳо ба шумор меравад. Барои мавҷуд будани “қувваҳои ноаён” чунин мисолҳои зиёдеро овардан мумкин аст. Тамоми ҷамъиятҳои маъруфи махфӣ, аз қабили Институти шоҳии корҳои хориҷӣ (RIIA), Шӯрои равобити хориҷӣ (CFR), Билдербергерҳо, Сегонаҳо, Сионистҳо, Масонизм, болшевизм-розенкрейзерҳо, аз ҷумлаи “қувваҳои ноаён” – и сиёсат мебошанд. Ордени Юҳаннои Байтулмуқаддас, Клуби Римӣ, Фонди Маршалли Олмон, Мизи мудаввар, ҷамъияти Фабианистҳо, Аристократҳои сиёҳи Венетсия, Ҷамъияти Монт - Пелерин, Клуби оташи ҷаҳаннам ва дигарон, ки то ҳол вазифаҳои аслии онҳо ба таври кофӣ дарк карда нашудаанд ё тамоман махфӣ боқӣ мондаанд,[1,3] ҷамъиятҳое ба шумор мераванд, ки мустақиман бо сиёсати ҷаҳонӣ сару кор доранд. Инро ҳамчун “қувваҳои ноаён” муҳаққиқон унвон кардаанд.

“Қувваҳои ноаён” ва муносибати онҳо бо давлатҳои миллӣ ва ҷаҳони сеюм пас аз шикасти низоми дуқутбӣ ва ба анҷом расидани ҷанги сард ранги дигар гирифт ва шумораи давлатҳои миллӣ дар сайёраи замин афзуд. Аммо баъди буҳрони бемории ҳамагири каронавирус муносибати онҳо бо давлатҳои миллӣ дар “марҳилаи нав” қарор

гирифтааст. Назарияпардозон бар он ақидаанд, ки ин “марҳилаи нав” сохтору ниҳодҳои сифатан навро доро аст. Ҳамзамон акторҳои наве ба ба вуҷуд омадааст, ки бевосита “қоидаҳои асри 21” – ро муайян мекунанд ва дар офаридани ҷангҳо, буҳронҳо, инқилобҳо, шӯришҳо, қиёмҳои мардумӣ, низоъҳо ва идораи онҳо бевосита сару кор доранд. Шурӯъ аз идораи иттилооти ҷаҳон, сармоя, боигарӣ ва сарватҳои табиии замин, балaнси пешравии давлатҳои миллиро дар як қолаб нигоҳ доштан низ вазифаи онҳо гардидааст. Масонгарӣ, Клуби Билдерберг, Кумитаи 300, Комиссияи сетарафа, Шӯро оид ба корҳои хориҷӣ, Клуби Римӣ, ки бо ҳадафҳои гуногун таъсис дода шудаанд ба хидмати “қувваҳои ноаён” сафарбар шудаанд. Ин ташкилотҳои номбурда, тахминан 93% бойгарии ҷаҳонро идора мекунанд. Онро мутахассисони соҳаҳои гуногун бонкдорон, намояндагони васоити ахбори омма, намояндагони саноати киносозӣ, намояндагони муассисаҳои илмӣ – тадқиқотии ҷаҳон ва намояндагони ширкатҳои бонуфузи ҷаҳон ташкил дода, сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқиро шакл медиҳанд ва идора мекунанд.[2,1] Фоҷеаи асосӣ дар дасисаҳои “аҳли тавтеа” нест, балки дар надонистан ва беасосу асотир номидани ин ниҳоди худкома мебошад. Ҳамзамон аз назари илмӣ дар канор мондааст ва аз ин лиҳоз кам касоне ҳастанд, ки ба он аҳамият медиҳанд. Ҳатто барои омӯхтани он ва ифшо кардани ин гурӯҳ “хати қирмиз” мавҷуд аст. Аз ин хотир низ, “қувваҳои ноаён” то имрӯз ҳамчун афсона, асотир дар тафаккури мардум шакл гирифтааст.

Ҳамаи мулоҳизаҳои дар боло зикршуда, ба шеваи хоси худ, муҳимтарин чизҳое ҳастанд, ки бояд дар хотир дошт. Инҳо асоси мақоларо ташкил медиҳанд, ки дар мавзӯъҳои алоҳидаи мақола ҷойгиранд: (а) роҳҳои аз даст рафтани қисмҳои муайяни таърихӣ; (б) ба осонӣ нест кардани тамоми қитъаҳои таърихи мо; (в) сабабҳои пахш ва пинҳон кардани таърих аз ҷониби кӣ; ва (г) қаноатмандии махфӣ ва наздики маниакалӣ аз ҷониби шахсиятҳои пурқуввате, ки таърихи фиребгарона эҷод кардаанд, ки бисёриҳо қабул мекунанд. [3]

Дар саҳифаҳои минбаъда шумо дарк хоҳед кард василаҳое, ки таърихи “қувваҳои ноаён” бо сабабҳои ташвишовар, пурасрор, бадхоҳона, хашмгинона, нобахшиданӣ пинҳон карда шудааст. Шумо хоҳед фаҳмид, ки чӣ гуна инсониятро ба давраи вустоӣ, ҷоҳилият ва ибтидоӣ бурда истодаанд. Онҳо таърихро тавре муаррифӣ мекунанд, ки на ончуноне, ки буд ва ҳаст. Ин вазъиятест, ки ҳатто пас аз ҳазорон сол даст накашидаанд ва ҳеҷ нишонае аз таваққуфи он нест. Таърихи муосир ва ҳам гузашта, дар шакли воқеии худ, зери хатари рафтан ба ҳамон роҳе қарор дорад, ки ба сӯи нобудшавӣ майл дорад.

Истифодаи истилоҳи “низоми нави ҷаҳонӣ” ва “қувваҳои ноаён” аз ҷониби сиёсатмадорон дар соли 1991 бори аввал набуд. Аммо, ин бори нахуст буд, ки диққати миллионҳо нафарро ба худ кашид. Тааҷҷубовар нест, ки он барои мо ва оянда чӣ маъно дорад, баҳсҳои зиёдеро ба вуҷуд овард. Гарчанде, ки ҳама гуна “низоми ҷаҳонӣ” табиатан хуб ва муфид хоҳад буд, аммо ҳама далелҳо ба таври қатъӣ вазъи дигареро нишон дода истодаанд. Низоми нави ҷаҳонӣ танҳо дар бораи моделсозии оянда нест, балки дар бораи ғарқ кардани аҳолӣ аст, то онҳо аз гузаштаи хеш бехабар бошанд.[4]

“Қувваҳои ноаён” дар тули сесад соли охир қудрати қобили бузургеро бар арсаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ касб кардааст. Пас, чӣ гуна ин муттаҳидшавии аҷиби ноҳамвор, ки реша дар расму оинҳои норавшан, намоишномаи махфӣ, либосҳои ҷолиб, ҳамчун меъморони паси инқилобҳо, ҷангҳо ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ шинохта шудаанд. Маълумоти куллӣ дар бораи ҷомеаҳои махфӣ вуҷуд надорад, аммо бо эҳтимоли зиёд метавонад ду созмони хусусӣ вориди баҳси мо шавад, Комиссияи сетарафа ва Гурӯҳи Билдерберг. Ҳардуи онҳо, агар хусусӣ бошанд ҳам, хуб ҳуҷҷатгузорӣ шудаанд, ки мавҷудияти онҳо ҳамчун мушовир дар мавзӯъҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ хуб ҳуҷҷатгузорӣ шудааст. Ҳақиқат ин аст, ки дар паси пардаи онҳо дар бораи ба назар маъмулӣ ва гуфтугӯи таҳкими “вобастагии афзояндаи мутақобила”, як ахлоқи қатъии ҷаҳонишавӣ вуҷуд дорад, ки баъзан ба таълимот ва методологияи

таърихии “қувваҳои ноаён” комилан шабеҳ аст. Инҳо метавонад, як қадами дигар ба сӯи ҳукумати мутамаркази ҷаҳонӣ бошанд. Барои фаҳмидани он, ки назарияи чунин як режими тоталитарии ҷаҳонӣ чӣ гуна метавонад зоҳир шавад, мо бояд ба решаҳои он баргардем, ки аз асри 19 сарчашма мегиранд ва дар таълимоти сиёсии норавшан бо номи синархия ҷойгир аст. Ва он чизе, ки бори аввал аз ҷониби як оккултисти фаронсавӣ ва масони маъруф бо номи Ҷозеф Александр Сен-Ив д'Алвейдр пешниҳод шудааст. Ҳатто дар маркази таълимоти давраи Эхё ва Замони нав мафҳуми “элита” ва “сардорони махфӣ” ё “қувваҳои ноаён” буд, ки пешрафт ва таҳаввулоти пешрафти рӯҳонӣ ва ҳатто моддии инсонро роҳнамоӣ мекард. [3]

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз ин омил, “қувваҳои ноаён” аз идеологияе реша мегиранд, ки фарҳанги мутамарказ ва якхеларо дар бар мегирад, ҳам аз нозукиҳо ва гуногунрангии давлатҳои миллии суннатӣ озод ва ҳамзамон “вобастагии мутақобила”-ро ба муқаддасӣ ва дастнорас будани як фарҳанги миллӣ, як абарқудрати воҳид, ки ҳар як паҳлуи зиндагии тобеони онро зери назорат гирифта, озодии баён, ҳаракат, табодули афкор, плюрализм ва мустақилиятро бо роҳи таъсиси қудрати умумибашарӣ манъ мекунад, тақвият медиҳанд. Ва ин аслан, муваффақтарин тарзи амалӣ шудани орзуи “қувваҳои ноаён” тасаввур карда мешавад.

Тавре ки қаблан дар боло зикр кардем, мафҳуми ҷамъиятҳои махфӣ ва “қувваҳои ноаён” дигар падидаи комилан пинҳонӣ нест, аммо боз ин ҳеҷ гоҳ пинҳон набудааст. На танҳо бисёре аз созмонҳои ба истилоҳ “соягӣ”, “ноаён”, “махфӣ” дар майдони кушод фаъолият мекарданд, балки огоҳиҳо дар бораи таҳдидҳои онҳо ҳадди ақал аз асри 18 пайдо шудаанд. Он чизе, ки дарки ҷомеа аз ин таҳдидҳо тағйир ёфтааст. Ҷамъияти махфӣ ҳоло дар фарҳанги маъмул аз нуфузи нимихронӣ бархурдор аст, ки бо филмҳо, романҳо, мусиқӣ ва сайтҳои интернетӣ бо ҳама дар робитаанд.

Ҳадафи ин мақола пешниҳоди шарҳи таърихии ҷомеаҳои махфӣ ва таҳдиди онҳо ба аҳолии ҷаҳон мебошад. Ин маънои онро надорад, ки он ҳамчун як шарҳи сиёсӣ хидмат кунад ё эҳсоси ксенофобиро инкишоф диҳад. Аммо дар пажӯҳиш як риштаи мушаххаси тамоюли омили муттаҳидкунанда дар паси нобаробарии зоҳирии ин гурӯҳҳо хидмат мекунад. Ин омил, фалсафаи ягонаест, ки мекӯшад як фарҳанги якхела ва сохтори ҳукуматӣ бунёд кунад, ки дорои қудрати аз ҳад зиёд ва дастнорас бошад.

Мавқеи ин ҷониб дар ин мавзӯъ ин аст, ки воқеан ҷузъҳои берун аз назорати шуури мо вуҷуд доранд, ки мехоҳанд иттилоот ва афкори ҷамъиятиро таҳрик кунанд, то ба эҳтиёҷоти низоме, ки мехоҳад қудратро тавассути раванди ҷаҳонишавӣ, андешаҳои мухолиф ва хомӯшии мустақими онҳо муттаҳид созад. Дар мавриди ангезаи ин ниҳодҳо мутамаин нестам, ки онҳо ҳатман ба як идеологияи мушаххаси сиёсӣ, фарҳангӣ ё мазҳабӣ хосанд, аммо дар ҷаҳонбинии худ абстракттар буда, ба хотири худ қудрат меҷӯянд. Фикри шахсии ин ҷониб он аст, ки мо дар ҳоли ҳозир дар ҷаҳоне зиндагӣ дорем, ки ба озодии баён ва рӯзгори мо, маҳз ҳамин ниҳодҳо таҳдид мекунанд ва бо ҳар роҳу восила бо ин ниҳодҳо мубориза бурдан вазифаи хоси ҳар нафари соҳибақлу солимфикр ва ватанпараст аст. Дар ниҳояти кор ақли солим ва ҳақиқат бояд ғалаба кунад.

## АДАБИЁТ:


**1.** Комитет 300 / Д. Колеман — «Алисторус», 1992 — (Хозяева мира) ISBN 978-5-907024-86-1

**2.** Secret history:Conspiracies from ancient aliens to the new world order. Nick Redfern - Copyright © 2015 by Visible Ink Press®

3. The Illuminati, Freemasons, Bilderberg Group, Knights Templar, The Jesuits, Skull And Bones And Others//James Jackson./ Copyright 2015 by Make Profits Easy LLC profitsdaily123@aol.com

4. The New World Order Book. Nick Redfern - Copyright © 2018 by Visible Ink Press® . Str 18

# НЕВИДИМЫЕ СИЛЫ В СОВРЕМЕННОЙ МИРОВОЙ ПОЛИТИКЕ

**ШАРИФОВ ИСКАНДАР ИБРОХИМОВИЧ**
младший научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАТ. Адрес: г. Душанбе, ул. Мушфики 51/2. Тел: 928083451. Электронная почта: iskandarsharifi10@mail.ru

*Мы живем в период истории, когда происходит постоянное усилие, а иногда и неадекватная концептуальная работа над миросистемой, давшей общее понимание. Нам угрожает хаос, и в то же время возникает беспрецедентная взаимозависимость от распространения оружия массового уничтожения, распада государств, последствий хищнического отношения к окружающей среде, продолжения практики геноцида и стремительного внедрения новых технологий, угроза обострения конфликтов в какой-то степени сверх человеческих возможностей и т.д. Сегодня новые способы обработки и передачи информации как никогда объединяют регионы, проецируя локальные события на глобальный уровень, но таким образом, что препятствует их полному пониманию и в то же время требует немедленной реакции со стороны лидеров государств, по крайней мере, в форме лозунгов. Мы вступаем в новую эру, в которой будущее будет определяться силами, не признающими ни границ, ни порядка.*

***Ключевые слова:*** *"невидимые силы", "новый мировой порядок", "невидимые руки", иллюминаты, масоны, Бильдербергский клуб, Римский клуб, Трехсторонняя комиссия, Совет по иностранным делам*

# INVISIBLE FORCES IN MODERN WORLD POLITICS

**SHARIFOV ISKANDAR IBROHIMOVICH**
junior researcher at the Institute for the Study of Asian and European Countries. Address: Dushanbe, st. Mushfiqi 51/2. Tel: 928083451. E-mail: iskandarsharifi10@mail.ru

*We live in a period of history when there is a constant effort, and sometimes inadequate conceptual work on the world-system, which has given a common understanding. We are threatened by chaos, and at the same time, an unprecedented interdependence is emerging from the proliferation of weapons of mass destruction, the collapse of states, the consequences of predatory attitudes towards the environment, the continuation of the practice of genocide and the rapid introduction of new technologies, the threat of escalating conflicts to some extent beyond human capabilities, etc. .d. Today, new ways of processing and transmitting information unite regions like never before, projecting local events onto the global level, but in a way that prevents their full understanding and at the same time requires an immediate reaction from the leaders of states, at least in the form of slogans. We are entering a new era in which the future will be determined by forces that recognize neither boundaries nor order.*

***Key words:*** *"invisible forces", "new world order", "invisible hands", Illuminati, Freemasons, Bilderberg Club, Club of Rome, Trilateral Commission, Council Foreign Affairs*

***ШАРҚШИНОСӢ***

# ХУДШИНОСӢ ВА МАНФИАТИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТ ДАР СУРИЯ

Дар шароити зудтағйири ҷаҳони муосир накши ҳувийяти миллӣ ниҳоятан дорои аҳамияти муҳим аст. Ҳувийяти миллӣ дар вуҷуди худ фарогири масоили гуногуни иҷтимоию равонӣ аст, ки таҳлилу омӯзиши он имкон фароҳам меоварад то роҳи рушди ҷомеа муайян карда шуда, ҳадафҳои умумӣ меъёрҳои ахлоқию рафтории мардумон ва дараҷаи рушди муттамаддуни ҷомеа муайян карда шавад.

Дар шароити раванди ҷаҳоннишавии имрӯза сатҳи худшиносии миллӣ, иқтидори зеҳнӣ, неруи инсонӣ, дарки арзишҳои илмиву дунявӣ барои давлат миллатҳо ниҳоят муҳим аст. Махсусан муҳимитяи ҳувийяти миллӣ дар вазъи кунунии хатарҳои минтақавию ҷаҳонӣ метавонад ба ҳайси пардаи ҳифозатӣ барои давлатҳои миллӣ хидмат намояд.

Таърихи навини башар собит намудааст, ки ҳар қадар иқтидори зеҳнӣ ва худшиносии милии афроди як кишвар боло равад, ҳамон қадар пояҳои давлатдорӣ ва қудрати сиёсиву тавоноии он давлат афзӯда, дар баробари ҳама гуна хатару ҳамалоти берунӣ истодагарӣ карда метавонад. Махсусан дар шинохти навини ҳуввияти миллӣ, ки марбут ба даврони пасомустамликавӣ буда, баъд аз ҷанги аввалу дуввуми ҷаҳон дар иддае аз кишварҳои ҷаҳон сурат гирифт, ин раванд давлат-миллатҳои наверо дар низоми нави ҷаҳонӣ ба вуҷуд овард, ки бо такя ба таъриху фарҳанг ва иқтидори зеҳнии хеш, навъи нави давлатдории ҷумҳуриявиву парлумонии дунявӣ тавонистаанд, дар як муддати кутоҳ рушд намуда, дар баробари муқовиматҳои шадиди геополитикӣ истодагарӣ намоянд. [15.464] Метавон дар байни кишварҳои мусалмоннишини Шарқи Наздику Миёна ва ҷаҳони араб кишвари Сурияро, мавриди баррасӣ қарор дод, ки дар даврони навин, дақиқан дар ду қарни охир бо боло гирифтани ҳуввияти милливу эҳсоси баланди худшиносӣ ва давлатмеҳварӣ дар муқобили ҳама гуна хатароти геополитикиву тавтеасозии қудратҳо истодагарӣ намудааст. Мардуми ин минтақа аз замони расидан ба огоҳии миллӣ дар дарозои тақрибан ду қарни охир барои озодиву истиқлол ва нигоҳ доштани давлати милливу дунявии худ пайваста мубориза бурданд. Аз ҳар гуна шикаст муваффақият сохтанд. Руҳияи мубориза ва ғолиб омаданро дар баробари ҳама гуна таҳдид аз даст надодаанд. Пайваста дар дифо аз манофеъи миллии хеш қарор гирифтанд. Таҳлили ҳаводиси таърихи навини ин кишвар бозгӯкунандаи дараҷаи баланди ҷасорати миллӣ, ҳисси худшиносии миллӣ ва давлатмеҳвариву арҷгузорӣ бо низоми дунявии давлат шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмӯъ ин тарзи андеша пайкараи қавии миллиро ба миён оварда, дар ҳамбастагии милливу мардумӣ тавониста бар алайҳи тероризими ҷаҳонӣ низ истодагарӣ намояд.

Сурия яке аз кишварҳоест, ки дар он куҳантарин тамаддунҳои ҷаҳонӣ аз ҷумла тамаддуни шумерию бобулӣ ва аккодӣ шакл гирифтаанд. Ҳануз дар ин минтақа куҳантарин ёдгориҳои инсонӣ барҷоянд. Марказҳои тамаддуние, ки дар Сурия ташаккул ёфтаанд, бо тамаддуни мисрӣ чинӣ ва ҳиндую эронӣ ҳамзамон буда, аз аввалин ташаккулёбии тамаддуни инсонӣ шаҳодат медиҳанд. Танҳо масъала ва тафовут он аст, ки тамаддуни ҳиндию чинию эронӣ дар бархурдҳои таърихӣ ҳувийяти худро нигоҳ доштанд, вале тамаддуни бобулӣ ва шумерию аккодӣ, ки дар қаламрави имрӯзаи Сурия ва Ироқ шакл гирифта буданд, дар ин дарозо ва муборизоти пайваста ҳувийяти худро аз даст дода, ба тамаддуни дигар омехта шудаанд ё ҳадди ақал вижагии хоси худро аз даст додаанд.

Тамаддуни инсонӣ ҳам монанди зиндагӣ иборат аз кашмакаши доимӣ бо марг аст. Ҳамон гуна, ки зиндагӣ мумкин нест, абадан пойдор бимонад, ҷуз ин ки аз шаклҳои қадимии худ ба шаклҳо навтар табдил ёбад, тамаддун низ аз шаклҳои пешини худ ба шаклҳои навтар бадал мешаванд. Ҳоло вақте кас ба минтақаи Бобул назар меафканад,

гумон меварзад, ки ин сарзамин ҳеҷ гоҳ дорои тамаддуне набудааст. Вале вақте ба осори таърихӣ назар меафканем, дармеёбем, ки як замоне дар соҳили дарёи Даҷла ва Фурот маркази тамаддунии неруманд ва пур аз сарвати модииву маънавӣ шояд дар он илми нуҷум ва муддате ҳам дар он илми пизишкӣ ривоҷ ёфтааст. Илми луғатшиносӣ ба миён омада, нахустин қонуннома низ фароҳам омадааст, ки бо номи қонунҳои Ҳамурапӣ машҳур аст. Аксар бар ин ақидаанд, ки решаи илми риёзӣ, табииёт ва фалсафа низ аз ин манотиқ бархоста, ба Юнон интиқол шуда бошанд. Аз тамаддуни куҳани ин сарзамин осоре ба Юнон ва порае аз иттилооти илмию меъморӣ ба аъроб интиқол ёфта, бархе аз достонҳо ба яҳудиён расидаанд. Осори тамаддуни Бобул ва шумеру акодиро метавон дар руҳи хуфтаи аворупои асримиёнагӣ низ дарёфт. [3. 141-165] Сарзамине, ки ин тамаддун шакл гирифтааст, байни ду наҳр Даҷла ва Фурот ташаккул ёфта, бо номи тамаддуни шумерию аккодӣ дар ибтидо зикр гардида, баъдан бо номи тамаддуни бобул ва ё тамаддуни байнаннаҳран низ маъруф гардидааст. Бобул аз лиҳози таърих ва нажоди мардумон натиҷаи омехташавии аккодиҳо ва шумериҳо ба якдигар ба шумор меравад.

Сурия кунунӣ, ки дар гузашта ҳамроҳ бо кишварҳои Урдун, Лубнон, Фаластин бахше аз сарзамин Шом маҳсуб мешуд, собиқае бас дароз дар таърих дорад, ки муаррихон, ин қидматро ба ҳудуд панҷ ҳазор сол пеш мерасонанд. Аз онҷо, ки ин сарзамин дар тули муддати ёд шуда, аз фарҳанг ва тамаддун дурахшоне бархурдор буда, осор ва нишонаҳое аз ин тамаддун бар ҷой гузоштааст. Қабл аз тасаллут мусулмонон бар ин кишвар, ақвом мухталифе аз ҷумла: ақвоми сомӣ, орамӣ, мисрӣ, ошурӣ, Бобилӣ, юнонӣ, Римӣ ва эронӣ, ки ҳар аз чандгоҳе ин кишварро сукунатгоҳи хеш намуда ё онро дар маърази тохтутоз қарор додаанд, нишонаҳое аз тамаддуни хоси хешро барои рӯзгорони баъдӣ ба ёдгор гузоштаанд. [12.326]

Тамаддунҳои кӯҳани Сурия таърихи  бештар аз 5 ҳазорсола доранд ва дар ин минтақа тамаддунҳои бобулию ошурӣ ассириягӣ ба миён омада, агарчи аввалин давлатҳо давлатҳои шумерию бобулӣ буданд, ҳангоми зуҳури императории ҳахоманишҳо ин сарзамин тобеъи императорҳои ҳахоманиши гардида ва то замони зуҳури Искандари Македонӣ ва лашкаркашии ӯ дар тобеъияти онҳо боқӣ мемонад. Бо омадани Искандар ин минтақа ба тобеъияти давлатҳои юнонию бохтарӣ ворид карда мешавад ва таъсирпазирии фарҳангҳои юнонӣ ва эрониро ба худ гирифта инчунин баъзе аз таъсироти фарҳангии бобулию суриёниро ба ин кишварҳо интиқол намудааст. Бо зуҳури масеҳият ва императории Рим муддате дар тобеъияти императории Рим қарор мегирад ва масеҳият ҳамчун дини расмӣ дар он пазируфта мешавад. [12.326]Қобили зикр аст, ки то зуҳури масеҳият дар ин минтақа боварҳои гуногун мавҷуд буданд ва бо зуҳури яҳудияту масеҳият мардуми ин минтақа таҳти таъсири ин адён қарор гирифтанд. Пас аз зуҳури ислом қисмате аз мардуми Сурия ба дини нав ислом фаро гирифта шуданд.

Агар дар маҷмӯъ даврабандиҳои тамаддунии Сурияро дар гузори таърих баррасӣ намоем, чунин хоҳад буд: Тамаддуни қадимаи Сурия тақрибан ба 3500 сол пеш аз мелод; Шумериҳо 2130-1250 сол пеш аз мелод; Аккодиҳо 2200-2250 сол пеш аз мелод; Умуриҳо 1880-2200 сол қабл аз мелод; Бобулиҳо (шарқи Суриё) 2450-3500 сол пеш аз мелод; Орамиҳо 1800-795 сол қабл аз милод; Ошуриҳо (минтақаҳои шарқии Сурия) 1050- 600 сол пеш аз милод; Давраи ҳахоманишӣ 550- 333 сол пеш аз милод; Императории силовикӣ 333-43 то милод; Шоҳаншоҳии Сосониҳо баъди аҳди Хусрави Парвиз 402-439; Императории Рим 63-636; Хулафои рошиддин 661-750; Хулафои уммавӣ  750-1258;  Салтанати Аюбӣ 750-1358; Салтанати мамоликӣ 1260-1517; Императории Усмониён 1516- 1918; Давраи англисию фаронсавӣ 1918-1920; Давраи Малик Файсал 1920-1921; Салтанати Фаронса бар Сурия 1920-1946; Истиқлоли Сурия ва ба вуҷуд омадани Ҷумҳурии арабии Сурия соли 1946. [2;3.137-140 ]

Тавре аз хронологияи таърихӣ бармеояд, таърихи кишвари Сурия пур аз шебу фарозҳо буда, дар дарозои мавҷудияти хеш борҳо ба тамаддунҳои гуногун махлут

шудааст ва тақрибан тамоми бархурдҳо ва ҷаҳонгушоиҳое, ки тавассути императриҳои гуногун дар Шарқи Наздик рух додаанд, таъсири худро ба сарзамини Сурия гузоштаанд ва чунин раванд пеш аз ҳама мавқеи ҷуғрофиёии Сурия мусоидат намудааст, ки як роҳи иртиботие байни Шарқу Ғарб қарор доштааст ва аксар аз иртиботи хушкию дарёӣ аз қаламрави Сурия мегузаштанд ва дар даст доштани ин қаламрав ҳамеша барои императорону ҷаҳонкушоён мавқеи хуби стратегӣ доштааст. Ҳамин боис гардидааст, ки минтақаи имрӯзаи Сурия дар дарозои таърих ҳамеша мавриди бархурду муборизаҳои гуногун қарор бигирад. Агарчӣ тамоми муборизоти суриёниёнро наметавон дар як мақола дарҷ намуд, вале метавон даврони нави ин кишварро, ки бо такя ба худшиносии миллӣ, ки саршори муборизоти истодагарӣ аст зикр намуд.

Сарзаминҳои Сурияи кунунӣ аз соли 1799 мелодӣ бо фатҳи Миср тавассути Нопалеон Бонапарт тахти ишғоли Фаронса қарор гирифтанд. Бо истиқлоли нисбӣ расидани Миср, Сурия низ дубора ба империатории Усмонӣ вогузор гардид. Озори масеҳиён, ки қисмате аз аҳолии сурияро ташкил медоданд, аз ҷониби исломиён ва саркӯби шуришҳои онҳо дар ин қаламрав боиси он гардид, ки давлатҳои аврупоӣ мудохилаи беш аз пеш ба ин кишварро анҷом диҳанд. Саранҷом дар соли 1860-и мелодӣ, Фаронса ба унвони кӯмак ба султони Усмонӣ дар идораи Сурия, неруҳои низомии худро дар Бейрут (ки он замон ҷузъи Сурия буд) пиёда кард. [11.559 ]

Бо поён ёфтан ҷанги ҷаҳонии якум тағйироти асосӣ дар равобиту сиёсати байналмилалӣ ба миён омад. Яке аз муҳиммтарин осори ин ҷанг фурӯпошӣ ва аз байн рафтани чаҳор императории бузурги ҷаҳон, яъне императори Рояли Олмонӣ, императори Руссияи Тсезорӣ, императори Утриши Венгрия ва императории Усмонӣ буд, ки дар ниҳоят миёни фотеҳони ҷанги ҷаҳонии аввал қаламравҳои онҳо тақсим шуд. Ҳарчанд Англия бозингари аслӣ дар набард бо императории Усмонӣ буда, ниҳоятан қарордод тарк мухосимаро бо Усмонӣ дар соли 1918 баст, аммо дар ин миён нақш фаронсавиҳоро низ набояд нодида гирифт. Бахусус, дар ҳавзаи шарқии Байнаннаҳрайн, ки имрӯза онро бо кишварҳое ҳамчун Сурияву Лубнон мешиносанд ва бар сарсарзаминҳои ишғолии ин минтақа ки ҳоло даргирӣ дар ҷараён аст, таъсири бевоситаи фаронсавиҳо будааст. Нақши Фаронса дар баҳрабардорӣ аз ин сарзамин то он ҷост, ки маҳз бо кӯшиши фаронсавиҳо номи Сурия бар асос саҳм ин хитта дар авҷгирии тамаддуни Ошур гузошта шудааст. [9.9-19 ]

Сокинон арабии императории Усмонӣ бо пуштибони кишварҳои Фаронса ва Англия тавонистанд дар баробар давлати Усмонӣ ба пирӯзӣ даст пайдо кунанд ва дар сарзамине, ки имрӯз бо номи кишвари Сурия шинохта мешавад, подшоҳии арабии Сурияро ташкил диҳанд. Арабҳои ин сарзамин, ки барои озодӣ талоши бисёр карда буданд, хоҳон истиқлол комил сарзаминашон шуда, дар пай он буданд, ки ҳокимият худро бар манотиқи аҷдодии хеш густариш медиҳанд. Ваъдаҳои зиёде аз сӯи давлатҳои иттифоқчиёни онҳо, бахусус Англия, ки дар он замон нуфуз бисёре дар сарзаминҳои арабӣ дошт, ба сокинони араби императории Усмонӣ дода шуд. Англисҳо кӯшиш ба харҷ доданд, барои шикастани императории усмонӣ аз эҳсосоти миллии арабии мардум ин минтақа барои пирӯзӣ дар ҷанг истифода намоянд. Ваъдаи Лондон ба арабҳо дар ҷанг ин буд, ки парчами мардуми араб аз Ҳалаб дар шимоли Сурия то Адан дар ҷануби Яман партавфишон хоҳад шуд. Ин матлаб на ба ин андоза, вале ба шакле маҳдуд дар қарододи махфёнаи соли 1916 маъруф ба қарордод “Соякс пайку”, ки ду сол пас аз оғоз ҷанги ҷаҳонии аввал барои тақсим сарзаминҳо баъд аз поёни ҷанг ба имзо расид, низ инъикос пайдо карда буд. [1.169]

Кишварҳои ғолиби ҷанги ҷаҳонии аввал, ки дар пайи баҳрҳбардорӣ аз мавқеияти бадастомда буданд, манфиати худро дар тақсим ин сарзаминҳо диданд. Ҳамин тавр, сарзаминҳои арабии императори Усмонӣ миён ду қудрат ғолиби ҷанги ҷаҳонии аввал, яъне Фаронса ва Англия, таҷзия шуданд. Дар мавриди Сурия ва Лубнон қуръа ба номи Фаронса афтод ва ин манотиқ ба ҳавзаи нуфӯзи Париж дар Ховари Миёна бадал гашт.

Бар асоси ин тавофуқ, манотиқе ҳамчун Ироқ ва Фаластин ба Англия расид ва Лондон таъсиргузории худро бар ин сарзаминҳо ба сурат ҳуқуқӣ ва сиёсӣ расмият бахшид. Сурия ва Лубнони имрӯзӣ ба дасти Фаронса афтод ва ин кишвар бидуни таваҷҷуҳ ба хостаҳои мардуми араби минтақа, сиёсат худро пеш бурда, манфиатҳояшро пайгирӣ намуд. Ин раванд, заминаи ихтилоф миён мардуми Сурия ва кишвари Фаронсаро ба вуҷуд оварда, мардуми Сурия аз ин сиёсати Фаронса сахт озурда шуда, эҳсос карданд Париж аз онҳо суистифодаи низомӣ кардааст. [14.40]

Бо тавофуқҳои анҷомшудаи пуштипардаӣ миёни Лондон ва Париж, неруҳои низомии Фаронса 8-уми октябри соли 1919 дар Бейрут пиёда шуданд ва тақрибан тамоми манотиқи соҳили Лубнонро аз неруҳои низомии англисӣ пас гирифта, бидуни ҳеҷ навъ истиҳола ҳукумати маҳаллии арабиро, ки ба раёсати Шоҳ Файсал аз хонадон Ҳошимии Сурия шакл гирифта буд, бекор эълон карданд. Моҳи декабри соли 1919 неруҳои Англия барои иҷтиноб ва дурӣ аз даргирии мустақим бо Фаронсавиҳо аз Димишқу манотиқи атроф он низ ақибнишинӣ карданд ва давлати навпо ва тозатъсис Шоҳ Файсали арабро дар муқобили неруҳои ба таври комил мусаллаҳи Фаронсавиҳо ба ҳол худ вогузоштанд. Дар конфронсе бо ном Сонирму, ки дар сол 1920 дар маҳалле бо ҳамин ном баргузор шуд ва дар он раҳбарон чандин кишвар аз ҷумла давлат Италия ва Япония низ ҳузур доштанд, сайтараи Фаронса бар Сурия ҷанбаи ҳуқуқӣ пайдо кард ва таҳким ёфт. [11.559]

Шоҳ Файсал нафаре буд, ки дарки дурусте аз қоидаҳои сиёсати байналмилалӣ надошт ва намедонист моҳият равобити байналмилалӣ ба кадом асос ва усул бино шудааст. Аз ин лиҳоз, ҳангоми сафар ба Аврупо хост табодули назар бо мақомҳои Биритониё ва Фаронсаро дар дастури кори худ қарор диҳад. Вале талошҳои ӯ аз ҷониби Лондон ва Париж чандон ба эътибор гирифта нашуданд. Ӯ аз роҳдоданашуданаш дар конфронси сулҳи Париж ва бетаваҷҷуҳи такрории давлатҳои Фаронса ва Англия ба ин натиҷа расид, ки идома подшоҳи ӯ дар Сурия бидуни додан имтиёзот бузурге ба Фаронсаву Англия кори чандон осоне нахоҳад буд ва ё ба таъбир соддатар аслан имконпазир нест. [11.45-50]

Бар хилофи хостаҳои худ Шоҳ Файсал дар баробар сиёсатҳо ва тасмимҳои давлатҳои Англияву Фаронса таслим шуда, неруҳои низомии худро ба таътил фиристод, вале арабҳои дорои руҳияи баланди миллӣ сукут накарданд, ба ҳимояти мардумӣ кӯшиданду дар муқобили давлати истеъморгари Фаронса ба муборизаи худ идома диҳанд. Ҳарчанд тавони низомии неруҳои суриёнӣ бо неруҳои фаронсавӣ муқоисанашаванда буд, мардуми Сурия руҳияи муқовиматиро бардоштанд ва талош карданд ҳуқуқи худро боз ситонанд. Дар натиҷа, миёни арабҳои миллиандеш ва неруҳои низомии Фаронса ҷангу даргирӣ сурат гирифт. Ин набард, ки дар таърих бо ном набарди «Мислун» маъруф аст, дар ниҳоят бо ғолибии неруҳои фаронсавӣ поён ёфт. Дар набард “Милсун” неруҳои довталаби суриягӣ ба фармондеҳи вазири вақти ҷанги Сурия, Юсуф Алъазма аз як тараф ва артиши Фаронса ба раҳбарии генерал Ҳонри Гуру дар тараф дигари ҷанг қарор доштанд. Ин ҷанг дар Димишқ ва атрофи он моҳи январ 1920 оғоз шуд. Дар ин набард, Юсуф Алъазма бо се ҳзор неруи низомии суриёнӣ натавонист, дар муқобили нӯҳ ҳазор нафар фаронсавиии муҷаҳҳаз ва ҷанганда бо танкҳо муқовамат кунад ва чандон аз оғоз ҷанг нагузшта буд, ки артиш Сурия шикаст хӯрд. Теъдоди куштаҳои ин ҷанг тақрибан ҳудуд чаҳорсад нафар буда, ин набард тақрибан ҳудуд ҳазор захмӣ барои Сурия ва 42 кушта ва 154 захмӣ барои Фаронса ба ҷо гузошт. [1:36]

Роҳбари неруҳои Фаронсавӣ Генерал Ҳонри Гӯру пас аз ҳодисаи мазкур роҳкори дигари сиёсиро пеш гирифт ва барои заъиф гардонидани муборизаи суриягиҳо ин кишварро аз назари нажодиву қавмият ба чанд давлат кӯчактар тақсим кард. Аз ҷумла фаронсавиҳо давлати Ҳалаб, давлати Алълуиин, давлати Ҷаблолдрӯз, ва давлати Димишқро шакл дода, Лубнонро ба сурат комил аз ин сарзамин истиқлол доданд ва дар натиҷа давлати Лубнонро ба вуҷуд оварданд. Истеъморгарони фаронсавӣ мансабҳо ва

идоракунии калидиву ҳассоси Сурияро ба дасти худ нигоҳ дошта, мардуми бумии Сурияро ҳатто дар қудрат шарик накарданд. Ҳамчунин ин нуктаро бояд зикр кард, ки тақсими давлат дар Сурия ба чанд давлат кӯчактар беҳадаф набуд. Фаронсавиҳо мақсад доштанд аз бархурдҳои қавмию мазҳабии манотиқи тахт ишғолашон истифода намуда, онҳоро дар муқобили ҳам қарор диҳанд ва хатарро дар нисбати худ камтар гардонида, ба ҳокимияти худ дар ин сарзамин идомат бахшанд.[1:37]

Аз ин замон саркарда ҳузури бештари Фаронса дар таҳаввулоти Сурия мушоҳида шуда, таъсиргузории ин қудрати Аврупоӣ дар саҳнаи сиёсии Сурия тавсеа пайдо мекунад. Онҳо миллигароёни сурияигиро, ки дар Димишқ ва манотиқи атрофи он сокин буданд, саркӯб намуда, забони Фаронсавиро монанди дигар мустамликадорон ба мардуми Сурия таҳмил карданд. Фаронсавиҳо ҳатто зимоми иқтисоди Сурияро ба даст гирифта, ҳамагуна озодандешиву озодии баён ва мухолифатеро, ки аз истиқлоли ин кишвар мегуфт, нобуд менамуданд. Ин раванд багузашти замон бо мухолифату муқовамати мардуми Сурия рӯбарӯ шуда, оғози як нерӯи муқовамат алайҳ ишғолгарон фаронсавӣ, ки дар пайи таҳаққуқи манофеъ ва сиёсатҳои худ буданд, гардид. Фақат дар моҳи март соли 1924 ҳангоме ки ироқиҳо ҳаққи доштани маҷлисро аз Лондон касб карданд, фаронсавиҳо низ иҷоза доданд, ки миллигароҳои сурияигии ҳизб халқ ба раёсат ва раҳбарии Фрис Алхуриро таъсис кунанд. [14.87-88]

Аз соли 1936 шуруъ намуда, Фаронса ба тадриҷ сиёсат наверо дар қиболи Суруя дар пеш гирифт ва як худмухтори ҳадди ақалӣ ба раҳбарони сиёсии ин кишвар дод. Албатта ин худмухтори низ зер назари мустақими намоянда ва комиссари олии Фаронса буда, худмухторӣ ба маънои воқеии калима маҳсуб намешуд.[7]

Дар июли соли 1941 бо оғози ҷанг ҷаҳони дувум, неруҳои англисӣ ба ҳамроҳи теъдоде аз афсарони “Фаронсаи озод”, яъне мухолифони Олмони фашистӣ, ба Сурия ҳамла намуда, онро дубора ишғол карданд. Дар пай ин ҳодиса роҳбарони Суриёнӣ эъломи истиқлол карданд ва кашмакаше миёни тарафайн оғоз шуд. Дар моҳ майи сол 1945 Фаронса бори дигар Димишқро бомбаборон кард, то раҳбарони Сурияро дастгир кунад. Дар ҳамин ҳол Фрис Алхурӣ, нахуствазири мунтахаби Сурия, зимни конфронси Созмони Милали Муттаҳид дар Сан-Франсиско дар ҳол эълом истиқлол Сурия буд, ки Фаронса ҳамалотеро алайҳи Димишқ тартиб дод. Дар ниҳоят, бар асари фишори истиқлолталабон ва то ҳудуде ҳимояти Лондон неруҳои низомии Фаронса моҳи апрел 1946 хоки Сурияро тарк ва тахлия карда, истиқлоли Сурия баъди он амалӣ ва расмӣ гардид. Ҳамин тавр, Сурия фасли нав аз таърихи худро оғоз кард ва ба унвони як кишвар вориди арсаи байналмилалӣ шуд. Албатта аз зикри ин нукта набояд ғофил буд, ки аз замон истиқлол низ Сурия ҳамвора дар марказ таваҷҷуҳ қудратҳои истеъморгар аз ҷумла Фаронса будааст ва ҳамчунон ин кишварҳо талош карданд дар умури дохилӣ ва ҳокимияти Димишқ дахолат кунанд. [8. 180]

Аз нигооштаҳои таърихӣ бармеояд, ки мардуми Сурия ҳамеша мардуми мубориз, ғаюр ва дар муқобили ҳамагуна таҷовузе, ки ба хоки ин кишвар шудааст, истодагарӣ намудаанд. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки ҳануз аз даврони ниҳоят қадими таърих боқӣ мондани ёдгориҳои таърихию фарҳангии Бобулӣ ва шумерию аккодӣ, ки дар қаламравҳои имрӯзаи кишвари Сурия, аз ҷумла Ҳалаб, Аполо, ва дигар манотиқ боқӣ мондаанд, ҳамчунин аз назари қавмият боқӣ мондани халқияти суриёнӣ, ки ҷузъе аз таркиби қавмияти имрӯзаи Сурияро ташкил медиҳанд, далели ҳамаи ин гуфтаҳост. Аз як тараф агар дар қаламрави имрӯзаи Сурия кӯҳантарин тамаддунҳои Шарқи Наздику Байнаннаҳрайн ба вуҷуд омада, баъдан дар заминаи онҳо тамаддунҳои дигар ва давлатҳову империяҳои дигар шакл гирифта бошанд ҳам, вале нигоҳ доштани ҳувийят ва озодии фардию иҷтимоӣ барои мардуми ин минтақа ниҳоят муҳим будааст. Нишондодҳои таърихӣ бар онанд, ки мардуми Сурия ҳануз пас аз вуруди аврупоиён ба ин минтақа аз соли 1799 ба баъд барои озодии худ ҳамеша мубориза бурдаанд. Аввалин ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва шӯришҳо бар муқобили бегонагон маҳз дар қаламрави Сурия сурат гирифтааст. Аз ҷониби мустамликадорони Ғарб борҳо кӯшиш

ба харҷ дода шудааст, то руҳияи озодихоҳии мардуми Сурия шикаста шавад. Аз ин лиҳоз, дар ин қаламрав фаронсавию англисҳо аз тамоми анвои таъсиррасонӣ ва зудуднаи ҳувийяти миллӣ истифода намудаанд. Вале бо ҳамаи ин нигоҳ накарда, мардуми ғаюру озодипарасти Сурия бар алайҳи бегонагон муборизаи ҳамешагии худро ҷиҳати озодию истиқлол ба роҳ мондаанд. Гувоҳи ин гуфтаҳо он аст, ки кишвари Сурия 5 бор дар таърихи навин ҷиҳати расидан ба истиқлол мубориза бурдааст. Ҳануз пас аз ҷанги ҷаҳонии аввал мардуми Сурия хостанд шоҳигарии алоҳидаи кишвари Сурияро ба вуҷуд оваранд ва Шоҳ Файсал аз хонадон Ҳошимии Сурия ба ҳайси роҳбари хеш пазиранд. Вале Фаронса ва Британияи Кабир нагузоштанд чунин навъи давлат шаклгирӣ кунад. Онҳо маҷбур шуданд, ки Сурия ва Либияро аз ҳам ҷудо намоянд. .[9.44-56]

Яке аз бартарияти муборизаи мардуми Сурия дар он буд, ки пас аз шикасти императории усмонӣ дар маҳдудаи ин кишвар миллиандешӣ ва ҳувийяти баланди миллии арабӣ ташаккул ёфт ва мардумони ин сарзамин новобаста аз он ки таркиби аҳолии он фарогири миллиятҳои гуногун буд, барои расидан ба озодию истиқлол муборизаи муташаккил намуданд. Зеро дар ин минтақа арабҳо, суриёниҳо, курдҳо, туркҳо, армянҳо, яҳудиҳо ва миллатҳои дигар низ сукунат доштанд, ки чунин гуногунқавмӣ пеш аз ҳама вобаста ба он аст, ки ин сарзамин дар дарозои таърих борҳо аз ҷониби давлатҳо ва қудратҳои бартари замон мавриди таҷовуз қарор гирифтааст. Ин лашкаркашиҳои пайваста низ боиси он гардидаанд, ки то ибтидои садаи 20 дину боварҳо ва оинҳои мухталиф дар байни мардуми Сурия ривоҷ дошта бошад ва айни ҳол низ таркиби динии ин минтақа ниҳоят гуногун ва ниҳоят рангоранг аст. Аз ҷумла мардумоне, ки дар сарзамини Сурия иқомат доранд иддае боварманди дини ислом, ки қисмате пайрави мазҳаби суннӣ, қисмате пайрави мазҳаби шиаи исноашара, исмоилӣ ва қисмате пайрави шиаи алавианд. Инчунин қисмати муайяни аҳолии ин минтақа пайравони дини масеҳӣ мебошанд, қобили зикр аст, ки масеҳиён ҳам пайрави мазҳаби православӣ ва ҳам католикӣ мебошанд, ки агарчи забони гуфтугӯиашон арабӣ аст, вале бовармандии ин мардум бар мабнои арзишҳои масеҳӣ сурат гирифтааст. Инчунин қисмате аз аҳолии кишвари Сурия язидӣ ё эзидиҳоянд, ки онҳо бештар ба арзишҳои зардуштия ва динҳои Эрони кӯҳан мутобиқат мекунанд. Иддае аз мардуми ин минтақа аз дини яҳудӣ низ пайравӣ мекунанд ва қисмате аслан ба ҳеҷ як динҳои маъмулии имрӯз гаравиш надошта, онҳо ба оинҳои кӯҳани бовармандӣ эътиқод доранд. Чунин гуногунии таркиби бовармандӣ боиси он мегардад, ки ҳувийяти динӣ ба кори фардӣ табдил ёфта, ҳувийяти миллӣ авлавият пайдо намояд.

Ҳамин аст, ки ҳануз пас аз ташкилёбии аввалин давлати типи ҷумҳуриявӣ дар Шарқ махсусан пас азислоҳоти Камол Мустафо ва шаклгирии Ҷумҳурии Туркия кишвари Сурия низ аз аввалин кишварҳое аст, ки мардумонаш ҷиҳати расидан ба ин навъи сохтор дар мубориза қарор гирифтаанд. Онҳо ҳануз соли 1928 маҷлиси миллии маҳаллии хешро таъсис дода, Сурияро давлати соҳибистиқлол эълон менамоянд. Онҳо парламенти маҳаллии худро таъсис дода, идоракунии маҳаллиро ба роҳ мемонанд. Ҳамчунин дар ҳамин сол аз ҷониби маҷлиси миллии ин кишвар конститутсия наве қабул карда шуд, ҳамчун базаи асосии идоракунӣ ки дар он вазъи тобеяити фаронсавиҳо инкор карда мешуд. Фаронсавиҳо аз ин ба хашм омада, сохтори парламентариро бекор намуданд ва ҳангоме, ки фронти халқӣ дар соли 1936 сари қудрат омад, шартномаи нав байни Фаронса ва элитаи сиёсии Сирия ба имзо расид, ки он истиқлолияти Сурияро эътироф менамуд, аммо дар консититутсия банде ворид карда шуда буд, ки фаронсавиҳо дар ин қаламрав манфиатҳо ва ҳуқуқи махсусро дороанд. [9.27-44]

Дар ибтидои ҷанги ҷаҳонии аввал вақте Фаронса аз тарафи миллатгароён ғасб карда шуд, дар ин ҳолат манотике, ки таҳти мустамликаи Франсия қарор доштанд, худро “Фаронсаи озод” эълон намуданд ва бо сарварии Дегол Сурия ва Лубнон бори дигар мустақилият эълон намуданд. Дар соли 1943 ҳокимияти Фаронса розигии худро ҷиҳати таъсис додани парлумон ва истиқлолияти ин қаламрав эълон мекунад ва ахиран

дар соли 1948 франсавиҳо маҷбур мешаванд қушунҳои худро аз қаламрави Сурия берун баранд. Тавре аз фактҳои таърихӣ бармеояд, ҳеҷ қавме ба мисли суриёниҳо барои ба даст овардани истиқлолияту озодӣ ин қадар сахт мубориза набурдааст. Яъне дар давоми наздик ба 30 сол онҳо 5 бор барои ба даст овардани истиқлолият мубориза бурда, агарчи 4 маротиба истиқлоли эълон кардаи онҳо аз тарафи фаронсавиҳо эътироф нагардида, ба шикаст мувоҷеҳ шуда бошад ҳам, вале дар охир соли 1946 онҳо тавонистанд истиқлолияти комили кишвари хешро ба даст даронанд. Фаронсавиҳо бо берун рафтан аз қаламрави Сурия кӯшиш намуданд мақоми баъзе аз манотиқро баҳсбарангез боқӣ гузоранд. Аз ҷумла дар қаламрави Сурияю Лубнон чанде аз вилоятҳоро аз ҷумла худи вилояти Лубнон вилояти Латакин қавмҳои боварманди алавӣ, ки дар Александрета ва ҷануби Сирияи имрӯза буданд, инчунин ду қаламрави сунинишинро аз ҷумла Димишқ ва Ҳалабро ихтилофбарангез гузоштанд. Онҳо умедвор буданд, ки дар ин қаламрав ҳеҷ гоҳ давлати воҳид ба вуҷуд намеояд ва ҳамеша бархурдҳо байни гуногунияти қавмӣ ва динӣ сурат мегирад. Аз ин қаламравҳои баҳсӣ гузоштаи фаронсавиҳо Лубнон мақоми республикаи алоҳидаро гирифт ва Александрета ба таркиби Туркия дохил карда шуд. Аз соли 1946 давраи нав дар таърихи Сурия оғоз мешавад. Ин замон он ягона давлати дорои сохтори ҷумҳуривӣ арабии мусалмонӣ буд. [9.44-56 ]

Як масъала мавриди зикр аст, ки суриёниҳо бо ба даст овардани истиқлол тамоми мушкилашон ҳал нагардид, зеро аз солҳои 1948-49-и саддаи гузашта шуруъ карда, бо таъсисёбии давлати Исроил, ки дар ҳамсоягии Сурия ба вуҷуд омада буд, вазъияти номусоид Сурияро фаро гирифт, зеро қавмҳои арабӣ таъсиси як давлати яҳудиро дар сарзаминҳои худ намепазируфтанд. Аз ҷониби дигар суриёниҳо эҳсоси хатар менамуданд ва ҳамеша дар ҷустуҷӯи давлатҳои ҳамкори қавии минтақавӣ буданд ва онҳо аз ду давлат яке Миср ва дигаре Ироқ ҳамчун мушорики эҳтимолӣ пайдо намудаанд. Вале дар ин замон ки Сурия ҳамчун сохтори сиёсии ҷумҳуриявӣ буд, наметавонист бо режими шоҳии Миср забон ёбад. Ғайр аз ин дар Сурия раванди табадулотҳои ҳарбӣ оғоз шуда буд, ки он солҳои 1949- 70 идомат пайдо намуд. Танҳо дар соли 1949 се табадуллоти ҳарбӣ сурат гирифт. Чунин ҳолати номуътадилии сиёсӣ таъсир мерасонд, то ҳар замон мақомоти роҳбарикунанда тағйир ёбанд ва барои пешрафти давлат монеа эҷод мекунад. Аз ин нуктаи назар метавон кишвари Сурияро дар байни кишварҳои мусалмоннишин, кишвари аз ҳама маъмули арабиии сертабадулот ё дар маҷмуъ кишвари мусалмонии сертабадулот номид. Аз ҷониби дигар, Сурияро метавон на танҳо дар байни кишварҳои арабӣ, балки дар байни кишварҳои ҷаҳон яке аз кишварҳое ҳисобид, ки констиутсияаш зуд зуд иваз шудааст. Ҳар замон табадуллотҳои ҳарбӣ боиси ба вуҷуд омадани лоиҳаҳои нави конститутсияҳо гардиданд, ки онҳо аз як тараф ҳараҷу мараҷро низ ба вуҷд меоварданд. [9.69-85]

Яке аз идеяҳои асосии милиандешиву миллатгароии арабӣ маҳз дар Сурия ба вуҷуд омада пайравони ин ҷараён бештар кӯшиш мекарданд, ғояи миллии арабиро бар ғояи динӣ болотар гузошта, ҷиҳати ба ҳам овардани таркибҳои гуногуни динию бовармандӣ мусоидат намоянд. Қобили қайд аст, ки ҳануз ҳангоми шаклгирии давлати Туркия ва инқилоби Мустафо Камол дар иддае аз кишварҳои арабӣ низ ҷараёнҳои миллӣ шаклгирӣ намуданд ва идеологияи миллии Мустафо Камол аз 6 банд иборат буд, ки сурёниҳо низ ҷиҳати тақвияти пайкараи миллии хеш аз он истифода намуданд: Аввал, ин тарзи идоракунии ҷумҳуриявӣ, ки боиси рушди миллият гардида, миллат-давлатҳоро ба вучуд меорад. Дуввум, бартарӣ додан ба қавмҳои давлатсоз ва сеюм, идеяи халқият, ки моҳияти он пеш аз ҳама барои бартараф намудани ихтилофҳои дохилӣ равона гардонида ба ҳамаи халқиятҳо ҳуқуқҳои баробар дода шавад. Чорум, ин дунявияти давлат ба ҳисоб меравад, ки барои ба вуҷуд овардани ягонагии миллӣ мусоидат мекунад ва ҳамагуна ихтилофҳои мазҳабиро аз байн мебарад ва панҷум, принсипи он этотизм ба ҳисоб меравад, ки моҳияти ин идея пеш аз ҳама дар он амалӣ мегардад, ки ниҳоди давлат ҳамчун батанзимдарорандаи тамоми соҳаҳои ҳаёти

иҷтимоӣ аст ва маҳз давлатмеҳварӣ метавонад миллатро ба самти шукуфоӣ раҳнамоӣ созад ва принсипи шашуми он инқилобгароӣ аст, ки он дурнамои пешрафти иҷтимоиро таъмин менамояд. Дар заминаи ин 6 принсипи Мустафо Камол натсионализми арабӣ низ ба вуҷуд омад ва дар заминаи он ҳизби Баас дар Сурия ташаккул ёфт. [8 ]

Бояд қайд кард, ки яке аз идеологҳо ва поягузорони ҳизби "Баас" Мишел Афлокӣ (араби масеҳӣ) ва дигаре аз онҳо Заки ал Арсузӣ (мусалмон) буд. Маҳз ин ду нафар дар Сурия идеологияи миллӣ ва лоиҳаи миллиро ба вуҷуд оварданд, ки баъдан он на танҳо дар кишвари Сурия, балки дар дигар кишварҳои арабӣ низ шакл гирифта, таъсиргузор шуд. Натсионализми арабӣ махсусан дар замони ҷанги ҷаҳонии дуюм ташаккул ёфт ва он соли 1943 таъсис ёфта, ташаккули ниҳоиаш пас аз ҷанги ҷаҳонии дуюм ба анҷом расид.

Ноустувории сиёсӣ агар дар ин солҳо яке аз раванди кишвари Сурия бошад, раванди дигари он боло гирифтани миллатгароии арабии суриёнӣ буд, ки пайравонаш мехостанд идеологияи худро дар дигар аз кишварҳои арабӣ амалӣ созанд ва таҳаввулоте, ки дар Миср соли 1954 сурат гирифт, маҳз бо кӯшиши миллатгароии арабисуриёнӣ, ки онҳо мехостанд дар атрофи худ давлатҳое, ки ба онҳо монанд ва аз назари муносибат робита карда тавонад, ба миён оваранд. Ба инқилобе, ки тавассути Наср дар Миср амалӣ гардонида шуд, маҳз аз ҳамин идея маншаъ мегирад, ки натиҷаи он давлати шоҳигарии Миср аз байн бурда шуд. Наср мехост як давлати ягонаеро байни Сурияю Миср ба вуҷуд оварад. Рӯйи ин лоиҳа корҳои зиёде анҷом дода шудаанд ва дар соли 1958 қароре қабул карда шуд, то дар заминаи ин ду давлат Ҷумҳуриҳои арабии муттаҳида таъсис ёбад. Қобили зикр аст, ки солҳои 50-уми қарни гузашта, даврони шукуфоии худшиносии миллӣ арабӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 1958 яке аз муҳимтарин воқеаҳое, ки дар Шарқи Наздик ба вукуъ пайваст,ин таҳаввулоти ҳарбӣ дар Ироқ буд, ки натиҷаи он Ироқ низ ба ҳайси шакли нави давлатдорӣ пайваст. [ 9.117-132]

Як нуқтаро зикр кардан зарур аст, ки дар иттиҳодияи бавуҷудомада, байни Миср ва Сурия Наср Сурияро ҳамчун ҳамшарики баробарҳуқуқ намедонист ва ӯ чунин меҳисобид, ки танҳо Миср давлати ҳақиқӣ аст ва давлатҳои дигар, инҳо қабилаҳое ҳастанд, ки дорои парчами худанд. Чунин тарзи бархӯрд боиси норозигии мардуми Сурия гардид. Аз ҷониби дигар, яке аз мушкилоти, иҷтимоие, ки дар ин ҷомеа бархост ин буд, ки ҷомеаи мисрӣ бештар хусусияти анъанавию куҳнагароӣ дошт. Ҳарчанд англисҳо дар он инфрасохторҳои муҳим ва навро ба вуҷуд оварда буданд, вале дар баробари он ҳануз ҳам мардум тарзи тафаккури анъанавӣ доштанд. Дар Сурия бошад, тафаккури пешқадам ҷой дошт ва гоҳе, ки Наср кӯшиш намуд дар қаламрави Сурия ислоҳот ба вуҷуд оварад, боси бархурди шадиде байни синфи миёнаи Миср гардид ва натиҷаи он бо табадуллоти ҳарбӣ дар соли 1961 анҷом ёфт ва Сурия худро давлати алоҳида аз Миср эълон намуд. Аз солҳои 61 қарни гузашта ду раванди нав дар ҷомеаи Сурия оғоз мешавад. Яке бозгашт ба иттиҳод бо Миср ва дигаре дорои давлати мустақил будан ва ин ҳолат то солҳои 70 ум идомат пайдо мекунад.

Аз солҳои 1963 шуруъ карда, назди давлатмардони Сурия роҳи рушди Сурия пеш меояд, ки он бояд идомаи рушдаш бо роҳи сотсиолистӣ бошад ё бо роҳи капиталистӣ. Пешоҳангони ҳизби "Баас" лоиҳаи сотсиолизми миллиро пешниҳод менамоянд. Соли 1963 табадуллоти нави ҳарбӣ Сурияро фаро мегирад, ки дар натиҷаи он ҳокимият ба дасти ҳизби "Баас" мегузарад ва аз он замон то ба ҳол ҳокимият дар Сурия дар дасти ин ҳизб қарор дорад. Аз 8 марти 1963, ки ҳамасола ин рӯз ҳамчун иди миллии Сурия ҷашн гирифта мешавад, ҳокимияти нав дар Сурия ба вуҷуд омад. Қайд кардан зарур аст, ки аъзои партияи "Баас" аз халқиятҳои гуногун ва боварҳои гуногун буданд. Масалан агар поягузораш Мишел Афлокӣ масеҳӣ бошад, Заки ал Арсузӣ аз мусалмонҳои алавӣ буд. Дар соли 1963 вақте ҳизби "Баас" қудратро ба даст гирифт, аъзои ҳукумат иборат буданд, аз Муҳаммад Умрон ки он алавӣ буд, Ҳофиз Асад низ алавӣ, Салоҳ Ҷадид - алавӣ, Салим Хатум -Друзӣ ва Зиёд Ҳарирӣ -суннӣ буд. Дар ин даврон Луи ал Атасӣ, ки

президент интихоб гардида буд, суннӣ буда инчунин Амин Ҳафиз ки солҳои 1966 вазифаи президентиро ифо мекард низ суннӣ буд. Дар соли 1967 яке аз ҳодисаҳои фундаменталӣ дар Миср ба вуқуъ пайваст, ки ҷанги шаш рӯзаи арабу исроил сурат гирифт, дар натиҷаи он Исроил нимҷазираи Синайро  аз Миср ишғол намуда, ба соҳилҳои канали Суэс баромад ва баландии Голанро, ки ба Сурия мутаалиқ буд, ба худ тобеъ намуд. Чунин ҳолат вазъияти бухрониро барои ҷаҳони араб ва махсусан барои Сурия ба миён овард. Ин ҳолат боиси он гардид, ки байни ду мақомдори баланди Сурия: Ҷадид ва Ҳофиз Асад ихтилоф ба миён ояд. Ҷадид мехост дар муқобили Исроил аз мавқеи ҳарбӣ истифода кунад ва кӯшиш менамуд бо Миср иттиҳодро барқарор намуда, баландии Голанро дубора ба тобеияти кишвараш баргардонад. Аз ин хотир, Ҷадид муқобили ҳар гуна ҳамкорӣ ва консерватизми давлатҳои арабӣ буд ва ӯ бисёр мехост гуруҳҳои фаластиниро барои ин иқдом тақвият бахшад. [ 9.145-180]

Солҳои 70- ум бухрони шадиде Урдунро фаро гирифт, ки дар он маҳз гурезагони Фаластин ба сар мебурданд.  Дар ин ҳангом юрише бар муқобили шоҳи Урдун ба амал омад. Ҷадид аз ин мухолифон дастгирӣ мекард. Зеро ӯ меандешид, ҳангоми шикаст хӯрдани фаластиниён кишвари Сурия аз ҷониби режимҳои монархии нимҷазираи Араб дар ҳолати инзиво (изолатсия) қарор мегирад. Агарчӣ ҳам Ҷадид ва ҳам Асад аз назари мансубияти бовармандӣ алавӣ буданд, аммо ҳар кадоме аз онҳо дидгоҳи сиёсии худро ҳам дар масоили сиёсати беруна ва ҳам дар масоили сиёсати дохилӣ доштанд. Ҷадид бештар тарафдори ташккул додани иқтисод ба ҷанбаи милликунонаи он ва ислоҳоти амиқи хоҷагии қишлоқ буд. Асад бошад дар ин ҳангом  пешвои ҳарбии давлат ба ҳисоб мерафт ва иҷтинобгирии ниҳоят эҳтиёткоронаро ба роҳ монда буд. Ӯ намехост бо Исроил ҷангад ва ҳамчунин бо режимҳои консервативии нимҷазираи Араб мавриди мухолифат қарор диҳад. Ин мухолифатҳо боиси он гардид, ки Ҳафиз Асад Ҷадидро боздошт кунад ва он муддати тулоние дар зиндон қарор бигирад. Ҳофиз Асад ниҳоят шахсияти сахтгир буд, мухолифони худро намебахшид. Яъне иддае аз мухолифоне, ки агар зинда мемонданд, онҳо ё дар ҳабси хонагӣ ё дар ҳабс ва ё аз Сурия фарор мекарданд. Ин гуна таҳаввул дар моҳи ноябри соли 1970 ба амал омад ва аз он замон сар карда, дар Сурия диктатураи Асад ҳукмронӣ дорад. [9.200-249]

Яке аз тафовути ҳукмронӣ дар Сурия ончунон зоҳир мешавад, ки аққаллиятҳои миллию мазҳабӣ бар аксарият ҳукумат мекунад. Дар Сурия сарварии артиш, сарварии хадамоти махсус ва он гурухе, ки муҳаррики иқтисод ба ҳисоб меравад, дар бисёр ҳолат алавиҳо ҳастанд, ки дар он ҷойи баҳс вуҷуд надорад. Тафовут дар он аст, ки аз байни кишварҳои арабӣ чунин ҳолат танҳо хоси Сурия аст ва дар кишварҳои дигари арабӣ чунин ҳолат ҷой надорад. Масалан дар Ироқ аққалиятҳо сунниҳоянд, ки 20, 25% аҳолиро ташкил медиҳанд. Намояндаи онҳо давлатро дар замони Саддом Ҳусейн роҳбарӣ мекард. дар Сурия ин аққалият алавиён мебошанд, ки онҳо 10,20% аҳолиро ташкил дода, маҳз онҳо муҳаррики асосии самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии Сурия ба ҳисоб мераванд. Қобили қайд аст, ки барои замони муайян ҳамин гуна дар дасти аққалият қарор гирифтани ҳокимият боиси оромиши ҷомеаи ин кишвар гаштааст, зеро аққалият наметавонанд бар алайҳи аксарият таъсири зиёд расонанд ва ё онҳоро таҳти фишор қарор диҳанд. Ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки бо онҳо дар ҳоли оштипазирӣ қарор бигиранд. Гуё ки аққалият бар аксарият ҳокимият мекунад, ҳамеша хатти муносибатҳоро чунин таъйин менамояд, ки набояд аз меъёрҳои муайян канор рафт. Чизи дигаре ки дар ҳокимиятдории Сурия ба назар мерасад, ин ориентатсияи режими Сурия ба арзишҳои дунявӣ аст. Зеро арзишҳои дунявӣ ҳамеша дар тули таърих, махсусан аз замони шаклгирии давлатҳои навини аврупоӣ ҷиҳати тақвияти давлатмиллатҳо ва рушду ба қудрат  табдил ёфтани онҳо хидматҳои хуберо анҷом додаанд. [8 ]

Маҳз Сурия низ ҳануз аз солҳои аввалини ташкил ёфтани худ ба арзишҳои дунявӣ такя намуд ва мавқеи умумии башардӯстонаро ба роҳ монда, аз аввалин кишварҳои ҷаҳони Араб аст, ки баробарҳуқуқии зану мардро эътироф намуда, ҳуқуқи

дар интихобот баробар бо мардон ширкат варзидани занонро ҳануз дар соли 1949 қабул намуда буд ва чунин роҳкор, ки такя кардан ба дунявият буд, сиёсати Асадро барои аксарияти ҷомеаи суриёнӣ қобили қабул намуд, зеро такя кардан ба дунявият дар Сурия тавонистааст, ки дину боварҳои гуногун ва қавмияту халқиятҳои гуногунро дар ҳамзистии осоишта таъмин намояд ва барои пешрафти ин кишвар мусоидат намояд.

Дар баробари ин як масъала ҳамеша барои ҷомеаи суриёнӣ мушкил эҷодкунанда исломи радикалӣ барои ҳокимияти сиёсии Сурия ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки ҳануз дар бомдоди пайдошавии ҳизбҳои гуногун махсусан ҳизби "Баас", ки хусусияти миллӣ дошт, ҳамчунин ҳизбҳои дигаре, аз ҷумла дар соли 1928 гуруҳи «Ихвон-ул-муслимин», ки аосгузори он Ҳасан ал Банно буд, дар Миср ба вуҷуд омад. Пас аз тавсеа ёфтан дар Миср он марзҳои берун аз Миср, яъне ба Сурия низ интиқол шуд.

Қобили зикр аст, ки «Ихвон-ул-муслимин» аз лиҳози назариявию идеологӣ бар сохти дунявию демократӣ, баробарҳуқуқии зану мард мухолифат менмамуд ва танҳо қонунҳои шариатро асоси зиндагӣ ва ҷомеаи мусалмонон меҳисобид. Чунин тарзи муносибат ба ҳизби "Баас" ва низоми давлатдории Сурия сахт мухолиф буд. Ҳамин аст, ки аз соли 1963 сар карда, пас аз сари қудрат омадаони ҳизби "Баас" фаъолияти «Ихвон-ул-муслимин» дар Сурия боздошта шуд. Пас аз баста шудани ин ҷараён дар Сурия он аз байн нарафта, баръакс ба амалкардҳои пинҳонӣ шуруъ намуд ва дар бисёре аз ҳаводиси дар Сурия рух дода, ҳамчун як омили таъсиргузор ба назар мерасад, аз ҷумла дар ҳаводиси соли 1967, ки баъдан боиси дахолати Сурия ба ҷанги Лубнон дар соли 1975 гардид ва муддати тулоние низ Сурия қисматҳои муайяни Лубнонро ба тасарруфи худ даровард. Бархурди асосии "Ихвон- ул- муслимин" ва "Баас" марбут ба сабабҳои зайланд. Аввалан, ихвониён алавиҳоро мусалмон намеҳисобанд. Дуввум, онҳо ҳукумати дунявӣ ва иҷтимоии Сурияро қабул надоранд ва мутмаинанд, ки ин навъи ҳокимият анъанаҳои диниву арзишҳои онро поймол кардааст. Аз ҷониби дигар пайравони ихвонӣ умуман дунявиятро қабул надоранд ва онро режими куфор меҳисобанд. [4. 32-38 ]

Қобили зикр аст, ки сиёсатҳои геополитикии минтақавивю ҷаҳонии Шарқи Наздик ҳамеша барои бароварда кардани манфиатҳояшон аз исломи фундаменталӣ ва сиёсӣ суистифода намудаанд. Дар дарозои таърихи соҳибистиқлолии давлати Сурия борҳо ҳокимияти сиёсӣ ва низоми дунявии онҳо мавриди ҳамалоти геополитикӣ қарор гирифтааст, ки тавассути радикализми исломӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳаводиси охире, ки дар Сурия ба вуқуъ пайваст низ аз он далолат мекунад, ки мухолифини дунявияти сохтори сиёсии Сурия ҳамеша аз радикализми исломӣ дар муқобили ин давлат истифода менамояд. [6.190 ]

Бо шуруъ шудани баҳори арабӣ, ки иддае аз инқилобҳо дар кишварҳои арабӣ ба вуқуъ пайвастанд аз ҷумла бархурди сиёсие, ки байни Ироқу Амрико сурат гирифт ва натиҷаи он бо аз сари қудрат дур кардани Саддом Ҳусейн анҷомид. Инчунин тағйиротҳое, ки дар Тунис, Либия ба вуқуъ пайвастанд, дар соли 2014 пас аз интихоботи навбатӣ дар Сурия низ, ки Башшор Асад аксарияти овозҳоро гирифта, Президент интихоб шуда буд, гуруҳҳои мухолифро ба вуҷуд оварда, қудратҳои ҷаҳонӣ аз радикализми исломӣ истифода намуданд ва гуруҳҳои тундрави террористиро бо номи ДИИШ дар минтақа ба вуҷуд оварданд.

Мавриди зикри хос аст, ки роҳбарияти Сурия ҷиҳати нигоҳдошти давлати дунявии худ аз тамоми унсурҳо истифода намуданд. махсусан арзишҳои номусии халқи Сурия ки ин оштинопазирии дар муқобили душманони дохилию хориҷӣ буд ва тавре аз таҳлили таърихӣ аён аст суриёниҳо ҳамеша ҷиҳати нигоҳдошти давлати хеш аз тамоми аносир истифода намуда, ҳеҷ гоҳ новобаста аз гуногунии таркиби қавмият ва гуногунии таркиби динӣ бар алайҳи ҳамагуна таҷовузи хориҷӣ махсусан терроризми байналмилалӣ истодагрӣ намуданд. Агарчи дар ибтидо ДИИШ тавонист қисмате аз кишвари Сурияро ишғол кунад ва ба он иддае аз кишварҳои манфиатдор кӯмак

намуданд, вале ҳамбастагии миллии суриёниҳо имкон фароҳам овард, ки ҳамаи ақшори ҷомеа барои ҳифзи давлати хеш ба по бархезанд ва дар муқобили таҳдиди бунёдӣ, ки ҳадафаш аз байн бурдани кишвари Сурия буд, истодагарӣ намоянд. Ҳар фарди ин кишвар бо ҷасорати истисноии миллӣ бар алайҳи хатари пешомада бархостанд ва иттиҳоди воқеии миллиро бар зидди терроризми байналмилалӣ ба вуҷуд оварданд. Роҳбарияти давлати Сурия нақши бориз ва ояндабинонаро дар муқобили даҳшатафканони хориҷӣ ба вуҷуд оварда, тамоми ақшори ҷомеаро дар муқобили ин хатари бунёдсуз ба кор андохтанд. Кишвари Сурия бо иттиҳоду ҳамбастагии хеш собит намуд, ки иттиҳоди мардумӣ,ирода ва неруи инсонӣ, дарки манфиатҳои миллӣ ва бартарии ҷаҳонбинии илмӣ бар алайҳи ҷаҳонбинии динӣ дар шуури ҷамъиятии мардуми Сурия, мустақиландешӣ, назари танқидӣ доштан дар баробари руйдодҳо ва бедории фикрию пойбандӣ ба арзишҳои давлатдории милливу дунявӣ тавонистанд бар алайҳи терроризми ҷаҳонӣ ғолиб оянд. Ҳарчанд дар ибтидо қисмате аз қаламравҳои ин кишвар аз ҷониби ДИИШ забт карда шуда, вайрониҳои зиёде ба миён омадаанд, вале артиши миллии Сурия ва роҳбарияти сиёсии ин кишвар иродаи сиёсии худро аз даст надода, дар муқобили терроризми байналмилалӣ мубориза бурданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ аз савганди ҳарбии худ даст накашиданд ва устуворона дар баробари ин хатари умумибашарӣ мубориза бурданд. Ҳарчанд иддае аз кишварҳо ба хотири роҳандозӣ кардани ДИИШ саравҷал аз демократия ва масъалаи ҳуқуқи башар ҳарф дар миён гузошта, абзори дахолатро ба умумри Сурия ва кишварҳои минтақа ба роҳ монданд ва аз тамоми найрангҳои геополитикӣ истифода карданд, вале иттиҳоди мардумӣ, давлатмеҳварӣ ва тактикаву стратегияи роҳбарияти давлати Сурия гуруҳҳои террористиро шикаст дод ва ба онҳо ғолиб омад.

Қобили зикр аст, ки дар ин бархурд гуруҳҳои террористӣ аз саросари ҷаҳон ҷамъ омада буданд ва аз ҷумла террористони зодагони Осиёи Марказӣ, Россия, кишварҳои ИДМ ва дар умум аз саросари ҷаҳон дар ин ҷанг бар алайҳи кишвари Сурия ҷангро ба роҳ монданд. Роҳбарияти сиёсии давлати Сурия ба хотири рафъи ин хатари байналмилалӣ, ки на танҳо таҳдид ба Сурия буд, балки таҳдид ба саросари ҷаҳон иттиҳодияи кишварҳоро бар алайҳи терроризми байналмилалӣ ба миён оварданд ва бо такя ба Руссия ва дигар кишварҳо эътилофи зиддитерористӣ ташкил намуда, ахиран ДИИШ-ро ҳамчун хатари байналмилалӣ аз байн бурданд.

Бо таҳлили давлатмеҳварии мардуми Сурия метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҳувийяти миллӣ дарки давлатмеҳварӣ, ҳамбастагии мардумӣ дарки салоҳиятҳои касбию ҳарбӣ, арҷгузорӣ ба давлату миллати хеш, амалкард дар баробари ҳамагуна хатарҳо, метавонад ҳар гуна кишварро истеҳком бахшад ва онро дар баробари ҳамагуна хатарҳои эҳтимолӣ муқовиматпазир ва неруманд созад. Дар ҳоли ҳозир, ки ҳануз ифротгароии динӣ ҳамчун як хатаре ба кишварҳои Осиёи Миёна таҳдид мекунад, кишварҳои моро низ зарур аст, ки аз таҷрибаи муқовимат ва истодагарии кишвари Сурия, иттиҳоду ҳамбастагии воқеии миллӣ, давлатмеҳварӣ, бартарияти ҳувийяти миллӣ бар ҳувийяти динӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои дунявӣ, ки омили асосии ҳамбастагию иттиҳоди миллию мардумианд, метавонад моро аз хатари радиклизми динӣ берун оварад.

Имрӯз ҳамаи ҷомеаи Тоҷикистонро зарур аст бо ҳамбастагии баланди миллӣ, дарки давлатмеҳварӣ, ҳифзи истиқлолу озодии кишвар, масъулиятшиносӣ дар баробари ояндагон аз тамоми таҷрибаи кишварҳое, ки ба чунин хатар мувоҷеҳ шуда, устуворона дар муқобили он истодагарӣ карда, пирӯз берун омадаанд, аз ҷумла аз таҷрибаи кишвари Сурия истифода намоем ва давлату миллати худро қавӣ гардонем.

## АДАБИЁТ:

1. Eliezer Tauber. The formation modern iraq and Syria. London and New York. rout ledge, 1995, 432 Pages.
2. http:// fa.Wikipedia. org/wiki/ روسیه

3. В. Дюрант.Таърихи тамаддуни башар. Ҷилди 1., Созмони интишорот ва омӯзиши инқилоби исломӣ., Теҳрон. 1988. 1144 саҳ.
4. Кепель Ж. Джихад. Экспансия и закат исламизма / пер. с французского В.Ф. Денисов. М., 2004-468 стр.
5. Малашенки А.В. Исламская альтернатива и исламистский проект. М., 2006- 221 стр.
6. Модестов С.А. Геополитика ислама. М., 2003-190 стр.
7. Муҳаммадризо дабирӣ. Сурия як қарн дар як нигоҳ. Қобил бозёбӣ дар: http://irdiplomacy.ir/fa/news
8. Новейшая история Арабских стран Азии. М., 1988.
9. Пир-Будагова Э. П. История Сирии. XX век / Институт востоковедения РАН. – М.: ИВ РАН, 2015. – 392 с.
10. Сайко Э.В. Древнейший город. Природа и генезис (Ближний Восток. IV - II тыс. до н.э.). М., 1996.
11. Стенфорд Ҷей Шоу. Таърихи Импературии Усмонӣ ва Туркияи Ҷадид, // Тарҷумаи Маҳмуд Рамазонзода, ҷ. 2, Машҳад, Остон қудси разавӣ, 1370, с 559.
12. Таърихи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳон. Пайвандҳои фаросӯйи замону макон. (ҷилди якум). Душанбе – 2016, 326 саҳ.
13. Ҳусайн Салимӣ. Нигариши нав ба таърихи равобити байналмилал то поёни ҷанг ҷаҳонии дуввум. Теҳрон, интишороти донишгоҳи аллома таботабоӣ. 1395, с 169.
14. Ҷон Мачуго (*John McHugo)*. Таърихи муосири Сурия. // Тарҷумаи Миҷгон Омӯзгор.Теҳрон, нашри "шумо", 1398, 310 саҳ. Саҳ 40.
15. Энтони Смит. Национализим и модернизим: критический обзор теорий соврменных наций и национализма. М.: Праксис, 2004. 464 стр.

## ХУДШИНОСӢ ВА МАНФИАТИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТ ДАР СУРИЯ

ШАРИФЗОДА И., к.ф.н., дотсент;
ИМАТОВА Р.Д. Магистранти бахши 1-уми Инсиситути омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

*Дар мақолаи мазкур муаллифон раванди шаклгирӣ ва истеҳкоми давлати соҳибистиқлол ва дунявӣ дар Сурия мавриди мутолиа қарор дода, муборизаи мардуми ин кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон кушидаанд, аз аҳди қадим то замони муосир нақши тамадунсозиву саҳми тамаддунҳои дар минтақа шаклгирифтаро дар пешрафти илму фарҳанг ва ҷаҳонбини башар аз дидгоҳи илмӣ таҳлил намоянд. Бахусус муаллифон ба раванди давлатсозии мардуми Сурия дар марҳилаи нави таърихӣ диққати хоса дода, онро бо худшиносии миллӣ, иқтидори зеҳнӣ, истиқлолталабӣ, муборизи мардумӣ ва дарки дунявият ва боло донистани манофеъи милиӣ бар ҳама гуна манфиати ақливу гуруҳӣ асоснок намудаанд.*

*Паҳлӯи дигари мақолаи мазкур ин раванди ба ҳам омадани ақалиятҳои гуногуни Сурия аз қабили маҳсеҳиён, мусулмонони алавӣ, суннӣ, эзидиҳо ва дигар ақвому муқим Сурия дар ҷараёни барпо намудани як давлати соҳибистиқлоли дунявӣ дар ин паҳно буда, муаллифон кӯшидаанд раванди шаклгирии ғояи миллӣ, болотар гузоштани ин ғоя бар ғояи динӣ, нақши идеологҳо ва поягузорони ҳизби "Баас" Мишел Афлокӣ (араби масеҳӣ) ва дигаре аз онҳо Заки ал Арсузӣ (мусалмон)-ро васеъ таҳлил карданд ва принсипҳои Мустафо Камолро, ки дар шаклгирии давлатҳои миллӣ арабӣ ақвоми кишварҳои арабӣ бо дар назардошти хусусиятҳои хоси хеш истифода намудаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.*

*Муҳаққиқон дар мақола яке аз тафовутҳои асоси давлатдории Сурия ҳукумат намудани аққаллиятҳои миллию мазҳабӣ бар аксариятро бо далелҳои илмӣ ва мантиқӣ*

*мавриди баҳс қарор додаанд, ки ҷомеаи ҷаҳони метавонанд аз ин таҷрибаи Суриёниҳо ва Ироқиён кор бигирад, зеро барои замони муайян ҳамин гуна дар дасти аққалият қарор гирифтани ҳокимият боиси оромиши ҷомеаи ҳамагуна кишвар гашта метавонад, зеро аққалият наметавонанд бар алайҳи аксарият таъсири зиёд расонанд ва ё онҳоро таҳти фишор қарор диҳанд.*

*Бо таҳлили давлатмеҳварии мардуми Сурия муаллифон ба чунин натиҷа расидаанд, ки ҳувийяти миллӣ дарки давлатмеҳварӣ, ҳамбастагии мардумӣ, дарки салоҳиятҳои касбию ҳарбӣ, арҷгузорӣ ба давлату миллати хеш, амалкард дар баробари ҳамагуна хатарҳо метавонад ҳар гуна кишварро истеҳком бахшад ва онро дар баробари ҳамагуна хатарҳои эҳтимолӣ муқовиматпазир ва неруманд созад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳувийяти миллӣ, ҳамбастагии миллӣ, манофеъи миллӣ, иқтидори зеҳнӣ, неруи инсонӣ, арзиш, иродаи сиёсӣ, давлатсозӣ, иттиҳоду ҳамбастагии миллӣ, ақалиятҳо, муқовиматҳои геополитикӣ, тамаддун, хронологияи таърихӣ, сиёсати байналмилалӣ, набарди «Мислун», истиқлол, конститутсия, идоракунии ҷумҳуриявӣ, дунявият, этотизм, радикализми исломӣ, ДИИШ, терроризм.*

## САМОСОЗНАНИЕ И НАЦИОНАЛЬНЫЕ ИНТЕРЕСЫ КАК ФАКТОР УКРЕПЛЕНИЯ СИРИЙСКОГО ГОСУДАРСТВА

**ШАРИФЗОДА И.У.**
**кандидат философских наук, доцент;**
**ИММАТОВА Р.Д.**
**Магистирант 1-го курса Инситиута изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ**

*В данной статье автори расматривают процесс формирование и укрепление независимого и светского государства в Сирии, а также рассмотрена борьба народа этой страны за достижение свободы и самоуправления.*

*Авторы проанализировал и роль и вклад сформировавшихся в регионе цивилизаций, прогресс науки и культуры с древнейших времен до современности. В частности, следует отметить, что особое внимание авторы уделили процессу формирование и укрепление государственности сирийского народа на новом историческом этапе, обосновывая его национальным самосознанием, интеллектуальным потенциалом, независимостью.*

*Другая сторона данной статьи является процесс объединения различных сирийских меньшинств, таких как христиане, мусульмане, алавиты, сунниты, езиды и другие народы, проживающие в Сирии, в процессе создания на этой территории независимого светского государства. Также широко проанализировались религиозная идея, роль идеологов и основателей партии «Баас» Мишеля Афлоки (араб-христианин) также другой из них, Заки аль-Арсузи (мусульманин), а также принципы Мустафы Камаля, которые в формирования арабских национальных государств, народов арабских стран с учетом их специфических особенностей, которых они использовали и приступили к исследованиям.*

*В статье авторы обсудили одно из основных отличий сирийского правительства, господство национальных и религиозных меньшинств над большинством, с научными и логическими аргументами, которым международное сообщество может использовать на опыте сирийцев и иракцев, потому что в известное время они находятся в руках меньшинств. Если во власте меншесто они не могут оказывать влияния против большинства или давить на наих.*

*Анализируя государственность сирийского народа, авторы пришли к выводу, что национальная идентичность, восприятие государственности, народная солидарность, понимание профессиональных и военных компетенций перед лицом любых опасностей могут укрепить любую страну, сделать ее устойчивой к любым потенциальным опасностям и нарастить силу.*

***Ключевые слова:*** *национальная идентичность, национальное единство, национальные интересы, интеллектуальный потенциал, человеческая интеллектуальная сила, ценность, политическая воля государствообразование, национальное единство и солидарность, меньшинства, геополитические противостояния, цивилизация, историческая хронология, международная политика, битва «Мислунь», независимость, конституция, республиканское управление, секуляризм, этос, исламский радикализм, ИГИЛ, терроризм.*

## SELF-CONSCIOUSNESS AND NATIONAL INTERESTS AS A FACTOR IN STRENGTHENING THE SYRIAN STATE

**SHARIFZODA I.U.**
**Philosophical Doctors of Sciences, Associate Professor;**
**IMMATOVA R.D.**
**Master student of the 2nd year of the Institute of studying of the problems of Asian and European countrys NAST**

*In this article, the authors consider the process of formation and strengthening of an independent and secular state in Syria, as well as the struggle of the people of this country to achieve freedom and self-government.*

*The authors analyzed the role of civilization and the contribution of civilizations formed in the region to the progress of science and culture and the worldview of mankind from a scientific point of view, from ancient times to the present. In particular, it should be noted that the authors paid special attention to the process of formation and strengthening of the statehood of the Syrian people at a new historical stage, substantiating it with national self-consciousness, intellectual potential, independence, popular struggle and understanding of secularism and the superiority of national interests over any intellectual and group interests.*

*The other side of this article is the process of uniting various Syrian minorities, such as Christians, Muslims, Alawites, Sunnis, Yezidis and other peoples living in Syria, in the process of creating an independent secular state in this territory. The religious idea, the role of the ideologists and founders of the "Baath" party Michel Afloki (Christian Arab) and another of them, Zaki al-Arsuzi (Muslim), as well as the principles of Mustafa Kamal, which in the formation of Arab national states, the peoples of Arab countries, were also widely analyzed. taking into account their specific features, which they used and started research.*

*In the article, the authors discussed one of the main differences of the Syrian government, the dominance of national and religious minorities over the majority, with scientific and logical arguments that the international community can use on the experience of Syrians and Iraqis, because at a certain time they are in the hands of minorities. Power can create peace in the society. If a minority is in power, they cannot exert influence against the majority or put pressure on them.*

*Analyzing the statehood of the Syrian people, the authors came to the conclusion that national identity, the perception of statehood, popular solidarity, understanding of professional and military competencies in the face of any dangers can strengthen any country, make it resistant to any potential dangers and build up strength.*

***Keywords****: national identity, national unity, national interests, intellectual potential, human intellectual power, value, political will, state formation, national unity and solidarity, minorities, geopolitical confrontations, civilization, historical chronology, international politics, the battle of Mislun, independence, constitution, republican government, secularism, ethos, Islamic radicalism, ISIS, terrorism.*

# МОВАРДӢ ВА МУҲИТИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ ВА ИҶТИМОИЮ ФАЛСАФИИ Ӯ

**ШАҲЛОХОНИ МУРОДАЛӢ**
корманди илмии Институти масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

*Мақола ба таҳлили таъсири воридшуда ба афкори Абулҳасани Мовардӣ – яке аз мутакаллимон ва фақеҳони маъруфи давраи аввали асрҳои миёна, сафир ва вазири ҳаким аз тарафи муҳити таърихӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоиву фалсафии давраи ҳаёташ бахшида шудааст. Замони зиндагӣ ва фаъолият, ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии ӯ ба замони хилофати ат-Тоеъ (363-381ҳ/974-991м), ал-Қодир (381-422ҳ/991-1031м) ва ал-Қоим (422-467ҳ/1031-1075) рост меояд. Сарфи назар аз маъруфияти хеле зиёди ин шахсияти бузурги олами ислом, дар бораи ҳаёт ва фаъолияташ таҳқиқоти камтаре ба назар мерасад. Ҳол он, ки ӯ аз нафароне мебошад, ки барои тарвиҷ ва фарогир шудани каломи мотуридӣ ва ташаккули фарҳанги исломии хоса дар Осиёи Марказии имрӯза саҳми зиёде доштааст.*

***Калидвожаҳо:*** *фалсафа, масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсат, фарҳанг, аҳли суннат, шиа, мутакаллим, қадария.*

Абулҳасани Мовардӣ – яке аз мутакаллимон ва фақеҳони маъруфи давраи аввали асрҳои миёна, сафир ва вазири ҳаким, ки мушкилтарин муколамаҳои сиёсиро пеш бурда ҷиҳати барқарорсозии амнияту оромӣ дар гӯшаҳои мухталифи хилофат борҳо супоришҳои махсусро анҷом дода аст[1] , дар асри дуюми хилофати Аббосиён, яъне, замони хилофати ат-Тоеъ (363-381х/974-991м), ал-Қодир (381-422х/991-1031м) ва ал-Қоим (422-467х/1031-1075) басар бурдааст. Маъруфияти ин шахсияти бузурги олами ислом хеле зиёд бошад ҳам, дар бораи он дар таърихи афкори динӣ-фалсафии тоҷик маълумоти ночизе мавҷуд аст. Ҳол он, ки ӯ аз нафароне мебошад, ки дар тарвиҷ ва фарогир шудани каломи мотуридӣ ва ташаккули фарҳанги исломии хоса дар Осиёи Марказии имрӯза саҳми зиёде доштааст.

Ин давра инчунин замони афзудани эътибор ва нуфузи туркҳо дар дарбори хилофати Аббосиён ба ҳисоб меравад [2.88]. Тобеият ба марказ танҳо дар пойтахти хилофат – шаҳри Бағдод ва рустоҳои гирду атрофи он боқӣ монда буд. Ҳамзамон худи хилофат тахти таъсири оилаи нави ҳокимон дар ҳамон замон – оилаи Бувайҳиён қарор гирифт.

Даврони Мовардиро чун асри таназзул ва коҳиши кувваю тавоноии хилофати Аббосӣ ва ба қавли Абурайҳони Берунӣ “он чи дар дасти Аббосиён, умури динию эътиқодӣ, на умури мулкию дунявӣ” ном бурдаанд.[1.132] Дар ин давра дар баробари афзудани қуввату неруи рӯзафзуни умарои давлати Бувайҳиён (932-1056), талошҳои ба сари қудрат омадани Салҷуқиён (1037-1194) сурат мегирад.

Бояд хотирнишон кард, ки сабабгори заъфи хилофати аббосӣ дар ин марҳила на танҳо Бувайҳиён, балки шароити сиёсию низомӣ метавонад бошад. Албатта, шакли давлатдории Бувайҳиён ҳамчун нахустин сулолаи шиамазҳаби зайдия[16], ки то он вақт ҷомеаи исломӣ бо он ношинос буд, дар заъфу нотавонӣ ва ноустувории хилофати Аббосиён, ки суннимазҳаб буд, беасар намондааст [3.14]. Яъне ин давра оғози муқовимати ғоявии ду равияи ислом ба шумор рафта Муиззуддавла аз аввалин салотини оли Бувайҳ мебошад, ки давраи давлатдории ӯ ба бузургтарин фитнаи мазҳабӣ байни аҳли Суннат ва Шиъа, ки хилофат тоби онро надошт, ибтидо гузоштааст.

[16]Зайдия ҳамчун фирқаи исломии шиамазҳаб ва нисбатан муътадил аз Зайд ибни Алӣ (набераи имом Ҳусайн) ибтидо мегиранд ва усул ба фиқҳи муътазила ва дар фуруъ ба мазҳаби ҳанафияи аҳли суннат ва ҷамоат наздикӣ доранд.

Шоистаи таъкид аст, ки Бувайҳиён ҳамчун нахустин оилаи шиамазҳаб ҳукумат ронда, дар марҳилаи ҳукмронии худ бар хилофи давлатдорони собиқ фикру андешаҳои барои аҳли суннат ва ҷамоат бегонаро дар ҳаёти сиёсию динӣ таҳмил карданд. Онҳо на танҳо тавонистанд ба дохили дарбори хилофат роҳ ёфта, ба умури он бевосита дахолат кунанд, балки хилофатро пурра мутеи ҳавою ҳавас ва манфиатҳои худ гардонида, Халифаро ба эътирофи ҳукми меросиашон водор намоянд. Ба ин минвол дар замони Бувайҳиён дар қаламрави Ироқ[17] аморати меросӣ аз афроди оилаи оли Бувайҳ ҷорӣ карда шуд ва аз тариқи судури дастури хилофат барои ҳукуматдорон унвони баланди Амиру-л-умароро ба ҳукми қонун даровараданд, гарчанде ҷорӣ шудани ин унвони баланд боиси кашмакашҳои иловагӣ байни амирони бувайҳӣ ва сарлашкарон гардида буд.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ, дар ростои чунин як мубориза амири бувайҳӣ Абулҳасан Аҳмад Муиззуддавла соли 945 бо лашкараш ба Бағдод даромад ва Халифа ал-Мустакфӣ Биллоҳ (944-946), ки аз задухӯрдҳои дохилӣ ва тохту тозҳои атрок аз як тараф ва аз тарафи дигар аз шиддати буҳрони сиёсию иҷтимоӣ ва низоъҳои динию мазҳабӣ ба дод омада буд.

Муиззуддавла халифаро аз тахт сарнагун карда Абулқосим ал-Фазл ибни ал-Муқтадир халифа эълон кард. Сипас ал-Мустакфӣ Биллоҳро ба зиндон андохта ба чашмонаш нил кашиданд, ки дар зиндон соли 338х/949м вафот кард [4.168]. Дар идораи давлат вазорат низ аз тоати хилофат берун карда, вазирро минбаъд тобеи худ гардонида, тибқи салоҳдиди худ таъйин мекарданд. [5.168]

Ҳамчунин аз лиҳози динӣ-мазҳабӣ Халифа ал-Мутеъ Биллоҳ дар давоми 29 соли хилофат (946-974) то ба ҳадде оҷиз гардида буд, ки наметавонист садди роҳи шиагароии низоми ҳукми амир Муиззуддавла шавад. Дар ифротгароии мазҳабӣ кор ба ҳадде расида буд, ки ба ақидаи оли Бувайҳ хилофатро гӯё Аббосиён – ва албатта, пеш аз он Умавиён – аз ворисони ҳақиқии он, яъне аз оли Алӣ ғасб кардаанд.

Аз ҷониби дигар, метавон ба эътибор гирифт, ки Бувайҳиён аз тоифаи Зайдияи мазҳаби шиа буданд. Гарчанде имомати Шайхайн – Абубакр ва Умарро эътироф намекарданд ва мегуфтанд, ки Алӣ аз он ду авлотар аст, яъне имомати мафзулро дар ҳолати будани афзал, ба ибораи дигар, имомати шоистаро дар ҳолати будани шоистатар ҷоиз медонистанд. Аз ин хотир, онҳо ба хилофати Аббосиён, ки аҳли суннат буданд, зоҳиран ҳам бошад, қоил боқӣ монданд, ҳарчанд дастгоҳи идораи давлатро аз онҳо комилан ба тасарруфи худ даровварда буданд. [6]

Дар он маросим сарлашкари туркнажод Сабуктегин[18] қудрат пайдо карда ба Халифаи нав наздик шуд ва нишонаи он - аввалин дастури Халифаи нав додани унвони "Насруддавла" ба ӯ ва курсии амирӣ буд.

Минбаъд хилофати ат-Тоеъ Лиллоҳ (363-381х/974-991м) шоҳиди заъфи бештари хилофат, нуфузу савлати густурдаи давлати бувайҳӣ ва зуҳуроти бештари шиагароӣ ва низоъҳои мазҳабӣ гардид. [19]

Охири хилофати ат-Тоеъ Лиллоҳ шоҳиди сардии алоқа байни хилофат ва Баҳоуддавла мешавад, ки дар натиҷа Халифаро бо зӯроварӣ ва хушунат аз тахт сарнагун мекунанд ва ба ҷояш ал-Қодир Биллоҳро Халифа эълон мекунанд.

Хилофати ал-Қодир Биллоҳ[20] (381-422х/991-1031м) низ моҷаро ва низоъҳои мазҳабӣ байни аҳли Суннат ва Шиъа ҳамоно густурда ба назар мерасад. Акнун ифротгароии шиъагон ба мардум бо ифротгароии дигар аз ҷониби тоифае аз аҳли Суннат бархурд мекунад, то ба ин минвол як бидъатро муқобили бидъати дигар гузоштанд. [7.483] Дар натиҷаи фитнаи мазҳабӣ байни рофизиҳо ва аҳли Суннат дар

[17] Дар он марҳила берун аз қаламрави Ироқ аз итоати хилофати Бағдод хориҷ шуда, кайҳо давлатҳои мустақил барпо шуда буданд.

[18] Минбаъд муассиси давлати Ғазнавиён, ки солҳои 977-997 султони он буд.

[19] Овардаанд, ки маҳри духтарашро 100 ҳазор динор гуфтааст.

[20] Аҳмад ал-Қодир Биллоҳ, халифаи 25-уми аббосӣ, 41 сол (991-1031) хилофат кардааст.

Рӯзи ғадир ба бетартибиҳо ва оташ задани рамзҳои давлат, аз ҷумла парчами Султон дар шаҳри Басра мубаддал гашт ва дар ҷараёни он хуни зиёд рехта шуд. Зимомдорони умур сабабгорони он фитнаро бо қатлу дор ҷазо доданд, то минбаъд ибрати дигарон шавад.

Лоҷарам, соли 398х/1007м, ки ҳамчун Соли фитнаи мусҳафи ибни Масъуд ёдоварӣ шудааст, метавон имтиҳони мушкиле барои хилофат ва зимомдорони умури давлат номид, зеро эълони мавҷудияти чунин як навиштаҷоти қуръонии дигар, ки номукаммал ва аз Қуъони усмонӣ фарққунанда, на танҳо аҳли ташайӯъ, балки аҳли Суннатро низ ба ғазаб овард. Ин фитнаро танҳо гоҳ ба зури қувва ва гоҳи дигар бо сиёсати муросоӣ фаҳмондадиҳӣ байни мазҳабҳо тавонистанд нишинонанд.[8.58-59]

Ба ғайр аз низои мазҳабӣ мушкилии дигари хатарнок бар мардум зуҳуроти айёрӣ метавонад бошад, ки иборат аз бо зуру ситам ва ғорату роҳзанӣ мардуми сарзамини хилофатро ба дод оварда буд. Султони бувайҳӣ Баҳоуддавла барои хотима гузоштан ба ин зуҳурот соли 384х/ сарлашкар Абуалӣ Ҳурмузро ба Ироқ фиристод, то он айёронро саркӯб кунад. Ҳамчунин аҳли Суннат ва Шиъаро ба худдорӣ аз изҳори ҳар гуна хусусиятҳои мазҳабӣ амр карданд. [7.489]

Ҳамаи ин норомиҳо Халифа ал-Қодир Биллоҳро водор кард, то барои ҳифзи хилофати Бағдод ва бақои сулолаи Аббоссиён ҷиҳати хомӯш кардани фитнаҳои мазҳабӣ чораҳо андешад. Чандин рӯйдодҳои сиёсию мазҳабӣ, ба хусус ба саҳнаи сиёсӣ тадриҷан ворид шудани Салҷуқиёни суннимазҳаб барои рахна задан ба сафи шиъагони ҳоким дар Бағдод, ҳамчунин рофизиҳову муътазила, радди эътибори хилофат ва барқарорсозии мазҳаби аҳли Суннат дар қаламрави хилофат заминаҳои мусоид фароҳам оварданд.

Халифа ал-Қодир Биллоҳ соли 409х/1018м ақидаи Қодирияро барои хилофат пазируфт, ки он хилофи ақидаи шиъа ва рофизиҳову муътазила мебошад. Дар ин раванд қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун аҳли суннат ва ҷамоат Халифаро дастгирӣ мекарданд. Дар ин шароит Халифа ҷуръат пайдо кард, то ҳамлаи психологиро алайҳи Фотимиёни Миср шурӯъ кунад ва ҷиҳати заиф кардани нуфузашон асолат ва мансубияти онҳоро ба оли Байт зери шубҳа гузорад.

Давлати оли Бувайҳ дар замони ҳукмронии Баҳоу-д-давла ва минбаъд писари ӯ Султонуддавла, ҳамчунин дар натиҷаи муборизаи дохилӣ байни давлатдорон, монанди Ҷалолуддавла ва амакбачааш Абукаливҷор – писари Султонуддавла аз як тараф ва аз тарафи дигар, бо нуфузи рӯзафзуни дигар давлатҳои тозабунёди берун аз қаламрави Бағдод, ба хусус Салҷуқиён, рӯ ба заъф меорад. Акнун ба бохтҳои мазҳабӣ торафт ақибнишиниҳои сиёсӣ зам мегардиданд. Дар ҷабҳаи дохилӣ низ барои Бувайҳиён коҳиши сол то соли хазинаи давлат ва норозигии беш аз пеши сипоҳ бинобар сари вақт пардохт нашудани маошу озуқа тамоюли хатарнок пайдо кард.

Дар чунин вазъи муташанниҷ хилофатро баъди вафоти ал-Қодир Биллоҳ писари ӯ аз рӯи тартиб Халифаи 26-уми аббосӣ ал-Қоим Биамриллоҳ (422-467х/1031-1075м) ба мерос гирифт. Давраи хилофати ӯ аз муҳимтарин давраҳоест, ки дар он шахсияти Мовардӣ ба арсаи фиқҳу улуми исломӣ, аз ҷумла фиқҳи исломӣ ташаккул ёфтааст.

Халифаи нав то андозае барои радди эътибори хилофат ва Суннат талошҳо кард, гарчанде амири бувайҳӣ Ҷалолуддавла[21] (993-1044) бо зури қувва волоияти худро бар хилофат ва фикри шиъиро бар ҷомеа ҳамоно таҳмил мекард.

Дар он марҳилаи мураккаб аллома Мовардӣ ба туфайли донишу заковат ва мақоми илмии баланд тавонистааст робитаҳои босармарро ҳам бо хулафои аббосӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар, ҳам бо амирони бувайҳӣ дошта бошад. Азбаски ҳар ду тараф обрӯву эътибори илмӣ ва инсонии Мовардиро эътироф карда ӯро дӯсти наздики худ мешумориданду аз суҳбату насиҳатҳои он бархурдор ва ба фикру андешаҳояш арҷ мегузоштанд, дар ҳар гуна баҳсу ихтилоф, ки байни ин ду тараф ба миён меомад, ӯ

[21]Ҷалолуддавла Абутоҳир Фирӯзгурд ибни Баҳоуддин, султони бувайҳӣ, солҳои 1025-1044 дар Ироқ ҳукм рондааст.

ҳамчун восита ва миёнҷӣ баромад карда, ҳакимона ба ҳаллу фасли масоили мушкилписанди мазҳабӣ кӯмак расонад.

Аз ин лиҳоз буд, ки мақому манзалат ва обрӯю эътибори Мовардӣ хусусан дар аҳди Халифа ал-Қоим Биамриллоҳ ниҳоят боло рафта буд ва ӯро Халифа ҳамчун "Фиристодаи вижа" ё худ "Сафир" дар ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсталаб ва ихтилофоти ношӣ байни хилофат ва Бувайҳиён ва минбаъд Салҷуқиён истифода кардааст.

Ба манзури таъкиди бузургии Мовардӣ ва нақши вай дар ҳаёти сиёсии хилофати аббосӣ ба ҳайси марди сиёсатмадори ботаҷриба ва дипломати нуктасанҷ ва ботадбир муаррихон овардаанд, ки ӯ барои таъмини мусолиҳаи тарафҳои даргир ё барқарорсозии амнияту оромӣ дар гӯшаҳои мухталифи хилофат борҳо супоришҳои махсусро анҷом додааст. Аз ҷумла, овардаанд, ки вақте ал-Қоим Биамриллоҳ ба маснади хилофат расид, амири бувайҳӣ Самсомуддавла Абукалиҷор, ки солҳои 983-987 дар ҷануби Ироқ ҳукм меронд, ба нишонаи эътироз дар байъати Халифаи нав таъхир кард. Албатта, чунин навъи эътироз аз ҷониби лашкаркаш метавонист ба хилофат таҳдид эҷод кунад. Бо дарки ин хатар Халифа ҳайъатеро бо роҳбарии Мовардӣ ба назди он амири бувайҳӣ фиристод ва Мовардӣ бо донишу заковати фавқулъолаи худ тавонист ин супоришро ба таври қаноатбахш ба манфиати Халифа ҳаллу фасл кунад.

Ҳамчунин Мовардӣ супориши дигари Халифаро барои дастдарозӣ накардани амир Ҷалолуддавла ба боҷу хироҷи мутааллиқ ба хилофат бо муваффақият анҷом додааст. Ихтилофи ба миён омада байни амири бувайҳӣ Ҷалолуддавла ва ноиб ва бародарзодааш Абукалиҷор ва ё худ байни Ҷалолуддавла ва султони салҷуқӣ Туғралбек, ки метавонист оромию суботро дар маркази хилофат халалдор кунад, ба туфайли дипломатияи нарми ин марди бузург бо созиш рафъ карда шудааст. Ин ҷо нақл мекунанд, ки Туғралбек дар масофаи чаҳор фарсах Мовардиро истиқболи бошукӯҳ гирифта, ба вай ба ҳамчун Фиристодаи вижаи Халифа арҷ гузоштааст ва тамоми дархостҳояшро бо камоли эҳтиром пазируфтааст.[7.762]

Ба иҷмоъ ва иқрори муаррихон, Мовардӣ ҳамчун фақеҳ низ соҳиби раъйи мустақил буда, дар ибрози фатво ва ҳалли масъалаҳои фиқҳӣ бар асоси Қуръон ва Суннат ва иҷтиҳод ҷасорат ва забардаастӣ нишон додааст. Дар ин боб овардаанд, ки амири бувайҳӣ Ҷалолуддавла дар авҷи салтанат ва қувваи худ густохона аз Халифа тақозо кардааст, ки ба вай лақаби "Малику-л-мулук" (Шоҳаншоҳ)-ро диҳад. Бино ба дастури Халифа ва дархости амир ин матлаб мавриди омӯзиш ва ибрози назари уламо ва фуқаҳои аср қарор дода шуд. Аксари фуқаҳо, аз ҷумла Абулқосими Саймарӣ ва Абутайиби Табарӣ ба ҷавози ин гуна лақаб раъй доданд бо далолат бар он, ки акнун "қозиюлқузот" гуфтан ҷоиз шудааст. Мовардӣ бо вуҷуди қаробат ва аз хоссагони Ҷалолуддавла буданаш, бо ҷасорати ба худ хос додани чунин лақабро, ки ситеза ба Худованд мекунад, ҷоиз надонист, зеро, аз нигоҳи ӯ, Малику-л-мулук ба ҷуз зоти барҳаққи Ӯ дигар касе аз халқи Худо буда наметавонад.

Баъди чунин фатвои ҷасурона Мовардӣ интизори уқубате, муддате аз рафтуомад ба дарбори амир Ҷалолуддавла худдорӣ кард, то даме, ки амир ӯро ба назди худ даъват карда, ғайричашмдошт хуш пазируфт ва гуфт: "Мебинам, ки агар ту касеро тарафдорӣ мекардӣ, ҳатман ман будам, ба хотири он робитаҳои дӯстӣ, ки миёни ману ту ҷой дорад. Ту қазияро ба нафъи дин файсал кардӣ ва бо ин амалат қадру манзалати худро назди ман бештар намудӣ".

Соли 447х/1055м султон Туғралбек бино ба дархости имдод аз ҷониби Халифа ба Бағдод ворид шуд ва ӯ, чи тавре муаррихон, аз ҷумла Ибни Касир овардааст, нахустин подшоҳи Салҷуқиён дар қаламрави Ироқ ва ниҳояти Бувайҳиён аст [7.729], яъне подшоҳии оли Бувайҳ бо сарнагун шудани Абуннаср писари Абукалиҷор, ки "ал-Малику-р-раҳим" (Подшоҳи меҳрубон) номида мешуд, хотима меёбад.

Ибтидои давлатдории Салҷуқиён дар Ироқ, ки ба охирҳои ҳаёти Мовардӣ рост меояд, гарчанде эътибори мазҳаби тасаннунро дар қаламрави хилофат барқарор намуд,

вале натавонист ба фитна ва низоъҳои мазҳабӣ хотима диҳад. Зиддиятҳои бардавом байни аҳли Суннат ва Шиъа, ба хусус Рофизия аз як тараф ва аз тарафи дигар байни фирқаҳои мухталифи суннӣ, монанди Ашъария ва Ҳанбалия ба ҷангу ҷидол ва куштори тарафдорони ин ё он мазҳаб ё фирқа сабаб мешуданд, ки аз пешгирии он хилофат ва зимомдорони умур оҷиз буданд.

Акнун нооромиҳои сиёсию ошуфтагиҳои иҷтимоии доманадор асосҳои хилофатро заифу ноустувор месохтанд. Хушксолиҳои пай дар пай, боло рафтани нарху наво, паст шудани сатҳи зиндагии мардум, афзоиши ҳолатҳои дуздию ғоратгарӣ, холӣ шудани хазинаи давлат бар асари лашкаркашиҳои давлатдорон ва задухӯрдҳои серхарҷ барои нуфуз, боҷу андозҳои миёншикан аз аҳолӣ ва табақаҳои косибону тоҷирон торафт боиси норозигии иҷтимоӣ мегардиданд, ки Мовардӣ шоҳиди он ҳол буд. Масалан, мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоии соли аввали ҳукмронии Салҷуқиёнро (447-448х/1055-1056м) муаррих Ибни ал-Ҷавзӣ дар китоби худ "ал-Мунтазам фӣ таърихи-л-мулуки ва-л-умам" хел муфассал тасвир кардааст. [8.5] Минбаъд ин ҳолатро муаррихи дигар Ибни Касир низ таъкид мекунад: "Дар ин сол нархҳо ба шиддат боло рафтанд, хавфу ғорати зиёд Бағдодро фаро гирифт. Сипас вабои сахте хуруҷ кард ва мурдагонро бе шустану такфин мегӯрониданд" [7.735]

Бешубҳа, Абулҳасани Мовардӣ гарчанде дар асри таназзули нуфузи сиёсию низомии хилофати Аббосиён ва нооромиҳову кашмакашҳои давлатдоронии бувайҳӣ ва минбаъд салҷуқиҳо дар қаламрави хилофат зиндагӣ ва фаъолият кардааст, вале дар ҳар сурат он асри тиллоии рушду равнақи пешрафти илму фарҳанг эътироф шудааст. Дар ин аср таҳти сарпарастӣ ва дастгирии давлатдорон ҳаракати тарҷумаи тамаддуни Юнону Форси қадим рушд кард, дар соҳаҳои мухталифи илму адаб ва фарҳанг чеҳраҳои барҷаста, ки дар пешрафти илму тамаддуни инсонӣ саҳм гузоштаанд, ба арсаи вуҷуд омаданд.

Аз ҷумла овардаанд, ки соли 383х/993м вазир Абунасри Шоҳпур ибни Ардашер дар маҳаллаи Кархи Бағдод фарҳангистоне бо номи "Дорулилм" бунёд карда, дар он китобхонаи бузургеро ҷамъоварӣ ва вақф кард, то ба аҳли илму адаб дастрас бошад ва ба рушди илм хидмат кунад. [8.366, 9.635.]

Дар ин росто кифоя аст ёдовар шавем, ки шоир ва файласуфи равшанзамири араб Абулалои Маарӣ (973-1057) ва файласуф ва табиби забардасти тоҷиктабор Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино (980-1037) ҳамасри Мовардӣ буданд. Илова ба он, дар ин давра муаррих Абулҳасани Масъудӣ (896-957), файласуф Абунасри Форобӣ (874-950), шоир Абутайиби Мутанаббӣ (915-965) ва соҳиби "Китобу-л-ағонӣ" Абулфараҷи Исфаҳонӣ (897-967), имом Абубакри Байҳақӣ (994-1066), имом Абдулкарими Қушайрӣ (986-1072), мураттиби "Наҳҷу-л-балоға" шоир Шарифи Разӣ (969-1015), адиб Абумансури Саъолибӣ (961-1038), олими кимиё ва табиб Абубакри Розӣ (854-925), олими Қуръон ва ҳадис Доракутнии Бағдодӣ (918-995), олими ҳадис ва калом Абӯмансур Муҳаммад ибн Муҳаммад ал Мотуридӣ (870—944, Самарканд) мутафаккири исломӣ ва сардафтари мактаби каломи ҳанафии мотурудия, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибн Исмоил ал-Бухори, (810-870, муҳаддиси маъруфи ислом ва муфассири Қуръон, муаллифи Ҷомеъ ас Саҳеҳ, Абубакри Боқиллонии Басрӣ (950-1013), ки бо лақаби "Шайхи суннат ва имоми уммат" номвар шуда, пешвоии Ашъарияро бар дӯш дошт, соҳиби фанни мақомот адиб Бадеъуззамони Ҳамадонӣ (969-1007), шоир Абуфироси Ҳамадонӣ (932-968) ва даҳҳо дигаронро метавон ёдовар шуд, ки бо мероси арзишманди худ дар тамаддуни исломӣ ва инсонӣ нақши муассир бозидаанд.

Маҳз дар чунин муҳити рангини илмию фарҳангӣ ва адабӣ шахсияти илмию фиқҳӣ ва дидгоҳи фалсафии аллома Мовардӣ ташаккул ёфтааст. Чунин давраи рангини таърихӣ, ки аз ҳодисаҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмиву фарҳангӣ ва эътиқодӣ бой аст, бешубҳа ба ташаккул ва такомули маънавии мутафаккири закиву сафиру сиёсатмадори беҳамто Абулҳасани Мовардӣ таъсири зиёд дошта дар фаъолияти ояндаи ӯ ва камолоти маънавии мутафаккир саҳми бунёдӣ гузоштаанд.

**АДАБИЁТ**:


1 1878 كتاب الآثار الباقية عن القرون الخالية، تأليف أبي الريحان البيروني، طباعة لبسيك، (Абурайҳон ал-Берунӣ, Китобу-осори-л-боқия ани-л-қуруни-л-холия, тибоат Либсик, 1878)

2. Мискавеҳ, Таҷорибу-л-умам, ҷ1; Ибн Ҷавзӣ, ал-Мунтазам, ҷ 6.

3.2005 زهير الدليمي، النظرية السياسية عند الماوردي، جامعة الجزائر، (Зуҳайр ад-Дулаймӣ, ан-Назарияту-с-сиёсия инда-л-Мовардӣ, ҷомеату-л-Ҷазоир, 2005)

4.1998 ابن كثير، البداية والنهاية، ج 15، هجر، مصر،

أبو الحسن علي المسعودي : مروج الذهب و معادن الجوهر ، المكتبة العصرية ، بيروت ، 1988 ، ج 4 ، ص (Ибни Касир, ал-Бидоя ва-н-ниҳоя, ҷ.15, Миср, 1998; ал-Масъудӣ, Муруҷу-з-заҳаб,Байрут, 1988)

5. Ниг. Ибни Касир, ҳамон масдар.

6. Ниг. ал-Аббодӣ, Фи-т-таърихи-л-аббосӣ ва-л-андалусӣ, Дору-н-наҳза ал-арабийя, Байрут, 1989.

7. Ибни Касир, Ал-бидоя ва-н-ниҳоя, ҷ.15, Ҳаҷр, 1998.

8. Ниг. Ибни ал-Ҷавзӣ, ал-Мунтазам фӣ таърихи-л-мулуки ва-л-умам, ҷ.15, Дору-л-кутуби-л-илмия, Байрут, 1995.

9. 2013 السيوطي، تاريخ الخلفاء ط.2، ص.635 ، ، بيروت، (Ас-Суютӣ, Таъриху-л-хулафо, саҳ. 635, Байрут, 2013)


## МОВАРДИ И ЕГО ИСТОРИКО-КУЛЬТУРНАЯ И СОЦИАЛЬНО ФИЛОСОФСКАЯ СРЕДА


**ШАХЛОХОНИ МУРОДАЛИ**

научный сотрудник Института проблем Азии и Европы Националной академии наук Таджикистана



*Статья посвящена анализу влияния эпохи жизни, историко-культурной и социально философской среды на мышление Абулхасана Мovарди-одного из видных мыслителей и значемнитых факихов первой половины средневековья, посла и мудрого министра. Эпоха жизни и деятельности, имели определенное влияние на формирование личности и мировоззрения Моварди, которая приходится на период халифата ат-Тоеъ (363-381х/974-991), ал-Кодира (381-422х/991-1031) и ал-Коима (422-467х/1031-1075). Не взирая на большую популярность этого деятеля исламского мира, о жизни и деятельности Моварди сегодня известно крайне мало. Вместе с тем, он признан той личностью, которая имела большое влияние на развитие и процветание матуридийского калама и формаирование особой исламской культуры в Центральной Азии вплоть до настоящего времени.*



***Ключевые слова:*** *философия, социальные проблемы, политика, культура, приверженцы сунны, шииты, мутакаллимы, кадариты.*


## MOWARDI AND HIS HISTORICO-CULTURAL AND SOCIO-PHILOSOPHICAL ENVIROMENT


**ШАХЛОХОНИ МУРОДАЛИ**

научный сотрудник Института проблем Азии и Европы Националной академии наук Таджикистана



*This article is dedicated to analyze the influence of epoch of life, historic-cultural and socio-philosophical environment thinking of Abulhasan Mowardi one of the prominent thinkers and famous faqihs, an ambassador and a wise minister of the first half of the Middle Ages.*

*The epoch of life and activity, had a definite influence on personality formation and outlook of Mowardi, which was related on period Toye caliphate, Al-Kadira and Al-Kaima.*

*Despite on huge popularity of this Islamic person, we are known very little about his life and activity. At the same time he is known as a person, who had a big influence on development and prosperity of Maturidian qalam and in formation of special Islamic culture in Central Asia till nowadays.*

***Ключевые слова:*** *философия, социальные проблемы, политика, культура, приверженцы сунны, шииты, мутакаллимы, кадариты.*

**УДК:809.155.0**

## НАЗАРЕ БА ВОЖАСОЗИИ НАЗРИ ЯЗДОН

**ПУДИНАЕВ УМЕД**
аспиранти Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Тел.: (+992) 918596076, E-mail: **donishdust@gmail.com**.

*Дар мақола шарҳу тавзеҳоти ибораву калимасозие таҳқиқ гардидааст, ки Назри Яздон дар эҷодиёти худ истифода намудааст ва ин ибораву калимаҳо маънои хоссеро доро мебошанд. Шоири мардумӣ калимаву ибораҳоро барои истифодаи васеи омма пешкаш намудааст. Наздик ба ҳамин шаклу маънои ин вожаву ибораҳо дар дигар фарҳангҳо ва дар хатти форсӣ ҳам омадааст ва мо то андозае калимаву ибораҳоро мавриди таҳқиқ қарор додем. Бояд қайд намуд, ки дигар шоиру нависандаи тоҷик агар барои ғанӣ гардонидани фарҳанги маънавии миллати хеш, як ё ду калимаи нав ҷиҳати истифодаи ҳамагон пешниҳод намоянд, табиист, ки фарҳанги миллии мо фарҳанги қавию ғанӣ мегардад. Ҳамзамон, дар мақола барои калимаҳои таҳқиқу шарҳу тавзеҳ шуда, мисолҳои мушаххас оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *калима, забони тоҷикӣ, калимасозӣ, вожаҳои калимасоз, дилнигора, мероси миллат, сармояи маънавӣ, давлати соҳибистиқлол, миллат, фарҳанг, забон, ҳақиқати таърих.*

Вожасозӣ яке аз воситаҳои асосӣ ва муҳимми ғанигардонии таркиби луғавии забон буда, ба ин минвол таркиби луғавӣ бо вожаҳои нав такмил ва рушд меёбад. Бештари калимаву истилоҳот дар натиҷаи дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ, ба вижа пешрафти илму технологияи муосир ба вуҷуд меоянд. Чунин навъи калимаҳои бавуҷудомада ба сохти грамматикӣ ва меъёрҳои забон бояд мувофиқат кунонида шаванд [2, 80].

Бузургтарин вазифаи ҳар фарди соҳибзабон нигаҳбонию пос доштани ин мероси муқаддас, ба наслҳои оянда расонидани забони ширину шево ва забони шеъру адаби оламшумули тоҷикӣ мебошад. Зеро забон моли халқ, мероси миллат ва сармояи маънавии давлати соҳибистиқлол аст. Ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки аз номи миллат ҳукм барорад, фарҳангу забонашро зери шубҳа гузорад, ё ҳақиқати таърихро инкор намояд [3, 69-70].

Бо сабаби пешрафти соҳаҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва муносибат миёни дигар забонҳо дар солҳои охир вожаҳои нав рӯйи истеъмол омада, садҳо вожаву калимаҳои дигар аз миён рафта истодаанд. Пас бояд коре намуд, то истилоҳоту вожаҳои забони ноби тоҷикиро мутобиқат намуд, ки дар ин даврон аз миён нараванд. Яъне, калимаву вожаҳои забони тоҷикиро бояд истифода намуд ва то ҳадди имкон калима ва истилоҳоти нав сохта, пешниҳоди ҳамагон кард, то забони тоҷикӣ қавитару ғанитар ва фарогиру доманадор гардад.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир вожаҳои зиёди нав аз дигар забонҳо ба миён омадаанд, ки бевосита ба забони тоҷикӣ ворид мегарданд. Аз ин рӯ, иддае аз шоиру нависандагони мо барои насли баъдӣ баъзе вожаҳоеро бо истифода аз дигар забонҳо сохта, барои истифодаи омма пешниҳод намудаанд, ки дигарон метавонанд он калимаҳоро мавриди истифода қарор диҳанд. Бо ҳамин тариқ, онҳо барои ғанӣ

гардонидани хазинаи илмии забони тоҷикӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд. Чунонки Лоиқ Шералӣ калимаҳои “мавҷгир” ва “чархбол”-ро пешниҳод намуда буданд, ки то имрӯз ба шакли васеъ истифода мешаванд.

Бузургии шоир ё нависандаро метавон дар вожасозию иборабандии ӯ арзёбӣ намуд. Аз ҷумлаи чунин адибони мо Назри Яздон, шоири халқии Тоҷикистон аст, ки калимаву иборахои зебову дилрас сохта, дар сурудаҳояш истифода кардааст.

Калимаҳое, ки шоир дар маҷмуи шеърҳои китоби “Қалами найшакарӣ”-и худ пешниҳод ва истифода намудааст, инҳоянд:

1. **Дилнигора.**

Вожаи зебои **дилнигора** дар сурудаҳои шоир Назри Яздон истифода шуда, аз се таркиб: вожаи **дил, нигор** (нигоридан, нигоштан) ва пасванди **а** сохта шудааст. Маънои “**дилнигора”-**ро шоир дар повараки китоби зикршуда шарҳ додааст: **Дилнигора – кардиограф, дастгоҳи сабти вазъи сиҳати дил** мебошад [7, 15].

Дар дигар сарчашмаҳо ҳам калимаи кардиография ё худ вожаи нав – “**дилнигора”-**ро чунин шарҳ додаанд:

Кардиография як усули махсусест, ки роҳҳои гуногуни омӯзиши кори дилро дар бар гирифта, имкон медиҳад, фаъолияти дилро сабт кунанд. Кардиография имкони баҳодиҳии таъминоти хун ва гузарониши миокард, инчунин, муайян кардани тағйирот дар андозаи деворҳо ва холигии камераҳои дил, мавҷудияти ғафсшавии мушакҳои дил ва муайян кардани ритми дилро фароҳам меорад. Электрокардиография имкон медиҳад, ки тағйирот дар мувозинати электролитҳо, инчунин осеби миокард бо токсинҳои гуногун ва давомнокии сактаи дилро муайян кард [11].

Машав ҳайрон, агар ҳусни хати ман,
Ба роҳи дафтарам пастобаланд аст.
Ки чун хатти шикасти **дилнигора**,
Гувоҳи зарби қалби дардманд аст [7,15].

2. **Нурполо.**

Вожаи **нурполо** дигар аз вожаҳоест, ки шоир истифода намудааст. **Нурполо** аз ду таркиб **нур** ва **поло** иборат аст.

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” калимаи **нур** чунин шарҳ дода шудааст:

**Нур** 1 نور. рӯшноӣ, равшанӣ, зиё (-и офтоб, ситора, чароғ, оташ ва ғ.). 2. шуоъ: нурҳои ултрабунафш. 3. фурӯғ, тобиш, дурахшиш (-и чашм) ба тарзи истиора: нури дониш, нури илм, нури маърифат; нур аз чашм (дида) рафтан – хира шудани чашм, заиф ва беқувват шудани биноӣ; нур бахшидан а) равшанӣ додан, равшан кардан; б) *кин.* ҳузуру ҳаловат бахшидан; нур додан, равшанӣ додан... [5, 945].

Вожаи **поло**ро дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ ёфтааст:

**Поло** پالا *кит.* асп. **Поло**идан پالائیدن *ниг.* полудан. Полудан 1. پالودن соф кардан, аз софӣ гузаронидан, аз олоиш покиза кардан. 2. гудохтан, об карда тоза намудани зару нуқра ва ғ. 3. таровидан, рехтан. 4. зоеъ гардидан, тобоҳ шудан. **Поло**иш پالا یش 1. соф шудан, софшавӣ, тозашавӣ. 2. таровидан, қатра-қатра чакидан [5, 113].

Вожаи **нурполо**ро дар забони русӣ **фильтр света** мегӯянд.

Сарпаноҳо!
Сарпаноҳи ҷовидон,
**Нурполои** ту гашта роғ-роғ,
Боми нилии ту дар як рӯзи бедодӣ,
Пора шуд аз дасти худхоҳии шаддодӣ [7, 67].

Дар умум маънои **нурполо** полидани нур мебошад.

3. **Паргори родар.**

Ибораи дигари пешниҳоднамудаи шоир **Паргори родар** ном дорад. Маънои “**Паргори родар”**-ро шоир дар поварақи китоби “Қалами найшакарӣ” чунин шарҳ додааст: **Паргори родар – доираи мавҷгири чатрии радиатсионӣ** мебошад [5, 15].

Вожаи **паргор** дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ ёфтааст:

**Паргор** پرگار 1. афзорест барои кашидани доира, сиркул. 2. доира. 3. *маҷ.* роҳ, равиш; тариқ; чора [5, 71].

Суханҳо дидаам титу парешон,
Қаламро кардаам **паргори родар**.
Дилеро дида будам пора-пора,
Қаламро кардаам кафшери лозар [7, 15].

Дар ҷойи дигар ҳам ба ин маъно ва ибора истифода шудааст:

Агар бо ту нагӯям, бо ки гӯям:
Парешондардҳоро дида аксар,
Қаламро кардаам **паргори родар**,
Қаламро кардаам кафшери лозар [7, 16].

4. **Кафшери лозар.**

Дар ҳамин радиф, ибораи **кафшери лозар** ҳам маҳсули зеҳнии шоир буда, маънои ибора дар поварақи китоби “Қалами найшакарӣ” чунин шарҳ ёфтааст: **Кафшери лозар – дастгоҳи кафшери лазерӣ, шаклан монанди қалам аст. Ҳам филиз, ҳам захми дилро бидуни амалиёти ҷарроҳӣ кафшер мекунад** [7, 16].

Суханҳо дидаам титу парешон,
Қаламро кардаам паргори родар.
Дилеро дида будам пора-пора,
Қаламро кардаам **кафшери лозар** [7, 15].

Таркиби ибораи “**Кафшери лозар**” аз **кафшер** ва бандаки изофии **и** ва калимаи **лозар** иборат мебошад.

Вожаи **кафшер** дар “Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ” чунин шарҳ шудааст:

**Кафшер** کفشیر гудохта ва ё ба роҳи дигар ба ҳам пайваст кардани филизот, *муқ.* лаҳим: кафшер кардан; кафшери гап (суҳбат) киноя аз воситаи тафсондани суҳбат (аз қабили чойнӯшӣ) [7, 603].

Гунаи дигари вожаи лозар омадааст.

Агар бо ту нагӯям, бо ки гӯям:
Парешондардҳоро дида аксар,
Қаламро кардаам паргори родар,
Қаламро кардаам **кафшери лозар** [7, 16].

Дар ҷойи дигар вожаи **кафшер** бо калимаи **сухан** истифода шудааст:

Ман сафири ватани ишқаму ирфону фанам
Аз паёми ватани сулҳу сафо муждаи ман
Банду пайванд занам оҳану пӯлод ба ҳам
Васли дунёву Ватан низ ба **кафшери сухан** [7, 64].

Дар “Ҳикмати озодагон” ҷойе калимаи **кафшер** низ истифода шудааст:

...ман сӯрохии хурди мудавваре кардам ва ба андозаи он сӯрохӣ найчае бар он **кафшер** кардам, ки нӯги он моил ба замин буд... [7, 258].

Вожаи **кафшер** бо пасванди **гар** дар китоби “Ормонҳои ориёнӣ – тоҷикӣ (Аз Бостон то Ҷовидон)” дар қолаби исму пасванд - **кафшергар** истифода шудааст, ки маънои онро дар “Фарҳанги тафсирӣ” чунин пайдо кардем:

Кафшергар كفشيرگر - он ки касбу шуғли ӯ ба тариқи кафшер пайваст кардани филизот ва банд кардани шикоф дар филизот аст, кафшеркунанда. Ва кафшергарӣ كفشيرگري бошад, амали кафшергар, ба воситаи кафшер пайваст кардан, кафшеркунӣ мебошад [4, 603].

Ҳатто як **кафшергар** агар салоҳиятманд аст нисбат ба **кафшергарҳои** дигар, ки бесаводу коҳилу дар ихтисосашон ақибмонда ҳастанд, даромади чандин маротиба бештар дорад, иззату обрӯи бештар дорад [6, 181].

5. **Забонгардонӣ.**

Вожаи дигари пешниҳоднамудаи шоир ин вожаи **забонгардонӣ** мебошад, ки вожа аз се таркиб: **забон + гардон + ӣ** иборат аст.

Вожаи **забонгардонӣ** дар фарҳангҳо оварда нашудааст ва умедворам, ки дар оянда онро дар фарҳангҳо ворид месозанд.

Лаҳни бозаргонӣ.
Мо кучоему дигар,
Илми **забонгардонӣ** [7, 92].

6. **Лолафарангӣ**.

Вожаи “**Лолафарангӣ**” низ аз се таркиб: **лола** – **фаранг** – **ӣ** иборат аст.

Лолафарангӣ як падидаи наву тозаест дар ҳунари гулпарварӣ, зебоисозӣ. Дар баробари гулу дарахтоне, ки дар боғҳову гулистонҳои мо намесабзиданд, магар баъди кӯшишу заҳматҳои ватандӯстон ба боғу бустонҳои мо оварда шуданд, мутобиқ гардонида шуданд ва нашъунамо ёфтанд. Аз ҷумла, лолаҳои рангоранг: – сафед, зард, сурх, ширҷонӣ, бунафш, сиёҳ ва ғ. Аз ин гунаҳо, лолаи сиёҳ дар баъзе навиштаҳои адибони Эрону Афғонистон ба унвони **лолаи лулӣ** дида мешавад. Аммо дар маҷмӯъ он лолае, ки дар баробари лолаи маъмулии тоҷикӣ - лолахасак калимаи сохта шуда, лолаи навро аз чанд ҷиҳат муаррифӣ мекунад:

а) лолафарангӣ – ошкору рӯшан намоиш медиҳад, ки ин гул аз Фаранг – Аврупо оварда шудааст.

б) ин лола аз сарзамини Аврупо омадааст, вале аслаш тоҷикӣ аст. Он пардозу парвариши аврупоӣ гирифта, боз омадааст. Ин ҳақиқат дар шеър ҳам омадааст:

Асли ману асли ту ҳамин лолаи худрӯ,
Аз асли худ, олуфтасанам, рӯй магардон (219).

в) ин лола “Сад ҷилва дорад, ранг ба ранг аст”,

“Гаҳ мушкиву, нилуфарӣ, гаҳ лолаи лулист” (219).

Ҳамаи ин сифатҳо аз Фаранг омаданашро ошкору равшан мекунад. Дар маҷмуъ “**Лолафарангӣ**” ин як навъи нави лоларо барои дақиқу саҳеҳ муаррифӣ мекунад.

Мо лолахасак будаву ту **лолафарангӣ**,
Мо дар талаби ваҳдату ту дар пайи ҷангӣ [7, 102].

7. **Қалампошна.**

Вожаи **қалампошна** ҳам маҳсули зеҳни шоир буда, як шеъраш унвони “**Қалампошна**”-ро гирифтааст. Вожаи **қалампошна** аз ду вожа **қалам** ва **пошна** иборат буда, зери кафи пойафзоли занонаест, ки монанди қалам борику нозук мебошад ва дар роҳ рафтан садои тақ-тақро медиҳад. Шоир ана ҳамон **пошна**ро, ки садои тақ-тақро медиҳад, ба тасвир кашидааст.

Ин гуна пойафзол дар байни хонумҳо бо унвони “шпилки” машҳур аст.

Аз растаи мо шӯхи **қалампошна** мерафт,
Аз чашми ман он шӯхи қаламқош намерафт.
Дар синаи ман муҳри қаламқош ниҳода,
Барҷаста дил аз пушти **қалампошна** мерафт [7, 84].

Ё **қаламхӯрда**: шоир бо истифодаи калимаи **қалам** ва сифати феълии **хӯрда** калимаи **қаламхӯрда** сохтааст.

Ӯ бар дари дил тақ-тақи маҳшар заду бигзашт,
Чун санги шарар бар ҷигар ахтар заду бигзашт,
Бардошта шаҳболи **қаламхӯрдаи** абру,
Баргашта ба дил оташи дигар заду бигзашт [7, 84].

Пас барои бештар баён намудани вожаи "қалампошна" дар мисраъҳои зайл онро дар ибораи "**Он шӯхи қалампошна**" истифода намудааст.

Аз чак-чаки пояш бирасад нағмаи борон,
Яъне, бишитобед, ки бигзашт баҳорон.
Хандону шитобон чу баҳорони Душанбе
Он шӯхи **қалампошна** бигзашт шитобон [7, 84].

Дар мисраи аввали рубоии зер ибораи **шӯхи қалампошна** мисраи дувум **мухри қалампошна** ва дар мисраи чорум бошад ибораи **пушти қалампошна** истифода намудааст, ки аз маҳорати баланди нигорандагии шоир дарак медиҳад.

Аз кӯчаи мо шӯхи **қалампошна** рафта,
Аз синаи ман мухри **қалампошна** рафта.
Афтода ба раҳ ними дилам дар паи пояш,
Ними дигар аз пушти **қалампошна** рафта [7, 84].

8. **Оташи банғола.**

**Оташи банғола** ибораест, ки дар шеъри худ онро истифода намудааст.

Дилам як рӯз месӯзад,
Вале таркида-таркида,
Мисоли **оташи Банғола** месӯзад,
Хурӯшон,
Озарахшон,
Ошиқона... [7, 94].

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" вожаи **оташ** чунин маънидод шудааст:

**Оташ** آتش 1. он чи аз сӯхтани чӯб, ангишт, газ ва ғ. ба вуҷуд меояд. 2. *маҷ.* ҷӯшу хурӯш; сӯзу гудоз: оташи ишқ, оташи ғазаб, оташи дил сӯзу гудози дил; оташу об ду чизи тамоман ба ҳамдигар зид, ду чизи соқиткунандаи якдигар; *оташ набошад, дуд намешавад* (*зарб.*); оташи ҷудоӣ *маҷ.* сӯзу гудози ҷудоӣ;... а) даргирифтан, сӯхтан; ҷомааш оташ гирифт; б) *маҷ.* хашмгин шудан, тез ва асабонӣ шудан; б) *маҷ.* фитнаеро паст кардан; миёни ду оташ мондан *маҷ.* чи кор кардан ва ба куҷо рафтани худро надонистан... [7, 39].

Вожаи **банғола** бошад, шакли тағйирёфтаи **бангола** аст, ки дар Фарҳанг чунин шарҳ дода шудааст:

Банголӣ بنگالی 1. мансуб ба вилояти қадимаи Бангола, ки ҳоло ҷумҳурии Бангладешро ташкил медиҳад. 2. сокини Бангола [4,130].

Дар поварақи китоби "Қалами найшакарӣ" ҳам ибораи "**Оташи Банғола"-**ро ба русӣ тарҷума намудааст: **Оташи банғола**ро ба забони русӣ ***бенгалские огни, свечи*** меноманд [7, 132].

9. **Фавворaи ҷаввола.**

**Фавворaи ҷаввола** – [***фейервек***] ибораи дигаре, ки шоир сохтааст ва маънояш ҷӯшандаи тарканда мебошад.

Ҳамчунон **фавворaи ҷаввола** месӯзад,
Ва шоми навбаҳоратро дурахшон мекунад рӯзе,

Дурахшон,
Ишқборон карда дунёи туро як рӯзи наврӯзӣ,
Чу як **фаввораи ҷаволаи** пирӯзӣ метаркад [7, 94].

Дар фарҳанг **Фаввора** а. فواره шарраи об ё моеъ, ки аз сӯрохӣ ё лӯлае бо қувваи фишор ҷӯш зада, баланд мебарояд; фаввора задан, яъне, ҷӯш зада баромадани об, хун ва моеоти дигар; фаввораи нур чашмаи нур, ҷараёни нур [5, 375].

Барои бештар фаҳмидани маъно ва истифода вожаи **ҷаволаро** дар ҷустори “Вожаёб” ҷустуҷӯ намудем, ки ин торнамои вожаҳо бо такя ба “Фарҳанги форсии Муъин” калимаи ҷаволаро чунин шарҳ додааст:

جواله ҷавола – бисёр ҷавлонкунанда, сайркунанда ва бисёр гарданда мебошад [10].

10. **Шоҳнам.**

**Шоҳнам** аз дигар вожаҳоест, ки шоир истифода намудааст. Вожаи **шоҳнам** аз ду таркиб: **шоҳ** ва **нам** иборат буда, маънояш борони нарму пайваста, ки сифатҳои шоҳонаи боҳашаматро дорад.

Баҳоро, ту зи шохнам даргурез,
Сафодор як **шоҳнам**ро бирез.
Ҷаҳонпаҳлавоне сафопеша буд,
Ҷавоне ҳаме бо ҷафо дар ситез [7, 124].

11. **Решадархеш.**

**Решадархеш** – вожаи дигари сохтаи шоир буда, барои истифодаи омма пешниҳод намудааст, ки ин маънои дар асолати худ қавӣ буданро дорад. Таркиби калима аз се қисм: **реша-дар-хеш** иборат мебошад.

Маънои вожаи **реша** дар фарҳанг чунин омадааст:

**Реша ریشه** 1. қисми зерихокии рустаниҳо, ки аз хоку об моддаҳои ғизоиро ҷаббида мегирад, бех, бун. 2. сабаби аслӣ, моҳияти ҳар чиз. 3. асли калима бе ванд (пешванд, пасванд ва миёнванд); реша давондан а) бехи худро паҳн кардан; б) мустаҳкам шудан, устувор ҷой гирифтан (*дар маҳалле*); решаи чизеро кандан чизеро тамоман барҳам додан, нобуд кардан; ба решаи касе (*чизе*) теша задан ба нобудии касе ё чизе кӯшидан; “то реша дар об аст, умеди самаре ҳаст” (*зарб.*) [163].

Пешоянди **дар** дар ин калима ба сифати миёнванд омадааст.

Маънои **хеш خویش** I. Маънои аввали он истилоҳи исмӣ буда, маънояш **худ, аз они худ** мебошад. Чунончи, дар шеъри Абулқосим Фирдавсӣ омадааст.

Касе, к-ӯ надорад хирадро зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи **хеш** реш.

Дувум, ба маънои **табор, ақрабо, наздикон, яке аз наздикон** дар шеъри Саноӣ омадааст:

Бо ҳар ки нишинӣ, агарат **хеш** бувад,
Он бар дили ман зи марги ман беш бувад,

Маъноҳои дигари онро, ки дар ҷустори “Вожаёб” омадааст, меорем:

Хешу ақрон خویش و اقران – хешовандон, наздикон. Хешон ва мутааллиқон خویشان و متعلقان – аҳли хонадон ва мулозимону хизматгорон. Хешу пайванд خویش و پیوند – хешу табор, наздикон. Хешро гум кардан خویش را گم کردن – ихтиёри худро аз даст додан, аз худ бехуд гардидан, аз худ бехабар шудан. Хешро кам кардан خویش را کم کردن – 1. худро хоксор нишон додан 2. *киноя* аз парешонхотир шудан; саросема шудан. Хешро сохтан خویش را ساختن – худнамоӣ кардан, ҳавобаландӣ кардан /феъл/. Аз хеш рафтан از خویش رفتن –

аз худ рафтан, парешонхотир шудан, беҳуш шудан /феъл/. Бар хеш чидан بر خویش چیدن – даст ба коре задан, ки кас аз уҳдаи он баромада наметавонад /феъл/ [9].

Дар умум, маънои **решадархеш** маънои шинохтани асолати хештан, ба асолати миллии хештан вафодор будан, устувор будан дар заминаи тамаддуни хештан мебошад.

**Решадархеш** аст Султони Қаран,
Реша маҳкам дошт бояд,
реша андар хештан! [169].

Хулоса, калимаву ибораҳо ва истилоҳоти нав, ки дар осори Назри Яздон мавриди истифода қарор гирифтааст, калимаву ибораҳои зебову дилписанд ва барои ғанӣ гардидани захираи луғваии забони тоҷикӣ то андозае мусоидат мешаванд.

## АДАБИЁТ:

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академӣ). Ҷ. 1. - Душанбе, 1985. 356 с.
2. Мирзоев Сайфиддин. Вижагиҳои грамматикии пасванди – don –(dun) дар забони яғнобӣ. / Сайфиддин Мирзоев // Масъалаҳои вожагузинӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ – форсӣ Маводи конференсияи байналмилалӣ (шаҳри Душанбе, 27-уми июли соли 2015), Душанбе “Истеъдод” 2016, 151 с.
3. Сайидзода, Зафар Шералӣ, Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон. / Зафар Шералӣ Сайидзода. –Душанбе: Бунёди забон, 2015. – 116 с.
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – Душанбе: Ксерексленд, 2008. – 950 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе: Ксерексленд, 2008. – 944 с.
6. Яздон, Назр. Ҳикмати озодагон. / Назри Яздон. – Душанбе: Хуросон. 2018, – 400 с.
7. Яздон, Назр. Қалами найшакарӣ. / Назри Яздон. – Хуҷанд Хуросон. 2019, – 264 с.
8. Яздон, Назр. Ормонҳои ориёнӣ-тоҷикӣ (Аз бостон то ҷовидон). / Назри Яздон. – Душанбе: Шоҳин –С. 2021, – 384 с.
9. https://vazhaju.tj/search/%D1%85%D0%B5%D1%88 Вожаҷӯ.
10. https://vajehyab.com/?q=جوالله&d=en Вожаёб.
11. Кардиоскопия (кардиография) сердца https://foodandhealth.ru/diagnostika/kardioskopiya-serdca/.

## ВЗГЛЯД В СЛОВООБРАЗОВАНИИ НАЗРИ ЯЗДОН

**ПУДИНАЕВ УМЕД**
аспирант Института языка и литературы им. А. Рудаки НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. Тел.: (+992) 918596076, E-mail: **donishdust@gmail.com**.

*Статья представляет собой описание фраз и слов, которые Назри Яздан использовал в своем творчестве, имеющих особое значение. Народный поэт представляет слова и выражения для широкого общественного пользования. Подобные слова и фразы в других культурах и в персидском письме имеют схожие формы и значения, и мы изучили некоторые слова и фразы. Следует отметить, что если и другие таджикские поэты и писатели предложат одно-два новых слова для обогащения духовной культуры своего народа, то естественно, наша национальная культура и язык станет сильнее и богаче. В то же время, в статье даны пояснения и конкретные примеры для исследованных слов.*

***Ключевые слова**: слово, таджикский язык, словообразование, словообразование, дильнигора, национальное наследие, духовная столица, независимое государство, нация, культура, язык, историческая правда.*

# A LOOK AT NAZRI YAZDON'S WORD FORMATION

**PUDINAEV UMED**
post-graduate student of the Institute of Language and Literature, named after. A. Rudaki of the NAST. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Phone: [+992] 918596076, E-mail: **donishdust@gmail.com**.

*This article is a description of the phrases and words that Nazri Yazdan used in his Poetries, which have a special meaning. The people's poet presented words and expressions for wide public use. Similar words and phrases in other cultures and in Persian writing have similar forms and meanings, and we have studied some of the words and phrases. It should be noted that if other Tajik poets and writers offer one or two new words to enrich the spiritual culture of their people, then it is natural that our national culture and language will become stronger and richer. At the same time, the article provides explanations and specific examples for research word phrase.*

***Keywords: word****: word, tajik language, word formation, dilnigora, national heritage, spiritual capital, independent state, nation, culture, language, the truth of history.*

***ИҚТИСОДЁТИ ҶАҲОНӢ***

# МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ ИҚТИСОДИЁТИ БАНГЛАДЕШ

**ТУРСУНОВ ТУРСУНМУРОД ХУДОЙМУРОДОВИЧ**
доктори илмҳои таърих, дотсент. Сарходими Инситути омӯзиши масъалаҳои давалтҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Email: tursunov-murod@mail.ru. Тел: +992 100 40 40 00

*Дар мақола марҳилаҳои рушду инкишоф ва сабабу омилҳои қафомонии иқтисоди яке аз кишварҳои сернуфуси Осиёи Ҷанубӣ-Бангладеш дар доираи як мақола таҳлил шудааст. Дар маҳилаи аввали соҳибистиқлолии худ Бангладеш яке аз кишварҳои қашшоқтарин буда, аз рӯйи маълумоти гуногун 70-80%-и аҳолӣ дар камбағалии шадид зиндагӣ мекарданд. Дар даҳ соли аввали соҳибистиқлолии кишвари Бангладеш дар он таҷрибаҳои гуногун гузаронида шуданд, ки ба дарёфти роҳҳои самарабахши рушди иқтисодӣ нигаронида шудаанд.*

*Иқтисодиёти Бангладеш ҳамчун иқтисоди бозорӣ дар ҳоли рушд аст. Он аз ҷиҳати номиналӣ ё бо нархҳои ҷорӣ дар ҷаҳон дар ҷойи 35-ум ва аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ бо нархҳои ҷорӣ дар ҷойи 25-ум аст. Имрӯз бошад, рушди солонаи ММД 7,25%-ро ташкил медиҳад.*

*Имрӯз Бангладеш кишвари рӯ ба тараққии Осиёи Ҷанубӣ мебошад. Дар баробари рушд мушкилоти зиёд вуҷуд дорад ва дар навбати аввал, назорат ба партовҳои сунъӣ ва истеҳсолот, назорати таваллуд ва бас кардани дарахтбурӣ бояд ҷоннок карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Бангладеш, иқтисодиёт, рушд, мушикилот, дурнамо*

Дар солҳои 70- уми асри гузашта Бангладеш яке аз кишварҳои қашшоқтарин буда, аз рӯйи маълумоти гуногун 70-80%-и аҳолӣ дар камбағалии шадид зиндагӣ мекарданд. Ҳатто даромади солонаи Бангладеш ба ҳар сари аҳолӣ (соли 1977 - 110 доллар) яке аз пасттарин нишондиҳанда дар ҷаҳон буд. Зиёда аз 60 %-и аҳолӣ "дар зери хатти камбизоатӣ" зиндагӣ мекарданд, дар ҳоле ки беш аз 90 %-и ин мардум сокинони деҳот мебошанд [7, с. 175]. Дар солҳои истиқлолият дар ҳаёти мамлакат дигаргуниҳо амалӣ шуд. Дар асоси барномаҳои иқтисодии давлатӣ сатҳи камбизоатӣ дар соли 2016 то 24,3% коҳиш ёфт, гарчанде 12,9 % камбизоатон мавҷуданд [2, с. 21-22]. Аз ин ҳисоб дарозумрии аҳолӣ аз 45 ба 72,5 расида, фавти кӯдакон кам шуд. Даромади умумии миллӣ ба сари аҳолӣ аз 420 доллари соли 2000 то 1500 доллар дар соли 2022 баробар шуд. Нобаробарии иҷтимоӣ, ки дар деҳот бо сабаби нагузаронидани ислоҳоти замин боқӣ мондааст, масъалаи камбизоатиро метезонад.

Тағйироте, ки дар Бангладеш дар даҳсолаи охир ба мисли дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ амалӣ мешавад, трансформатсияи сохтори иқтисодии кишвар Бангладешро аз кишвари аграрӣ ба кишвари саноативу аграрӣ мубадал кардааст [8, с. 40-67]. Аммо, иқтисодиёти Бангладеш асосан ба соҳаи кишоварзӣ марбут аст. Кишоварзӣ бузургтарин бахши истеҳсолии иқтисодиёт буда, тақрибан 10,98% маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро (ММД) ташкил медиҳад. Дар ин бахш тақрибан 40,6% (дар солҳои 2016/17) қувваи корӣ кор мекард. Бангладеш дорои иқтисоди бозорӣ буда, ба гурӯҳи кишварҳои рушдёбанда дохил мешавад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дар соли молиявии 2018/19) 8,13% афзоиш ёфт, яъне он дар таърихи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат баландтарин буд. Илова бар ин, интизор меравад, ки даромади ҳар сари аҳолӣ дар кишвар аз 1751 доллари соли молиявии 2017/18 то 1909 доллар афзоиш ёбад [12].

Кишварзӣ хусусияти натуралӣ дорад. Майдонҳои кишти ҷут 0,5 миллион гектарро ташкил мекунанд. Зироати асосии озуқавории кишоварзӣ шолӣ ва ҷут мебошад, ки аз рӯи истеҳсоли он Бангладеш дар ҷаҳон баъд аз Ҳиндустон ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Аз зироатҳои техникӣ чой (57,6 ҳазор тонна), банан (900 ҳазор тонна)

низ парвариш карда мешавад. Зироати асосии истеъмолӣ шолӣ мебошад, ки дар ҳамворӣ парвариш карда мешавад. Ба дигар зироатҳои истеъмолӣ найшакар (6,7 миллион тонна), картошка (4,8 миллион тонна), гандум (қариб 1 миллион тонна), ҷуворимакка (356 ҳазор тонна) ва картошкаи ширин (311 ҳазор тонна) дохил мешаванд [14].

Кишоварзӣ бузургтарин бахши шуғл дар Бангладеш буда, дар соли 2017 14,2 фоизи ММД-и Бангладешро ташкил дод ва тақрибан 42,7 фоизи аҳолиро бо кор таъмин кард. Фаъолияти ин бахш ба ҳадафҳои асосии макроиқтисодӣ, аз қабили тавлиди ҷойҳои корӣ, коҳиши камбизоатӣ, рушди захираҳои инсонӣ, амнияти озуқаворӣ ва дигар қувваҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири бузург мерасонад.

Аксарияти мардуми Бангладеш аз ҳисоби кишоварзӣ зиндагии худро ба пеш мебаранд. Бо як қатор омилҳо, кишоварзии меҳнатталаби Бангладеш сарфи назар аз шароити номусоиди обу ҳаво ба афзоиши мунтазами истеҳсоли ғаллаи озуқаворӣ ноил гардид. Ба ин омилҳо назорати беҳтари обёрӣ ва мубориза бо обхезӣ, умуман самаранок истифода бурдани нуриҳо, инчунин таъсиси шабакаҳои беҳтари тақсимот ва қарзии деҳот дохил мешаванд.

Саноатикунонии ба содирот нигаронидашудаи мамлакат боиси васеъ шудани таъминоти содирот гардид. Дар саноат 21,4 фоиз кор мекунад ва 27,8 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад. Хизматрасонӣ 53,5% ММД-ро ташкил медиҳад ва 39,8% қувваи кориро дарбар мегирад.

Саноати дузандагӣ ва бофандагӣ, ки дар он бештар аз 3 миллион нафар занон кор мекунанд, дар ҷаҳон ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Саноати истеҳсолӣ тақрибан 18% ММД-ро ташкил медиҳад. Суръати афзоиши ин соҳа асосан аз ҳисоби истеҳсоли либосҳои оммавӣ ба даст оварда мешавад. Бангладеш панҷумин бузургтарин содиркунандаи либос ба Иттиҳоди Аврупо ва яке аз даҳ таъминкунандаи либос ба ИМА мебошад. Дар давоми 20 соли охир, Бангладеш ба як истеҳсолкунандаи муваффақ ва содиркунандаи либосҳои истеҳсоли оммавӣ табдил ёфтааст. Дигар бахшҳои асосӣ дорусозӣ, киштисозӣ, сафолӣ, маҳсулоти чармӣ ва электроника мебошанд. Саноати телекоммуникатсионӣ бо суръати баланд рушд мекунад ва асосан дар он сармоягузории хориҷӣ бартарӣ дорад. Таваҷҷуҳи афзояндаи ҳукумат ба рушди хидматрасонии нармафзор ва саноатҳои баландтехнологӣ дар доираи барномаи Бангладеш дар асри рақамӣ ба васеъ шудани дастрасӣ ба бозори хидматҳои аутсорсинг дар хориҷа мусоидат кард. Яке аз муҳимтарин манбаъҳои воридоти асъори хориҷӣ ба иқтисоди кишвар ин интиқоли пул мебошад. Интиқоли пул дар давоми панҷ соли охир бо афзоиши тадриҷан ҳиссаи занон бештар аз ду баробар афзуд.

Мамлакат дар чунин соҳаҳо, аз қабили паст кардани сатҳи камбизоатӣ, амнияти озуқаворӣ, фарогирӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ, нигоҳ доштани баробарии гендерӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна, коҳиш додани фавти кӯдакон, марги кӯдакони синни то 5-сола ва модарон, тавсеаи фарогирии аҳолӣ бо эмгузаронӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, пайдоиши бемориҳои сироятӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Бисёре аз ҳадафҳо хеле пеш аз мӯҳлат ва баъзеи онҳо то соли 2015, ки санаи пешбинишуда буд, амалӣ шуданд.

Бангладеш дар доираи Барномаи рушди баъди соли 2015 ба Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод кард, ки 11 мақсад, 58 вазифа ва 241 нишондиҳандаро дар бар мегиранд. Ҳадафҳо ба масъалаҳои кунунии рушд, аз ҷумла иқтидори инсонӣ, камбизоатӣ ва нобаробарӣ, амнияти озуқаворӣ ва ғизо, тандурустӣ ва банақшагирии оила, баробарии гендерӣ, таҳсилоти босифат ва омӯзиши босифат, шуғл ва ҳуқуқи коргарон, идоракунии хуб, истеҳсолот ва истеъмоли устувор, устуворӣ ва идоракунии офатҳои табиӣ, ҳамкорӣ ва шарикии байналмилалӣ, муҳити зист алоқаманд буданд. Аз ҷумла, пешниҳодҳои Бангладеш ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ мувофиқ буданд, зеро 9 пешниҳод аз 11 пешниҳоди Бангладеш бо пешниҳодҳои Гурӯҳи кории Кушодаи Созмони Милали Муттаҳид (OEWG) ҳамчун ҳадафҳо барои ноил шудан ба рушд

мувофиқ буданд. 25 сентябри соли 2015 кишварҳои узви СММ, аз ҷумла Бангладеш, расман Ҳадафҳои Рушди Устуворро (SDGs) ҳамчун рӯзномаи ҷаҳонӣ қабул карданд.

Нақшаи панҷсолаи ҳафтуми Бангладеш (2016-2020) бо оғози татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор (2016-2030) рост омад ва имкон фароҳам овард, ки Бангладеш ба татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор барвақт оғоз кунад.

Бангладеш як кишварест, ки бояд бо офатҳои табиӣ ва низоъҳои сиёсии дохилӣ мубориза барад ва дар роҳи рушд устувор бошад. Бо вуҷуди мушкилоти зиёд, Бангладеш тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад, то ба Ҳадафҳои Рушди Устувор (SDGs) то соли 2030 ноил шавад. Кишвар дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баробарии гендерӣ, неруи барқ, беҳдошт ва афзоиши солонаи ММД рушди назаррас дорад. Ҳамзамон, зарурати такмили ҳамкориҳо ва дастгирии байналмилалӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар доираи ҳадафҳои рушди устувор мавҷудбуда боқӣ мемонад.

Бангладеш стратегияи босуръати рушди иқтисодиро қабул кардааст. Ҳамзамон, стратегияҳо ва барномаҳои иловагӣ барои таъмини рушди фарогир, ҷавобгӯ ва мутобиқшаванда таҳия шудаанд. Барои таъмини рушди устувор ва мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим нақшаҳои зиёд амалӣ карда мешаванд.

Барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби ҳукумат таҳти сарварии давлат қарор доранд (ММД) ба коҳиш додани камбизоатӣ ва нобаробарӣ тавассути коҳиш додани хатарҳо ва осебпазирии камбизоатон саҳм гузоштанд.

Бо мақсади мусоидат ба муҳоҷирати бехатар, ботартиб ва мунтазам барои ҳамаи коргарон, аз ҷумла занон, Санади шуғли хориҷӣ ва муҳоҷирон дар соли 2013 ва Сиёсати шуғли хориҷӣ дар соли 2016 қабул ва татбиқ карда шуданд. Қобили зикр аст, ки хуруҷи солонаи муҳоҷирони корӣ дар соли 2017 бори нахуст аз 1 миллион нафар гузашт ва ҳаҷми интиқоли пулии солона дар соли 2015 ба 15 миллиард доллари ИМА расида, 7,2%-и ММД-ро ташкил дод.

Ҳукумат занонро барои ворид шудан ба бозори меҳнат дар деҳот ҳавасманд мекунад. Барои кам кардани фарқи музди кори байни марду зан дар хоҷагии қишлоқ, ки соҳаи пешбарандаи иқтисодиёти деҳот мебошад, барномаҳои мақсаднок қабул карда шудаанд.

Бонки Бангладеш баъзе таҷрибаҳои инноватсиониро барои тавсеаи фарогирии молиявӣ ба ашхоси камбизоат, ки аз хадамоти расмии молиявӣ хориҷ шудаанд, ҷорӣ мекунад. Ҳамзамон, Бангладеш пайваста муҳити устувори макроиқтисодиро фароҳам меорад, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунад.

Барномаи давлатии озуқаворӣ дар асоси нақшаи чорабиниҳо оид ба Хадамоти ғизогирии миллӣ (НФС) бомуваффақият татбиқ мегардад, ки он ташкили хизматрасонии мунтазами ғизоиро пешбинӣ менамояд. Вазорати хоҷагии қишлоқ дар бобати парвариши зироатҳои гуногуни дорои элементҳои серғизо ёрии таълимӣ ва машваратӣ мерасонад. Муваффақияти калон таҳияи навъи нави шолии дорои бета-каротин буд, ки бо номи шолии тиллоӣ дар минтақаҳои барои ин зироат мусоид парвариш карда мешавад.

Бо мақсади мубориза бо камхунии норасоии оҳан ба занони ҳомила ва ширдеҳ ва духтарони наврас тавассути ташкилотҳои тиббӣ ва танзими оила маводи иловагии оҳан ва кислотаи фолий тақсим карда мешавад. Маъракаи тақсими капсулаҳои витамини А ба кӯдакон идома дорад. Барномаи тақсимоти витамини А барои беҳтар кардани вазъи витамини А дар кӯдакони навзод тавассути шири сина васеъ карда шудааст. Назорати йодноккунии намак пурзур гардидааст. Руҳ ба таври мунтазам ҳамчун табобати дарунравӣ қабул ва тарғиб карда мешавад. Бо мақсади пешбурди шири истисноӣ барои кӯдакони то шашмоҳа ҳукумат қарор дод, ки барои модарони коркунанда рухсатии шашмоҳаи ҳомиладорӣ ва ҳомиладорӣ ҷорӣ карда шавад.

Сарвазири кишвар Шайх Ҳасина Вазед, аз замони ба сари қудрат омадан пас аз пирӯзии оммавӣ дар интихоботи умумӣ дар соли 2008 ва баъд аз пирӯзӣ дар интихоботи

пайдарпай дар солҳои 2014 ва 2018, як қатор лоиҳаҳои мегаро барои рушди иқтисоди кишвар амалӣ кард. Пас аз анҷоми ин тарҳҳо интизор меравад, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар аз 3 то 4 дарсад афзоиш ёбад. Лоиҳаҳои бузург: мега-лоиҳаҳои ҷоришаванда Лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи атомии Руппур бо иқтидори 2400 МВт, Пули Падма бо иқтидори 4,20 км, Лоиҳаи Нерӯи барқи Рампал 1320 МВт, Лоиҳаи Рушди транзити оммавии Дакка, Лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи Матарбари 1200 МВт ва Лоиҳаи Карнафули Банганел-Шейманро дар бар мегирад.

Роҳбарии қавии сиёсии Бангладеш сарвазир Ҳасина Вазед дар якҷоягӣ бо суботи иҷтимоию сиёсӣ ба Бангладеш барои ноил шудан ба суръати миёнаи рушди иқтисодӣ дар тули даҳсола 7,0 фоиз, ки дар солҳои молиявии 2017-2018 ва 2018 ба 8 фоиз расид, кӯмак кард. Ин нишондод Бангладешро дар қатори даҳ кишвари босуръат рушдёбандаи ҷаҳон қарор дод. Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) дар нашрияи худ дар бораи Дурнамои иқтисодии ҷаҳон 2019, Бангладешро аз рӯи истилоҳи номиналӣ дар ҷойи 39-ум ва аз рӯйи қобилияти харидорӣ дар ҷойи 30-ум қарор додааст [6].

Саноати либосҳои тайёр (RMG) ва интиқоли маблағ аз коргароне, ки дар хориҷа кор мекунанд, ду саҳми асосӣ ба иқтисоди Бангладеш мебошанд. Саноати либосҳои тайёр 13% ба ММД саҳм мегузорад ва дар он тақрибан 4 миллион коргарон, асосан занон кор мекунанд. Дар солҳои 2018-2019 воридоти пул ба рекорди 16,4 миллиард доллар расид. Ин назар ба соли 2018 9,47 фоиз зиёд буд. Интиқоли пул дар соли молиявии 2017-18 14,98 миллиард долларро ташкил дод. Ҳоло кариб 10 миллион нафар бангладешиҳо дар хориҷа кор ва зиндагӣ мекунанд [6].

Содироти мол аз Бангладеш низ мунтазам меафзояд. Дар солҳои 2018-2019 содироти кишвар ба 40,53 миллиард доллар расид, ки нисбат ба соли молиявии қаблӣ 10,55 дарсад бештар аст. Дар солҳои 2017-18 Бангладеш ба маблағи 36,66 миллиард доллар мол содир кардааст. Даромади содироти дӯзандагӣ, ки беш аз 84 дарсади содироти миллиро дар солҳои 2018-2019 ташкил дод, 34,13 миллиард долларро ташкил дод, ки нисбат ба як сол 11,49 фоиз афзоиш ёфтааст. Бангладеш асосан трикотаж (кешбофт), либосҳои бофташуда, маҳсулоти чармӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, ҷут (нахи табиии биологӣ), дорусозӣ, молҳои барқӣ ва электронӣ, маҳсулоти сафолӣ, велосипедҳо, маҳсулоти IT, маҳсулоти яхкардашуда (моҳӣ ва баҳрӣ) ва киштиҳои фидерӣ ва қаиқҳои паромӣ содир мекунад.

Соҳаи рушдёбандаи сохтмон, ки киштиҳои хурду миёна истеҳсол мекунад, дорои иқтидори назаррасест, ки корхонаҳои он дар соли 2008 ба бозори ҷаҳонӣ ворид шуданд.

Аз соли 1947 то соли 1971 саноати бофандагӣ, монанди аксарияти саноати Покистони Шарқӣ, асосан ба Покистони Ғарбӣ тааллуқ дошт. Дар солҳои 60-ум соҳибкорони маҳаллии банғолӣ фабрикаҳои калони бофандагӣ ва ҷути худро кушоданд. Баъди аз Покистони Ғарбӣ ҷудо шудан Бангладеши навтаъсис дастраси ҳам ба сармоя ва ҳам донишҳои техникиро аз даст дод [10].

Дар давоми гуруснагии харобиовари соли 1974, як миллион нафар, асосан аз гуруснагӣ, ки қисман дар натиҷаи обхезии дарёи Брахмапутра дар соли 1974 ва болоравии нархи биринҷ ба вуҷуд омада буданд, ҳалок шуданд. Қисман дар посух ба оқибатҳои иқтисодӣ ва сиёсии гуруснагӣ, ҳукумати Бангладеш сиёсати давлатиро аз тамаркузи худ ба иқтисоди сотсиалистӣ дур кард ва ба ғайридавлатӣ, безараргардонӣ ва кам кардани нақши сектори давлатӣ дар саноати нассоҷӣ ва ҳавасмандкунии хусусӣ шурӯъ кард. Сиёсати нави сармоягузории соли 1974 ҳуқуқҳои ҳам сармоягузорони хусусӣ ва ҳам хориҷиро барқарор намуд. Модели рушди Бангладеш аз тарзи сармоядории рушди саноат, ки аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешуд, бо корхонаҳои давлатӣ ба рушди саноатии бахши хусусӣ гузашт [11].

Дар соли 1978 ҳамагӣ 9 фабрикаи дузандагии ба содирот нигаронидашуда мавҷуд буд. Дар худи ҳамон сол аз тарафи фирмаи Бангладеш аввалин содироти бевоситаи либос — 10 ҳазор курта ба фирмаи Париж фиристода шуд. Ҳукумати Бангладеш ба эътироф кардани иқтидори пешрафти саноат шурӯъ кард ва барои рушд

ҳавасмандкуниҳо пешниҳод кард, ба монанди "воридоти бебоҷи таҷҳизот ва ашёи хом, анборҳои вобасташуда ва ҳавасмандии пулӣ" [13].

Дар солҳои 2018-2019 воридоти умумии Бангладеш 55,44 миллиард долларро ташкил дод. Воридоти асосӣ мошинҳои асосӣ, пахта, маҳсулоти нафтӣ, пластикӣ ва резинӣ, таҷҳизоти баркӣ, оҳану пӯлод, воситаҳои нақлиёт, маҳсулоти металлӣ, кимиёвӣ, маҳсулоти маъданӣ ва равғанҳои хӯрокворӣ мебошанд. Қисми зиёди молҳо ба воситаи бандари Читтагонг фиристода мешаванд.

Воридоти мустақими сармоягузориҳои хориҷӣ дар Бангладеш дар тули солҳо тадриҷан афзоиш ёфт. Кишвар сиёсати либерализатсияшудаи саноатӣ дар минтақа дорад, ки ба содирот ва бахши хусусӣ нигаронида шудааст. Бангладеш инчунин барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ як қатор имтиёзҳо ва имкониятҳои зиёди молиявиро пешниҳод мекунад. Тибқи Гузориши ҷаҳонии сармоягузории ЮНКТАД дар соли 2019, воридоти мустақими сармоягузориҳои хориҷӣ ба Бангладеш дар соли 2018 ба андозаи 3,61 миллиард доллар буд (афзоиш 2,15 миллиард доллар дар муқоиса бо соли 2017). Тибқи ҳамин гузориш, сармоягузории саҳҳомӣ дар Бангладеш 108,6% афзоиш ёфта, 1,12 миллиард долларро ташкил дод. Барои суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва диверсификатсия, Бангладеш дар соли 2010 ду агентии нав: Идораи минтақаҳои иқтисодии Бангладеш (BEZA) ва Идораи Парки баландтехнологии Бангладеш таъсис дод, ки вазифааш ба рушди минтақаҳои иқтисодӣ ва паркҳои баландтехнологӣ равона карда шудааст. Дар ҳамин ҳол, ҳукумати Бангладеш 1 сентябри соли 2016 тавассути як санади муттаҳид кардани Шӯрои Комиссияи сармоягузорӣ ва хусусигардонӣ Идораи рушди сармоягузории Бангладеш (BIDA) -ро таъсис дод. Интизор меравад, ки Идораи навтаъсисшудаи Рушди Сармоягузориҳои Бангладеш (BIDA) тамоми хидматҳои зарурииро барои сармоягузорон аз равзанаи ягона пешниҳод кунад.

Сохтмони купруки роҳи оҳани Падма дар болои дарёи Падма аз ҷониби як ширкати чинӣ моҳи ноябри соли 2015 бо ҳадафи пайваст кардани минтақаи ҷанубу ғарби кишвар бо пойтахти Дакка тавассути роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан оғоз ёфт. То 30 майи соли 2020 аз 41 фосила 30-тоаш насб карда шуд [6]. Вай ноҳияҳои Шариатпур ва Мадарипур, яъне ҷануби ғарбии сусттараққикардаи мамлакатро бо ноҳияҳои шимолӣ ва шарқӣ мепайвандад. Ин пул 25 июни соли 2022 аз тарафи сарвазир Шаҳина Ҳасан мавриди истифода қарор дода шуд [4]. Ифтитоҳи пул бар болои дарёи пурталотуми Падма ҳадафи асосии инфрасохтори Ҳасинаро дар бар мегирад ва аз ҷониби ҳукумати ӯ ҳамчун гавҳари тоҷ эътироф шудааст, ки ҷасорат, қатъият ва устувории маъмуриятро дар баробари фишорҳои байналмилалӣ ва дохилӣ нишон медиҳад. Арзиши он 3,86 миллиард доллар буда, яке аз бузургтарин лоиҳаҳои Бангладеш мебошад. Тамоми маблағ аз ҷониби ҳукумати Бангладеш маблағгузорӣ шуд, ки Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар оҷонсиҳои қарзии ҷаҳонӣ пас аз ҷанҷоли коррупсионии як ширкати сохтмонии Канада, ки бо пул алоқаманд аст, аз лоиҳа хориҷ шуданд. Ширкати муҳандисии канадагии SNC-Lavalin дар додани ришва ба мансабдороне, ки ин лоиҳаро назорат мекарданд, муттаҳам карда шуд ва барои даҳ сол аз ширкат дар тендер дар лоиҳаҳои Бонки ҷаҳонӣ маҳрум шуд.

Ин пул яке аз мӯъҷизаҳои муҳандисии ҷаҳон аст, зеро он баъзе аз навтарин методологияҳои муҳандисиро дар тарҳрезии теппаҳо ва корҳои омӯзиши дарё ҷалб кардааст.

Шайх Ҳасина изҳор дошта буд, ки ҳукуматаш лоиҳаро худаш маблағгузорӣ мекунад. Қарори ӯ бо як шубҳаи иқтисоддонҳои кишвар ва инчунин рақибони сиёсии кишвар рӯбарӯ шуд, зеро Бангладеш таҷрибаи қаблӣ дар бунёди чунин инфрасохторро бидуни дастгирии молиявии якчанд донорҳо надошт. "Ин пули Падма як тудаи хишт ва семент нест" гуфт ӯ. "Ин пул рамзи ифтихор, шараф ва қобилияти Бангладеш аст" [4].

Пул ҳамчун як дарвозаи мустақим вақти сафарро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Дарёи пурқудрати Падма ҷанубу ғарбро аз Дакка ҷудо мекунад ва одамон маҷбур мешуданд, ки бо паромҳои сустҳаракат сафар кунанд. Молҳои

зудвайроншавандае, ки бо мошин кашонда мешуданд, аксар вақт аз сабаби дурии роҳ мепусиданд. Пул аз ҷониби ширкати давлатии China Major Bridge Engineering Company, Ltd сохта шудааст ва аз ҷониби Пекин ҳамчун як марҳилаи ҳамкориҳои Чин ва Бангладеш арзёбӣ мешавад. Расонаҳои давлатии Чин кӯшиш карданд, ки онро ҳамчун як қисми инфрасохтори “Як камарбанд ва як роҳ” (BRI) иддао кунанд, аммо ҳукумати Бангладеш онро рад мекунад. Ҳукумати Бангладеш аз афзоиши иқтисод ва захираҳои асъори худ рӯҳбаланд шуда, қаблан пешниҳодҳои Чинро барои маблағгузории сохтмони пул рад кард.

Иқтисоддон Мустафизур Раҳмон ба Садои Амрико гуфт, бюрократияи Бангладеш ҳеҷ гоҳ тавони иҷрои чунин як лоиҳаи мегаро надошт. “Дидани он дилпуркунанда аст, ки мо метавонем иншоотҳоеро ба мисли пули Падма бомуваффақият анҷом диҳем. Ин барои мо як такони бузург аст.”

Вай инчунин гуфт, ки пул ба афзоиши солонаи 1,3% маҷмӯи маҳсулоти дохилии Бангладеш мусоидат мекунад ва ҷойҳои корӣ, фаъолияти бахши хидматрасонӣ ва сайёҳӣ дар минтақаи ҷанубу ғарбиро афзоиш медиҳад. Коршиносон мегӯянд, сохтмони пул, ки дар он беш аз 4000 муҳандис, ки сеяки онҳо муҳандисони Бангладеш буданд, як дастоварди бузурги фаннист. Дар баъзе нуқтаҳои дарё ҳаҷми ҷараёни об дар ҷаҳон пас аз дарёи Амазонка ҷойи дуюмро ишғол мекунад.

Лоиҳаи нерӯгоҳи барқи атомии Руппур бузургтарин лоиҳаи ягона дар таърихи Бангладеш мебошад. Сохтмони ин нерӯгоҳи барқи атомии 2400 МВт тибқи нақша идома дорад. Федератсияи Русия барои ин лоиҳаи мега ба маблағи 12,65 миллиард доллар дастгирии техникӣ ва молиявӣ мерасонад. Лоиҳа, ки соли 2016 оғоз шуда, то соли 2024 анҷом дода мешавад. Ифтитоҳи агрегати 1 дар соли 2023 ва ба истифода додани агрегати 2 дар соли 2024 ба нақша гирифта шудааст [13].

Ҳукумати Бангладеш бо мақсади сабук кардани ҳаракати нақлиёт дар Дакка сиёсати 20-солаи нақлиёт, Нақшаи стратегии нақлиётро (STP) қабул кард, ки то соли 2030 бояд шаш релси метро бунёд карда шавад. Ҳоло он хатти MRT (Транзити оммавӣ)-6 ва дар оянда хатҳои дигари роҳи оҳани метро илова карда мешаванд. То ноябри соли 2019 дар МРТ-6 38,35 дарсад пешравӣ ба даст омадааст. Лоиҳаи MRT-6 тақрибан 2,6 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки аз он Оҷонсии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷопон (JICA) 1,9 миллиард долларро бо фоизи 0,01 фоиз медиҳад. Қисми боқимонда аз манбаъҳои дохилии ҳукумати Бангладеш гирифта мешавад. Корҳои сохтмонии ин лоиҳа бо суръат идома доранд, ки ҳадафаш то охири соли 2021 ба итмом расонидани метро буд. Хатти метро-6 аз 16 истгоҳи баланд ва 20 км роҳи оҳани сабук аз Уттара то Мотиҷел иборат аст.

Туннели Карнафули Бангабандху Шайх Муҷибур Раҳмон, шоҳроҳи зериобӣ, тибқи нақша бояд дар соли 2022 ба анҷом мерасид. Ин нақб аввалин навъи он дар Бангладеш хоҳад буд ва интизор меравад, ки шабакаи шоҳроҳи Дакка - Читтагонг - Кокс Бозорро беҳтар созад. Дарозии умумии туннел тақрибан 3,43 км ва роҳи наздикшавӣ 5,63 км хоҳад буд. Арзиши ин лоиҳа 1,05 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Пас аз анҷоми ин шоҳроҳи зериобӣ шаҳри Читтагонгро ба он тарафи дарёи Карнафули мепайвандад ва интизор меравад, ки фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратро афзоиш диҳад ва саноатро дар минтақа рушд диҳад. Лоиҳа ҳамчунин тавоноии бандари Читтагонгро беҳтар мекунад.

13 апрели соли 2022 - Бангладеш пас аз пандемияи COVID-19 барқарорсозии қавии иқтисодиро ба даст овард, аммо болоравии нархҳои ҷаҳонии коло, ки дар натиҷаи ҷанг дар Украина ба вуҷуд омадааст, таъсиргузор аст [3].

Дар Бангладеш, афзоиши фаъолияти бахши истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ дар соли 2021 ва дар нимаи аввали соли 2022 ба афзоиши қавӣ оварда расонд. Дар давраи миёнамӯҳлат афзоиши ММД устувор боқӣ мемонад. Сатҳи таваррум дар моҳи феврали соли 2022 ба 6,2 дарсад афзоиш ёфт, ки аз болоравии нархи маводи ғизоӣ ва ғайриозуқа бар асари боло рафтани нархҳо буд.

Кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ аллакай бо болоравии нархи мол, мушкилоти таъминот ва осебпазирӣ дар бахшҳои молиявӣ мубориза мебаранд. Ҷанг дар Украина ин чолишҳоро афзоиш дода, ба таваррум ва бад шудани мувозинати ҷорӣ мусоидат мекунад.

"Осиёи Ҷанубӣ дар ду соли охир бо зарбаҳои зиёд, аз ҷумла бо таъсири осебпазири пандемияи COVID-19 рӯбарӯ шуд. Қиммати баланди нафт ва маводи ғизоӣ, ки дар натиҷаи ҷанг дар Украина ба вуҷуд омадааст, ба даромади воқеии мардум таъсири сахти манфӣ мерасонад" гуфт Хартвиг Шафер, ноиби президенти Бонки Ҷаҳонӣ дар Осиёи Ҷанубӣ. "Бо дарназардошти ин мушкилот, ҳукуматҳо бояд сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетиро бодиққат ба нақша гиранд, то аз таконҳои беруна муқовимат кунанд ва табақаҳои осебпазирро ҳифз кунанд ва ҳамзамон барои рушди сабз, устувор ва фарогир замина гузоранд."

Ҷанг ва таъсири он ба нархи сӯзишворӣ метавонад ба минтақа такони зарурӣро барои коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти сӯзишворӣ ва гузариш ба траекторияи сабз, устувор ва фарогирандаи рушд таъмин намояд. Тавсия мешавад, ки кишварҳо аз субсидияҳои сӯзишвории бесамар, ки ба манфиати хонаводаҳои сарватманд ва тамом шудани захираҳои давлатӣ даст мезананд, даст кашанд. Кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ низ бояд бо роҳи тадриҷан ҷорӣ кардани андозбандӣ, ки ба маҳсулоте, ки ба муҳити зист зарар мерасонанд, тарифҳоро ҷорӣ мекунанд, ба сӯи иқтисоди сабзтар ҳаракат кунанд.

Ҳанс Тиммер, сариқтисодчии Бонки Ҷаҳонӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ гуфт: "Ҷорӣ кардани андозбандии сабз метавонад барои Осиёи Ҷанубӣ манфиатҳои сершумори миқдорӣ дошта бошад, аз ҷумла беҳтар намудани амнияти энергетикӣ, фоидаи экологӣ ва афзоиши даромадҳои молиявӣ." "Ин даромадҳо метавонанд барои мутобиқшавӣ бар зидди офатҳои иқлимӣ ва таҳкими системаҳои шабакаҳои амнияти иҷтимоӣ истифода шаванд" [3].

Иқтисодиёти Бангладеш ҳамчун иқтисоди бозорӣ дар ҳоли рушд аст. Он аз ҷиҳати номиналӣ ё бо нархҳои ҷорӣ дар ҷаҳон дар ҷойи 35-ум ва аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ бо нархҳои ҷорӣ дар ҷойи 25-ум аст. Дар семоҳаи аввали соли 2019 Бангладеш ҳафтумин иқтисоди босуръат рушдёбанда бо ММД ё ММД бо нархҳои доимӣ суръати афзоиши солонаи 8,3% буд [1]. Дакка ва Читтагон марказҳои асосии молиявии кишвар мебошанд, ки Биржаи фондии Дакка ва биржаи Читтагон доранд. Бахши молиявии Бангладеш дар ҷойи дуввум ва калонтарин дар нимҷазираи Ҳинд аст. Бангладеш яке аз иқтисодҳои босуръат рушдёбанда дар ҷаҳон ва Осиёи Ҷанубӣ мебошад. Бангладеш инчунин захираҳои бузурги гази табиӣ дорад ва ҳафтумин кишвари бузурги тавлидкунандаи газ дар Осиё аст.

Бангладеш барои иқтисодиёти Непал ва Бутан аз ҷиҳати стратегӣ муҳим аст, зеро бандарҳои баҳрии Бангладеш имкони дастрасии баҳриро барои ин минтақаҳо ва кишварҳое, ки ба баҳр роҳ надоранд, фароҳам меорад. Хитой инчунин Бангладешро як дарвозаи эҳтимолӣ барои ҷанубу ғарби кишвар, аз ҷумла Тибет, Сичуан ва Юннан медонад.

Бангладеш узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ D-8, Ассотсиатсияи Осиёи Ҷанубӣ оид ба ҳамкориҳои минтақавӣ, Сандуқи Байналмилалии Пул, Бонки Ҷаҳонӣ, Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат ва Бонки сармоягузории зерсохтори Осиё мебошад. Иқтисодиёт бо мушкилоти бунгоҳҳои инфрасохторӣ, фасоди бюрократӣ ва бекории ҷавонон рӯбарӯ аст.

Дар миёнаҳои солҳои 1980 аломатҳои рӯҳбаландкунандаи пешрафт ба назар мерасанд. Сиёсати иқтисодие, ки ба ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ва сармоягузории хусусӣ, хусусигардонии истеҳсолоти давлатӣ, барқарор намудани интизоми буҷетӣ ва либерализатсияи режими воридот нигаронида шуда буд, суръат гирифт. Аз соли 1991 то соли 1993, ҳукумат як барномаи мукаммали ислоҳоти сохториро (ESAF) бо ХБА бомуваффақият пайгирӣ кард, аммо аз сабаби ғамхорӣ ба мушкилоти дохилии сиёсии ҳукумат, ислоҳотро ба таври васеъ иҷро карда натавонист [5].

Дар охири солҳои 1990-ум сиёсати иқтисодии ҳукумат пурзӯр шуд ва баъзе имкониятҳо аз даст рафт. Коҳиши бесобиқаи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар солҳои 2000 ва 2001 натиҷаи ин сиёсат буд.

Моҳи июни соли 2003 ХБА нақшаи 3-солаи 490 миллион долларро ҳамчун як қисми Фонди паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушд (PRGF) барои Бангладеш тасдиқ кард, ки ҳадафаш дастгирии барномаи ислоҳоти иқтисодии ҳукумат то соли 2006 буд. Ҳафтод миллион доллар фавран дастрас карда шуд. Ба ҳамин тариқ, Бонки Ҷаҳонӣ 536 миллион доллар қарзҳои бефоизро тасдиқ кард. На камтар аз 5% афзоиши доимии воқеии ММД-ро аз соли 2003 инҷониб дар иқтисодиёт мушоҳида мешавад. Дар соли 2010 ҳукумати Ҳиндустон барои муқовимат ба муносибатҳои наздики Хитой бо Бангладеш ба маблағи 1 миллиард доллар ба Бангладеш қарз дод.

Дар давоми ду даҳсолаи охир Бангладеш дар татбиқи сиёсати ба содирот нигаронидашудаи саноатикунонӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид, ки дар натиҷа содироти он ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Дар баробари ин суръати афзоиши содироти мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ аз афзоиши воридот ҳанӯз паст аст ва ин ногузир боиси афзудани дефитсити баланси савдо мегардад. Сабабҳои асосии он зарурати воридоти ашёи хом ва таҷҳизоти гаронбаҳои баландтехнологӣ барои таҷдиди иқтисодиёти миллӣ, инчунин мушкилии дарёфти ҷой дар бозорҳои байналмилалии мол мебошад.

Дар айни замон дар байни омилҳои иқтисодии дохилӣ ба рушди кишварҳои минтақа, пеш аз ҳама, истифодаи захираҳои меҳнатии сершумор ва нисбатан арзон дар соҳаҳои истеҳсолии содиротӣ таъсири мусбат мерасонад. Захираҳои молиявӣ низ роли хеле калон мебозанд.

Дар маҷмӯъ, маълум аст, ки дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ду модели асосии рушди иқтисодӣ дар марҳилаи кунунӣ амалӣ карда мешавад: ба захираҳои дохилӣ (Ҳиндустон ва Покистон) ва ба захираҳои беруна (дигар кишварҳои минтақа). Дар ҳамин ҳол, ҳарчанд омилҳои беруна барои ҳамаи давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ муҳиманд, аммо нақши онҳо барои иқтисоди кишварҳои “хурд”-и минтақа бештар аст.

Аз сабаби маҳдуд будани захираҳои иқтисодӣ омилҳои ғайриқтисодӣ ба рушди Бангладеш таъсири калон мерасонанд. Дар байни онҳо чун анъана омили сиёсати берунӣ аҳаммияти махсус дорад. Осиёи Ҷанубӣ бинобар мавқеи муҳими стратегии худ объекти мароқи ҷиддии як қатор мамлакатҳои хориҷӣ гардидааст. Ва гарчанде ки дар ин ҷо зиёда аз ним аср манфиатҳои ИМА, Япония, Хитой, Россия (собиқ СССР) ва давлатҳои Аврупаи Ғарбӣ бо ҳам бар мехуранд, вале тамоюли Америка ва Хитой ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ таъсири бештар доранд.

Вектори Хитой ба ин ё он дараҷа дар сиёсати берунии иқтисодии ҳамаи мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ муҳимтарин мавқеъ дорад. Ба ҳамин тариқ, ҳукумати Бангладеш алоқаро бо Хитой фаъолона инкишоф дода, ба иқтисодиёти худ сармояро ҷалб мекунад. Ба гуфтаи ҷониби Бангладеш, сармоягузориҳо ҳамасола ба таъсиси шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ, таҷдиди инфрасохтор (панҷ пули ба истилоҳ Дӯстӣ, якчанд нерӯгоҳҳои ҳароратӣ, инчунин хоҷагиҳои моҳипарварӣ сохта шуданд), рушди саноат (якчанд заводҳои нуриҳои маъданӣ ва як қатор фабрикаҳои бофандагӣ кушода шуданд). Хитой низ мунтазам ба Бангладеш кумаки молиявӣ мерасонад (ба ҳисоби миёна дар як сол тақрибан 30-50 миллион доллар, асосан аз ҳисоби қарзҳои имтиёзнок). [9, с.478.]

Ҳоло тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳон дар зери хатти мавҷудияти шоистаи инсон зиндагӣ мекунанд. Проблема аз он сабаб тезу тунд мешавад, ки комёбиҳои прогресси ҷаҳонии илму техника аксар вақт мамлакатҳои сусттараққикардаро «пайдо мекунад». Захираҳои бузурги меҳнатӣ кам истифода бурда мешаванд, худи мамлакатҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷаҳон фаъолона иштирок намекунанд.

Ин проблемаҳо махсусан барои мамлакатҳои тараққиёбанда, аз он ҷумла барои Бангладеш дахл доранд. Дар даҳ соли аввали соҳибистиқлолии кишвари Бангладеш дар

он таҷрибаҳои гуногун гузаронида шуданд, ки ба дарёфти роҳҳои самарабахши рушди иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Баҳси ин масъалаҳо то имрӯз идома дорад.

Дар айни замон ба рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ истифодаи захираҳои меҳнатии сершумор ва нисбатан арзон дар соҳаҳои истеҳсолии содиротӣ, зиёд кардани суръати фоидаи умумӣ, ки дар давраи тараққиёти мустақилонаи ин давлатҳо қариб се баробар афзуд, инчунин аз мамлакатҳои мутараққӣ фаъолона қарз гирифтан ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи пешқадам ва конструксияҳо ба ин кишварҳо хос аст. Ғайр аз ин, ҳамаи кишварҳои минтақа як гурӯҳи омилҳои иқтисодии хориҷиро барои ҳавасмандгардонии рушди худ то андозае истифода мебаранд.

Кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ сарфи назар аз фаъолона истифода бурдани як қатор омилҳои тараққиёти иқтисодӣ ва ғайриқтисодӣ ҳанӯз аз як зумра масъалаҳои ҳалнашудаи иҷтимоию иқтисодӣ (камғизоӣ ва гуруснагӣ, қашшоқӣ, суст инкишоф ёфтани нерӯи инсонӣ ва ғайра) азоб мекашанд. Ҳалли онҳо дар оянда эҳтимолан бо афзоиши хароҷоти давлатӣ барои ин эҳтиёҷот, ҷалби фаъолонаи кӯмак тавассути каналҳои созмонҳои байналмилалӣ, сармояи хориҷӣ ва технология, инчунин мубодилаи таҳаввулот дар доираи Ассотсиатсияи Осиёи Ҷанубӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ (SAARC) алоқаманд хоҳад буд.

Шароити табиии Бангладеш дар баробари як қатор омилҳои мусоид (ҳудуди ҳамвор, заминҳои ҳосилхез, миқдори зиёди ҳарорати мусбӣ, миқдори зиёди боришот ва ғайра) як қатор омилҳо, аз қабили  нисбатан хурд будани ҳудуд ҳамчун майдон барои фаъолияти иқтисодии аҳолӣ,  офатҳои табиӣ, бахусус обхезиҳо, тақсимоти нобаробари боришоти атмосфера ва обҳои рӯизаминӣ,  норасоии сузишворию энергетикӣ ва маъданҳои фоиданокро дар бар мегирад, ки рушдро маҳдуд мекунанд.

Интизор меравад, ки саноат аз ҳисоби зиёд шудани тавлиди нерӯи барқи обӣ ва истифодаи иқтидори соҳаҳо рушд кунад.  Афзоиш аз ҳисоби коҳиши фаъолияти амволи ғайриманқул, савдои яклухт ва чакана, ки аз чораҳои назорати қарз ва болоравии фоизҳо ба вуҷуд омадааст, мӯътадил хоҳад шуд.

**АДАБИЁТ:**

1. “Real GDP Growth: Annual Percent Change”. International Monetary Fund. Retrieved 3 October 2019. [электронный ресурс]. URL: https://www.imf.org/external/datamapper/NGDP_RPCH@WEO/OEMDC/ADVEC/WEOWORLD/BGD (дата обращения: 4.04.2022).

2. Bangladesh development update: Building on resilience / World bank. – Dhaka: The world bank office, 2018. – I-VI, 40 p. – Mode of access: pdf/125061-WP-PUBLIC-Bangladesh-Development-Update-April-2018. Pdf. –C. 21-22.

3. Bangladesh Economy Shows Resilience Amid Global Uncertainty [электронный ресурс]. URL: https://www.worldbank.org/en/news/press-release/2022/04/13/bangladesh-economy-shows-resilience-amid-global-uncertainty (дата обращения: 7.06.2022).

4. Bangladesh Unveils Padma River Bridge [электронный ресурс]. URL: https://www.voanews.com/a/bangladesh-unveils-padma-river-bridge/6633218.html (дата обращения: 10.05.2022).

**5.** Economy of Bangladesh [электронный ресурс]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_of_Bangladesh (дата обращения: 4.04.2022).

6. Overview of Bangladesh Economy [электронный ресурс]. URL: https://bangladeshembassy.ru/economy-trade-investment/overview-of-bangladesh-economy/ (санаи истифодабарӣ: 11.04.2022).

7. Баранов С.С. Восточная Бенгалия, особенности экономического развития 1947-1971.- М. .- Наука, 1976. - с. 175.

8. Галищева Н. Перспективы развития экономик Южной Азии: Факты, цифры, тенденции // Международные процессы. – М., 2015. – Т. 13, № 3. – С. 40–67.

9. Галищева Н.В. Экономика стран Южной Азии / Н.В. Галищева. - М.: Издательство «МГИМО - Университет», 2009.

10. Лорч, Клаус «Приватизация через частную продажу: текстильная промышленность Бангладеш». В Рави Рамармурти; Раймонд Вернон (ред.). Приватизация и контроль над государственными предприятиями. Вашингтон, округ Колумбия: Всемирный банк, 1991. - С. 93–128.

11. Момен, Мэри Нурул. Осуществление политики приватизации: уроки Бангладеш (PDF). Журнал инноваций: журнал инноваций государственного сектора. - 2007. № 12 (2). [электронный ресурс]. URL: https://hmong.ru/wiki/Bangladeshi_RMG_Sector (дата обращения: 12.12.2022).

12. Общие сведения о Бангладеш [электронный ресурс]. URL: http://docstore.ohchr.org/SelfServices/FilesHandler.ashx? (дата обращения: 24.00.2022).

13. Текстильная промышленность Бангладеш [электронный ресурс]. URL: https://hmong.ru/wiki/Bangladeshi_RMG_Sector (дата обращения: 24.05.2022).

14. Экономика Бангладеш [электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki (дата обращения: 24.00.2022).

## ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЭКОНОМИКИ БАНГЛАДЕШ

**ТУРСУНОВ ТУРСУНМУРОД ХУДОЙМУРОДОВИЧ**
доктори илмҳои таърих, дотсент. Сарходими Инситути омӯзиши масъалаҳои давалтҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Email: tursunov-murod@mail.ru. Тел: +992 100 40 40 00

*В статье в рамках одной статьи анализируются этапы развития и причины и факторы отсталости экономики одной из самых густонаселенных стран Южной Азии - Бангладеш. В первый период своей независимости Бангладеш была одной из беднейших стран, по разным данным, 70-80% населения жили в условиях крайней нищеты. В первые десять лет независимости Бангладеш проводились различные эксперименты, направленные на поиск эффективных путей экономического развития.*

*Экономика Бангладеш развивается как рыночная экономика. Он занимает 35-е место в мире по номинальным или текущим ценам и 25-е место по паритету покупательной способности в текущих ценах. Сегодня годовой рост ВВП составляет 7,25%.*

*Сегодня Бангладеш является развивающейся страной в Южной Азии. Наряду с развитием возникает множество проблем, и в первую очередь следует активизировать контроль над антропогенными отходами и производством, контроль над рождаемостью и прекращение вырубки лесов.*

***Ключевые слова:*** *Бангладеш, экономика, развитие, проблемы, перспективы.*

## PROBLEMS AND PROSPECTS OF THE BANGLADESH ECONOMY

**ТУРСУНОВ ТУРСУНМУРОД ХУДОЙМУРОДОВИЧ**
доктори илмҳои таърих, дотсент. Сарходими Инситути омӯзиши масъалаҳои давалтҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Email: tursunov-murod@mail.ru. Тел: +992 100 40 40 00

*The article analyzes the stages of development and the causes and factors of the backwardness of the economy of one of the most densely populated countries in South Asia - Bangladesh, within the framework of one article. In the first period of its independence, Bangladesh was one of the poorest countries, according to various sources, 70-80% of the population lived in extreme poverty. In the first ten years of Bangladesh's independence, various experiments were carried out to find effective ways of economic development.*

*Bangladesh's economy is developing as a market economy. It ranks 35th in the world at nominal or current prices and 25th at current purchasing power parity.*

*Today, annual GDP growth is 7.25%.*

*Today Bangladesh is a developing country in South Asia. Along with development, there are many problems, and first of all, the control of anthropogenic waste and production, birth control and cessation of deforestation should be stepped up.*
***Key words:*** *Bangladesh, economy, development, problems, prospects.*

## АВОМИЛИ РУШД ВА САМАРАНОКИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИНДОНЕЗИЯ

ҚУДРАТЗОДА К., СОҲИБИ Б., САНГИНЗОДА М.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо
Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*Ҷумҳурии Индонезия кишвари агро-саноатӣ буда, аз рӯйи динамикаи микроиқтисодӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон ҷойгоҳи хоса дорад. Дар рушди иқтисодии кишвар нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ хело калон аст. Индонезия ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз афзалиятҳои сиёсати иқтисодии худ медонад. Бо дар назардошти ин муаллифон тасмим гирифтаанд, ки дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои муҳимми рушд ва самаранокии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Индонезия мавриди таҳқиқ қарор диҳанд. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки Ҳукумати Индонезия барои рушди минтақаҳои озод, таваҷҷуҳи зиёд медиҳад ва ба воситаи имтиёзҳои андозбандӣ ва Шӯрои танзимкунанда бархурдор гардидааст. Имрӯз ба воситаи он саноатикунии босуръати кишвар таъмин гардида истодааст. Инчунин дар рушди он Созишномаи сегонаи давлатҳои Сингапур, Малайзия ва Индонезия оид ба минтақаҳои озоди нақши асосиро бозид. Муаллифон дар натиҷаи омӯзиши рушди минтақаҳои озоди Индонезия якчанд пешниҳод намудааст. Таҳлил ва омӯзиши рушди кишварҳои тараққиёфта, аз ҷумла Индонезия барои рушди ҳамкориҳои дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Индонезия мусоидат хоҳад кард.*
***Калидвожаҳо****: Минтақаҳои озоди иқтисодӣ, Индонезия, иқтисод, Шӯрои милли, пешниҳод, рушди ҳамкориҳо.*

Ҷумҳурии Индонезия дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҷойгир гардидааст. Аз лиҳози ҳудуд бо масоҳати 1 919 440 км² яке аз кишвари калонтарин дар минтақа мебошад. Тибқи маълумоти соли 2020 аҳолии он 270 203 917 нафарро ташкил медиҳад [15]. Ҳамчун кишвари сераҳолитарин баъди Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ҷаҳон ҷойи 4-умро ишғол мекунад. Индонезия бузургтарин давлати ҷазиравӣ дар ҷаҳон шинохта шудааст. Кишвар дар ҷазираҳои Архипелаги Маллак ва қисми ғарбии ҷазираи Гвинеяи Нав ҷойгир мебошад, ки онро обҳои укёнусҳои Ором ва Ҳинд иҳота намудааст. Қисми зиёди ҷазираҳои он ба ҷазираҳои Зонд тааллуқ доранд, ки онҳо дар навбати худ ба Ҷазираҳои Зонди Бузург ва Зонди Хурд тақсим мешаванд. Кишвар бо Малайзия, Папуа Гвинеяи Нав ва Тимори Шарқӣ марзҳои хушкӣ дорад. Ҷумҳурии Индонезия ба 34 воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ тақсим мешавад, 32-тои он ба вилоят ва 2 тои он ноҳияи махсус буда, аз рӯи мақом ба вилоят баробар аст.

Бояд хотирасон кард, ки Ҷумҳурии Индонезия кишвари агро-саноатӣ мебошад ва аз рӯйи динамикаи микроиқтисодӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон нақши асосиро мебозад. Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии (минбаъд ММД) он дар соли 2021 - 3 триллиону 332 млн доллари ИМА (ҳудуди 12 378 доллар ба ҳар сари аҳолӣ) ташкил медиҳад [12]. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар метавон қайд, ки яке аз модели интихобнамудаи рушди иқтисодии кишвар ин таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ (минбаъд МОИ) ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Индонезия ин иқдомро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ қарор додааст.

Пеш аз оне ки рушди МОИ-и давлатро таҳлил намоем дар аввал мафҳум ва таърихи минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Индонезияро баррасӣ бояд кард. Минтақаи озоди иқтисодӣ - қисми маҳдуди қаламрави давлат ба ҳисоб рафта, барои сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ бо низоми имтиёзноки иқтисодӣ дода мешавад. Минтақаҳо барои ҳалли мушкилоти дохилии иқтисодӣ, тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ ва рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, воридоти технологияҳои пешрафта ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ таъсис дода мешавад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Индонезия ба воситаи МОИ ба дастовардҳо назаррас ноил гардида истодааст, аз ҷумла дар соҳаи технологияи нав; навсозии соҳаи саноат; баланд бардоштани такмили ихтисос; ташкили ҷойҳои нави корӣ, истифодаи қувваи корӣ ва диверсификатсияи (гуногунӣ) иқтисодии давлат.

Ташкили МОИ-и Индонезия аз соли 1972 оғоз шуда, дар ин давра аз сабабҳои вазъи ноустувори сиёсати иқтисодии давлат пурра амалӣ карда нашуданд. Аз ин рӯ, рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Индонезия аз соли 1988 баъд аз баста шудани созишнома оид ба МОИ байни давлатҳои сегонаи минтақа, яъне Сингапур, Малайзия ва Индонезия ғоз гардидааст. Соли 1996 дар доираи Созишномаи сегона минтақаҳои озоди иқтисодии нав дар иёлотҳои Малайзия (3-то) ва Индонезия (6-то) ташкил карда шуданд. Борои васеъшавии масоҳати умумии минтақаҳои озоди иқтисодии давлатҳои сегона Минтақаи Рушди Ҷануб (минбаъд-МРҶ) номгузорӣ шуд. МРҶ дар умум 334 ҳазор км$^2$ ҳудуд ва 35 миллион нафар аҳолиро фаро мегирад [13]. Ҳадафи Минтақаи Рушди Ҷануб густариш ва таҳкими робитаҳои мутақобилаи иқтисодии се кишвар гардид. Бо мақсади ҳамгироии самти иқтисодӣ МОИ-ии наздисарҳадиро ташкил намуданд, ки қаламрави минтақаҳои наздисарҳадии 3 кишварро фаро гирифта, барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, сиёсати имтиёзнок, субсидияҳои молиявии давлатӣ, бахши тиҷорати хусусӣ ва таъмини инфрасохтори муносиб барои амалӣ намудани ҳадафҳои дарозмуддати макроиқтисодӣ мусоидати ҳамаҷиҳата намудааст.

Дар умум Минтақаи Рушди Ҷануб як намунаи хуби минтақаи наздисарҳадӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаҳои иштироккунанда тавассути истифодаи афзалиятҳои муқоисавӣ ва дар минтақаи хуби ҷуғрофӣ ҷой гирифтан нишондоди баланди иқтисодиро доро мебошанд. Натиҷаҳои воқеӣ дар соҳаҳои рушди инфрасохтор, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба даст овардаанд. МРҶ васеъ шуда давлатҳои дигари аъзои Асотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН) ба он дохил гардидаанд [11].

МОИ яке аз моделҳои асосии иқтисодии интихоб намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия ба ҳисоб меравад, ки онҳо бо мақсади сиёсати саноатикунии босуръати кишвар, амалишавии лоиҳо ва рақоботпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва дохилӣ аз тарафи давлат ташкил карда шудааст. Ҳукумати Индонезия МОИ-и худро дар минтақаҳои мухталифи кишвар таъсиси дода, бо мақсади ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба воситаи он омодакардани кадрҳои баландихтисос, рушди соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда ва инноватсионии истеҳсолӣ фаъолияти онҳоро ба роҳ мондааст.

Бояд қайд кард, ки асоси маҳсулоти МОИ-и Индонезияро чунин маҳсулотҳо ташкил медиҳанд: IT - (технологияи иттилоотӣ) 42%, дорусозӣ ва биотехнология - 24 %, электроника ва иттилооти муҳандисии шабакавӣ - 14 %. Дар ҳудуди МОИ зиёда аз 3 ҳазор корпоратсия ва 25 ҳазор филиалҳои ширкатҳои хориҷӣ ҷойгир шудаанд [14. С. 67]. Таҷрибаи коршиносон ва дастрасӣ ба Пойгоҳи нави технологӣ барои ҳалли самараноки вазифаҳо оид ба рушди стратегии кишварҳои минтақа кӯмак мерасонад.

То соли 2019 дар Индонезия 12 минтақаҳои озоди иқтисодии махсус мавҷуд буданд ва дар ҳамин сол Президенти Индонезия Ҷоко Видодо дар кишвар 17 минтақаи озоди иқтисодии навро таъсис дод, ки 10-тои он дар соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ ва 7-тои дигараш ба рушди соҳаҳои истихроҷи маъданҳои фоиданок, моҳидорӣ, истеҳсоли

молҳои дорои арзиши олӣ ва инчунин мошинсозиву электроника нигаронида шудааст. Дар Ҷумҳурии Индонезия айни замон 15 минтақаи махсуси иқтисодӣ мавҷуд аст.

МОИ-ии Индонезия ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

✓ минтақаҳои озоди тиҷоратӣ, гумрукӣ ва минтақаҳои транзитӣ барои ҷойгиркунии истеҳсолоти инноватсионӣ ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда;

✓ минтақаҳои озоди бандарӣ оид ба сохтани киштиҳо, таъмири киштиҳо ва расонидани хизматрасонии логистикӣ;

✓ минтақаҳои озоди саноатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ;

✓ минтақаҳои озоди технологӣ барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳо;

✓ минтақаҳои озоди сайёҳӣ [4].

Бояд қайд кард, ки асоси ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки таъмини ҳуқуқи сармоягузоронро кафолат медиҳад. Тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ фаъолияти МОИ бо қарори Ҳукумати Индонезия амалӣ карда мешаванд [3]. Санадҳои ҳуқуқӣ соли аз соли 2009 то соли 2012 "Дар бораи минтақаҳои махсуси иқтисодӣ", "Дар бораи ташкили фаъолияти МОИ Индонезия", ки фаъолияти МОИ-ро дар Индонезия ба танзим медарорад қабул карда шудаанд. Вазифаҳои идоракунии маъмурии МОИ аз ҷониби мақомоти давлатӣ Шӯрои миллии МОИ дар якҷоягӣ бо идораҳои минтақавии дахлдор амалӣ карда мешаванд.

Бо қарори охирини Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия аз 10 декабри соли 2019 таҳти №84, минтақаи Ликупанг дар музофоти Сулавеси Шимолӣ ба рӯйхати минтақаҳои озоди иқтисодии махсуси Индонезия илова карда шуд. 6 январи соли 2020 Президенти Индонезия Ҷоко Видодо Қарори Ҳукуматро таҳти №1 аз соли 2020 дар бораи рушди минтақаҳои озоди иқтисодии махсус бо мақсади ҷалби сармоя дар ҳаҷми 50 миллиард доллари ИМА ба ин минтақаҳо дар даҳсолаи ояндаро ба имзо расонд. МОИ махсус дар музофоти Бантен, Суматри Шимолӣ, Сулавеси Марказӣ, Сулавеси Шимолӣ, дар ғарби Нуса Тенггара, дар шимоли Малукка, дар ҷануби Суматра ва дар шарқи Калимантан ҷойгиранд. МОИ барои рушди истеҳсолоти сарватҳои табиӣ, аз ҷумла нафтухимия, истеҳсоли пӯлод, коркарди боксит, истеҳсоли кимиё, коркарди ангишт ва истеҳсоли никел сохта шудаанд.

Дар Индонезия аввалин МОИ дар соли 2007 дар музофотҳои Батам, Бинтан ва Каримун Риау таъсис ёфтанд. Саноати киштисозӣ зиёда аз 150 ширкати резидентиро дар бар мегирад, ки дар соҳаи саноати электроника аз ҷумла, ширкатҳои байналмилалии резидентҳои Sanyo, Panasonic, Siemens, Philips ва Sony фаро мегирад.

Ҳукумати Индонезия дар МОИ бо мақсади ҷалби бештари сармоягузорон афзалиятҳои андозбандӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва дигар афзалиятҳоро пешниҳод намудааст. Андоз аз даромади корпоративӣ 22% буда, дар соли 2022 то 20% коҳиш дода шудааст. Ширкатҳое, ки даромади солонаашон аз 50 миллиард рупияи индонезӣ камтар аст андоз аз даромад 50% кам карда мешавад. Ширкатҳои хурде, ки даромади солонаашон на аз 4,8 миллиард рупияи индонезӣ камтар аст, андоз аз даромади корпоративӣ ба андозаи 0,5% ситонида мешавад. Андоз аз арзиши иловашуда 10% аст. Меъёрҳои андоз аз даромад аз 5% оғоз шуда, тадриҷан то 15%, 25% ва меъёри ҳадди охир то 30% афзоиш меёбад [2]. Илова ба андозҳо, ширкатҳо бояд дар нақшаҳои иҷтимоӣ, саломатӣ ва нафақаи кормандони худ саҳм гузоранд. Андоз аз даромади ширкатҳо бо чунин имтиёз муайян шудааст:

• Аз 100% даромад ба муҳлати аз 10 то 25 сол, барои сармоягузоре, ки зиёда аз 1 триллион рупияи индонезӣ сармоя дорад (68,32 миллион доллари ИМА);

• Аз 100% даромад ба муҳлати аз 5 то 15 сол барои сармоягузоре, ки аз 500 миллиард IDR (34,16 миллион доллари ИМА) то 1 триллион IDR (68,32 миллион доллар) сармоя дорад [6].

• Аз рӯи меъёри муайяннамудаи Вазорати молияи Индонезия ба муҳлати аз 5 то 15 сол барои сармоягузориҳои камтар аз 500 миллиард IDR (34,16 миллион доллари ИМА) сармоя доранд [5].

Афзалиятҳои андоз: 30% тахфиф аз андози даромад; суръатнокии тарифҳо (амортизатсия); озодкунии пардохт аз андоз барои сармоягузорони калон зиёда аз 60 миллион доллар дар давоми 5-10 сол аз оғози истеҳсоли тиҷоратӣ бо пардохти минбаъдаи онҳо дар ҳаҷми 50%; озод кардани ширкатҳо ва шахсони воқеие, ки дар МОИ фаъолият мекунанд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз молҳои боарзиш ва боҷҳо ҳангоми содироти молу хизматрасониҳои дар МОИ истеҳсолшуда.

Имтиёзҳои гумрукӣ: пурра озод кардан аз боҷи воридотӣ барои ашёи хом, мавод ва ҷузъҳо, мошину таҷҳизот барои фаъолияти ширкатҳо дар МОИ барои 2 сол инчунин дар давоми 4 сол ҳангоми воридоти мошину таҷҳизот барои эҳтиёҷотҳои истеҳсолӣ [17.С-123].

Дигар афзалиятҳо: тартиби соддакардашудаи бақайдгирии ширкатҳо (раванди бақайдгирии ширкатҳои хориҷӣ дар МОИ Индонезия барои 14 рӯз); тартиби соддакардашудаи бақайдгирии коргарони хориҷӣ; ҷой надоштани монеаҳои маъмурӣ; нархҳои пасти иҷора ва хариди замин дар МОИ; тартиби соддакардашудаи иҷозатномадиҳӣ, назорати муҳоҷират барои коргарони хориҷӣ; додани иҷозат барои сармоягузорони хориҷӣ оид ба бастани шартномаҳои дарозмуддати иҷораи қитъаҳои замин (то 75 сол) ва иҷрои корҳои сохтмонӣ дар онҳо; барои сармоягузори хориҷӣ додани ҳуқуқи моликият ва иҷозатномаи истиқомати доимӣ дар Индонезия [1.С-5-10].

Дар рушди МОИ-и Индонезия афзалиятҳои андозбандӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда аз қабили қонун "Дар бораи танзими фаъолияти минтақаҳои махсуси иқтисодӣ" (аз соли 2012) амалӣ карда мешаванд. Бо мақсади татбиқи қонуни мазкур дар Индонезия “Шӯрои миллӣ оид ба танзими МОИ-и Индонезия” ташкил карда шудааст. Шӯрои мазкур ниҳоди давлатӣ буда, фаъолияти идоракунии МОИ – ро пеш мебарад [8].

Бояд қайд, ки барои ба танзим овардани минтақаҳои озод Ҳукумати Индонезия Шӯрои миллии МОИ-ро ташкил додааст. Роҳбари Шӯрои миллии МОИ дар сатҳи ҷумҳурӣ, вазорат ва вилоят аз тарафи Ҳукумат аз ҷониби вазири иқтисодии кишвар таъин карда мешавад. Шӯрои миллии МОИ дар музофотҳо намояндагиҳои худро дорад.

Шӯрои миллии МОИ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- Дар минтақаи озод оид ба додани иҷозатнома қарор қабул ва иҷозад медиҳад, инчунин барои тасдиқи минбаъда ба Президент ва Ҳукумат пешниҳод менамояд;
- Барои танзими фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ заминаи меъёрию ҳуқуқиро омода менамояд ва ҳамчунин бо палатаҳои парламент ҳамкорӣ мекунад.
- Оид ба дастгирии техникӣ ва иттилоотикунонии шаҳрвандони дохилию хориҷӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, тадбирҳо андешида бо мақомоти ҳокимияти минтақавӣ ҳамкорӣ менамояд [7].

Бо фармони Ҳукумати Индонезия оид ба додани ҳудуд дар МОИ тибқи меъёрҳои муқарраршуда қарор таҳия гардида аз ҷониби Шӯрои миллӣ назорат карда мешавад. Барои идоракунии минтақаи озоди иқтисодӣ дар тобеияти Шӯрои Миллӣ ширкатҳои идоракунанда таъсис дода шудаанд.

Вазифаҳои асосии ширкат ба резидентҳо додани шаҳодатномаи бақайдгирӣ, литсензия барои намудҳои алоҳидаи фаъолият дар минтақаи озоди иқтисодӣ ва инчунин ҳисобот оид ба фаъолият дар шуъбаҳои ҳудудии Шӯрои миллӣ таҳия намуда, ба мақомоти гумрук ва андоз дар бораи бақайдгирии резидентҳо ҳисобот медиҳад. Иҷозатномаҳо ва литсензияҳо дар доираи расмиёти "равзанаи ягона" сурат мегирад.

Резидентҳо дар минтақаи озоди иқтисодӣ иборат аз:

- корхонаҳои давлатӣ;
- ташкилоти тиҷоратӣ ва ҳуқуқӣ;

- корхонаҳои муштарак ва корпоратсияҳои трансмиллӣ [2].

Тибқи қонунгузории амалкунанда, барои ҷалби сармоягузорон дар МОИ, ин пеш аз ҳама, таъмини ҳуқуқҳои дарозмуддати истифодаи замин мебошад, ки ширкатҳо метавонанд заминро ба муддати 30 сол ба иҷора гиранд ва иҷораҳо ду маротиба барои 10 сол тамдид ва пешниҳод карда мешаванд. Дар доираи салоҳият ва ташаббусҳои нави Президенти Индонезия ва Ҳукумати кишвар оид ба рушди МОИ ин муҳлатҳо аз 15 то 50-сол зиёд карда мешаванд [8]. Соли 2015 ширкати идоракунии "Идораи савдои минтақаи озоди иқтисодии Батам (Batam Authority Zone Trade Trade Authority) минбаъд - BIFZA - тавонист сармоягузории хориҷиро ба маблағи беш аз 8 миллиард доллар барои рушди киштисозӣ ва таъмири киштиҳо дар минтақаи озоди тиҷоратӣ ҷалб намояд. Афзоиши соҳа вилояти Батамро ба бузургтарин маркази киштисозии кишвар табдил дод, ки ҳоло беш аз 160 ширкати киштисозӣ дар ин вилоят фаъолият мекунанд [10].

Мавриди зикр аст, ки дар асосӣ санади ҳуқуқии сегона 70% сармоягузарон дар вилояти Батам ширкатҳои сингапурӣ фаъолият мекунанд. Минтақаҳои озоди тиҷоратии Батам, Бинтам ва Каримун низ ба платформаи рушди саноати электроника табдил ёфтааст. Талаботи афзоянда ба электроника дар байни истеъмолкунандагони осиёӣ барои сармоягузорони хориҷӣ хеле ҷолиб аст. Дар байни ширкатҳое, ки BIFZA ҷалб кардааст, ширкатҳои бузурги фаромиллӣ ба монанди Sanyo, Panasonic, Siemens, Philips ва Sony ҷой доранд.

Муваффақияти бахши электроника дар наздикии он ба Сингапур, инчунин интиқоли бомуваффақияти технология тавассути ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ, таъмини дастрасӣ ба таҷҳизоти навтарин ва таҷрибаи онҳо дар ин соҳа мебошад. Дар рушди минтақаи озоди иқтисодии Индонезия *санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба МОИ, Шӯрои миллии МОИ, имтиёз ва андозбандӣ* нақши асосиро бозиданд.

Хулоса

Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла Индонезия барои Тоҷикистон муҳим мебошад. Зеро фароҳам овардани имкониятҳои васеъ ва шароити мусоид барои рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Индонезия ва кишварҳои минтақа мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди иқтисодиёт ва ҷалби саромояи дохилию хориҷӣ дар қаламрави кишвар аз 5 марти соли 2008 чаҳор МОИ ташкил карда буд, ки аз рӯйи чунин шаклҳо фаъолият мебаранд: МОИ "Суғд" - саноатӣ-инноватсионӣ дорои 24 субъект (20-то истеҳсолӣ, 4-то хизматрасонӣ), "Данғара"- истеҳсолӣ-инноватсионӣ дорои 27 субъект (21-то истеҳсолӣ, 6-то хизматрасонӣ), "Панҷ"-комплексӣ дорои 17 субъект (13-то истеҳсолӣ, 4-то хизматрасонӣ), "Ишкошим"- истеҳсолӣ-тиҷоратӣ дорои 3 субъект (1-то истеҳсолӣ, 2-то хизматрасонӣ) ва соли 2019 МОИ "Кӯлоб" таъсис дода шудааст, ки шакли фаъолияташ-истеҳсолӣ буда, дорои 1 субъект мебошад [18].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар роҳи расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар нақши МОИ назаррас мебошад. Зеро, дар МОИ-и Тоҷикистон бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, ашёи хоми ватанӣ ва қувваи корӣ баҳри рушди иқтисоди миллӣ ва афзун гардидани номгӯйи маҳсулоти ватанӣ ва ҳаҷми содироти он шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар марҳалаи имрӯзаи пешрафт ва ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ фаъолияти МОИ ба рушди иқтисодиёти кишвар бештар имконият фароҳам оварда, асосан ба ҳалли масъалаҳои бунёдии иқтисодӣ, татбиқи барномаҳои саноатикунонӣ ва лоиҳаҳои стратегӣ водор мекунад. МОИ баҳри боз ҳам беҳтар намудани шароити кору истеҳсолот, рушди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва ба содирот нигаронидани он фаъолият мебаранд.

Бо мақсади рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Индонезия ва истифодаи таҷрибаи минтақаи озоди иқтисодии Индонезия чунин пешниҳодҳо ба манфиати рушди иқтисодиёти кишваранд:

1. Бо мақсади амалӣ намудани стратегияи ҳадафи чоруми босуръати саноаткунонии кишвар пешниҳод мегардад, ки терминали фурудгоҳи боркашонии ҳавоии Индонезия дар минтақаи озоди иқтисодии кишвар ҷалб карда шавад. Аз фурудгоҳи байналмилаии "Душанбе" ба фурудгоҳи байналмилалии "Сукарно Хатта" тақрибан 15 соату 35 дақиқа буда, масофаи 6315 километрро фаро мегиранд.

Масалан, дар асоси нақшаи 10-солаи рушд ва барномаҳои модернизатсиони босуръат Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон фурудгоҳи Навоииро дар соли 2009 ба ширкати нақлиёти боркашонии кореягии Korean Air Cargo ба иҷора дод. Ширкати Korean Air Cargo идораи онро ба уҳда гирифта навсозиии онро суръат бахшид. Баъд аз ба анҷом расидани сохтмони он бузургтарин терминали боркашонии ҳавоӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Терминали фурудгоҳи боркашонии ҳавоии Индонезия барои боз ҳам фароҳам овардани ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузороии Тоҷикистону Индонезия мусоидат хоҳад кард. Ин пешниҳод дар ҳалли масъалаи сохтмони анборҳои бузург ва таъминоти логистикӣ дар МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд, ки Тоҷикистон дар оянда метавонад ба бозорҳои минтақаи ОҶШ молу маҳсулоти кишварҳои ИДМ ва ИА сорид намояд ва ба бозорҳои минтақаи ОМ, ИДМ ва ИА молу маҳсулоти кишварҳои ОҶШ –ро ворид намояд;

2. Оид ба истифодаи таҷрибаи Индонезия дар мавриди минтақаҳои озод дар шароити Тоҷикистон чунин иқдомҳо заруранд: истифодаи таҷрибаи афзалиятҳои андоз, имтиёзҳои гумрукӣ ва дигар афзалиятҳо дар МОИ Индонезия, ки мавриди амал қарор доранд;

3. Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди минтақаҳои озоди иқтисодӣ масъул аст ва таъсиси Шӯрои миллӣ ва ширкатҳои идоракунанда барои рушди минтақаҳои озоди Тоҷикистон аз таҷрибаи МОИ-ии Индонезия истифода бурда, ҳамкориҳо байни минтақаҳои озоди кишварҳоро ташкил намоянд;

4. Истифодаи таҷрибаи Созишномаи сегонаи Сингапур, Малайзия ва Индонезия ва амалигардонии таҷрибаи онҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ноҳияҳои наздисарҳадии кишварҳои ОМ мубрам ва саривақтӣ мебошад.

## АДАБИЁТ:

1. А.Н. Андреев, М.М. Бухарова, Л.В. Данилов, В.И. Зверков,Е.А. Кашинова, Е.И. Кравченко, М.А. Лабудин, М.А. Махаева, А.В. Телеба, А.Г. Шипугин, А.В. Шпиленко Бизнес-навигатор по особым экономическим зонам России, 2020. Выпуск 4/ Ассоциация развития кластеров и технопарков России. - Москва: АКИТ РФ, 2020. – 203 с.

2. Ведение бизнеса в Индонезии [Манбаи электронӣ] https://www.kreston.com/ru/doing-business-in/indonesia/(санаи муроҷиат: 18.08.2022)

3. Data economic intelligence kazakhstan dan tajikistan tahun 2020 [Манбаи электронӣ] https: //kem lu.go.id /downl oad/l1npdgvbc3 nldhm vtgl zdhmvsw1wb3j0yw50jtiwsw5mb3jtyxrpb24vqwxssxrlbxmvtufss0vujtiwsu5uruxmsudftlqlmjblq vpbs0htvefojtiwrefojtiwvefksutju1rbtiuymdiwmtkucgrm (санаи муроҷиат 19.08.2021)

4. Digital Market Overview: Indonesia –[Манбаи электронӣ] https://ww3.frost.com/files/3115/2878/4354/Digital_Market_Overview_FCO_Indonesia_25May18.pdf

5. Indonesia Launches Special Economic Zone Rules – [Манбаи электронӣ] https://theinsiderstories.com/indonesia-launches-special-economic-zone-rules/

6. Indonesia launches three economic zones, eyes $10.5 billion investment –[Манбаи электронӣ] https://www.straitstimes.com/asia/se-asia/indonesia-launches-three-economic-zones-eyes-105 billion-investment

7. Indonesia launches three economic zones, eyes $7.7 bln investment –[Манбаи электронӣ] https://www.reuters.com/article/indonesia-economy-investment/indonesia-launches-three-economic-zones-eyes-77-bln-investment-idUSL3N21J19I

8. Indonesia's Growing Special Economic Zones – Opportunities and Challenges [Манбаи электронӣ] -https://www. aseanbriefing.c om/news /indonesias-growing-special-economic-zones-opportunities-and-challenges/

9. Indonesia's Growing Special Economic Zones Present Opportunities, Challenges [Манбаи электронӣ] https://www. Gpminstit ute.com/publications-resources/Global-Payroll-Magazine/february-2016issue/ asia-briefing-indonesia-s-growing-special-economic-zones-present-opportunities-challenges (санаи муроҷиат 21.08.2021)

10. Indonesia's Growing Special Economic Zones–Opportunities and Challenges [Манбаи электронӣ] https://w ww.asea nbriefin g.com/n ews/indonesias-growing-special-economic-zones-opportunities-and-challenges/

11. Market Report –[Манбаи электронӣ] https://www.s-ge.co m/sites/default/files/publication/free-form/market_report_-_ict_indonesia. pdf

12. Place-based policies in Indonesia: a critical review –[Манбаи электронӣ] http://doc uments.w orldbank.org/curated/en/376361571412 939496/pdf/Place-Based-Policies-in-Indonesia-A-Critical-Review.pdf

13. Report for Selected Countries and Subjects. 28 феврали соли 2021.

14. Tan Yu Hui, R. Singapore's Untapped Hinterlands: Opportunities and Obstacles? Monetary Authority of Singapore / R. Tan Yu Hui. – Putrajaya Singapore, 2013. [Манбаи электронӣ] URL:https://www.dvfu.ru/en/apr-magazine/issues/2016-1-2/2016-1-2-article2/ (санаи муроҷиат 29.03.2022).

15. Костюнина, Г. М. Регулирование трудовых отношений в свободных экономических зонах развивающихся стран // Труд за рубежом. –2009. – № 1. – С. 67–79.

16. Натиҷаҳои барӯйхатгирии миллии аҳолӣ дар соли 2020 дар вебсайти расмии Агентии марказии омори Ҷумҳурии Индонезия Hasil Sensus Penduduk 2020 (индон.) (PDF). BPS Republik Indonesia.

17. Сомонаи расмии МИИ - Ҷумҳурии Тоҷикистон // info@fez.tj. (санаи муроҷиат: 19.08.2021).

18. Фурщик М. А., Шутова А. В., Прозоров М. С., Савельев А. В., Горячева М. А. Особые экономические зоны: опыт и перспективы/Фурщик М. А., Шутова А. В. М.: ИД «Медиа Инфо Групп», 2014 — 212 с С-123

19. Шарифзода М. Ҳомидҷон М, Минтақаи озоди иқтисодии "суғд" ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар [Манбаи электронӣ] https://cyberleninka.ru/article/n/minta-ai-ozodi-i-tisodii-sugd-va-na-shi-on-dar-sanoatikunonii-bosurati-kishvar (санаи муроҷиат: 18.08.2021)

## ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ И ЭФФЕКТИВНОСТЬ СВОБОДНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЗОНЫ В ИНДОНЕЗИИ

**КУДРАТЗОДА К., СОХИБИ Б., САНГИНЗОДА М.**

Институт изучения проблем стран Азии и Европы

Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.

Тел.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*В данной статье рассматриваются важные аспекты развития свободных экономических зон Республики Индонезии. Правительство Индонезия уделяло большое внимание развитию свободных экономических зон и пользовалось налогообложение и Регулирующий совет, сегодня благодаря этому обеспечивается быстрая индустриализация страны. Большую роль сыграло и трехстороннее Соглашение Сингапура, Малайзии и Индонезии о свободных экономических зонах. Авторы сделали несколько предложений в результате изучения развития свободных экономических зон в*

*Индонезии. Анализ и изучение развития развивающихся стран, в том числе Индонезии, будет способствовать развитию долгосрочного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Республикой Индонезия.*

***Ключевые слова:*** *Свободные экономические зоны, Индонезия, экономика, Национальный совет, предложение, развитие сотрудничества.*

## FACTORS OF DEVELOPMENT AND EFFICIENCY OF THE FREE TRADE ZONE IN INDONESIA

**KUDRATZODA K.A., SOHIBI B., SANGINZODA M.**
Institute for studying the issues of Asian and European countries
Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33.
Tel.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*This article discusses important aspects of the development of free economic zones of the Republic of Indonesia. The Indonesian government paid great attention to the development of free economic zones and enjoyed taxation and the Regulatory Council, today thanks to this, the rapid industrialization of the country is ensured. The tripartite agreement between Singapore, Malaysia and Indonesia on free economic zones also played an important role. The author made several suggestions as a result of studying the development of free economic zones in Indonesia. Analysis and study of the development of developing countries, including Indonesia, will contribute to the development of long-term cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Indonesia.*

***Keywords:*** *Free economic zones, Indonesia, economy, National Council, proposal, development of cooperation.*

## *ТАҚРИЗ, КИТОБИЁТ, ТАРҶИМА ВА ТАҲИЯ*

### *ЁДЕ АЗ МАРДИ НАКӮНОМ*
### *(хотирае аз устод Мирзо Муллоаҳмад)*

Бахшида ба Рӯзи илми тоҷик бо иқдоми Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ мо як гурӯҳ кормандони ин муассисаи бузурги илмӣ зиёрати оромгоҳи узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирзо Муллоаҳмадро анҷом додем. Аз даргузашти ин инсони шариф ва дӯсти ҷавонони эҷодкор ва муҳаққиқону унвонҷӯёни дақиқкор Мирзо Муллоаҳмад чанд моҳе турнавор аз сари мо, аз дили мо ба сӯйи нокуҷое роҳ мегирад. Он рӯзе, ки радиои кишвар хабари реҳлати устод Мирзо Муллоаҳмадро дар фазои диёри азизамон паҳн менамуд, ҳаво хеле сард ва хунукии тоқатфарсо ҳама деҳу деҳкадаро фаро гирифта буд. Дӯстону шогирдон ва хешу ақрабои устод осемасар роҳи хонаи марҳумро пеш гирифта, аз ҳавои номусоид каме хавотирӣ доштанд. Вале ғайричашмдошт бо иродаи Худои ягона бошад, ҳаво ҷомаи сарду тираи худро бадар карда, либоси кабудфомеро ба бар карда, дар пайкари шаҳри азиму бекарон каме ҳам бошад, гармии оромбахше ворид гардид. Муаллим дар зиндагӣ ҳам ҳамин одатро доштанд, дар ҳар тӯю маъракаи худ мавсимеро қарор медоданд, ки ба мардум малоле бор нашавад. Имрӯзи видоъи устод ҳам чун ҳарвақта ҳавои ором у офтобӣ шаҳрро фаро гирифта буд. Дару девори бинои хонаи устод аз одамони шиносу дӯстони қадрдони эшон лабрез гашта буд. Чеҳраи ҳама гирифта, чашмони ҳамагон маҳзун ва касеро мадори сухан гуфтан намонда буд, зеро таҳаммули марги ин соҳибдил барои ҳама вазнину гаронбор аст. Ҳар яке худро дар кунҷе гирифта, такя бар девору дарахте мекард, зеро бори андуҳи мардони нексириштро бардоштан барои ҳамагон осон набувад. Олимҷон Хоҷамуродов ва Ҳабибуллоҳ Раҷабов, ки солҳои зиёд аҳди дӯстӣ бо марҳум доштанд, бо рангу рӯи парида, бо чашмони дар ҳалқаи оби дида монда, хотироти худро ба ҳозирин изҳор мекарданду мекарданд. Овози гиряву фиғони пайвандони устод ҳамаро ба кунҷи хомӯшӣ мекашид ва фарзандони азизи муаллим аз реҳлати падари хоксору некномашон аз ҷигари сухтаи худ фиғон мекашиданд. Тӯда-тӯда одамони шиносу ношинос баҳри ҳамдардӣ омада, ба ҳалқаи таъзиядорон мепайвастанд. Расму русуми ниёгони мо ҳамин аст, дар омадану рафтан ҷамъ меоянд, дар омадан меболанду дар рафтани азизе меноланду аз чархи ҷафопеша имдод мехостанд. Устод Мирзо Муллоаҳмад замоне ки рисолаи “Хайём ва рубоии ӯ”-ро менавиштанд, доимо ҳамин рубоии ин мутафаккири беназир вирди забонашон буд:

Аз омадану рафтани мо суде ку?
В-аз тори вуҷуди умри мо пуде ку?
Чандин сару пойи нозанинони ҷаҳон,
Месӯзаду хок мешавад, дуде ку?

Ин ҳикмати ниёгон дар ин рӯзи сафари устод ба хонаи охират дар хаёлам сайр мекарду аз ҳар суолаш ҷавоб меҷӯям ва танҳо ман не, замоне ки муаллим рисолаи Хайёмро менавиштанд, шояд ҳамин суолҳо зеҳнашонро тира медошт ва ё асрҳо боз аз Хайём то имрӯз ва аз ин дам то абадҳо ин саволҳо ҷавоб меҷӯянду меҷӯянд, вале як ҳақиқатеро пеши назари мо меоранд: Марг ин ҳақиқатест, ки ҳеч кас бовар надорад, вассалом.

Ва одамӣ умри ҷовидонаро дар ҷаҳони маънавӣ меҷӯяд, то ба нестии вуҷуди худ ва ба адами “рафтанду равему боз оянду раванд” маъние бахшад.

Мирзо Муллоаҳмад муҳаққиқи заҳматпеша ва роҳнамои ҳақиқаткеш буданд ва ҳар чи аз худ боқӣ мондаанд, натиҷаи меҳнати 60 солаи эшон мебошад, яъне зиёда аз ним аср аз нуги қалам як бурда нони худро пайдо кардаанд ва ҳеч гоҳ ба дастархони касе дасти тамаъ дароз накардаанд. Фаъолияти илмии Мирзо Муллоаҳмад хеле серпаҳлу ва густурда мебошад. Маълумоти зеринро аз шабакаи Интернет дастрас намудем, мутаассифона, ин иттилоот ҳанӯз комил набуда, дар оянда аз масъулин

интизорем, ки баҳри пурра гардонидани феҳрасти осори илмии устод кӯшиш менамоянд.

Самтҳои асосии фаъолияти илмӣ: адабиётшиносӣ, эроншиносӣ, фарҳангшиносӣ. Ба қалами ӯ беш аз 450 асари илмӣ ва илмиву оммавӣ тааллуқ дорад, ки аз онҳо 15 монография ва маҷмуаи мақолаҳо, беш аз 30 маҷмӯаи гуногун аз осори адибони гузаштаву муосири форсизабон мебошанд. Таҳти роҳбарии ӯ 14 нафар рисолаи номзадиву докторӣ дифоъ кардаанд.

Мирзо Муллоаҳмад адабиётшинос ва эроншиноси шинохта буда, перомуни масъалаҳои гуногуни адабиёт, забон, таърих ва фарҳанги тоҷику форсу Шарқ, роҷеъ ба адибони даврони мухталиф тадқиқот анҷом додааст.

Рӯдакишиносӣ яке аз самтҳои фаъолияти илмии ӯ буда, «Донишномаи Рӯдакӣ» таҳти сарварии ӯ таълифу чоп шудан дорад.

Асарҳои илмии ӯ «Фаррухии Систонӣ» (1978), «Нишот ва Миҷмар» (1983), «Лирикаи Адибулмамолик Амирӣ» (1985), «Фурӯғии Бастомӣ ва ғазалиёти ӯ» (1967), «Қоонии Шерозӣ» (1992), «Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт» (2008) дар нашриёти «Дониш», «Инсон. Адабиёт. Фарҳанг» (1993), «Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон» (2012) дар нашриёти «Адиб», «Паёми ахлоқии Фирдавсӣ» (2003), «Дар олами эроншиносӣ» (2005), «Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем…» (2011) дар нашриёти «Деваштич», «Бузургдошти инсони нек» (2011) дар нашриёти «Маориф ва фарҳанг» ба табъ расидаанд. Матни мунтахаби оммавии «Қобуснома»-и Унсурмаъолӣ Кайковус (1979, 2007), «Рубоиёти Умари Хайём» (1983), «Баргузидаи ашъори Шаҳриёр» (дар ҳаммуаллифӣ, 1984, 2006), «Ҳикояҳои нависандагони муосири Эрон» (дар ҳаммуаллифӣ, 1986, 1988), «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Абдураҳмони Мустаҷир (дар ҳаммуаллифӣ, 1989), «Гулбонги навҷавонӣ»-и Лоҳутӣ (дар ҳаммуаллифӣ, 1991), «Андарзномаи Рӯдакӣ» (1992), «Ғазалиёти Фурӯғии Бастомӣ» (1993), «Донишнома»-и Майсарӣ (1999), «Андарзномаи Ҳаким Носири Хусрав» (2003), «Дахунома» (2003), «Гулчини девони Ҳофиз» (2006), «Андарзҳои Ҷалолиддини Румӣ» (2007), «Ашъори мунтахаб»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008), «Дар партави Хуршед» (2011), «Ҳикматномаи Носири Хусрав» (2013) ва ғ.-ро ба чоп расондааст. Баъзе аз асарҳои илмиаш дар Маскав, Теҳрон, Вашингтон, Боку, Машҳад, Қарочӣ, Кобул, Тошканд ва ғ. чоп шудаанд. Яке аз муаллифони нашри академии «Таърихи адабиёти Эрон дар асрҳои XIX-XX» (Маскав, «Наука», 1999) мебошад. Китобҳои ӯ «Ёди ёри меҳрубон» (Теҳрон,2001), «Хубони порсигӯй» (Теҳрон, 2003), «Андарзҳои Рӯдакӣ» (Теҳрон, 2008), «Садои Осиё» (2011) ва ғ. хонандагони эрониро бо намунаҳои осори шоирони маъруфи тоҷик ошно кардаанд. Дар нашрияҳои муътабари Эрон асарҳои илмии ӯ "Ҷанг ва сулҳ дар «Шоҳнома» (2005), «Рӯдакӣ ва суханварони ҳамрӯзгори ӯ» (2008, дар ҳаммуаллифӣ), «Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем…» (2010) нашр шудаанд. Ҳамчунин, рисолаи маъруфи ховаршиноси ленинградӣ Абдураҳмонов «Рӯдакӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт» дар тарҷума ва тавзеҳи ӯ боре дар Душанбе (2008) ва ду маротиба дар Теҳрон (2012, 2014) ба табъ расид[22].

Дар тамоми ҳамоишҳои илмие, ки ба адабиёти тоҷикии форсӣ ихтисос дода мешуд, устод Мирзо Муллоаҳмад бо гузоришҳои хуби илмӣ иштирок менамуданд. Дар ҳамоишҳои хориҷ аз кишвар дар шаҳри Маскав, Санкт- Петербург, Теҳрон, Кобул ва Деҳлӣ бо худ ҷавононро мебурданд, то дар олами илму амали ҷаҳонӣ роҳи худро пайдо кунанд. Чунин ифтихор ба муҳаққиқони пурмаҳсулу дақиққор Шамсиддин Солеҳов, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Зебуннисо Ҳамроқулова, Шамсиддин Муҳаммадиев, Шаҳло Музаффарова, Гулмоҳ Шозиёева ва даҳҳо дигарон насиб гаштааст. Дар марказҳои шарқшиносии ҷаҳон дар радифи устодони некном Абдуғанӣ Мирзоев, Муҳаммадҷон Шакурии Бухоройӣ, Расулхон Ҳодизода, Шарифҷон Ҳусензода, Холиқ Мирзозода, Худойӣ Шарифзода, Раҳими Мусулмонниё, Абдунабӣ Сатторзода номи Мирзо

[22] Саҳифаи электронии Донишномаи озод. Мирзо Мулло Мирзоаҳмад, санаи мурочиат 05.05. 2023.

Муллоаҳмад ва осори илмии ӯро медонанд ва эҳтиром мегузоранд. Аз рӯи баъзе маълумоте, ки дар ихтиёр дорем, танҳо дар кишвари Эрон зиёда аз 30 асари илмии устод чоп шуда, мавриди қабули аҳли илму адаби ин кишвар гардидааст.

Заҳматҳои дандоншикани устод Мирзо Муллоаҳмадро зиёда аз 60 сол аст, ки дар марказҳои илмии адабиётшиносии муосири кишварҳои Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон, Узбекистон, Русия, хосатан шаҳрҳои Санкт – Петербург ва Москва чун донишманди дақиқназар ва муҳаққиқи нуктасанҷ мешиносанд ва ба осори илмии ӯ чун ба тадқиқоти пурарзиш арҷгузорӣ менамоянд. Доираи пажуҳиши профессор Мирзо Муллоаҳмад хеле доманадор буда, онҳо асосан аз масоили муҳимтарини адабиётшиносии муосир чун шинохт ва маърифати адабиёт, масоили гуногуни робитаҳои адабии форсизабонон, густариши адабиётшиносии муосир иборат мебошанд. Дар осори илмии ин муҳаққиқи нуктасанҷ масоили умумии адабиётшиносӣ ва эроншиносӣ баррасӣ гардида, аз ҷиҳати дарбаргирии масоил як мактаби хоси илмиро ташкил менамоянд, зеро нигоштаҳои эшон дар маҷмӯъ усулу назариёти махсуси муаллиф буда, барои тарбия ва ташаккули афкори илмии муҳаққиқони ҷавони адабиётшиносии муосири тоҷик чун равиши тозаи шинохти адабиёт ва раванҳои адабӣ таъсир расонад.

Бо вуҷуди он ки профессор Мирзо Муллоаҳмад аз услуб ва равиши пажуҳишии пешиниён баҳра мегирифтанд, вале дар ибтикори шинохти мазомин ва масоили равандҳои адабӣ назари хос ва дидгоҳи вижаи худро дошта, дар фаҳмиши масоили илмӣ фасоҳат, ҷазолат ҳусни таркибро тавъам ба миён овардаанд.

Яке аз муҳимтарин тадқиқоти солҳои охири узви вобастаи Академияи миллии илмии Тоҷикистон Мирзо Муллоаҳмад маҷмӯи мақолоти “Равзанаи хирад” унвон дошта, он аз се равзана ва ҳаштод мақоларо дар бар мегирад. Ҳар як равзана вобаста ба мавзӯи мақолаҳо унвони хоси худро дошта, масоили муҳимтарини адабиёт ва фарҳанги мардумони форсизабонро мавриди шинохт ва баррасӣ қарор дода шудааст. Равзанаи якуми асари мазкур “Равзанаи адаб” унвон дошта, мақолаҳоеро дар худ ҷой додааст.

Устод Муллоаҳмад ҳар як шоир ва ё мутафаккири фарҳангу адаби тоҷикро дар партави огоҳӣ аз муҳит, замон, сайри зиндагӣ ва таъсир бар афкору эҳсосоти ӯ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад ва ҳар як рӯйдоди таърихию фарҳангиро вобаста ба вазъи таърихию сиёсии давр назар меандӯзад.

Аз роҳи зиндагии устод Мирзо Муллоаҳмад мебинем, ки ӯ роҳи зиндагии пурнишебу фарозро хеле ботамкин ва оромии ба худ хос тай намудааст ва сайри эҳсосоти ӯ дар тадқиқу баррасиҳояш нисбати вижагиҳои осор ва зиндагии шоирон ва донишмандони пешин инсонеро пеши назар меорад, ки ба гирду атрофи таърих ва муҳити зиндагии дирӯз ва имрӯз хеле боэҳтиёт ва боэҳтиром муносибат менамояд. Андеша ва мушоҳидаҳои Мирзо Муллоаҳмад хеле амиқ ва санҷида мебошанд. Ӯ давраи Сомониёнро дар ташаккули фарҳангу адаби тоҷик хеле боарзиш арзёбӣ мекунад ва натиҷаи давлатсозии ин хонадонро ба зуҳури адабиёти форсӣ вобаста медонад. Месазад, ки дар бораи аҳамияти илмию адабии як аср ва ё як шоире, и муҳаққиқ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, андешаронӣ кард, зеро ӯ зимни кушодани гиреҳи ҳар рӯйдоди фарҳангию таърихӣ бо муҳаққиқони пешину имрӯз баҳс меорояд ва барои андешаҳои худро устувор сохтан, ба даҳҳо сарчашмаву манбаъҳои илмию адабӣ муроҷиат намуда, хулосаи воқеӣ мебарорад.

Яке аз мақолаҳои аз ҷиҳати илмӣ пурарзиши муҳаққиқи дақиқназари мо “Бузургию неъмат зи Оли Сомон буд” ном дошта, метавон хулоса намуд, ки моҳияти илмӣ ва адабии асари мазкурро ифода менамояд, зеро муҳаққиқ ҳар як мақолаи худро мустақил ва бо ҳадафи муайян таҳия намуда бошад ҳам, вале хонандаи закитабъ эҳсос мекунад, ки бартарии ин ҳодисаи таърихӣ ё шоири мавриди таҳқиқ ва ё мутафаккири мазкур маҳз ба шарофати сиёсати фарҳангии хонадони Сомониён мебошад. Агар Сомониён набудӣ, Рӯдакӣ наметавонист, заминаи забон ва адабиёти форсиро гузорад ва ё Фирдавсӣ бо ҷасорати ориёӣ таърихи гузаштаҳои худро ба назм дарорад, Хайём бо

зоҳиду риёкорон даст ба гиребон шавад ва ниҳоят дар Ҳиндустон забону адаби тоҷик тантана карда бошад. Ин маъниро муҳаққиқ хеле дақиқ ва бо мушоҳидаҳои ҷолиб изҳор менамояд: " Дар воқеъ, фарҳанги ин даврон (давраи Сомониён дар назар аст-О.Н.) аз як тараф таҷассуми суннатҳои Эрони бостон буда, аз тарафи дигар зербинои фарҳанги асрҳои баъд мебошад. Адабиёте, ки дар заминаи ин фарҳанг ба забони форсии дарӣ падид омадааст, дар тули беш аз ҳазор сол идома ёфта, имрӯз бо унвонҳои "адабиёти Эрон", "адабиёти форсӣ", "адабиёти дарӣ", "адабиёти форсу тоҷик"ва амсоли инҳо шуҳрат дорад "[1.19].

Дар ин хулосаи муҳаққиқ чанд нукта метавонад аҳамияти илмию таърихии худро гум кунад ва дар мубоҳисаи илмӣ ҷойгоҳи худро аз даст дода бошад. Аввалан, як гурӯҳҳое ҳастанд, ки аҳамияти сиёсию таърихии хонадони Сомониёнро дар нисбати пайдоиш ва ташаккули фарҳангу адаби халқҳои форсиасл ба назар намегиранд ва онҳоро бо баҳонаи арабгароию туркпарастӣ аз эътибори умум берун кашидан мехоҳанд.

Сониян, тоифаи дигар бо баҳонаи истилоҳгузинӣ дар нисбати шинохти забон ва адаби ниёкон мекӯшанд, забонро дар се ҳавза тақсим намоянд ва чун ба ин ҳадаф расиданд, адабиёт ва фарҳангро тақсим намуда, калима ва мавҷудияти миллати тоҷикро зери суол гузоранд. То ҳадде, ки ин баҳсҳо то ба сомонаҳои иҷтимоӣ кашида шуда, мардуми ҷаҳонро дар ин баҳсҳои бебунёд довар хондаем ва аз номи як сарзамини неки ниёгон[23], ки "тоҷик" ном дошта, забонамон низ "тоҷик" унвон гирифтааст, даст кашем.

Мақолаи "Омилҳои рушд ва мондагории забон ва адабиёти тоҷику форс" асосан ба баҳсҳо дар атрофи забон ва фарҳанги тоҷикон бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар ин нигоштаи хеш Г. Ҳидоятов ва асари ӯ "Заволи Сомониён"-ро мавриди баррасӣ қарор дода, ба даъвоҳои иғвоангез ва "андешаҳои беасосу муғризона"-и он ҷавоби муносиб медиҳад. Аз мушоҳида ва баррасиҳои Мирзо Муллоаҳмад нисбати фарзияҳои бебунёди Г. Ҳидоятов чунин хулоса метавон кард, ки ин таърихшиноси ҳангомаҷӯй ҳар чи ба фарҳанги тоҷикон мутааллиқ аст, зери шубҳа қарор медиҳад. Ин ҷо мехоҳем, чанд даъвои Г. Ҳидоятовро оварда нишон диҳем, ки аз хомӯшию муросокории тоҷикон ин қабил таҳрифкорони таърих истифода намуда, бе ягон далелу санад моро аз мероси фарҳангиамон маҳрум нишон дода метавонанд. Г. Ҳидоятов роҷеъ ба "ватани аслии туркҳо будани Осиёи Марказӣ", "шаҳри қадимии туркҳо будани Бухоро", "сардори наҳзати милливу озодихоҳии халқҳои турк будани Абумуслими Хуросонӣ", "Ҳокими Балх будани туркони қарлуқ дар асри IX", "боаслу насаб ва бомуттакко будани давлатҳои Қарахониён, Темуриён, Аштархониён, Манғитиён ва қавмҳои қарлуқ, чигил, қунғурот, барлос, манғит... ва беаслу насаб ва беасоси этникӣ будани Сомониёну тоҷикон дар Осиёи Марказӣ", "давлати хориҷӣ будани Сомониён", "дар уқёнуси ҷаҳони туркон", "ҳеч осори намоёне дар солномаи таърихии Осиёи Марказӣ нагузоштани сулолаи Сомониён"[2.41] ва ғайра сухан ронда, ҳақиқати таърихро ба зери сояи худхоҳию ноадолатӣ мебарад. Мутаассифона, марказҳои илмию тадқиқотии кишвар дар нисбати ин даъвоҳои беасос муҳри хамӯшӣ ба лаб зада, ба ин таҳрифкори таърих бо шиори "сукут-аломати ризост" ризояти худро додан мехоҳанд.

Дар ин мақола муаллиф бо ифтихор ва бо андешаҳои ҷолиб саҳми давлати Сомониёнро дар эҷоди муҳити созгор ва ташаккули муҳити илмию фарҳангӣ нишон медиҳад ва онро яке аз "тавонотарин ва бонизомтарин" давлат мешиносад. Тавзеҳ ва баёни ин фарзияҳоро муҳаққиқ ба ихтиёри хонанда ҳавола накарда, дар дунболи ин андешаҳо моҳияти онҳоро бо санаду далелҳо равшан месозад. "Дар таърихи давлатдории ҷаҳон камтар давлатеро метавон пайдо кард, ки мисли Сомониён дар як муҳлати кӯтоҳ сарзаминеро, ки бар асари аҷнабиёни бодиянишин тороҷу хароб ва парешон гашта буд, ба як кишвари паҳновару пешрафта табдил диҳанд"[3.20]. Воқеан,

[23] Унвонии як мақолаи илмии устод Сайид Насифӣ.

кадом омиле ба Сомониён даст дод, ки ба истилои дусадсолаи араб рахна зада, дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон фарҳангу адаби ориёиро аз нав побарҷо намуд. Дар ин росто муҳаққиқ ба тавоноии забони мардуми бумии ин сарзамин арҷ мегузорад ва ба хулоса меояд, ки “Маҳз бо саъю талоши давлатҳои Тоҳириёну Саффориён ва ба хусус Сомониён забони порсии дарӣ, ки аз забони маҳаллии мардуми Мовароуннаҳр буд, рушду камол ёфта, ҷойи забони арабиро гирифт. Ин забон дар як муддати кӯтоҳ на танҳо ба забони расмиву давлатӣ табдил ёфт, балки бо ин забон осори фаровони адабиву илмӣ ҳам ба вуҷуд омад”[4.20].

Забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён силоҳи асосии тарғиб ва ташфиқи арзишҳои миллӣ ва ниҳоят ифодагари мафкураи ҳукмрони давр ба ҳисоб мерафт. Арабҳое, ки роҳҳои татбиқи дини мубини исломро дар тамоми ҷаҳон ҷустуҷӯ мекарданд, фаҳмиданд, ки бо бераҳмии қавми араб ва забони мушкилписанди онҳо ҷорӣ кардани дини ислом ва қоидаҳои шариат рӯз ба рӯз ба душворию мушкилот рӯ ба рӯ шуда истодааст. Бинобар ин онҳо маҷбур шуданд, ки барои ба дини ислом дохил намудани мардуми туркзабон ва сарзамини Ҳинд забони форсӣ ва фарҳангу тамаддуни ориёӣ хеле мувофиқ хоҳад буд. Забони тоҷикӣ ва фарҳанги мардумони эроннажод тавонист, мардуми турк ва халқҳои ҳиндро ба дини ислом ва арзишҳои шариати он ҷалб намояд. Муҳаққиқ ба ин масъала аз нуқтаи назари манфиатҳои миллӣ ва худшиносии фарҳангии мардуми форсизабон таваҷҷуҳ намудааст.

Метавон таъкид намуд, ки мақолаи “Бузургию неъмат зи Оли Сомон буд”-ро барои тамоми мақолаҳои китоби мазкур ҳамчун сарсухан ва ё роҳкушои маънии ҳар нигошта ҳисобидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ин асар муаллиф роҷеъ ба асолати матни ашъори устод Рӯдакӣ назару мушоҳидаҳои ҷолиб баён намуда, кӯшидааст, дар соҳаи матншиносии тоҷик усулу услуби тозаеро ба миён гузорад. “Ба талошу ҷустуҷӯ ва кӯшишҳои пайгиронаи донишмандони кишварҳои гуногун тақрибан 1100 байт аз ашъори шоир ҷамъоварӣ ва нашр шудааст. Вале азбаски нусхаҳои қадимии он сарчашмаҳо ҳанӯз ба даст наомадаанд, дар миёни ашъори ҷамъоваришуда шеъру байтҳои машкук кам нестанд...Бо вуҷуди ин дар маҷмуаҳои ашъори устод Рӯдакӣ байту шеърҳои шубҳаовар ба назар мерасад, ки шеъри машҳури “Бихандад лола дар саҳро”аз ҷумлаи онҳост”[5.142]. Ду байти ин шеър дар ҳама тазкираву рисолаҳои шеърӣ ба номи Рӯдакӣ меоянд, чунин аст:

Бихандад лола дар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд об дар гардун ба сони дидаи Маҷнун.
Зи оби ҷӯй ҳар соат ҳаме бӯи гулоб ояд,
Дар ӯ шустаст пиндорӣ нигори ман рухи гулгун.

Дар воқеъ, Мирзо Муллоаҳмад сабабҳои омехташавии ашъори Рӯдакӣ ва Қатронро ба чанд омил вобаста медонад ва аз рӯи мушоҳидаи муҳаққиқ яке аз ин омилҳо “дар шабоҳати номҳои мамдуҳонашон” мебошад. Ба андешаи муҳаққиқ “омезиши ашъори Рӯдакӣ ва Қатрон аз “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” шуруъ шуда, бештар дар асарҳое ба назар мерасад, ки дар Ҳиндустон навишта шудаанд”[6.144].

Суоле ба миён меояд, ки бо кадом далел муҳаққиқ шеъри мазкурро мансуб ба Қатрон медонад. Муҳаққиқ зимни муроҷиат ба девони Қатрон қасидаеро пайдо менамояд, ки аз 44 байт иборат буда, ба мадҳи Амир Абулфатҳ бахшида шуда, чанд байти онро ҳамчун шоҳидбайт оварда мешавад, ки матлаи он ба таври зер аст.

Маҳи найсон шабехун кард чун бар он маҳи конун,
Ки гардун гашт аз пургарду ҳомун гашт аз ӯ пурхун.

Ба назари мо девони шоир ин метавонад далели муҳимтарини барқарор намудани матни аслии шеъри мазкур бошад, вале дар ин самт набояд аз баъзе имкониятҳои технологияҳои компютерӣ ва луғати басомади ашъори шоиронро сарфи назар кард.

Муҳаққиқ ба мақсади барқарор намудани матни рубоиёти Умари Хайём ду мақолаи ҷолибро бо унвонии “Мизони шинохти рубоиёти асили Умари Хайём” ва “Боз як равиши тоза дар шинохти рубоиёти асили Хайём” дар ин маҷмӯа ҷой додааст, ки минбаъд ин мақолаҳо ба тадқиқоти пурарзише ҷамъбаст гардиданд[24]. Нигорандаи мақолаҳои мазкур барои шинохти матни асили рубоиёти Хайём “равиши ҷомееро пешниҳод карда буд, ки аз чор шеваи зайл иборат мебошад” :

1. Таҳқиқи матншиносӣ;
2. Таҳқиқи сабкшиносӣ;
3. Таҳқиқи татбиқии рубоиҳои Хайём бо рубоиҳои шоирони дигар;
4. Истифодаи равишҳои оморӣ ва компютерии таҳқиқ.

Агар ин талабот дар шинохти рубоиёти шоир татбиқ нагардад, миқдори рубоиёти ӯ аз ҳадди иътидол берун шуда, ҳар як рубоии мардумӣ ё сустмояро ба Умари Хайём нисбат дода мешавад. Ин талабот нисбати муайян намудани ашъори ҳар як шоири форсигӯй метавон татбиқ намуд.

Мирзо Муллоаҳмадов дар мақолаи “Назаре ба девони тозанашри Камоли Хуҷандӣ”, ки доир ба девони Камоли Хуҷандӣ, ки аз ҷониби донишманди эронӣ Эраҷи Гулисурхӣ таҳия шудааст, андешаронӣ намуда, оид ба дуруст хондани баъзе калимаю иборот ва мисраъҳо назари худро иброз медорад ва ба ин васила барои барқарор намудани асолати матни ғазалиёти девони Камоли Хуҷандӣ иқдоми аввалин мегузорад.

Маҷмуаи мақолоти узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзо Муллоаҳмад бо унвонии “Равзанаи хирад” бисёр масоили адабиётшиносии муосирро дар бар гирифта, ҳамзамон оид ба шинохти баъзе шахсиятҳои илмию адабӣ маълумоти ҷолиберо ба миён мегузорад. Хосатан, дар масъалаи истилоҳ ва истилоҳсозӣ, ки як бахши асосии илми забошиносӣ ва фарҳангнигорӣ буда, муҳаққиқ дар ин раванд баъзе модулҳои нави истилоҳсозиро пешниҳод менамояд. Ҳамзамон муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки “... мо ҷонибдори онем, ки ин се шохаи як забон дар истифодаи истилоҳот ба ҳам наздик шаванд. Вале дар ин маврид меъёр бояд муайян бошад ва танҳо истилоҳоте пазируфта шавад, ки комилан ҷавобгӯи талаботи истилоҳот ва хушоҳангу зебо бошанд”[7.593].

Осори илмии устод Мирзо Муллоаҳмад давоми умри ҷовидонаи эшонро дар мавридҳои зарурӣ дар шинохти ашъори шоирони бузурги тоҷик ва роҳҳои нави таҳқиқи равандҳои адабӣ ба сифати раҳнамо хизмат карда метавонад. Бо истифода аз равишҳои гуногун, хосатан истифолаи равишҳои оморӣ ва компютерии таҳқиқ ба таври аниқу дақиқ муайян намудани асолати матнӣ дар адабиёти тоҷик заминаҳои илмию амалиро ба миён оварда метавонад. Ин таҷрибаи устод Мирзо Муллоаҳмад, ки дар заминаи рубоиёти Умари Хайём ҷамъбаст намуда, барои муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ ва забоншиносии компютерӣ ҳамчун сабақ барои коркарди матн хизмат хоҳад кард. Аз раёсати Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо умед дорем, ки барои зинда доштани хотираи узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирзо Муллоаҳмад, ки эшон аз зумраи таъсискунандагони ин муассисаи илмӣ мебошанд, иқдоме намуда, яке аз марказҳои Институтро ба номи ин марди соҳибилм ва соҳибном мегузоранд.

...Он рӯз, он рӯзе, ки мо ба зиёрати хоки оромгоҳи устод Мирзо Муллоаҳмад озими оромгоҳи Сариосиё шудем, дар водии хамӯшон фасли баҳор ҳукмрон буд ва ҳар куҷо бачаҳо дос дар даст аз паси зоирон медавиданд, то сари хоки пайвандонашонро тоза карда, маблағе ба даст оранд. Зоирони ин хоки муқаддас ягон-ягон ба назар мерасид, вале бачагони досбадаст на парвои дуохонӣ буданду на ёди гузаштагон ба сар доштанд. Иди шарифи Рамазон наздик буд, ҳамагӣ чанд рӯзе монда буд, вале водии хомӯшон сокит буд, дарҳо боз интизори зоирон буд. Вале касе дар ободии ин водии

[24] Мирзо Муллоаҳмад. Умари Хайём.-Душанбе: Дониш, 2020.

сукут нест, хонаҳои ононе, ки ҷомаи ҳаёт ба бар доранд, тадриҷан хоки гузаштагонро убур мекунад, замину хонаи худро васеъ мекунанд. Рӯз ба рӯз сафи сокинони ин водӣ зиёд мешавад ва онҳое, ки роҳи ин водиро фаромӯш кардаанд, дар як гӯшаи ин замин манзил мегиранд.

Дар сари ҳар теппаи оромгоҳи гузаштагон санге насб шудааст, мебинеду гумон меояд, ки интизори як каф дуоянд. Вале ягон-ягон зоирон бо мошинҳои зебою дилкаш бо суръати тамом мегузаранду мераванд. Рафтанду равему боз оянду раванд... чунин аст қонуне, ки нонавишта, вале рӯзе ки навбат расид, мераведу меравед, ба нокуҷо, то абад.

КИТОБНОМА:

1. Муллоаҳмад Мирзо. Равзанаи хирад.-Хуҷанд: Ношир, 2016, саҳ. 19.
2. Иқтибос аз китоби Муллоаҳмад Мирзо. Равзанаи хирад.-Хуҷанд: Ношир, 2016, саҳ. 41.
3. Ҳамин асар, саҳ. 20.
4. Ҳамон асар, саҳ.20.
5. Ҳамин асар, саҳ. 142.
6. Ҳамон асар, саҳ. 144.
7. Ҳамон асар, саҳ. 593.
8. Саҳифаи электронии Донишномаи озод. Мирзо Мулло Мирзоаҳмад, санаи муроҷиат 05.05. 2023.
9. Унвонии як мақолаи илмии устод Сайид Насифӣ.
10. Мирзо Муллоаҳмад. Умари Хайём.-Душанбе: Дониш, 2020.

## НАЗАРИ ИСЛОМШИНОСИ ФАРОНСАВӢ ОЛИВЕР РУА ДАР МАВРИДИ ТАМОЮЛОТИ ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ МУОСИРИ ИСЛОМӢ

### Ё шабаҳи неофундаментализм ва неоисломизм дар қишрҳои ҷомеаи тоҷик

**НИЁЗӢ ЁРМАҲМАД**
**доктори илмҳои фалсафа**

Муҳаққиқи исломшиноси фаронсавӣ Оливер Руа дар асари хеш “Фурупошии исломи сиёсӣ” (Фаронса, 2016) бо таҳқиқ аз мушоҳидаҳои худ ба натиҷае мерасад, ки дар баробари фундаментализми ифротию ҷангӣ ва ҳизбу ҳаракатҳое, ки ба сохмони давлати исломӣ, мисли ДОИШ машғул ҳастанд,[25] ҷараёни наве дар кишварҳои мусулмоннишин ва муҳоҷирони мусулмон дар кишварҳои Ғарбӣ ташаккул ёфтаистодааст, ки пеш аз ҳама ҳадафи ӯ на ба сохтмони давлати исломӣ, балки бештар ба татбиқи шариат дар ҷомеа мебошад. Ӯ мегӯяд: “ман иддао мекунам, ки чаҳорчӯбаи консептуалии аҳзоби исломӣ натавонистанд тарҳи муассир барои давлати исломӣ тавлид кунанд”.[26]

Аз назари Ӯ ҷунбишҳои исломӣ ҳамчун як нерӯи инқилобие, ки дар садаи XX фаъол буданд, дар ҳоли тамом шудан ҳастанд ва дар як дуроҳаи бесамт қарор доранд: онҳо ё дар доираи давлати муосири миллӣ роҳи ба эътидол овардани сиёсиро метавонанд интихоб намоянд ва ё ба суи он чи ки ман неофундаментализм номидаам, тағйир ва инкишоф хоҳанд ёфт. Гарчанде ин назар аз як ҷониб дуруст бошад, аз ҷониби дигар метавонад, ҳақиқати воқеии кишварҳои мусулмоннишинро ифода накунад, махсусан табаддулоти сиёсии Толибон дар Афғонистон, ки моҳи августи 2021 аз роҳи

[25] Ланда Р. Г. Политический ислам: предварительные итоги. М., 2005, 286 стр. Фундаментализми исломӣ аз назари аксари муҳаққиқони ғарбӣ ба фанатизм, экстримизм ва терроризм ҳаммаъно ва гоҳо ба ваҳҳобизм ва эҳёи ислом, ҳамчун омили ҳувияти динӣ ва фарҳангии исломӣ ифода меёбад. С. 52-53.
[26] http://islamoved.ru/2016/olivier-roy-krah-politicheskogo-islama/. Санаи муроҷиат: 16. 01. 23.

инқилоб ба сари қудрат омада низоми амората асрҳои миёнаро аз нав эҳё намуданд ва арзишҳои имрӯзаи фарҳанги аврупоиро ба паррагӣ маҳдуд карданд.[27]

Ба назари Оливер Руа **неофундаментализм ин як фаҳмиши пӯшида, таҳтуллафзӣ ва муҳофизакоронаи Ислом аст, ки ҷанбаи миллӣ ва давлатиро ба нафъи уммат ва ҷомеаи ҷаҳонии тамоми мусалмонон, ки бар асоси шариат (қонунҳои исломӣ) ташаккул ёфтааст рад мекунад.** Дар назари аввал, **неофундаментализм нисбат ба ҷунбишҳои исломгарой камтар сиёсӣ шудааст, зеро он бештар ба татбиқи шариат машғул аст, на ба ташаккули идеали як давлати ҳақиқии исломӣ**. У дар мисол даъвои ҳизбу ҳаракатҳое, ки дигар даъво аз сохтани давлати исломиро надоранд, баръкс бештар даъво аз “озодӣ” ва “демократяро” дорад зикр мекунад. Дар баҳори соли 2001, даҳ сол пас аз пирӯзии амиқи интихобот дар Ҷабҳаи наҷоти исломии Алҷазоир (Front islamique du Salut ё FIS), шӯриши нави мардумӣ садҳо ҳазор тазоҳуркунандагони ҷавонро ба кӯчаҳои пойтахти Алҷазоир ва Бербер овард, ки онҳо даъво аз “озодӣ”, “демократяро” мекарданд. Аз оғози ҳарактҳои озодихоҳии дуюми Фаластин дар тирамоҳи соли 2000, фарқ кардани ҷангиёни исломии Ҳамос ва аъзои гӯё дунявии ҷунбиши Фатҳи Арафот мушкилтар шудааст. Аҳзоб, аз қабили FIS-и Алҷазоир, Ҳизби Некӯаҳволии Туркия (Рефаҳ Партиси), Наҳзати Тунис ва инчунин либералҳои Эрон агар натавонанд ба сӯи ҳаракатҳои демократӣ раванд, ҳадди ақалл ба ҳаракатҳои парлумонӣ табдил ёфтанд. Яъне ҳаракатҳои исломии муосир дар асри XX бештар аз номи демократия ва озодӣ дар ҷомеаҳои имрӯзаи мусулмоннишин ва ғайримусалмонӣ барои сохмони демократия кушиш карда, аз роҳи осоишта ҳукуматро ба даст оваранд мехоҳанд. Дар даҳаи охири садаи 20 бо шиори озодӣ ва демократия дар Эрон инқилоб шуд, аммо дар натиҷа ҳеҷ паёмаде аз низоми демократӣ дар ин кишвар ташаккул наёфт.

Ӯ мегӯяд, ки “ин далели кофии он аст, ки бисёре аз гурӯҳҳои исломгаро ба ҳизбҳои миллии “муқаррарӣ” табдил ёфтаанд ва монеаи аслӣ дар роҳи расидан ба демократия на исломгароён, балки режимҳои худкомаи каму беш дунявии ҷаҳони ислом аст, ки аз ҷониби Ғарб дастгирӣ мешаванд.” Агар ин фарзияро мо ҳамчун ҳақиқат пазирем, лекин дар Тоҷикистон Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон баръакс бо шиорҳои озодӣ ва демократия даст ба куштору ғорати мардум зада, раванди демократикунониро дар кишвар кунд карда ва вазъи амниятию иқтисодии кишварро даҳсолаҳо ба ақиб партофтанд ва ҳукумати Тоҷикистон бо вуҷуди гузаштҳои зиёд маҷбур шуд онро ҳамчун ҳизби экстрмистию террористӣ шиносад.

**Ба ривояти Оливер Руа неофундаментализм бештар дар миёни муҳоҷирони ҷавони насли дуюм ва сеюми мусулмон, ки ба Ғарб ҳиҷрат кардаанд ташаккул ёфтааст. Ақаллияти ками мусалмонон ба он пайравӣ мекунанд, аммо ин падида ба шаклҳои нави радикализатсия, аз ҷумла пуштибонӣ аз Ал-Қоида ва инчунин як гуфтугӯи нави ҷамъиятии мазҳабӣ, ки аз бисёрфарҳангӣ (мултикултурализм) ҳамчун василаи канорагирӣ аз ҳамгирой (мутобиқшавӣ) ба ҷомеаи Ғарб ҳимоят мекунад, афзоиш ёфтаистодааст. Мусулмонони муҳоҷир бо ягон давлати миллӣ худро вобаста намедонанд ва бештар ба паҳн кардани меъёрҳои исломӣ дар байни ҷамоатҳо ва ақаллиятҳои мусулмонӣ, инчунин мубориза барои эҳёи ҷомеаи ҷаҳонии мусулмонӣ ё уммат машғуланд.** Аз ин рӯ, онҳо баъзан ба як навъ фаъоли интернатсионалистӣ ва ҷиҳодии зидди Ғарб муроҷиат мекунанд, ки қаблан як аломати хоси исломгароён буд. Радикализатсияи сиёсии ахири исломи консервативӣ (таҷассумгари Толибон) сарҳад байни муҳофизакорон ва радикалҳои мӯътадилро норавшан мекунад. Неофундаментализми радикалӣ ва ҷанговар баробар бо ду тамоюли афзоишёбанда паҳн шудаистодааст: афзоиши шабакаҳои мадрасаҳои хусусии каму беш дар саросари ҷаҳони мусулмонӣ бо барномаҳои таълимӣ бар асоси ақидаҳои салафия ё ваҳҳобӣ ва ғайридавлатигардонии (ё тааллуқ надоштани аксари муҳоҷирони мусулмон ба ягон

[27] Семенов К. Роль и место движения «Талибан» на карте мирового исламизма, его вызовы и угрозы. https://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/analytics/rol-i-mesto-dvizheniya-taliban-na-karte-mirovogo-islamizma-ego-vyzovy-i-ugrozy/. Санаи муроҷиат: 25. 08. 22.

ҳудуд ва давлат (детерриториализации)) қисми зиёди аҳолии мусулмон тавассути муҳоҷират мебошад.

**Ду мафҳуми муҳим дар шинохти тамоюлоти имрӯзаи ҳизбу ҳаракатҳо дар кишварҳои исломӣ ва дар раванди муҳоҷирати мусулмонон шакл гирифтани исломи ҷаҳонишуда, ба гуфтаи Оливер Руа баёнгари пасоисломизм ва исломи ҷаҳонишуда ё детерриториализатсияе, ки марзу ҳудуд надорад, сохта шудааст.** Ҷомеаи пасоисломӣ аз назари ӯ ҷомеаест, ки дар он интермедия (намоиши тарафайн)-и исломгароён (ба маънии озмоиши муваққатӣ) муносибати ислом ва сиёсатро амиқ тағйир дода, бартарияти сиёсӣ бар дин аз номи худи дин додааст. Аз назари ӯ **“омезиши аз ҳад зиёди дин бо сиёсат аз ҷониби исломгароён ба натиҷаи ғайриоддӣ оварда расонд: эҳсосоти динии мусалмонон фазои мустақил ва роҳҳои баёни худро ё берун аз сиёсат ё дар сояи он ҷустуҷӯ мекунад. Бо ин кор онҳо ба натиҷаи баҳсбарангез рӯ ба рӯ шуда, вале бештар диндории маъмулӣ, яъне аз даъватҳо ба густариши шариат, то эҳёи тасаввуфро мехоҳанд афзоиш диҳанд, ” ки ин моҳияти неофундаментализмро ифода мекунад. Наҳзатҳои неофундаменталистии динии муосири исломӣ на ба давлат, балки ба ҷомеа нигаронида шуда, ниёзҳои маънавии фардро ҳал мекунад.** Ин ба зуҳуроти гуногуни амалия ва гуфтугӯҳои динӣ оварда мерасонад, ки ҳам бо ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва ҳам бо стратегияҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ алоқаманд мебошад. Дар таъбирҳои исломигароёни фундаменталист бештар дар бораи муттаҳидшавии дин бо сиёсат сухан мерафт; дар таъбирҳои пасоисломӣ, ин минтақаҳо новобаста аз хоҳишҳои певшоёни динию сиёсӣ мустақиланд. Пасоисломизм таназзули динро ҳамроҳӣ намекунад, балки бӯҳрони муносибатҳои дину сиёсат, дин ва давлат, тамоюли парокандагии ҳувият ва нуфузи динӣ, ривоҷ ёфтани шаклҳои наву гуногуни диндорие, ки баъзан ба ҳамдигар душманӣ мекунанд ва инчунин ба таври ғайриоддӣ сарҳадҳои байни диндории насронӣ ва мусулмониро коҳиш медиҳанд (аммо, на догмаҳоро) оварда мерасонад. Ин бо афзоиши нақши "ҳуввиятҳои ҷамоатҳои тасввурӣ"[28] - аз ҷамоатҳои динӣ, то конфессияҳои нави ихтироъшудаи неоэтникӣ ё ҳатто наждӣ мувофиқат мекунад. Пасоисломӣ маънои ҷомеаи дунявиро надорад. Вай пеш аз ҳама, мустақилияти фаъолияти сиёсӣ, мубориза барои ҳокимият, мантиқи манфиатҳои давлатию этникӣ, афзалияти сиёсатро аз дин тасдиқ мекунад. Пасоисломгарой ба ин маъност, ки ҳатто дар давлати “исломӣ” мисли Эрон нақш ва мақоми динро сиёсат муайян мекунад. Ҳамин тариқ, **пасоисломгароён барои секуляризатсия шароит фароҳам меорад, аммо ба шарти он ки барои як дин минтақаи мухтор вуҷуд дошта бошад ва пеш аз ҳама соҳаи динӣ сиёсӣ нашавад.**

Ба назар Оливер Руа дар Аврупо **дунявият бар асари бекор кардани ҳокимияти дин бар сиёсат шакл гирифт, аммо дар шарқ бошад сиёсатмадорон динро фактори ғолиб doниста, дар муқобили сиёсат қарор дода, мехостанд онро ба ҳошия ронанд, ки натавонистанд. Баръкс сиёсат онҳоро ба ҳошия ронд. Дар Ғарб секуляризатсияро як шарти муҳими демукротикунонӣ медонанд,** аммо дар Ховари Миёна бештар машруъият ба диктаторҳо, аз шоҳи собиқи Эрон то Бен Алӣ, раиси ҷумҳури Тунис алоқаманд аст. Тазоди дохилии дунявиён дар бисёре аз кишварҳои мусалмонӣ дар он аст, ки онҳо аз назорати давлат бар дин ҳимоят мекунанд ва аксар вақт зуҳуроти анъанавӣ ва маъмулии онро нодида мегиранд ё ҳатто саркӯб мекунанд - масалан, Камол Отатурк бародарони сӯфиҳоро мамнӯъ кард ва Идораи корҳои динро таъсис дод. Ин гуна сиёсат алоқаи давлат ва динро мустаҳкам мекунад ва истиқлолияти давлатро аз дин, динро аз давлат аз байн мебарад. Умуман, **дар аксари кишварҳои исломӣ дунявият бо демократикунонӣ дар муқобилият мебошад.**

Ба назари исломишиноси фаронсавӣ дар кишварҳои мусулмоннишин “шаклҳои нави диндорие мушоҳида мешавад, ки бештар монанд ба дигаргуние, ки охири асри XX дар дини насрониҳо ба амал омада буд, шабоҳат доранд. Яъне вақте диндории

[28] “Ҷамоъати тасаввурӣ” як мафҳум дар доираи назарияи миллат мебошанд, ки аз ҷониби Бенедикт Андерсон таҳия шудааст.

инфиродӣ (ташаккули инфиродӣ ва ифодаи эътиқоди шахсӣ) аз диндории коллективӣ бартарӣ дошта (як ниҳоди мувофиқашудаи динҳо) эътиқодҳо ва догмаҳое мебошад, ки аз ҷониби созмони нигаҳбони таълимоти қонунӣ ба таври дастаҷамъӣ назорат карда мешаванд."

Яъне ҳар муҳаққиқро зарур аст, ки байни дин ва диндорӣ фарқ гузорад, зеро диндорӣ ба маънои фардикунонии дин буда, нуфузи авторитети иҷтимоии дин, ки боиси бозсозии ҷомеа дар заминаи динӣ мебошад аз байн мебарад.

Муҳаққиқон бояд байни дин ва диндорӣ фарқият гузошта, диндориро ҳамчун як фарҳанг донанд, ки аз роҳи руйкардҳои фарҳангӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад ва чунин маъно дорад: фарҳанг худ ба худ вуҷуд дорад, аз насл ба насл мегузарад ва намунаи ибтидоии тафсири ҳар ҷомеа мебошад.

Ӯ пешниҳод мекунам, ки шарқшиносон дар шинохти ислом, таълимоти теологии исломро канор гузошта, балки аз нав исломишавиро, ки падидаи замони муосир мебошад ва яке аз зуҳуроти ҷаҳонишавӣ ва ғарбишавии ҷаҳони мусулмонӣ аст мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Азнависломишавӣ маънои онро дорад, ки ҳувияти мусулмонӣ - худ дар заминаи мероси фарҳангии худ шакл гирад ва бояд дар заминаи ғайримусулмонӣ ё ғарбӣ ба таври возеҳ баён шавад. Дар ин замина глобализатсия як фурсатест барои ҷудо кардани ислом аз ҳама фарҳангҳои мушаххас ва эҷоди моделе, ки фаротар аз онҳо кор мекунад.

Мусулмонони таҳсилкардаи насли нави ғарбӣ, ки "аз нав имон овардаанд ва боварии худро аз нав барқарор кардаанд " намехоҳанд покистонӣ, турк ё ба ягон миллат тааллуқият дошта бошанд, онҳо пеш аз ҳама мусалмон будан мехоҳанд.

Фундаментализми [29] исломӣ ба назари муҳаққиқ ҳам маҳсул ва ҳам воситаи ҷаҳонишавӣ аст, зеро он нест кардани фарҳангҳои суннатиро бидуни ҳасрат (насталгия) фаро мегирад ва имкони бунёди як ҳувияти динии умумибашариро, ки аз ҳар гуна фарҳанги мушаххас, аз ҷумла фарҳанги Ғарб, ки ҳамчун фосид ва таназзул дониста мешавад ва мавзуи доимии адабиёти фундаменталистӣ мебошад, мусбӣ шуморида, ҷудо месозад. Аммо шояд ин тавҷеҳ пирӯзии воқеии ғарбгароӣ бошад. Ба ҳар ҳол, ин нуқтаи назари либералӣ ва ҳам фундаменталистие, ки ба фард асос ёфтааст, на ба коллектив.

Аз ин моҳияти гуфта ба назари муҳаққиқ ду чиз бармеояд: Якум, ҳар мусулмон метавонад ба ҷаҳонишавӣ ё тавассути равиши либералӣ-ислоҳотгарӣ, ё тавассути равиши рӯҳонӣ-харизматикӣ (чун дар ҳаракати инҷилии масеҳӣ) ё тавассути равиши неофундаменталистӣ бо таваҷҷӯҳ ба шариат (қонун) ва ибодот (расмҳо) мутобиқ шавад. Фундаментализм аз назар муҳаққиқ ба ғарбгароӣ баробар аст ва пеш аз ҳама (ҳарчанд на истисноӣ) ҳамчун абзори ғарбгароӣ хизмат мекунад. Сонияи барои дарки тағйироти модерни исломӣ аз назар диндорӣ ва нигариш ба хушунат зарурат ба руйкарди мақтаъӣ (муқосиавӣ) дорад, яъне бо ҳамаи динҳои дигари ғарбӣ муқоиса шавад.

Ғарбикунонии ислом ҳатман ба маънои ислоҳот ва либерализатсия аст ва ҳамаи навъҳои муҳофизакорӣ ва бунёдгароие, ки бозгашт ба гузашта ё ворид кардани фарҳангу сиёсати Ховари Миёна ба Ғарб тавассути муҳоҷирони мусалмон аст фаҳмида мешавад. Воқеан, ғарбгароӣ на танҳо бо дискурси нави фундаменталистӣ комилан мувофиқ аст, балки метавонад онро ташвиқ кунад.

Аз ин гуфтаҳои муқақиқ ба хулосае мерасем, ки фундаментализм ва ҷараёни неофундаментализм бардошт ё фаҳмиши муҳаққиқини Ғарб буда, аз ин дидгоҳ мехоҳад тамоми дигар фарҳангҳои миллии шарқи исломиро, масусан фарҳангҳои миллию

[29] Ба ақидаи ҷомеашиноси мисрӣ Анвар Абдулмалик, фундаментализм "як хусусияти доимии тамоми тамаддунҳо, фарҳангҳо ва миллатҳои баркамол мебошад ва ҳамчун низоми қудрат реша ба таърих чандисолаи хеш давонда, дар лаҳзаи хатару чолишҳо, ҳолатҳои бунбаст, таҳдиди амиқи ошкоро, инчунин, боздоштани суръати пешрафт, густариши манфиатҳо аз тарафи қувваҳои беруна ба манфиатҳои дохилӣ муқовимати шадид сурат мегирад. Abdel-Malek A. Foundations – and Fundamentalism // Народы Азии и Африки. 1990, № 2, с. 18.

қавмии ҳавзаи фарҳангии исломиро ба фарҳанги якбуъдӣ ё ҷаҳонватании глобализм тобеъ карда, онҳоро дар раванди ҷаҳонисозӣ ё ба ҳошия ронанд ё аз байн барад.

Дар идома муҳаққиқ мегуяд, ки барои бисёре аз неофундаменталистҳо, ҷаҳонишавӣ на талаф, балки як имконият аст. Он метавонад аз як ҷониб зид ё подзаҳри ғарбисозии фарҳангӣ бошад ва аз ҷониби дигар **вақте ки мусалмонон аз фарҳангҳои аслии худ, ки зери таъсири урфу одатҳои ғайриисломӣ қарор гирифтаанд, дур мешаванд, пас эҳтимоли бозсозии ҷомеаи мусулмонӣ пеш меояд, ки танҳо дар асоси принсипҳои исломӣ метавон ҷамоати нав сохт.**

Чунин ҷамоат маҳсули як фарҳанг ё тамаддуни мушаххас нест, балки иродаи афродест, ки тавассути декултуратсияи[30] раванди фардшавиро аз сар мегузаронанд ва тасмими возеҳ ва ихтиёрӣ барои пайвастан ба ҷомеаи навро бар асоси принсипҳои сирф динӣ қабул мекунанд. Мазмуни ин гуфта ба он шаҳодат медиҳад, ки фарҳанги коллективии шарқиро зарур аст, ба фарҳанги фардӣ иваз шавад.

Дар идома муҳаққиқ мегуяд, ки худи лоиҳа, ҳамчун афсонаи давлати исломӣ, марги худи у мебошад, зеро барои бунёди чунин ҷамоат заминаи мушаххаси ҳудудӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва иқтисодӣ вуҷуд надорад. Ин ба фирорҳои хаёлӣ аз бунбасти сиёсӣ оварда мерасонад, гарчанде таҳдиду даҳшати хунини Ал-Қоида вуҷуд дошта бошад.

Яъне мо аз ин гуфта чунин маъно мебардорем, ки бо ҷаҳонӣ шудани ислом, ҳудуди мушаххас, фарҳанги мушаххас иқтисоду нажоди мушаххас аз байн бардошта шуда, ислом ба як фарҳанги маргиналӣ ва инфиродӣ табдил ёфта, таҳдиду хатарҳои он низ аз байн меравад. Аммо чи тавре ки мушоҳида мешавад, таҳдид, фишор, даҳшатафкании ин падида, дар баробари ҷаҳонишавии ислом зиёд гардида, низоъҳоро аз минтақаҳои гуногун дар сатҳи ҷаҳонӣ густариш бахшида истодааст.

Чунин сурат гирифтани масъала муҳаққиқро низ нигарон сохта, изҳор мекунад, ки “мубориза барои ноил шудан ба ҳадди ақали баъзе аз ҳадафҳои зикршуда ба сиёсат ва ҷомеа таъсир мерасонад, вале аз ҷониби дигар неофундаменталистҳо бо кӯмаки маҷмӯи абзорҳои динӣ ва иҷтимоӣ дар бозори ғарбӣ мавҷудбуда аз ҳамгирои ба ҷомеаҳои ғарбӣ худдорӣ мекунанд”, ки метавонад дар оянда мушкилоти ҷомеаҳои ғарбиро печидатар намояд.

Аз ҷониби дигар ба гуфтаи Оливер Руа гуфтумонҳои фундаменталистиро метавон аз нигоҳи арзишҳо, эътимод ба худ ё худшиносӣ ва бисёрфарҳангӣ бозсозӣ кард, ки ба масъалаҳои иҷтимоии муосир (масалан, ҳифзи арзишҳои оилавӣ, на татбиқи қатъии шариат) метавонад мусоидат намояд.

Ғарбикунонӣ (вестернизатсия) ба догмаҳои динӣ рабте надорад. Динро не, балки **диндориро, яъне муносибати шахсии муъминро ба эътиқод ва догмаҳои худ, тарзи ташаккул ва татбиқи ин муносибатро тағйир медиҳад.**

Наҳзат ё бедорӣ ё эҳёи исломӣ аксаран аз нигоҳи чандфарҳангӣ, аслият ва ҳувият, гуфтугӯҳое, ки ошкоро маҳсули Ғарб мебошанд, бозсозӣ ва аз нав арзиш мегузорад. Истилоҳоте чун “фарҳанги исломӣ” ва “ҳуввияти исломӣ” аз рӯи таъриф ба замонавӣ будани арзишҳои динӣ ишора мекунанд.

Аз назари муҳаққиқ дар фаҳмиши имрӯзаи илмҳои ҷомеашиносӣ изҳороти оммавии диндорию эътиқод ҳамчун зуҳуроти эксентрикӣ [31] ё нишонаи узвият дар ягон созмонҳои ифротӣ қабул карда мешавад. Баёнияҳои зидди зиёӣ як хусусияти умумии тамоми ҷараёнҳои наҳзати динӣ дар ибтидои асри XXI аст.

Хулоса суқути исломи сиёсӣ аз назари Оливер Руа ба маънои бартарии сиёсат бар динро дорад, чи тавре ки дар мисоли Эрон мушоҳида мешавад. Имрӯз дар аксари кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсат аз дин ҷудо буда, дар баробари суннатҳои миллӣ урфу одатҳои диние, ки ба таҳдиду хатарҳои ифротишавии ҷомеаи тоҷик мусоидат намекунад ҳамчун муносибатҳои иҷтимоӣ пазируфта шуда мебошанд. Аммо исломи

[30] декултуратсия (яъне, фарҳангзудоӣ бӯҳрони фарҳангҳои суннатӣ, ки роҳро барои ғарбикунонӣ ва бозсозии ҳувиятҳо мекушояд).
[31] Хориҷ аз ҳадди маъмул, фавқуллода аҷиб.

сиёсӣ ва неоисломизм, то ба ҳол густариши ақидаҳои худро на ба таври бевосита, балки ба воситаи шиорҳои фиребандаи "озодӣ ва демократия" паҳн карда истодааст.

Неофундаментализм дар раванди муҳоҷирати мусулмонон бо фарҳангзудоӣ ва инфиродӣ кардани ислом, баракс таҳдиду хатарҳои ифротигароиро дар ҷаҳон густариш медиҳад.

## ПАЖӮҲИШИ ПУРАРЗИШ ДАР ШИНОХТИ МУҲИТИ АДАБИИ АФҒОНИСТОН

**(Тақриз ба китоби Ваҳҳобова Н.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Иброҳими Халил. – Душанбе: Дониш, 2014. -238 саҳ.)**

**Нурмуҳаммад Одинаев**
**адабиётшинос**

Шеър дар фарҳанги ниёгони мо аз бузургтарин арзишҳои ҳунарӣ шинохта шуда, оқилони рӯзгор ва ноқилони осор шоирро дар пояи расулони сухани Ҳақ донистаанд. Аз он рӯ, ки тули асрҳое, ки инсон худро шинохт ва оламро ба хизмати одам раҳнамун сохт, шеър василаи беҳтарини тарбия насли башар ва мубаллиғи арзишҳои инсонӣ мебошад. Ҳатто фарҳанги исломӣ низ чун ба шеър ифода гардид, ҳамоно дар тафаккур ва ҷаҳонбинии одамон саҳмгир шуд. Дар саҳифаҳои таърихи тамаддуни мардуми ориёӣ шоирон ва ҳакимон ҷойгоҳи пуршараф доранд. Мо мардуми адабпарвари тоҷик бо фарзандони миллатсози худ Фирдавсӣ, Мавлавӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва садҳо дигарон ифтихор дорем, зеро дар хориҷи кишвар муаррифии мардуми мо аз мероси фарҳангии онҳо сарчашма мегирад. Кишварҳои ҳамсоя ва ҳамзабони моро маҳз фарзандони тамаддунсоз ва фарҳангофарашон ба олами маънавӣ шинос менамоянд. Мардуми ҳамзабони мо Афғонистони ҳамкешу ҳамзабонро шоирони бузург Маҳмуди Тарзӣ, Халилуллоҳи Халил, Иброҳими Халил, Сулаймон Лоиқ, Абдурауфи Бенаво, Маҳбубаи Маҳҷуба, Бориқ Шафеӣ, Абдулло Ҳабиб ва садҳо суханварони соҳибдевон дар тамом машҳур гардондааст. Мутаассифона, шоири бузург ва соҳибноми Афғонистон устод Иброҳими Халилро мардуми фарҳангпарвари мо ҳанӯз ба таври бояду шояд намедонад, гарчанде номи ин марди сухан ва ашъори пурмояи ӯ ҳанӯз аз солҳои 50-уми қарни XX мавриди муаррифӣ қарор гирифта, ин тамоюл то рӯзгори мо идома пайдо кардааст. Вале устод Иброҳими Халилро ба он дараҷае, ки чашмдорем, намедонанд ва шеърашро пазиро нестанд. Ба назари мо, агар сабаби асосӣ ба вазъи сиёсии ин кишвар вобаста бошад, аз ҷониби дигар адабиёт ва фарҳанги муосири Афғонистон дар кишвари мо аз ҷониби муҳаққиқон ва фарҳангшиносон тарғиб ва таҳқиқ нагардидааст. Ашъори беназири устод Иброҳими Халил дар мақолаҳои ҷудогона ва маҷмуаи шеърҳои дастҷаъмона дастрас шуда бошад ҳам, вале пажуҳиши алоҳида ё маҷмуаи шеърҳои шоирони ин диёр ҳанӯз ба вуҷуд наомадааст. Пас чӣ гуна метавон ба муҳити илмию фарҳанги муосири кишвари Афғонистон огоҳӣ пайдо намуд?

Дар Тоҷикистон нисбати ин шоири бузург ва соҳибдевон, ки беҳтарин шеъри худшиносӣ ва худогоҳии миллиро сурудааст, то ҳол чанд тадқиқоте анҷом ёфта бошад ҳам, вале девони шоир дар шакли мукаммал дастраси хонандаи тоҷик нагардидаст. Ниҳоят, соли 2015 бо кӯшиши ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо Назира Ваҳҳобова тадқиқоти пурарзише бо унвонии "Ҳаёт ва эҷодиёти Халилулоҳи Халил" таҳия гардид, ки он аз муқаддимаи муфассал, се боб, хулоса, китобнома ва намунае аз ашъори шоир мураттаб гардидааст.

Устод Иброҳими Халил аз зумраи адибонест, ки дар сафҳаи пуршарафи тамаддун ва марҳилаи ҳассосу душвори таърихии халқҳои Афғонистони пурмоҷаро бо чунин пайкори наҷибу созанда ва мақоми арзанда дар эҳёву бақои ҳастии давлатдории миллӣ ва шинохти миллати афғон дар ақсои олам ҷон ба гарав гузошта, як умр бошарафона дар ҳимояи адолати иҷтимоӣ, ғами халқу давлат ва миллат қарор дошта, дар мабнои таъсире, ки баъд аз худ мероси пурарзише бар ҷой мондааст, Намои

шахсияти барҷаста ва чеҳраи дурахшону мондагори мардуми Афғонистон дар қарни XX шинохта шуда, ба сарнавишти пурсӯз, зиндагонии пуразоб ва фоҷеабор талхиву нокомиҳои давраи ҳассостарини таърихи халқи ин кишвар таҳмил намуда, дар таҳаввули ҳувияти ҷомеа таъсири судманд гузоштааст.

Табиист, ки устод Иброҳимт Халил бо чунин руҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ дар офариниши ғояҳои барҷастаю созанда иқдом намуда, барои ҳувият ва худшиносии миллии мардумони бумии Фарорӯд заминаи боэтимод ва сабақи ибратбахши таърихӣ гузоштааст. Осори безавол ва ҷовидонаи ин шахсияти наҷиб ҳамчун намунаи барҷастаи ҳунари суханварӣ дорои вижагии хоси адабию илмӣ дошта, ба раванди ташаккули фарҳанги халқу миллатҳои гуногуни афғон таъсири боарзишеро дорост. Масоили муҳиме, ки шоири бедордил дар осори безаволи худ офаридааст, ба шаҳодат ва иродати аҳли сухан аз муҳимтарин сабақҳои таърих дар шинохти руҳи бедории халқ ва таърихи ҷовидонаи миллат мебошад. Аз ин назар, рӯзгор ва осори мондагори ин шахсияти матраҳи сарзамини Афғонистон Иброҳими Халилро ба сифати тадқиқоти алоҳида мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор додани Назира Ваҳҳобова иқдоми наҷиб ва шоиста мебошад.

Дар муқаддимаи тадқиқоти мазкур мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи тадқиқоти дар марказҳои илмӣ баррасӣ гардидааст.

Иброҳими Халид(1896-1988) аз рӯи мушоҳидаи муҳаққиқ "дар замоне зиндагӣ кардааст, ки ба истиснои чор соли нахустини давраи тифлӣ дигар тамоми умраш дар асри XX, дар асри пур аз рӯйдодщои бузурги таърихӣ , дар давраи бо тантанаю шукуӯ сари қудрат омадану ба таври фоҷиавӣ поёни умри худро ёфтани чандин шоҳони Афғонистон гузаштааст"[32]. Ин нукта бар он ишора дорад, ки душманони фарҳангу таърихи куҳанбунёди Афғонистон бо вуҷуди ноорομию носолимии вазъи сиёсии ҷомеа ҳаргиз аз арзишҳои фарҳангию адабие, ки аз ниёгон ба мерос гирифта буд, и сарфи назар накардааст. Иброҳими Халил ва Халиллулоҳи Халил аз зумраи шоирони бузург ва суханварони беназире мебошанд, ки дар асри XX фарҳанги ниёгони худро маҳфуз дошта, бо ашъори беназири худ дар ташаккули он саҳми худро гузоштаанд. Иброҳими Халил поядагии ҷомеаи шаҳрвандии сарзамини худро танҳо дар тараққии илму фан дар замони муосир мебинад ва ба ҳамзамонони худ талқин менамояд, ки бо вуҷуди ноорομию кашмакашҳои сиёсӣ риштаи илмро ҳаргиз аз даст надиҳанд, то илм мардумро ба сӯи ободию беҳдошт барад:

Илм аст, накӯтарин пероя,
Аз илм баландтар набошад поя.
Эм ин зи заволу хатар аст ин давлат,
[33]Зинҳор маяндӯз ҷуз ин сармоя[34].

Муҳаққиқ ҳамин нуқтаи назари шоирро дар назар дошта, яке аз бобҳои тадқиқоти худро ба тарғиби илму маърифат дар шеъри Иброшими Халил мебахшад. Зеро бунёди хонаводаи Муҳаммадиброҳими Халил ба илму маърифат вобаста буда, ӯ дар оилаи марди донишманд ва хаттоти машҳури замон Мирзо Фазл Аҳмадхон ба дунё омадааст. Аз ҳамин назар Назира Ваҳҳобова ба хулосае меояд, ки сабаби ба дараҷаи шоири бузургу донишманди ҳамадон расидани шоирро аз муҳити хонаводагӣ ва тарбияи дурусти падар медонад:

Бошал равиши Халил некӯ зи падар,
Дар хатту хушу нигориш аз ҳусн сияр.
Хатти хушаш аз шеърнакӯтар хонам,

[32] Ваҳҳобова Н. Ҳаёт ва эҷодиёти Иброҳими Халил.- Душанбе: Дониш, 2014, С.17.
[33] Иброҳим Халил. Куллиёт.Иборат аз 18 боб. Куллиёт.-Кобул, 1969.-358.
[34] Холмуҳаммади Хаста, Абдушукур Ҳамидзода.Шарҳи ҳол ва гулчине аз осори Муҳаммадиброҳими Халил.-Теҳрон, 1334.-С.7.

Ё шеъри равонаш бувад аз хат хуштар[35].

Дар тадқиқоти мазкур масоиле мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки муҳити сиёсию иҷтимоии Афғонистони пурфоҷеа ба таъмину татбиқи ормонҳои милл, ба хусус, тараққии илму фан, бузургдошти Ватан ва озодӣ, шинохтани арзишҳои ахлоқӣ ниёз дошт. Шоирро фақирию нодории мардум ба олами ноумедӣ мебарад ва роҳҳое муҷӯяд, то мардумро аз чанголи фақирӣ раҳонад. Чун ин умед ба шоир даст намедиҳад, ночор фақириро барои муҳтоҷон нишонаи "инсони комил" медонад:

Ба давлат ҳар ки нозад, уммати Қорун шуморедаш,

Ки фахр аз фақр бошад, ҳазрати инсони комилро[36].

Боби якуми рисолаи мазкур "Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар осори Иброҳими Халил" унвон дошта, дар он масоили шикоят аз зиндагӣ ва тақдири хеш, тараққии илму фан, мафҳуми Ватан, ватандӯстӣ ва озодӣ мавриди таҳқиқи муҳаққиқ қарор дода шудааст. Муҳаққиқ масоили иҷтимоиро дар зиндагии вазнин мебинад ва норозигии мардумро аз тақдири нобасомон мебинад. Дар фарҳанги Шарқ тақдир ва сарнавишт дар зиндагии мардум нуфузи зиёд дошта, мардумро аз ҳама гуна эътирозу талош боз медорад. Халилӣ қаҳрамони худро дар назди тақдир оҷизу нодон дидан намехоҳад ва ӯро дар майдони набард фаъолу мубориз дидан мехоҳад:

Ошуфта машав зи ҳодисоти даврон,

Маъюс машав ба дасти яъсу хирмон.

Мебош ба ҳангоми мусибат чун ман,

Бо ҷуръату бо умеду шоду хандон[37].

Муҳаққиқ боби якуми тадқиқоти мазкурро ба масоиле вобаста медонад, ки онҳо дар рӯзгори мардуми афғон аз мушкилоти иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравindepend. Барои мушкилоти зиндагиро бартараф намудан шоир пеш аз ҳама тараққии илму фанро дар ҷойи аввал мегузорад, зеро одами бомаърифат имкон дорад, дар ҳимояи ҳуқуқи бенавоён ва талош бар озодии кишвари дар бухронҳои сиёсию мафкуравӣ дармонда, таъсире расонда тавонад. Аз ҳамин назар, муҳаққиқ дар боби якуми рисолаи худ бозм ондагии илму фан, беҳуқуқии бенавоён, парешонии ҳамватанон ва озодии ҳар инсони соҳибиродаро дар маҷмуъ мтарин аз мушкилоти муҳими иҷтимоӣ дониста, ин масъалаҳоро дар як боби алоҳида таҳқиқ менамояд.

Боби сеюми рисолаи мазкур "Забон ва услуби бадеии Иброҳими Халилӣ" ном дорад, ки дар ин бахш муҳаққиқ бадеияти забони нигориши шоирро мавриди назар меорад. Худи шоир забон ва маъниро дар шеър аз муҳимтарин васила и бунёдии асари бадеӣ маҳсуб дониста, ин талаботро дар ин байт чунин таъкид менамояд:

Маънии зебо намеояд ба осонӣ ба даст,

Боғбон дил мегудозад, ғунча то гул мешавад.

Назира Ваҳҳобова Иброҳими Халилро "дар услуби худ идомадиҳандаи анъанаҳои адабиёти классикии форсию дарист. Гувоҳи ин ғазалҳо, рубоиёт ва мухаммасҳои ӯ мебошанд"[38]. Дар ин боб диққати муҳаққиқро асосан истифодаи санооти бадеиро дар эҷодиёти шоир хеле дақиқназарона баррасӣ менамояд ва ба хулоса меояд, ки "ғазалҳои Иброҳими Халил дар воқеъ саршор аз ташбеҳу истиора мебошанд"[39]. Ин иқдоми шоирро муҳаққиқ "кӯшиши равонии шеър ва ширинии баёнро вусъат додааст" медонад, ки ин хулоса хеле муҳим санҷида шудааст, то муҳаққиқро ба ин назар меорад. Ин ҷо чанд намунаи шоҳкориҳои шоирро меорем, ки аз ҳунари суханварии Иброҳими Халил шаҳодат медиҳад:

То дили садпораро дидам ба чанги зулфи ӯ,

---

[36] Иброҳим Халил. Куллиёт.Иборат аз 18 боб. Куллиёт.-Кобул, 1969.-41.

[37] Иброҳим Халил. Куллиёт.Иборат аз 18 боб. Куллиёт.-Кобул, 1969.-379.

[38] Ваҳҳобова Н. Ҳаёт ва эҷодиёти Иброҳими Халил.- Душанбе: Дониш, 2014, С.144.

[39] Ҳамон ҷо, саҳ. 150

Метавон гуфтан, ки кофар ҳифзи Қуръон кардааст[40].
** ***

Ба доми зулфи мушкинат гирифта мурғи дил улфат,
Ба монанди ватанхоҳе, ки бошадбар ватан ошиқ[41].
** **

Шабе дар хоб дидам, ка-з ду олам гашттам озод,
Саҳар аз ҳалқаи зулфи диловези ту домам шуд[42].

Дар ашъори шоир калимаи шамъ барои ифодаҳои маъниҳои зебо ва тасвирҳои шоирона истифода шудааст, ки инро муҳаққиқ ааз вижагиҳои хоси сабки нигориши шоир медонад ва барои равшан сохтани даъвои худ аз ашъори шоир даҳҳо мисолҳо меорад.

Ончунон, ка-з шамъ яксар ҳастии парвона сӯхт,
Ҷони ман аз ҳасрати рухсораи ҷонона сӯхт[43].

Дар ғазалиёти шоир истифодаи таъбир ва ифодаҳои маҷозӣ бо ёрии калимаи шамъ боиси ҷолиб гардидани ашъори шоир гардидааст: “шуъларухсори мунавварботин”, “шамъи маҳфил”, “шамъи чигил”, “шмъсон сӯхтан”, “пойи шамъ” ва ғайра.

Ҳамин тариқ, забони осори шоир ин ҳамон забонест, ки барои ҳамаи адибони асри XX –и Афғонистон хос буд, яъне меъёрҳои забони адабии дар истифодабурдаро муроот намудааст, вале азбаски шоир дар маҷрои пешравиҳои илмӣ- техникӣ ба воя расида, ҳаводиси мухталифи айёмро дида эҷод мекард, наметавонист, ки ин ҳолатро ба инобат нагирад, чунин хулоса мекунад, Назира Ваҳҳобова, ки ин хулоса басо ҷолиб ва воҷеӣ мебошад. Бинобар ин дар шеъри ӯ мо ба калимаҳои нав ва истилоҳоти техникиро дида метавонем. Ҳамзамон Иброҳим Халил ғайр аз санъати ташбеҳ дар шеъри худ санъати таҷнис, талмеҳ, истиора, муболиға, киноя ва мисли инҳоро фаровон истифода намудааст. Иброҳим Халил анъанаи неку боарзиши ниёгонро давом дода, зарбулмасалу мақолро гоҳо бидуни ягон тағйир ва ё бо тақозои сухани мавзун мақолеро бо ҳунари маънисозии худ дар коргоҳи эҷодиаш коркард намуда, дар пайкари шеър хеле нозукона насб кардааст. Муҳаққиқ Назира Ваҳҳобова ин иқдомоти шоирро дар рисолаи пурарзиши худ дақиқ ва равшан нишон дода, бо ин васила Иброҳими Халилро “ҳамчун яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти даризабони Афғонистон” муаррифӣ намояд.

Дар охири рисола муҳаққиқ номгӯӣ 151 адабиёти илмӣ, ки зимни пажуҳиш истифода шудаанд, пешниҳод менамояд. Дар замима ба сифати намуна аз ғазалиёти шоир 110 дастагули ғазал оварда шудааст, ки барои роҳ гирифтан ба боғистони ашъори шоир беҳтарин армуғон мебошад.

Ҳамин тариқ, рисолаи “Ҳаёт ва эҷодиёти Иброҳими Халил”, ки аз ҷониби Назира Ваҳҳобова таҳия шудааст, ҳамчун асари илмӣ тадқиқоти пурарзиш ва анҷомёфта, дар шинохти адабиёти муосири Афғонистон мусоидат хоҳад кард.

## ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ - ОМИЛИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**ДАВЛИЁРОВА САФАРГУЛ ТЕШАЕВНА**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи Осиёи Марказии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии

[40] Иброҳим Халил. Куллиёт.Иборат аз 18 боб. Куллиёт.-Кобул, 1969.-С.46.
[41] Ҳамон ҷо, саҳ. 69.
[42] Ҳамон ҷо, саҳ. 54.
[43] Ҳамон ҷо, саҳ. 47.

илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.Тел.:985294097, E-mail: **dsafargul@mail.ru**

*Дар мақола оид ба аз овони наврасӣ дар ҷавонон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ҳимояи манфиатҳои Ватан, хизмати содиқонаю фидокорона ба халқу ватан аз вазифаҳои муҳимтарин дар низоми таълиму тарбия ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвар сухан меравад. Инчунин дар замири ҷавонон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ ва ташаккулу рушди худшиносии миллӣ метавонад бар зидди таҳдидҳои замони муосир ҳамчун қувваи бузурги ҳимояи ватану таърихи он ва рӯҳияи шикастнопазири миллат хизмат намояд. Аммо аз ҷониби ҷавонон пайваста дарк карда натавонистани хавфу хатари терроризм дар ҷаҳони мутамаддин ба раванди таълиму тарбия, сатҳи фарҳанг, эҳтирому садоқат таъсири манфӣ мерасонад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷавонон, тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, ҳифзи манфиатҳо, мактаби шуҷоат, масъулияти шаҳрвандӣ.*

Имрӯз, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф шудааст, тарбияи ватанпарастӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон муҳимтарин воситаи ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ватандӯстии ҷавонон дар шароити кунунӣ аз шинохти мавқеи таърихии худ, мавқеи имрӯза ва ояндаи миллати худ ҳамчун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ иборат мебошад, ки хусусиятҳои рӯҳиву равонии аъзои ҷомеа ва ифтихори созандагии миллиро инъикос менамояд. Ҳисси ватандӯстӣ, ки яке аз рукнҳои ҳувияти миллии мардуми тоҷик аст, омили асосии эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз таҳдидҳои замони муосир ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин рӯ, маҳз ватандӯстӣ метавонад бар зидди таҳдидҳои замони муосир ҳамчун қувваи бузурги ҳифзи ватану таърихи он ва рӯҳияи шикастнопазири миллат табдил ёбад [1].

Воқеан ҳам, тарбияи ватандӯстӣ - фаъолияти мураттаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон буда, барои ташаккули ҳисси баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳиссиёти садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронида шудааст. Аз ин ҷост, ки тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстӣ - маҷмӯи тадбирҳое шинохта шудааст, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон тарбия намудани дарки зарурати бошууронаи хизмати фидокоронаю беғаразона ба Ватан зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаббат ба кишвари маҳбуб, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, риояи қонун, ахлоқи ҳамида, фарҳанги умумӣ, мавқеи амиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ барои адои қарзи констиутсионӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ифтихор аз дастовард ва анъанаҳои ниёгон равон карда шудааст[4]. Ватандӯстӣ падидаи мураккаби иҷтимоию фарҳангӣ буда, тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи таркибии маданияти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад[5; 4]. Ҳамзамон, аз ҷониби ҷавонон дарк карда натавонистани хавфу хатари террористӣ дар ҷаҳони мутамаддин ба раванди таълиму тарбия, сатҳи маданият, арҷгузориву содиқият таъсири манфӣ мерасонад.

тел: 988040370, E-mail: khuramzoda83@gmail.com

*Муаллиф дар мақолаи худ қайд намудааст, ки дар раванди муносибатҳои байналмилалӣ ва татбиқи амалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон  баргузории Конфронси оби СММ доир ба эълон гардидани соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” яке аз ташаббусҳои саривақтии роҳбари сиёсии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.*

*Аз диду назари сиёсӣ, ташаббуси мазкур маҳз бо ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор омада, ташаббуси пешниҳодшуда мазмунан ҷанбаҳои сиёсӣ ва муносибатҳои фарогири байналмилалиро доир ба пешгирӣ намудани таҳдиду хатарҳо ба ҳаёти инсониятро дар бар мегирад.*

*Конфронси оби СММ доир ба эълон гардидани соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” санаи 22-24 марти соли ҷорӣ таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва подшоҳи Нидерланд дар шаҳри Ню-Йорк доир гардид, ки дар ҷараёни конфронс масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба мушкилоти об мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.*

*Далели воқеӣ дар он аст, ки ташаббусҳо ва ё иқдомҳои Пешвои муаззами миллат дар самти сиёсати обию энергетикии кишвар, ҳамзамон аҳамияти арзишманди онҳо дар рушди ҳаёт, ҳифзи манфиатҳои миллию минтақавӣ ва пешгирӣ намудани омилҳои хатарзо дар пешорӯи зиндагии мардуми сайёра хеле муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегарданд.*

***Калидвожаҳо.*** *ташаббус, иқдом, об, энергетика, НБО, иншоот, ҳаёт, рушди устувор, тавсеа, ибтикор, неру, пиряхҳо, ҳифз, СММ, ҷаҳон.*

Дар раванди муносибатҳои байналмилалӣ ва татбиқи амалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон  баргузории Конфронси оби СММ доир ба эълон гардидани соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” яке аз ташаббусҳои саривақтии роҳбари сиёсии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Аз диду назари сиёсӣ, ташаббуси мазкур маҳз бо ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор омада, ташаббуси пешниҳодшуда мазмунан ҷанбаҳои сиёсӣ ва

муносибатҳои фарогири байналмилалиро доир ба пешгирӣ намудани таҳдиду хатарҳо ба ҳаёти инсониятро дар бар мегирад.

Конфронси оби СММ доир ба эълон гардидани соли 2025 "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо" санаи 22-24 марти соли ҷорӣ таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва подшоҳи Нидерланд дар шаҳри Ню-Йорк доир гардид, ки дар ҷараёни конфронс масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба мушкилоти об мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Далели воқеӣ дар он аст, ки ташаббусҳо ва ё иқдомҳои Пешвои муаззами миллат дар самти сиёсати обию энергетикии кишвар, ҳамзамон аҳамияти арзишманди онҳо дар рушди ҳаёт, ҳифзи манфиатҳои миллию минтақавӣ ва пешгирӣ намудани омилҳои хатарзо дар пешорӯи зиндагии мардуми сайёра хеле муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегарданд.

Дар соли ҷорӣ, аз ибтидои саъю талашҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди рӯзномаи оби СММ 20 сол сипарӣ гардид, ки дар ин давом ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қобили қабул дониста шуда, аз тарафи созмони бонуфузи ҷаҳонӣ 10 қатънома қабул гардидааст.

Қабул гардидани қатъномаҳо аз ҷониби СММ нишонаи возеҳи давлати ташаббускор будани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими сайёра аз ҳадафҳои зерин иборат мебошанд.

**Якум,**таҳлили ҳаёти воқеии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати рӯ ба рӯ шудан ба омилҳо дастрасӣ надоштан бо оби ошомиданӣ боиси нигаронӣ хоҳад буд. Дар асоси маълумоти Комиссияи ҷаҳонӣ оид ба об, феълан барои ҳар як шахс, омода кардани ғизо ва гигенаи шахсӣ рӯзона аз 20 то 50 литр об  зарур аст. Бояд ёдовар шуд, ки аз норасоии об тақрибан як миллиард одамон танқисӣ мекашанд, ки мушкилоти мазкур 28 кишвари ҷаҳонро фаро мегирад ва онҳо ба миқдори оби муайяншуда ҳамчун захираи эҳтиётӣ дастрасӣ надоранд.

**Дуюм,** барои марҳила ба марҳила бартараф намудани омилҳои дастрасӣ надоштани мардуми сайёра ба об дар доираи ташаббусҳои Пешвои миллат конфронсу ҳамоишҳои байналмилалӣ баргузор мегарданд, ки проблемаҳои дастрасӣ бо оби нушокӣ аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ низ мавриди баррасӣ ва пуштибонӣ аз ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон қарор дода мешаванд. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии мушкилоти об дар ҷаҳон ба сифати давлати пешоҳанг эътироф гардидааст. Далеле воқеии ташаббусҳо дар он аст, ки  рӯзноми оби СММ таҳти унвони "Раванди оби Душанбе" ном гирифт.

**Сеюм,** баргузории ҳамоишҳои сатҳи баланд дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмуъ бо мақсади ҳифзи ояндаи сайёра нигаронида шудааст. Иқдомҳои ҷониби Тоҷикистон дар баррасии рӯзномаи ҷаласаи СММ яке аз мавзуҳои ҳаётан муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, баҳри тавсеа ва тақвияти обрӯ ва нуфӯзи давлати пешоҳанг ва саҳмгузорӣ намудан дар татбиқи иқдомҳои башардӯстонаи ҷаҳонӣ дониста мешавад.

**Чорум,** идомаи ташаббусҳои Пешвои муаззами миллат, ки ба сифати конфронси дуюми СММ ба ҳисоб мерафт,  баррасии масъалаҳои ҳалталаб дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018-2028-ро дар бар мегирифт.

Воқеан, конфронси мазкур дар шароите баргузор гардид, ки мушкилоти вобаста ба обу иқлим ба яке аз хатарҳои ҷиддӣ барои иннсоният табдил ёфта, рӯз то рӯз ҳаёти инсону табиатро зери таҳдиду нобудшавӣ қарор дода истодааст. Аз таҳлилуояндабинии олимону коршиносон бар меояд, ки таҳдиду хатарҳои тағйирёбии босуръати иқлим ва норасоии об ба инсоният камтар аз хатарҳои дигари мушкилоти ҷаҳони муосир нест.

**Панҷум,** яке аз иқдомҳои аҳамияти стратегию минтақавдошта, ки ба сиёсати обии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дорад, тарҳи лоиҳаи НБО-и "Роғун" мебошад.

Бо мақсади мавриди баҳрабардорӣ қарор додани агрегетҳои неругоҳи мазкур, ҷониби Тоҷикистон бо роҳбарони давлатҳо зимни нишасту ҳамоишҳои бисёрҷонибаи сатҳи баланди ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои марбутаи он, Иттиҳоди Аврупо ва сохторҳои дахлдораш, гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Осиёии рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО), Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Исломӣ захираву иқтидорҳои обиву энергетикии мавҷудаи минтақаи Осиёи Марказӣ мулоқоту гуфтушинидҳои судмандро доир намуданд. Таъкид гардид, ки ҳалли дурусти мушкилоти норасогии неруи барқ дар минтақа тавассути ба роҳ мондани истифодаи босамари захираҳои обӣ, бахусус сохтмони неругоҳи бузурги барқи обӣ ва кам кардани талафоти бесобиқаи об дар соҳаи кишоварзӣ имконпазир аст.

Дар ҳудуди кишвар тақрибан 947 дарё ҷорӣ мешавад, ки дарозиашон 28 500 км ташкил медиҳад. [4,36-37]

Обҳои дарёҳои ҷоришаванда ҳамчун боигарии табиии давлат баҳисоб рафта, барои пешбурди фаъолияти хоҷагидории ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муассир дорад, вале оби дарёҳо вобаста ба имкониятҳои ба вуҷудомада танҳо барои соҳаи кишоварзӣ истифода карда мешаванд, ки аз лиҳози истифодабарӣ хусусияти мавсимӣ доранд.

Мувофиқи маълумотҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои қариб 55% захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад ва ин захираҳоро ба таври лозимӣ истифода намебарад, ки ин боиси пастравии иқтисод мешавад. [7,17]

Омилҳои зикршуда имкон фароҳам меоваранд, ки захираҳои табиӣ, аз ҷумла об ва дигар боигариҳо самаранак истифода карда шаванд, вале бо дарназардошти он ки механизми азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии мамлакат ба суръати на онқадар тез ҷараён дорад, зарурияти омода кардани мутахассисони касбӣ дар ин ҷода ба миён меояд.

Махсусан, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар фазои сиёсию иқтисодии кишвар бо дарназардошти дигаргуниҳои байнисоҳавӣ бояд траекторияи рушди устуворро таъмин намояд. Захираҳои гидроэнергетикаи аз ҷиҳати техникӣ имконпазири истифодашаванда нисбат ба истеҳсоли неруи барқи ҳозираи Тоҷикистон 50 маротиба зиёдтар аст. [8,103]

Бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ пайдо гардидани неругоҳҳои барқи обии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ва минбаъд банақшагирифташуда мувофиқи матлаб хоҳад буд, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувор бештар ба мутахассисоне, ки минбаъд дар бозори байналмилалӣ рақобатпазир мебошанд, бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир кард.

Ҳадафи дарпешистода идомаи мантиқии тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳо дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳонӣ хоҳад буд. Аз ҳамин лиҳоз, Тоҷикистон чун кишвари дорои захираҳои фаровони об ҷонибдори истифодаи одилонаву оқилонаи ин захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад. [6]

Истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ дар таҳкими манфиатҳои миллии Тоҷикистон нақши муассир дорад. Махсусан, ҷамъоварии об ба сифати сарчашмаи асосии боигарии миллӣ эътироф гардида, дар амалӣ гардидани сиёсати энергетикии кишвар ҷойгоҳи мусбати худро муайян намудааст. Махсусан дарё ва кулҳои, ки дар ҳуди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи ҳастӣ доранд, безарар ва манфиатнок мебошанд. Аз ҳамин нуқтаи назар, аҳамияти сиёсию иқтисодӣ доштани захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери назари коршиносону муҳақиқон қарор дода мешаванд.

А. Темурҷонов, коршинос аз Қазоқистон чунин мегӯяд: - «ба баҳри Арал на обҳои Амударё, ки пурра дар поёноб барои обёрӣ гирифта мешаванд, балки обҳои Сирдарё мерезанд. Далели равшани он ба шарофати талошҳо ва амалҳои амиқи Ҳукумати Қазоқистон пур гардидани қисми шимолии баҳри Арал то сатҳи 42 м. мебошад. Обамбори НБО-и "Роғун" барои ҷамъ намудани захираҳои об ва истифодаи оқилонаву самарабахши онҳо пешбинӣ шудааст». [1,379]

Хизмати обанбор ва хусусан ба танзими бисёрсола овардани маҷро, ки обанбори неругоҳи Роғун чунин вазифа ҳам дорад, захираҳои обро ҳифз менамояд, то ки он сарфакорона ва самарабахш истифода гардад. Хосатан дар солҳои камобӣ аҳамияти обанбор ба маротиб афзун мешавад.

Дарёҳои Тоҷикистон реҷаи ҷараёни мавсимӣ доранд, ҷараёни об дар зимистон кам ва дар тобистон зиёд мебошад. Танҳо НБО-ҳои дорои захираҳои об дошта метавонанд аз ҳалли масъала баромада ва дар зимистон бо барқ таъмин кунанд. Ҳамин тариқ, НБО-ҳои маҷроӣ бояд дар поён аз обанборҳо ҷойгир шаванд.  [3]

Таҳлили раванди бонизоми сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мавриди баҳрабардорӣ қарор додани неругоҳҳои барқи обии дар дарёи Вахш сохташуда ва минбаъд сохташаванда, далели он аст, ки ҳарчанд теъдоди обамборҳо ба маротиб зиёд карда шаванд, бешубҳа ҳаҷми об бештар захира карда мешаванд ва аз ҳисоби тагшиншавии обҳои захирашуда кулҳои дорои оби ошомиданӣи тоза ба вуҷуд меоянд. Чунин ҳолатро дар обамбори НБО-и Роғун мушоҳида менамоем.

Замони анҷомгирии сохтмони НБО-и "Роғун", дар режими энергетикӣ фаъолият карда, имкон медиҳад, ки сарбанди Норак дар мавриди зарурӣ ба реҷаи обёришавӣ фаъолият дошта бошад. [2,109]

Аҳамияти НБО-и "Роғун" дар меҳвари ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар масъалаҳои обу иқлим заминаи воқеӣ дорад. Зеро ҳаҷми обамбори неругоҳи мазкур 13,3 млрд. мукааб обро дар бар мегирад ва оби захирашуда дар баробари ба вуҷуд овардани неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза боз ба яке аз манбаи бузурги захираи оби ошомиданӣ ба шумор меравад.

Мутобиқи стратегияи рушди соҳаи энергетика ва сиёсати энергетикии мамлакат дар баробари мардуми тоҷик даҳҳо миллион сокинони кишварҳои дуру наздик аз неруи барқ баҳраманд гардида, мушкилоти замони хушксолиҳо дар кишварҳои ҳамҷавор аз миён бардошта хоҳад шуд. [9,3]

Бо дар назардошти он ки аҳамияти неругоҳ барои кишварҳои минтақа ягон хатар надорад ва тибқи нишондоди олимону мутахассисони соҳа он ба ҳама меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқат мекунад, пас ба хулосае омадан зарур аст, ки аҳамияти неругоҳи мазкур ба манбаи тоза ва барқароршавандаи захираҳои обию энергетикӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ, инфрасохтори муносиб ба он, метавонад беҳбудии миллионҳо одамонро тибқи меъёрҳои экологӣ беҳтар созад.

## АДАБИЁТ:


1. А.Шарифзода, З. Қосимӣ, Эмомалӣ Раҳмон ва Роғун. [Матн]: Душанбе.2013. – 379 с
2. Азимов Х. Менеджмент финансирования страительства Рогун ГЭС и приватизации её капитала. - Душанбе, 2010. 109 саҳ.
3. Баҳодиҳии таъсири экологию иҷтимоии НБО-и Роғун.14-16 августи 2014 с.
4. Национальный план действий Республики Таджикистан по смягчению последствий изменения климата. – Душанбе: Таджикглавгидромет, 2003. 36-37 стр.
5. Нуралиев, К., Абдусамадов, М., Латипов, Р.Б. Захираҳои оби Тоҷикистон [Матн]: ташаббусҳо, вазъият ва дурнамо / Зери таҳрири умумии А.Ҳ.Катаев. – Душанбе: "Азия-Принт", 2011. – 220 с., Менга, Филипо. "Роғун" метавонад бузургтарин дастоварди кишвар бошад, агар... [Матн]: Суҳбати Т. Сафар бо

мудирияти захираҳои об дар Осиёи Маркази оид баояндаи "Роғун" Филипо Менга // Миллат. – 2015. – 22 июл
6. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: шаҳри Душанбе 20. Январи соли 2016 // Ҷумҳурият. – 2016. – 21 январ.
7. Программа развития экспорта Республики Таджикистан на период до 2015 года. Утверждено постановлением Правительством РТ от 4 июля 2006 года №299. - с. 17.
8. Рахимов, Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан. Душанбе, 2012. - с. – 103.
9. Хуррамзода М.Х. Нақши Пешвои миллат дар бунёди Неругоҳи барқи обии Роғун.- Душанбе: “ЭР-граф”, 2018.-3 С

## *ЗНАЧЕНИЕ РОГУНСКОЙ ГЭС В ОСИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ИНИЦИАТИВ ТАДЖИКИСТАНА В ВОДНО-КЛИМАТИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМАХ*

**ХУРРАМЗОДА МУМИНШО ХУРРАМ**
главный специалист отдела качества образования и мониторинга качества образования управления образования Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Республика Таджикистан, г. Рогун, ул. Норакиён, 25, 735417
Телефон: 988040370, Электронная почта: khuramzoda83@gmail.com

*В своей статье автор отмечает, что в процессе международных отношений и практической реализации внешнеполитического курса Республики Таджикистан рассматривается проведение Водной конференции ООН по объявлению 2025 года «Международным годом защиты ледников». Одна из своевременных инициатив политического лидера таджикского государства.*

*С политической точки зрения, эта инициатива была инициирована основоположником мира и национального единства, Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном.*

*Водная конференция ООН по объявлению 2025 года «Международным годом защиты ледников» состоялась 22-24 марта текущего года под председательством Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и Короля Нидерландов в г. Нью-Йорке. На конференции обсуждались важные вопросы общественной жизни, обсуждались водные проблемы.*

*Реальный факт заключается в том, что инициативы и действия великого лидера нации в направлении водно-энергетической политики страны, в то же время их ценное значение в развитии жизни, защите национальных и региональных интересов и предупреждение опасных факторов в жизни людей планеты считают очень важным и своевременным.*

***Ключевые слова.*** *инициатива, действие, вода, энергия, природные ресурсы, объекты, жизнь, устойчивое развитие, расширение, инициатива, энергия, ледники, сохранение, ООН, мир.*

## THE SIGNIFICANCE OF "ROGUN" NPO IN THE AXIS OF TAJIKISTAN'S INTERNATIONAL INITIATIVES IN WATER AND CLIMATE ISSUES

**KHURRAMZODA MUMINSHO KHURRAM**
chief specialist of the department of quality of education and monitoring of the quality of education of the Department of Education of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 25 Norakiyon Street, Rogun, Republic of Tajikistan, 735417 Phone: 988040370, E-mail: khuramzoda83@gmail.com

*The author noted in his article that in the process of international relations and the practical implementation of the foreign policy of the Republic of Tajikistan, the holding of the UN Water Conference on the declaration of 2025 as the "International Year of Glacier Protection" is considered one of the timely initiatives of the political leader of the Tajikistan state.*

*From a political point of view, this initiative came about with the direct initiative of the founder of national peace and unity, the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon.*

*The UN water conference on the declaration of 2025 as the "International Year of Glacier Protection" was held on March 22-24 of this year under the chairmanship of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the King of the Netherlands in New York. During the conference, important issues of public life were discussed. water problems were discussed.*

*The real fact is that the initiatives and actions of the great leader of the nation in the direction of the water and energy policy of the country, at the same time, their valuable importance in the development of life, protection of national and regional interests and prevention of dangerous factors in the life of the people of the planet are considered very important and timely.*

***Keywords.*** *initiative, action, water, energy, natural resources, facilities, life, sustainable development, expansion, initiative, energy, glaciers, conservation, UN, world.*

## НАҚШИ РАВШАНФИКРОН ДАР ЗАМОНИ ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

***БЕКОВ ДИДАВАР***

ходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. E-mail: didavar1989@list.ru; тел: 987-46-71-91.

*Дар мақолаи мазкур ҷараёни равшанфикрӣ дар замони шӯравӣ мавриди омузиш қарор гирифтааст. Дар ин давра фаъолияти равшанфикрон дар симои шоирон ва нависандагон ба назар мерасад. Илова бар ин Инқилоби Октябр дар ҷараёни равшанфикрии ин давра таъсири худро дошт. Аз тарафи дигар, дар мақолаи мазкур чунин масъалаҳо баррасӣ гардидаанд: нақши равшанфикрон дар замони шӯравӣ. Вазифаҳои равшанфикрон дар ҷомеаи мазкур. Шахсиятҳои равшанфикри замони шӯравӣ. Таъсири вазъияти мавҷудаи замона бар фаъолияти равшанфикрон.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *равшанфикр, Ватан, миллат, дин, маориф, шоирон, нависандагон, реализми маорифпарварӣ, реализми сотсиалистӣ.*

Равшанфикр ё интеллектуал дар оғоз касеро мегуфтанд, ки хондану навиштан метавонист ва босавод буд. Ин гуруҳи одамон дар муқобили одамҳои бесавод меистод. Аммо дар охирҳои асри 18-ум дар ҳама кишварҳои Аврупо ва ба хусус дар Англия теъдоди босаводон бешумор шуда, теъдоди бесаводҳо кам шуд. Ба ҳамин далел маънои интеллектуал ё равшанфикр дигар шуд. Дар вақташ равшанфикр касеро меномиданд, ки маоши худро аз тариқи навиштан ба шеваҳои ақлонӣ ба даст меоварданд. Ин гуруҳи одамон инҳо буданд: мақоланависон, рузноманигорон, ва мунаққидони адабӣ. Маънои ҷадиди интеллектуал дар охирҳои асри 19-ум ривоҷ ёфт. Жан Пол Сартр равшанфикри фаронсавӣ дар мавриди равшанфикрон чунин ақида дошт, ки равшанфикрон виҷдони ахлоқии асри худ ҳастанд. Вазифаи равшанфикрон мушоҳидаи вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар лаҳзаи кунунӣ аст. Бояд онҳо битавонанд озодона ақидаҳои худро дар ин хусус баён кунанд [1, с.41-45].

Равшанфикрон мутахассис дар сиёсат ва улуми иҷтимоӣ, ва либералҳои иҷтимоӣ ва сотсиал-демократҳо одатан аз усули демократӣ монанди: озодӣ, баробарӣ, адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқи башар, таъминоти иҷтимоӣ, муҳити зист ва ислоҳоти сиёсию иҷтимоӣ, ҳам дар арсаи дохилӣ ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ,

ҳимоят мекунанд ва дар ҷунбишҳое, ки барои амалӣ шудани ин хостаҳо ба роҳ меафтанд, ба таври фаъол мушорикат доранд [9,с.1-4].

Шӯравӣ номе буд, ки дар солҳои 1929 то 1991 ба Тоҷикистон дода шуда буд. Зеро тайи он солҳо ин минтақа бахше аз Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ буд. Номи ин ҷумҳурӣ ба забони тоҷикӣ Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон хонда мешуд. Ин ҷумҳурӣ дар 12 октябри 1924 ба вуҷуд омада ва дар 5 декабри 1929 як ҷумҳурии мустақил шуд. Ин ҷумҳурӣ дар 9 сентябри 1991 аз Шуравӣ ҷудо шуда ва эъломи истиқлол намуд ва номи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои худ гирифт[10].

Дар замони Тоҷикистони шӯравӣ, равшанфикрон вуҷуд доштанд. Фаъолияти онҳо дар мақоми шоир ва нависандагон бештар ба назар мерасид ва романнависи тоҷик Ҷалол Икромӣ [7,с.167-168] (1909-1993) яке аз далели ин гуфтаҳост. Илова бар ин “аз нимаи солҳои панҷоҳи қарни бист, дар даҳҳаҳои баъдӣ фаъолияти халлоқонаи Ҷалол Икромӣ бештар комёбӣ овард. Вай дар ин солҳо асарҳое ба майдон гузошт, ки баёнгари ҳолати адабиёти тоҷикӣ буданд. Пас аз инқилоби октябри соли 1917, ба хусус баъди инқилоби соли 1920-и Бухоро мазмуну мӯҳтавои адабиёти тоҷикӣ ба куллӣ дигар шуд. Бештарини равшанфикрони тоҷик, ба вежа ҷадидони маорифпарвар инқилобро табрик гуфтанд ва аз поён ёфтани ҳукмронии зулму истеъмор, аз расидани озодиву некрӯзӣ мужда доданд. Ҷадидон нисбат ба намояндагони ҳаракати маорифпарварӣ, ки бештари иқдомашон характери назарӣ дошт, фаъолтару амалкунандатар буданд. Ҳадафи онҳо бо роҳи ташкили мактабҳои усули нав, баланд бардоштани донишу маърифати мардум буд [8,с.113]. Адабиёт ба хидмати инқилоб даромад. Шоирон шиорҳои инқилобро шеър карда, дигаргуниҳои иҷтимоиву сиёсиеро, ки ба суръат ҷомеаро зеру забар мекард, васф менамуданд.

Аз охири солҳои бист ва оғози солҳои сӣ як иддае аз ҷавонони насрнавис ба майдони адабиёт қадам гузоштанд. Инҳо Ҷалоли Икромӣ (1909-1993), Раҳими Ҷалил (1909-1990), Сотим Улуғзода (1911-1977), Баҳриддини Азизӣ (1895-1944) ва дигарон буданд. Садриддини Айнӣ аз соли 1924, яъне аз аввали таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба наср гузашт ва ҷавонони насрнавис дар гирди ӯ ҷамъ омада, ба инкишофи насри наве, ки пояҳои реалистӣ дошт, кӯшиданд. Ҷалол Икромӣ, Абдусаломи Деҳотӣ [3,с.21] (1911-1962), ки дар назму наср баробар қалам месанҷид, Раҳим Ҳошим (1908-1993) ва Ҳасани Ирфон (1900-1973), ки бештар бо тарҷумаи осори адабиёти русӣ шуғл доштанд, шогирдони бевоситаи Айнӣ буда, бо раҳнамудҳои ӯ ташаббускорона ба ҷавлон омаданд. Доираи мавзӯоти адабиётро ҳаёти иҷтимоиву сиёсии замон муайян карда буд. Нависандагон даҳшатҳои замони пеш аз инқилобро тасвир мекарданд, аз ҳаёти замони шӯравӣ, аз дасисаҳои “унсурҳои бегона”, яъне боқимондаҳои ҷомеаи истисморӣ–мансабдорону давлатмандони собиқ, рӯҳониёни ислом, ки ҳанӯз нест нашудаанд, ҳикоя мекарданд, раванди муборизаи синфӣ (табақотӣ) ва бедории иҷтимоии заҳматкашон, озодии занон, фаранҷӣ (чодар) партофтан ва ба зиндагонии иҷтимоӣ ҷалб шудани онҳо, муваффақиятҳои мактаби тозабунёди шӯравӣ ва “инқилоби фарҳангӣ”, ташаккули шуури “инсони нав”-ро, ки дунёро зеру забар карда, ҷомеаи бесинф (бидуни табақот) месозад, нишон медоданд. Дастаҳои мусаллаҳ, ки бо Артиши сурх меҷангиданд, ҳама бидуни истисно босмачӣ ном гирифта, ғоратгару вахшӣ тасвир мешуданд. Замонҳои гузашта ва ҳар чӣ ба онҳо дахле дошт, маҳкум шуда, бо ранги сиёҳ нигориш меёфт, даврони инқилоб ва ҳама дигаргуниҳои замона фақат чун рӯйдоди мусбат бо ранги сафеди беғубор тарсим мегардид.

Овони муборизаҳои тезу тунд чунин тасвирҳои ниҳоиро тақозо дошт ва нависандагон ба ин тарз нисбат ба ҳар чӣ, ки ба сохтмони ҷомеаи одилона ва баробарию бародарӣ оид аст, сидқу сафо изҳор мекарданд. Хусусан нависандагоне

чун Ҷалоли Икромӣ, ки аз ашрофони ҷомеаи пеш аз инқилоб, бародарзодаи мулло Бурҳониддин, қозикалони Бухоро, яъне аз “унсурони бегона” буд, нисбат ба идеалҳои замони нав бештар садоқат изҳор медоштанд, то ки ба шубҳаву тардид камтар рӯ ба рӯ оянд. Бидуни шакке метавон гуфт, ки ин изҳори садоқат на риёе, балки ҳукми дил буд ва нависандагон дар ҳақиқат дар дил нисбат ба идеалҳои сотсиализму коммунизм сидқу сафо мепарвариданд.

Пеш аз ҳама бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ намуд, ки дар даврони шуравӣ яке аз воситаҳо ва шаклҳое ки равшанфикрони тоҷик андешаҳои худро иброз намуда буданд, ин адабиёт буд. Аз ҳамин сабаб дар асарҳои адабиётшиносони шӯравӣ, аз ҷумла дар навиштаҳои адибони тоҷик борҳо таъкид шудааст, ки пас аз инқилоби октябри соли 1917, яъне солҳои бисту сӣ ва баъди он дар адабиёти форсии Мовароуннаҳр, яъне дар адабиёти тоҷикӣ дигаргуниҳои куллӣ рӯй дод ва тафаккури бадеъӣ дигар шуд. Ин ақида асоси ҷиддӣ дорад. Дар ҳақиқат дар қарни бист адабиёт аз беху реша дигар шуд. Ва бисёре аз ин дигаргуниҳо пеш аз инқилоби соли 1917, аз аввали сада оғоз ёфта буд.

Дар оғози садаи бист мазмуну шакли адабиёт ба суръат дигар шудан гирифт. Нахуст доираи мавзуот дигар шуд ва ба гуфтаи устод С. Айнӣ “мавзӯъи адабӣ ба эътибори умумият: ватан, миллат, дин ва маориф буда, ташвиқ ба муқобили ҳукумати мустабида зимнан, ҳуҷум ба уламо сароҳатан аз мавзӯъҳои муҳимми ин давра ба шумор мерафт” [2,с.529].

Пас аз инқилоби соли 1917, Русия ва Туркистон ва соли 1920, (Бухоро) баъзе равандҳои адабиёти ҷадидаи ибтидои қарн бештар вусъат ёфтанд [6,с.9]. Масалан инқилоб, рӯҳи танқидии адабиётро зӯри нав бахшид ва дар ин равия дидгоҳҳои тозае эҷод кард, вале интиқоди шадид танҳо ба замонҳои гузашта ва боқимондаи онҳо нигаронида шуд, чашмандози танқидӣ маҳдуду яктарафа омада, азбаски ба айёми худ нигаронида нашуда буд, нерӯи навсозиву раҳнамоии он коҳиш ёфт. Интиқоду эътироз нисбат ба воқеъияти замони шӯравӣ имконпазир набуд. Танҳо баъзе нависандагон ҷуръат карда, гоҳ бо пардапӯшии эҳтиёткорона андак садои норозигӣ ва шикоят баровардаанд.

Ҳокимияти сахтгири шӯравӣ танқиду эътирозро дар адабиёт қариб ба тамом ба нестӣ овард. Маҷаллаи ҳаҷвии “Мушфиқӣ” ва “Хорпуштак”, гӯшаҳои ҳаҷвии рӯзномаву маҷаллаҳо низ аз мазмуни ҷиддии иҷтимоӣ маҳрум буданд” [2,с.406-407]. Назари интиқодӣ ба воқеъияти иҷтимоии замони худ дар адабиёти шӯравӣ ба куллӣ ҷои худро ба ташвиқу тарғиб дод. Оҳанги ташвиқӣ дар адабиёти равшангарии ду даҳаи аввали қарни бист низ, хеле пурзӯр буд. Дар адабиёти маорифпарварӣ бунёди ташвиқу тарғиб дар ватандӯстиву миллатпарварӣ буда, ба адои хизмати миллат, ба фарҳанги нав ва илму дониш меҳру муҳаббат ба вуҷуд меоварданд.

Пас аз инқилоб мабдаъи ташвиқӣ бештар қувват ёфта, мазмунан хеле дигар шуд. Даъват ба мактабу маорифи нави шӯравӣ, ба фаъолиятмандии иҷтимоӣ ва озодии занон, мубориза барои барпо кардани ҷамъияти бесинф дар мундариҷаи таблиғии адабиёт мавқеъи калон дошт. Оҳанги маорифпарваронаи тарғибу ташвиқи адабӣ, дар замони шӯравӣ зуд аз байн рафта, ҷои онро таблиғи сиёсӣ, ташвиқи урёни инқилобӣ гирифт. Равшангарӣ бо тарғиби ҷангҷӯёнаи синфӣ, зиддидинӣ, зидди анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ, бо тарғибе, ки моҳиятан зидди шахсияти инсон ва миллият равона гардида буд, иваз шуд.

Адабиёти тоҷикӣ дар садаи нуздаҳ бо насри Аҳмади Дониш [4,с.118] дар ибтидои садаи бист бо нигоштаҳои Абдурраруфи Фитрат [5,с.442-446] ва дигарон кам–кам воқеъгароии навин пеш гирифта, ба роҳе даромада буд, ки онро реализми маорифпарварӣ номзад кардаанд. Донишмандони рус пайдоишу таҳаввули реализмро дар адабиёт ба риштаи пажӯҳиш кашидаанд ва бархе аз онҳо реализми маорифпарвариро пояи аввали реализм, реализми ибтидоӣ донистаанд.

Фармонфармоии томравоӣ дар аҳди шӯравӣ адабиёти форсии тоҷикиро аз роҳи рушди тадриҷии таърихӣ берун карда, усули реализми сотсиалистиро ба он ворид овард. Тақозои асосии реализми сотсиалистӣ ин буд, ки ҳаёт бояд аз назари ҳизбӣ ва синфӣ (табақотӣ) тасвир шавад, тасвири адабӣ ба сиёсати ҷории ҳизб ва дархостҳои идеологии рӯз мутобиқ бошад. Моҳияти аслии синфият ва ҳизбияти адабиёту санъат ҳамин буд. Зиндагонии мардумони шӯравӣ дар бисёр мавридҳо на ба он тарз, ки воқеан буд, балки ба тарзе, ки тибқи сиёсати ҳизб бояд сурат мегирифт, тасвир шудааст. На ин ки он чӣ буд, балки он чӣ бояд мебуд, ба тасвир омадааст ва онро айни воқеият вонамуд кардаанд. Бисёре аз асарҳое, ки дар бораи ҷанги дохилии шаҳрвандӣ, озодии занон, сохтмони колхозҳо ва ҳаёти колхозӣ навишта шудаанд, ба ҳамин тарз ба миён омадаанд ва моҳияти падидаҳои иҷтимоъиро он тавре, ки буд, ифода накардаанд. Бинобар ин гуфтан душвор аст, ки ин асарҳо ба чӣ дараҷа ба реализм нисбат доранд. Асоси онҳоро на реализм ва ҳаққоният, балки ғояе, ки аз зиндагонии воқеӣ хеле дур аст, ташкил мекунад.

Инқилоб ин таҳаввули табиъии таърихӣ, ин ҳама ҷаҳду ҷадали маорифпарваронро дар роҳи навсозии маънавии ҷомеа қатъ кард. Идеологияи шӯравӣ ба моддият ва назари синфӣ (табақотӣ), ба атеизми ҷангҷӯ асос ёфта буд. Моддият ва шуури синфиро асоси ҳастии инсон донистан, рӯ гардондан аз андӯхтаҳои маънавии замонҳои гузашта, боиси он шуд, ки адабиёт аз тааммуқписандиву фалсафаҷӯӣ дур шуд, ба таблиғи хушку урён, ба шеър кардани шиорҳову даъватҳои расмӣ ва сиёсии рӯз, ба гуфтани ҳақиқати одӣ пардохт.

Худшиносии иҷтимоӣ дар нахустин асарҳои Садриддин Айнӣ бо шуури синфӣ маҳдуд буда, пархош фақат дар роҳи озодии иҷтимоии синфӣ меравад, аммо дар “Ёддоштҳо” тадқиқи ӯ вусъат пайдо карда, паҳлӯҳои гуногуни ҳастии инсон, аз ҷумла масъалаҳои ёди таърихӣ ва меросбарии маънавиро фаро гирифт. Дар “Ёддоштҳо” худшиносии иҷтимоӣ аз чорчӯбаи танги биниши синфӣ берун ҷаста, ба марзи худогоҳии маънавӣ қадам гузошт.

Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ дар бораи дастгоҳи идеологии болшевикӣ чунин гуфта буд: “Дастгоҳи идеологии болшевикӣ кӯшиш дошт, ки ҳисси миллии халқҳои шӯравӣ бедор нашавад, худшиносии шахсу ҷомеа аз доираи шуури иҷтимоӣ ва табақотӣ берун наравад ва ба ҳадди маънавият нарасад. Аммо пажӯҳиши адабии бадеъӣ ва илмии устод Айнӣ, маҳдудияти иҷтимоъиву табақотии замонро бартараф карда, худогоҳии миллиро ба маънавияти баланд, пайванд дод” [2,с.412-413].

Солҳои ҷанги дуввуми ҷаҳон ҳисси ватандӯстӣ ва рӯҳбаландии муборизони зидди истилогарон, аз ҷумла чеҳраи қаҳрамонони ҷангҳои озодихоҳонаи асрҳои пешин дар адабиёт ҷойгоҳе муносиб ёфт. Адабиёт дар мавриди дарки ҳақиқати воқеъӣ, шинохти ҳастии маънавии мардум ва моҳияти аслии таърих қадаме пештар гузошт. Масалан: Темурмалик, ки ҳокими вилоят ва аз “табақаи истисморгарон” буд, чун дар ҷангҳои зидди истилогарони муғул қаҳрамонӣ кардааст, дар китоби устод Садриддин Айнӣ “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” (1943) хеле васф шудааст. Чун Иттиҳоди шӯравӣ дар ҷанги зидди Олмони фашистӣ пирӯзии бузурге ба даст овард, пас аз ҷанг сиёсати фарҳанги ҳизб ин шуд, ки аз ходимони адабиёту санъат хостанд пирӯзиву комёбиҳои Шуравиёнро тасвир бикунанд. “Назарияи беконфликтӣ” пайдо шуд, ки бемоҷароӣ, беихтилофӣ гуфтан аст. Ҳизб эълон кард, ки чун муборизаи синфӣ дар ҷомеаи шӯравӣ ба охир расидааст, ҷомеа аз зиддияту хархаша ориву барӣ шуд ва онро дар адабиёт бояд бидуни ҳодисаҳои манфӣ тасвир бояд кард. Дар адабиёт пардозкорӣ ривоҷ ёфт ва зебову дилрабо нишон додани зиндагонии мардуми шӯравӣ, боиси дур рафтан аз ҳақиқати ҳаёт гардид.

Солҳои сиву чиҳил то нимаи солҳои панҷоҳ адабиёт натавонист аз чорчӯбаи сиёсати ҷории ҳизб сар берун кашад, пайваста дар зери фишори назорати идеологӣ қарор гирифта ва ҳақиқат танҳо ба он дараҷа, ки иҷозат буд, ба адабиёт роҳ ёфт. Фақат аз нимаи солҳои панҷоҳ, баъди анҷумани бистуми ҳизб (1956), ки сиёсат андаке ба нармӣ рӯй овард, барои анҷом додани тадқиқи беғаразонаи воқеият то андозае имкон фароҳам омад, вале синфиятҷӯӣ ва ҳизбияту ғоявият ҳамчунон усули асосии адабиёт дониста мешуд ва тадқиқи адабиро ба маҳдудияту яксӯнигарӣ вомедошт.

Равшанфикри дигари даврони шӯравӣ ин Абулқосими Лоҳутӣ (1887-1957) буд. Он гоҳ ки Абулқосими Лоҳутӣ (1887-1957) аз Эрон ба хоки шӯравӣ паноҳанда шуд (1922), бунёди фалсафии шеъраш қавӣ буд. Дар кишвари Шӯравӣ низ шеърҳое аз қабили қасидаи “Кремл” (1922), як силсила рубоъиву дубайтӣ ва ғазалҳое сурудааст, ки аз диди фалсафии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Дар солҳои сӣ шеъри инқилобии Лоҳутӣ аз ҳикматписандӣ дур рафтан гирифт ва дар мӯҳтаво аз дастурҳои дастгоҳи идеологии шӯравӣ иборат асту бас. Шеъри равшанфикри дигари замони Шӯравӣ Мирзо Турсунзода саршор аз сиёсати ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Он қисми эҷодиёти ӯ, ки аз ҳаёти тоҷикон ҳикоят мекунад, иборат аз таблиғгарӣ ва баёни сиёсати миллии ленинӣ–сталинӣ буд. Ашъори хориҷии вай он сиёсатро, ки Шуравиён дар Шарқи хориҷӣ пеш меронданд, ифода менамояд. Силсилашеърҳои “Қиссаи Ҳиндустон”, “Садои Осиё”, манзумаи “Ҷони ширин” ва ғайра ба он дараҷа, ки сиёсати хориҷии шӯравӣ манфиатҳои мардуми кишварҳои Шарқ ва муборизаи озодихоҳии онҳоро ифода мекард, ба ҳақиқати ҳол мувофиқат дорад.

Дар хулоса бояд гуфт, ки он чӣ дар бораи Шарқи шӯравӣ гуфта шудааст, ҳама фақат мақсади таблиғиву ташвиқӣ дорад ва нисбати он ба ҳақиқати воқеъӣ кам аст. Мақолаҳои сиёсии устод Айнӣ, ки солҳои 1919-1921 дар “Шӯълаи инқилоб” ва солҳои баъд дар мавзӯъҳои байналмилалӣ чоп шуда буд, шеърҳои хориҷии Пайрав, Лоҳутӣ, Раҳимӣ, Миршакар ва дигарон бедории иҷтимоиву таърихии халқи тоҷик ва аввалин пояҳои худогоҳии миллии онро ифода карда буд.

## АДАБИЁТ:


1. Жан Пол Сартр. Дар дифоъ аз равшанфикрон. Тарҷумаи форсӣ. Теҳрон, Нилуфар, 1380-2002. (146 с).
2. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. Душанбе-2006. (456 с).
3. Пирмуҳаммадзода А. (Деҳотӣ). Адабиётамонро ба омма наздик кунем//Роҳбари дониш, 1930, №2.
4. Р.Ҳодизода. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX. -Душанбе: Дониш, 1968. (291 с).
5. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷ.7. -Душанбе: Нашриёти давлатии тоҷик, 1962. (646 с).
6. Х.Мирзозода. Мулоҳизаҳо дар бораи адабиёти тоҷик//Маҷмӯаи илмӣ. Ҷ.2: серияи филология. -Сталинобод,// 1955. (240 с).
7. Ҷалол Икромӣ. Дар бораи насри таърихии револютсионӣ/Ҳаёт, қаҳрамон ва адабиёт. -Душанбе:Ирфон, 1977. (250 с).
8. Шамсиддин Солеҳов. Роман дар Адабиёти тоҷикии қарни XX. (Масъалаи ташаккули жанр). Душанбе, “Дониш” -2011. (335 с).
9. Ядуллоҳ Муқин. Равшанфикрон ҳамеша ҳастанд. Маҷаллаи Меҳрнома, шумораи 16, Теҳрон, Обонмоҳ 1390-2012.
10. Иттиҳоди Шӯравӣ [Дастрасӣ ба мавод 25 апрели 2023]. https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%98%D1%82%D1%82%D0%B8%D2%B3%D0%BE%D0%B4%D0%B8_%D0%A8%D3%AF%D1%80%D0%B0%D0%B2%D3%A3

## РОЛЬ ИНТЕЛЛЕКТУАЛОВ ВО ВРЕМЕНА СОВЕТСКОГО ТАДЖИКИСТАНА

**БЕКОВ Д.**

*В данной статье исследуется процесс интеллектуальности в советское время. В этот период видна деятельность интеллектуалов в лице поэтов и писателей. Кроме того, Октябрьская Революция оказала влияние на просветительский процесс этого периода. С другой стороны, в данной статье рассматриваются следующие вопросы: роль интеллектуалов в советское время. Обязанности интеллектуалов в этом обществе. Интеллектуальные личности советской эпохи. Влияние политической ситуации советское время на деятельность интеллектуалов.*

***Ключевые слова:*** *интеллектуалы, Родина, нация, религия, образование, поэты, писатели, просветительский реализм, социалистический реализм.*

## THE ROLE OF INTELLECTUALS IN SOVIET TAJIKISTAN

**BEKOV D.**

*This article examines the process of intellectuality in the Soviet era. During this period, the activity of intellectuals in the person of poets and writers is visible. In addition, the October Revolution had an impact on the educational process of this period. On the other hand, this article discusses the following issues: the role of intellectuals in the Soviet era. Duties of intellectuals in this society. Intellectual personalities of the Soviet era. The influence of the political situation of the Soviet era on the activities of intellectuals.*

***Key words:*** *intellectuals, motherland, nation, religion, education, poets, writers, enlightenment realism, socialist realism.*

## ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА С КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ ПОСЛЕ ПРИОБРЕТЕНИЕ НЕЗАВИСИМОСТИ

**ДАВЛАТОВА РАХИМА АЛИЕВНА**
Магистрант Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ: Адрес: 735025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Тел: +992 915477336 E – mail: rahimadavlatova0@gmail.com

*В данной статье рассматривается история и развития экономического сотрудничества между Таджикистаном и Китаем после обретение независимости. В исследовании рассмотрены развитие и проблемы таджикско-китайского взаимодействия в области экономики, культуры, а также векторы сотрудничества Таджикистана и Китая в двустороннем и в условиях реализации национальной стратегии развития Таджикистана до 2030 года.*

*Отмечается большой интерес к дальнейшему развитию и расширению межгосударственного сотрудничества, и отмечается, что за период независимости между Таджикистаном и Китаем совместными усилиями это сотрудничества вышло на более высокий уровень в сфере экономики и торговли.*

*Привлечение большого числа предпринимателей и инвесторов из Китая к реализации совместных проектов двух стран в сфере создания предприятий в сфере промышленности, экономики и торговли считается приоритетным и перспективным направлением широких межгосударственных отношений.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Китай, таджикско-китайские отношения, экономика, финансы, промышленность, торговля, импорт, экспорт, обмен, инвестиция, национальная стратегия.*

В середине 80-х – начале 90-х годов прошло столетия первое в мире социалистического государства, самое большое в XX веке по территории и количеству проживающих на ней национальности и народностей – Союз Советских Социалистических Республик (СССР) – вступило в полосу системного кризиса: политического, экономического и социального. [6, с.3]. После распада Советского Союза 1991 году, все пост Советские Республики получили суверенитет и независимость. Республика Таджикистан 9 сентября 1991 г приобрел независимость. Таджикистан - индустриально-аграрная страна, в которой за годы независимости значительно изменилась структура занятости, произошла индустриализация экономики. Активно реализуется Национальная стратегия развития до 2030 года, и развивается производство промышленной продукции. Несмотря на сложное состояние мировой экономики, в частности энергетические и продовольственные кризисы, ВВП республики показал неплохие результаты. ВВП Таджикистана по итогам 2022 года увеличился на 115 млрд. сомони. Ранее в ежегодном выступлении перед парламентом страны Основатель мира и национального единства, Лидер нации – Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон заявил, что в экономическом плане год был успешным для республики.

С обретением государственной независимости Республика Таджикистан начала проводить самостоятельную, миролюбивую, прагматичную, взвешенную внешнюю политику, и выстраивать взаимовыгодные связи с другими государствами. Одной из первых стран, признавшей независимость Республики Таджикистан, стала Китайская Народная Республика (КНР), с которой в 1992г. были установлены дипломатические отношения. Таджикистан рассматривает, как одного из надежных и ключевых партнеров в центрально-азиатском регионе, и упрочение взаимовыгодного сотрудничества, дружественных и добрососедских отношений с Китайской Народной Республикой – одна из основных приоритетных задач внешнеполитического курса Республики Таджикистан. Связано это, прежде всего, с имеющимися общими государственными границами, схожими задачами и целями по развитию экономики, общностью политических и культурных национальных ценностей. Кроме того, немаловажное значение имеет политическое и экономическое влияние Китая в азиатской – тихоокеанском регионе, а также на международной арене, в целом. [5, с.3].

## Китайская Народная Республика

Китайская Народная Республика приобрела независимость 1 октября 1949 г. Китай имеет крупнейшие в мире по численности вооружённые силы и является ядерной и ракетной великой державой и имеет вторую мировую экономику. Ее крупнейшими торговыми партнерами являются США и государства Азиатско-Тихоокеанского региона. Основными статьями экспорта являются электроника, устройства для обработки данных, микрочипы, микросхемы и ткани. Основными статьями импорта являются нефтепродукты, электроника, оптика, медицинское оборудование, железная руда и транспортные средства.

В Центральной Евразии Китай проявляет осторожный прагматичный стратегический подход, с учетом того, что основные его внешнеполитические проблемы в настоящее время носят глобальный характер. Тем не менее, интересы Китая в регионе четко обозначены: борьба с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом; обеспечение безопасности в пограничных районах; поддержание стабильности в регионе; содействие экономическому развитию; обеспечение дружественных отношений стран региона к Китаю; недопущение монопольного контроля над Центральной Евразией государств, враждебных к Китаю; недопущение создания в регионе военных союзов, направленных против Китая; обеспечение открытости для Китая энергетических ресурсов региона. Данные региональные интересы Китая проецируются в какой-то мере на современные таджикско-китайские отношения.

## Таджикско-Китайские отношения

Таджикско-китайские дипломатические отношения были установлены 4 января 1992 г. Международно-правовые основа двустороннего взаимодействия составляют более двух сотен договоров и соглашений в различных областях. Того же года 13 марта посольство Китайской Народной Республики было учреждено в городе Душанбе. Посольство Республики Таджикистан в Пекине было учреждено не сразу, так как после распада Советского Союза (СССР) и приобретение независимости в стране преобразовались внутриэтнический конфликт между сторонниками центральной власти и различными группировками в лице Объединённой таджикской оппозиции. В стране образовался, гражданская война послужил ряд причин: сложившееся к тому времени тяжёлое экономическое положение, общинный уклад жизни таджиков и высокая степень их религиозности. В итоге гражданская война в Таджикистане длилась с 1992-го по 1997-й. Моральный ущерб: были убиты десятки тысяч сыновей Отечества, свыше 1 миллиона стали беженцами и вынужденными мигрантами. Общий материальный ущерб составил более 7 миллиардов американских долларов. [10, с.397]. Посольство Республики Таджикистан в Пекине было учреждено 7 апреля 1997 года.

Основными документами, регулирующие двусторонние отношения, являются: Совместная декларация об основных принципах сотрудничества между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой (Пекин, 9 марта 1993 г.); Соглашение о дружбе, сотрудничестве и добрососедстве (Пекин, 15 января 2007 г.); Совместная декларация глав государств Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики об установлении отношений стратегического партнерства (Пекин, 20.05.2013 г.). Только в сентябре 2015 года был подписан ряд документов: Меморандум о взаимопонимании между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Китайской Народной Республики о разработке Программы сотрудничества; Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Китайской Народной Республики о техническом и экономическом сотрудничестве; Программа культурного обмена Министерство культуры Республики Таджикистан и Министерство культуры Китайской Народной Республики. Республика Таджикистан и Китайская Народная Республика подписали ряд соглашений в области образования: Соглашение между Министерством образования Республики Таджикистан и Китайской Народной Республикой о сотрудничестве в области образования (1 февраля 2002 г.); Дополнительный протокол к Соглашению между Министерством образования Таджикистана и Китай по сотрудничеству в области образования (15 января 2007 г.). В двусторонних отношениях важную роль играет Межправительственная комиссия по сотрудничеству между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой, проводя ежегодные встречи в Душанбе и Пекине. [7]. С 2013 г. начинается новый этап сотрудничества Таджикистана и Китая. 20 мая 2013 г. два государства подписали Совместную декларацию об установлении отношений стратегического партнёрства.

Таджикско-китайское взаимодействие отчетливо проявляется в таких сферах, как глобальное регулирование интернета, борьба с кибер преступностью, реформирование международных финансовых институтов и расширение в них прав развивающихся стран. Таджикистан и Китай тесно сотрудничают в рамках глобальных организаций (ООН, ВТО) и в ШОС.

Одним из приоритетов геополитики Таджикистана является китайский вектор. Таджикистан сотрудничает с Китаем в области политики, экономики, безопасности, культуры.

За последние 3 5 лет Китай превратился в один из наиболее влиятельных мировых держав, создав собственную модель развития. Китай выполнил задачу по созданию общества среднего достатка и искоренил крайнюю бедность в полуторамиллардной стране. Как известно, Китай стал второй экономикой мира еще в 2007 г., отодвинув Японию, занимавшую данное место в течение более четверти века. В настоящее время экономика Китая КНР по уровню достижений приблизилась к США. По итогам 2020 г. Китай единственный из крупных экономик показал рост ВВП на 2%,

в 2021 г. МВФ ждет 8% с перспективой, что уже в этом десятилетии КНР обгонит США по номинальному ВВП. К 2025 г. КНР планирует полностью построить материальную базу для того, что Всемирный экономический форум называет «индустриализацией 4.0». Параллельно Пекин, учитывая опыт торговой войны с США, форсирует масштабную программу импортозамещения критически важных технологий. [3]. Переломным историческим событием можно обозначить итоги 5-го пленума ЦК КПК 19-го созыва, итоги которого отразятся на геополитической динамике Центральной Евразии. 26-29 октября 2020 г. на 5-м пленуме ЦК КПК 19-го созыва Китай утвердил доктрину «двойной циркуляции» в качестве повестки экономического плана на 2021-2025 гг., ориентированный теперь на модель китайской экономики спроса — внешний и внутренний, не закрываясь от внешнего мира, переориентировать экономику на внутренний рынок. В планах нет количественных показателей производства. План дает ориентир того, развитие каких отраслей является приоритетным, какие проблемы нужно ставить во главе угла, а какие можно отложить на второй план. В пятилетке выдвигаются две главные задачи - повышение роли внутреннего спроса и ускорение работы по импортозамещению в ключевых технологиях, где Запад вводит ограничения для Китая. [11].

Политика Китая по созданию новой модели развития «двойной циркуляцию», ориентированной на внутреннюю циркуляцию при одновременном содействии дополняющих друг друга внутренних и международных двойных циркуляцией не является замкнутым внутренним циклом, а представляет собой проекцию регионального китайского на глобальные процессы. Китай, расширяя свои интересы, делая китайский рынок мировым рынком, будет углублять глобализационные процессы, но уже по китайским правилам. Примечательно, что в условиях пандемии уже в третьем квартале 2020 г. китайский ВВП, согласно представленным 19 октября 2020 г. данным Государственного статистического управления КНР, увеличился на 4,9% (за тот же период 2019 г. ВВП прибавил 6%).[8]. Исходя из новых приоритетов, в Центральной Евразии Китай будет проводить ту внешнюю политику, которая будет максимально содействовать реализации новой китайской модели развития страны - «двойной циркуляции» и общей стабильности граничащего с Китаем региона. Китай вступает в новый этап экономического взаимодействия с центрально - евразиатским регионом, открывая свой рынок для стран Центральной Евразии. Стратегия Пекина состоит из двух частей: он предлагает доступ к своему рынку с его 1,4 млрд потребителей, и одновременно финансирует ориентированные на экспорт предприятия, заинтересованные в выходе на этот высоко конкурентный рынок. Центрально евразиатским государствам не обязательно доминировать на китайском рынке, так как даже небольшая доля в нескольких секторах принесет внушительные дивиденды. Данная китайская стратегия направлена не только для того, чтобы сделать регион экономически стабильным, создать возможности инвестиций для китайских компаний, но и в большей степени для большего усиления политического влияния Китая. У экспертов есть опасения, что, выходя на китайский рынок, страны Центральной Евразии получают не только возможность зарабатывать валюту и создавать дополнительные рабочие места, но и дают Китаю в будущем мощные рычаги воздействия на государства региона при блокировке китайских рынков.[4].

В начале третьего десятилетия XX в. отношения Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики (КНР) претерпевают важные изменения. Между тем, Китай вносит значительный вклад в реализацию Национальной стратегии развития Таджикистана до 2030 г. Еще в ноябре 2014 г. Президент Таджикистана Эмомали. Рахмон на саммите АТЭС в Пекине публично сформулировал позицию Душанбе по отношению к китайской инициативе «Один пояс и один путь». В своем выступлении Президент РТ подчеркнул, что Таджикистан рассматривает инициативу ОПОП как «возможность для решения задачи взаимного экономического роста» и, что таджикское государство надеется сыграть роль «связующего моста» между Китаем и

сопредельными странами и привлечь дополнительные источники финансирования в свои инфраструктурные проекты. [2].

*The article is devoted to assessing the current state of interstate cooperation between China and the states of Central Asia. It gives a general description of China's cooperation in the Central Asian region, as well as the features of China's interstate relations with each specific country in the region. The article explores the main problems of these relations, as well as the possible directions of their development in the near future. Also in this article, the modern specificity of trade and economic relations of the People's Republic of China with the countries of*

*Central Asia is considered. Central Asia is of interest to China because of its geopolitical position, significant reserves of various natural resources, and also because it is a promising market for Chinese goods. At present, the development of trade and economic cooperation between the states of Central Asia and the PRC has a positive trend, and China is one of the key partners of this region in a wide range of areas of interaction. The main area of cooperation between China and the countries of Central Asia has become the production, processing and transportation of oil and gas to China. Prospects for the development of trade and economic cooperation between the PRC and the countries of Central Asia are associated with the implementation of projects within the framework of the Chinese initiative "One Belt One Road".*

***Keywords**: People's Republic of China, Central Asia, Central Asian states, economic cooperation, Silk Road Economic Belt, energy resources, interstate relations.*

## НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

**ЮСУФӢ ФАРХУНДА**
магистранти курси дуввуми ихтисоси Муносибатҳои байналхалқии ИОМДАИ АМИТ. Тел:933 3780 08, e-mail:yusufifarkhunfa@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур нақш ва мақоми дипломатияи обӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ паҳлуҳои амалӣ ва назариявии он мавриди таҳлилу баррасиҳои ҳамаҷонибаи муаллифон қарор гирифтааст. Дар ҷаҳони муосир таъсири равандҳои ҷаонишавӣ рӯз ба рӯз афзун гардида, хатарҳоеро ба монанди тағйирёбии иқлим, мушкилоти демографӣ, амнияти озуқаворӣ, вазъи экологии ҷаҳон ва ғайра ба миён овардааст, ки пешгирӣ аз ин хатарҳо бе иштирок ва талоши якҷояи кишварҳои ҷаҳон дар сатҳи байналмилалӣ имконнопазир мебошад. Бинобар дар шароити босуръати ҷаонишавӣ ва тавсеаи рузафзуни равандҳои ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ яке аз самтхои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани ҳамкориҳои бисёрҷониба бо созмонҳову ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф бар он ақидаанд, ки панҷ ташаббуси ҷониби Тоҷикистон, аз ҷумла соли 2003 - Соли байналмилалии «Оби тоза», солҳои 2005 - 2015 Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", соли 2013 - Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» ва ташаббуси панҷуми Тоҷикистон вобаста ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" иммиҷи кишварро дар арсаи байналмилалӣ баланд намуд. Дар мақола муаллиф нақши ташаббусҳои оламшумули Тоҷикистонро дар самти об дар шароити ҷаҳонишавӣ назаррас арзёби намудаанд.*

Дар ҷаҳони муосир таъсири равандҳои ҷаонишавӣ рӯз ба рӯз афзун гардида, хатарҳоеро ба монанди тағйирёбии иқлим, мушкилоти демографӣ, амнияти озуқаворӣ, вазъи экологии ҷаҳон ва ғайра ба миён овардааст, ки пешгирӣ аз ин хатарҳо бе иштирок ва талоши якҷояи кишварҳои ҷаҳон дар сатҳи байналмилалӣ имконнопазир мебошад. Бинобар дар шароити босуръати ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи рузафзуни равандҳои ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ яке аз самтхои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани ҳамкориҳои бисёрҷониба бо созмонҳову ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. То ба имрӯз Тоҷикистон ба аъзогии созмонҳои зиёд ва гуногуни сатҳи байналхалқӣ ва минтақавӣ пазируфта шудааст, ки дар доираи ҳар яке аз онҳо манфиатҳои худро ҳифз менамояд.

Дар тули солҳои Истиқлоли давлатӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин масоили муҳим ва мубрам, ки хислати умумибашариву ҷаҳонӣ доранд, аз минбарҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ борҳо суханронӣ намуда, ҷиҳати пешгириву ҳалли он таъкид варзидаанд. Дар муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нақш ва макоми чунин созмонҳои байналхалқӣ:

Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, Машварат ва тадбирҳои Бовари дар Осиё ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ афзалияти хосса доранд. [6]

Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшиш менамояд, ки барои боло бурдани нақш ва мақоми хеш дар низоми сиёсии олам бо созмонҳои мухталифи байналхалқӣ ҳамкории ҳамаҷонибаро пайваста тақвият бахшад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ташкил ва ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибихтиёр, муайян намудани самтҳои асосии рушди муносибатҳо бо кишварҳои дуру наздик ва инчунин дигар субъектҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла бо созмонҳои гуногуни байналхалқӣ ба давраи бениҳоят душвори кишвар, минтақа ва ҷаҳон рост омада буд. Зеро дар ин давраи бениҳоят ҳассос ва душвор фаҳмиши амиққ ва дурусти мушкилоти дохилӣ, дарки масъалаҳои муҳими минтақавию байналмилалӣ, биниши васеи стратегӣ ва дурандешии сиёсати дохилӣ ва хориҷиро тақозо менамуд. Дар ин самт Тоҷикистон хамкорӣ бо созмону ниҳодҳои сатҳи байналхалқиро василаи муҳим дар муборизаи дастҷамъона бо хатару мушкилҳои глобалии замони муосир, саҳнаи ҳаллу фасли ихтилофот ва мушкилот дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳкими амнияту суботи ҷаҳонӣ дониста, мунтазам дар ҳама гуна чорабиниҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок менамояд .

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар асоси равандҳои глобализатсионӣ, муборизa ва рақобати кишварҳои мухталифи ҷаҳонӣ баҳри ҳимоя намудани манфиатҳои геополитикӣ ва ба даст овардани сарчашмаҳои ашёи хом, ташаккули ҷараёнҳои мухталифи террористиву экстремистӣ, нисбати кишварҳои хурд, ба монанди Тоҷикистон хатару таҳдидҳои нав ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва пайваст гардидани кишвар ба равандҳои глобалии рушди ҷомеа, яке аз бахшҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Дар алоқамандӣ бо ин таърихи ворид гардидани Тоҷикистон ба сохтори муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун давлати хурд хеле муфид аст. Тоҷикистон ҳамчун давлати хурд дар маркази диққати манфиатҳои сиёсӣ ва геополитикии бозингарони бузурги системаи муносибатҳои байналхалқӣ ққарор гирифта буд. [17]

ҚҚувват гирифтани вобастагии тарафайни давлатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти байналхалқӣ, инчунин доираи васеи хатар ва таҳдидҳои муосири минтақа тамоми кишварҳои Осиёи Марказиро ӯҳдадор менамояд, ки дар сатҳи олӣ масъалаҳои таъмини якҷояи амният ва устуворро дар тарҳҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баррасӣ намоянд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ 29 январи соли 1992 дар ҷаласаи Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид қатънома оид ба тавсияи дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати узви комилҳуқуқи СММ кабул гардид. Ниҳоят 2 марти соли 1992 Тоҷикистон ба узвияти ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд ва то инҷониб узви зиёда аз 80 созмони минтақавию байналмилалӣ мебошад. [17]

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон ҳамчун кишвари созандаву ташаббускор дар ҳалли масоили глобалӣ ва таъсиргузор дар танзими равандҳои сиёсии минтақа мешиносанду эътироф мекунанд. Бо истифода аз сиёсати «дарҳои боз» бо мақсади таъмини амнияти устувор ҷиҳати пешгири аз хатарҳои афзояндаи ҷаҳони муосир пайваста робитаҳои дипломатии худро бо кишварҳои дуру наздик васеъ менамояд. Имрӯз Тоҷикистон бо беш аз 180 давлати ҷаҳон муносибатҳои дипломатии худро дар асоси принсипҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ барқарор намуда, барои бартараф намудани масоили мухталиф, аз чумла дар ҳалли мушкилоти глобалии сайёра ташаббусҳои созандаро пешниҳод мекунад ва пайваста мекушад, ки барои таъмини амнияти минтақавӣ, дар ҳалли мушкилоти ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла дар масъалаҳои вобаста ба об ва тағйирёбии глобалии иқлим, мубориза бо терроризму ифротгароӣ,

барқароршавии сулҳ дар Афғонистон, қочоқи маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили хусусияти фаромиллидошта мавқеи устувор ва калидиро ишғол намояд. [5]

Ба ҳамагон маълум аст, ки масъалаи ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ҳамеша дар мадди назари Асосгузори сулҳу Вҳҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон карор дода шудааст ва зикр кардан зарур аст, ки Тоҷикистон ҷонибдори низоми ҷаҳонии одилона, бидуни ҷангу низоъ, густариши ҳамкориву шарикии баробар ва судманди ҳамаи кишварҳои олам, таъмини амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бо роҳи созишу муколамаи созанда бар асоси Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Хусусан дарҷ карда шуда буд, ки бо дарназардошти воқеияти кунунӣ ва бо мақсади таъмини амнияти устувор ҷиҳати пешгирӣ аз хатарҳои афзояндаи терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои замони муосир мо Тоҷикистон омодааст ҳамкориҳои густурдаро бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва кишварҳои шарик тақвият бахшад. [8]

Бояд қайд кард, ки имрӯз мушкилоти норасоии оби тоза дар олам ба мушкилоти глобалӣ табдил ёфтааст. Дар марҳилаи имрӯза қариб тамоми минтақаҳои дунё, ҳатто давлатҳои пешрафтаи Аврупо аз норасоии оби ошомиданӣ танқисӣ мекашанд. Вале вазъият дар қураи Африқо, бахусус дар қисмати ҷануби Сахара нигаронкунанда мебошад. Мутахассисони соҳа ба он назаранд, ки тағйирёбии иқлим, хушксолӣ, афзоиши босуръати аҳолӣ ва коҳиши захираҳои обӣ Сахараро яке аз минтақаҳои осебпазиртарини дунё намудааст. Дар ин минтақа тақрибан 340 млн. нафар ба оби ошомидании босифат дастрасӣ надоранд. Дар баробари ин имрӯз зиёда аз 663 миллион нафар одамон дар назди ҷойи истиқомати худ ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Мувофиқи иттилои сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид «Соли 2030 700 миллион одамон аз норасоии оби ошомиданӣ ру ба муҳоҷират хоҳанд намуд. Ин омилҳо пеш аз ҳама ба он ҳушдор месозанд, ки бояд ин захираи табиӣ сарфакорона истифода бурда шавад.[11]

Пушида нест, ки зиёда аз 60%-и захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ҷойгир шудаанд. Бинобар ин таъмини накши созандаи кишвари мо дар масоили марбут ба оби тоза дар минтақа ва арсаи ҷаҳонӣ яке аз самтхои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ин росто он ҳам ба манфити миллат ва ҳам ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ созгор мебошад. Имрӯз муҳокима ва баррасии тамоми масъалаҳои марбут ба захираҳои об, тарҳрезии талошҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти таъмини дастрасии ҳамагонӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва роҳандозии ҳамкорӣ дар ҳама сатҳҳо бо иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта истодааает. Дар ин самт, Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои ҳассос ба шумор меравад ва Тоҷикистон, ҳамчун кишвари дорои захираи фаровони об, ҳамеша ҷонибдори истифодаи оқилонаву самараноки сарвату захираҳои он тавассути ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ буда, татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт меҳисобад ва кушиш менамояд, ки дар амалӣ намудани лоиҳаҳои хурду бузург пешсаф бошад. [13]

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти манфиатҳои муштараки минтақавӣ ва бар пояи принсипҳои накӯҳамсоягӣ, эҳтиром ва дарки воқеии манфиатҳои мутақобила, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда амалӣ менамояд ва чун кишвари болооб ва манбаи асосии ташаккули захираҳои обии Осиёи Марказӣ, ҳеҷ гоҳ барои таъмини минтақа бо об монеа эҷод намекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳандозии густурдаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об, ҳадафи бозидани нақши фаъол дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар сатҳи ҷаҳониро пайгирӣ мекунад. Дар доираи ин дипломатия ва дар пайравӣ аз ташаббусҳои созандаи марбут ба об («Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013» соли Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028 ва

Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ), ки мавриди истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд, амалӣ намудани ибтикороти тоза дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, қабл аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид пешбинӣ мешавад. Ҳадаф аз ин ибтикорот таъкиди зарурати ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об ҷиҳати бақои ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст. [16]

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ барои истифодаи сарватҳои табиии худ, аз ҷумла захираҳои обии қаламраваш ҷиҳати рушди устувори кишвар ва таъмини зиндагии шоистаи мардум ҳуқуқи комил дорад ва ин ҳуқуқи худро дар мавриди истифодаи захираҳои обӣ бо дарназардошти манфиатҳои муштараки минтақавӣ ва аз руйи принсипҳои накӯҳамсоягӣ, эҳтиром ва дарки воқеии манфиатҳои мутақобила, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда амалӣ менамояд ва чун кишвари болооб ва манбаи асосии ташаккули захираҳои обии Осиёи Марказӣ ҳеҷ гоҳ барои таъмини минтақа бо об монеа эҷод намекунад.

Бояд қайд кард, ки ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об имкон фароҳам оварди, ки мавриди дастгирии чомеаи байналмилали карор гирифта, мафҳуми дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об дар амал ташвиқ ва татбиқи худро ёбад. Ташаббусҳои Тоҷикистон дар асри XXI ҳадафи стратегии навро барои инсоният ва таъмини ҳаёти арзандаи одамон эҷод намуданд. То имрӯз панҷ ташаббуси ҷониби Тоҷикистон, аз ҷумла соли 2003 - Соли байналмилалии «Оби тоза», солҳои 2005 - 2015 Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", соли 2013 - Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» ва ташаббуси панҷуми Тоҷикистон вобаста ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо" ва аз соли 2025 минбаъд ҳар сол таҷлил кардани рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ ёфтааст, ки ин иқдомоти Роҳбари дурандешу хирадманди тоҷикон - Эмомалӣ Раҳмон дар самти рафъи мушкилоти глобалии сайёра, аз ҷумла об ва пешгирӣ аз тағйирёбии иқлим, муҳиму назаррас арзёбӣ мегарданд. [8]

1. Соли 2003 – Соли байналмилалии оби тоза, ки дар сессияи 55-ум бо Қарори Ассамблеяи СММ аз 20 декабри соли 2000 таҳти №55/196 қабул гардидааст.
2. Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», 2005-2015, ки дар сессияи 58-ум бо Қарори Асамблеяи Генералии СММ аз 23 декабри соли 2003 таҳти №58/217 қабул гардидааст.
3. Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об– 2013, ки дар сессияи 65-ум бо Қарори Асамблеяи СММ аз 20 декабри соли 2010 таҳти 65/154 қабул гардидааст.
4. Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018-2028, ки дар сессияи 71-ум бо Қарордоди Асамблеяи Генералии СММ аз 21 декабри соли 2016 қабул гардидааст.
5. 14 декабри соли 2022 дар иҷлосияи 77-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи "2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряххо", ки аз ҷониби Прездентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардида буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Ин иқдом бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд. 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардид.

Бояд қайд кард, ки айни замон тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряххо гардидааст. Дар тули ду даҳсолаи охир тибқи нишондоди маълумотҳои оморӣ дар Тоҷикистон пиряхҳои хурду бузурги зиёде нест шуда истодаанд, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳифзи пиряххо боз як масъалаи байналмилалиро ба миён овардааст.

Хулоса, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дар арсаи байналхалқӣ худро ҳамчун давлати фаъол муаррифӣ намудааст. Аъзогӣ дар созмонҳои байналмилалӣ ба кишвари мо имкониятҳои васеъро фароҳам овардааст, то ин ки дар фаъолияти ин созмонҳо фаъолона ширкат варзад, сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро шакл диҳад ва муносибати

худро нисбат ба ҳалли масъалаҳои актуалӣ ва глобалии ҷаҳони муосир озодона иброз дорад. Ташаббус ва пешниҳодоти мухталифи кишвари мо нисбати ҳалли масъалаҳои гуногун аз тарафи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ҷонибдорӣ карда мешаванд, аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон дар асоси амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ, ҳамчун давлати хурд дар арсаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳ ва мавқеи худро соҳиб гардидааст.

## АДАБИЁТ:


1. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня: В 2 т. / Под редакцией Х. Зарифи. [Текст] - Душанбе: Ирфон, 2009. - 296 с.
2. Консепция внешней политики Республики Таджикистан. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, № 332// https://mfa.tj/ru/main/view/988/kontseptsiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan.
3. Мирзоев Н. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори дипломатияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол. / Эмомали Раҳмон – Пешвои миллат. [Матн] / Н. Мирзоев. – Душанбе: «Маориф», 2016. – С. 354-355.
4. Мирзоев Н.М.Сарчашмаҳои таърихи доир ба дипломатияи тоҷик//Тоҷикистон ва сиёсати минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ (маҷмуаи илмӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолиятӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) Душанбе: 2021. 350.с С74-85
5. Мирзоев Х.Т. Инъикоси дипломатияи тоҷик дар сарчашмаҳои таърихи /Вестник Педагогического Университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Соли 2020.No 5 (88). ISSN 2219-5408. 193-198.
6. Мирзоев Ҳ.Т. Научно-культурное сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в период независимости (1991-2020 гг.) // Монография,Нушобод Душанбе: 2022. 180с. 14
7. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. [Матн] / Т. Назаров. – Душанбе, 2006. – С. 98.
8. Мирзоев Ҳ.Т. Ташаббусҳои саривақтӣ ва оламшумули пешвои миллат // https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/1676-tashabbus-oi-sariva-t-va-olamshumuli-peshvoi-millat (сомонаи расмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва аврупои АМИТ)
9. Ҳайдаров Р.Ҷ. Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими истиҷлолият дар шароити ҷаҳонишавӣ. //Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». [Матн] / Р.Ҷ. Ҳайдаров – Душанбе, 2016. – С. 26-
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017, суроғаи дастрасӣ www.president.tj, [Матн] (санаи муроҷиат 10.12.2021).
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26. январи соли 2021, URL: www.president.tj. ( санаи муроҷиат 20.05.2022).
12. Рустамзода З.Р. Созмонҳои байналхалқӣ ва истиқлолияти давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / З.Р.Рустамзода // Ахбори ДДҲБСТ. Бахши илмҳои сиёсатшиносӣ. – Хуҷанд, 2020. – №4 (85). – С. 122-128.
13. Сатторзода А. Республика Таджикистан и государства Центральной Азии: проблема региональной взаимозависимости [Текст] / А. Сатторзода // Центральная Азия: Внешний взгляд. Международная политика с центрально-азиатской точки зрения. - Бишкек: ИД «Принтхаус», 2009. - С. 458-470.
14. Сотиров В. ООН и Таджикистан: плодотворное взаимодействие и сотрудничество / В.Сотиров// Таджикистан и современный мир. - 2004. -№1(4). - С13.
15. Успешная политика дальновидного лидера нации. Статья из официального сайта Министерства экономического развития и торговли РТ//

https://medt.tj/ru/news/novosti-ministerstva-ekonomiki/1284-uspeshnaya-politika-dalnovidnogo-lidera-natsii.

16. Турсунов Т.Х. Тағйирёбии иқлим, обшавии пиряххо ва роххои пешгирии он // https://tnu.tj/wp-content/uploads/2022/12/ta-jirjobii-i-lim.pdf

17. Шарипов А. Мирзоев Ҳ.Т. Дастовардҳои сисолаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон //Мизони қонун нашрияи. Маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе. 2021. № 5, 55-62.

## РОЛЬ И МЕСТО ВОДНОЙ ДИПЛОМАТИИ В ПРОЦЕССЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

*В данной статье рассматривается роль и статус водной дипломатии в условиях глобализации ее практические и теоретические аспекты и всесторонние обзоры авторов. В современном мире влияние общественных процессов растет день ото дня, создавая такие риски, как изменение климата, демографические проблемы, продовольственная безопасность, экологическая ситуация в мире и т. д. избежать этих рисков невозможно без участия и совместных усилий стран мира на международном уровне. В связи с быстрым развитием процессов политической и экономической интеграции одним из приоритетных направлений внешней политики Республики Таджикистан является налаживание многостороннего сотрудничества с региональными и международными организациями и институтами.*

*Автор считает, что пять инициатив таджикской стороны, в том числе 2003 год - Международный год «пресной воды», 2005-2015 годы - Международное десятилетие действий "Вода для жизни", 2013 год - Международный год сотрудничества в области воды, Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы» и пятая инициатива Таджикистана в связи с объявлением 2025 года "Международным годом защиты ледников" повысили имидж страны на международной арене. В статье автор оценил роль глобальных инициатив Таджикистана в направлении воды в условиях глобализации.*

## THE ROLE AND PLACE OF WATER DIPLOMACY IN THE PROCESS OF GLOBALIZATION

*This article examines the role and status of water diplomacy in the context of globalization, its practical and theoretical aspects and comprehensive reviews of the authors. In the modern world, the influence of social processes is growing day by day, creating risks such as climate change, demographic problems, food security, the environmental situation in the world, etc. It is impossible to avoid these risks without the participation and joint efforts of the countries of the world at the international level. Due to the rapid development of the processes of political and economic integration, one of the priorities of the foreign policy of the Republic of Tajikistan is the establishment of multilateral cooperation with regional and international organizations and institutions.*

*The author believes that five initiatives of the Tajik side, including 2003 - the International Year of "Fresh Water", 2005-2015 - the International Decade of Action "Water for Life", 2013 - the International Year of Cooperation in the Field of water, the International Decade of Action "Water for Sustainable Development, 2018-2028" and the fifth initiative of Tajikistan in connection with the announcement of 2025 as the "International Year of Glacier Protection", the country's image in the international arena has been improved. In the article, the author assessed the role of Tajikistan's global initiatives in the direction of water in the context of globalization.*

**Аъзамов Субҳонҷон (Субҳони Аъзамзод) –**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**

# ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ ВА РӮДАКИШИНОСӢ ДАР НИМАИ ДУВУМИ СОЛҲОИ 20-УМИ САДАИ XX

***Вожаҳои калидӣ:*** *Забон ва адабиёти тоҷик, нақди адабӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, рӯдакишиносӣ*

Аввалин пояҳои рӯдакишиносии замони нав солҳои 20-уми садаи XX дар сатҳи муносиби замон тарҳрезӣ гардид. То ин марҳала ҷойгоҳи устод Рӯдакӣ ва шеъри ӯ дар тазкираҳои аҳди қадим ва аввалин китобҳо оид ба таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ (Ш. Нуъмонӣ, Ҳ. Эте, А. Кримский, Э. Браун ва дигарон), навиштаҳои олимони турк (В. Чалабӣ, Ҳ. Дониш, Ш. Сомӣ, Зиёпошшо, М. Купрулюзода ва дигарон) мавриди гуфтугӯи илмӣ қарор гирифта будааст. Дар адабиётшиносӣ ва сухансанҷии тоҷикии ин даврае, ки мо дар ин замина таҳқиқ дорем, рӯзгор ва ашъори Рӯдакӣ хеле кам диққати донишмандонро ҷалб карда буд. Мероси адабии Рӯдакӣ хеле пароканда буд ва дастрасӣ ба маводи пажӯҳишӣ оид ба устод Рӯдакӣ ва рӯдакишиносӣ мушкили хеле зиёд дошт.

Бинобар ин, дар солҳои 20-уми садаи XX заминае фароҳам омад, ки устод Рӯдакӣ дар ҷусторҳои адабиётшиносӣ ҷойгоҳи назаррас пайдо кунад. Ин нуктаро низ бояд дақиқан арз кард, ки рӯдакишиносии давраи аввали бунёди афкори адабиётшиносӣ дар Тоҷикистони шуравӣ аз ҷусторҳои сирф филологӣ дида, бештар ба сабку салиқаи равшангарӣ ва равшаннамоиву маърифатварварӣ наздик будааст. Ин замон равшангарон роҳҳои нозук, муассир ва ҳассоси ҷалби мардумро ба нуктаҳои зарурии дорои ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангӣ, ҳамзамон усули хоси тарғиби адабиёти гузаштаро ҷуста ва заминаҳои бунёди мафкураи адабпажӯҳиро фароҳам овардани шуданд. Ин гуна ҷусторҳо як посухи зарурӣ ба иддаои норасои пантуркистон низ маҳсуб мешуд. Аз ин ҷиҳат номи бузургони адабиёт, дар навбати аввал номи Рӯдакӣ дар замони дигаргуниҳои нав ҳамчун шиори муассир ва пешбари равшангарон қарор ёфтааст.

Муаммои дарки замони нави кишварсозӣ, муносибат ба бузургони адабиёт, таъини мақоми қаҳрамонони дилписанди миллӣ, тарғибу ташвиқи омӯзиши мероси адабии суханварон ва ғайра аҳаммияти ҳаётӣ пайдо кард ва таҷлил аз ному кори симоҳои дурахшони адабиёт василаи муносиби рӯй овардан ба адабиёти гузашта ва пойдории ҳофизаи таърихии миллат ба ҳисоб омад.

М. Раҷабӣ дар "Ислом: ҷадидия ва инқилоб" ва "Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ" аслу решаи чунин навъ баррасиро дар адабиёти фарҳанги тоҷикии охири садаи X1X ва даҳсолаи аввали асри XX ҷустааст, ки дар он давра "ҳофизаи таърихии фарҳангии ҷадидия (ифтихор ғолибан аз замони сомониён ва ба воситаи чунин "идеал" ривоҷи маорифпарварӣ) фаъолият мекард" [4, с. 72-73].

Аз ин нуктаи назар, андешаҳои муносиб дар бораи рӯзгор ва ҷойгоҳи шоирии Рӯдакӣ аввалан дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ ҷой гирифта, онҳо то падид омадани таҳқиқоти рӯдакишиноси эронӣ Саид Нафисӣ (1930-1940), мақолаи профессор А. А. Семёнов «Ду шоири бузурги Сомониён – Рӯдакӣ ва Дақиқӣ» (1936, 1939), фишурдамақолаи «Устод Абулҳасан Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода дар маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), маҷмуаи илмии «Устод Рӯдакӣ» дар таҳияи С. Айнӣ ва А.

Деҳотӣ (1940), рисолаи академик А. Мирзоев «Абуабдулло Рӯдакӣ» (1958) ва дигарон аз сарчашмаҳои муҳим маҳсуб мешуданд.

Ба ин маънӣ, бо хидматҳои мусаннифи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар баёни шарҳи ҳоли Рӯдакӣ иқдоми хосе шуда, ба ин муносибат Рӯдакӣ бори дигар ба воситаи ин тазкира мавриди гуфтугӯи аҳли таҳқиқ қарор гирифт. Бо ин тазкира аввалин маротиба 45 байти устод Рӯдакӣ ба хазинаи шохаи рӯдакишиносӣ илова гардид. Аз ин рӯ, ба ин марҳалаи фароҳамоварии ашъори шоир аз нигоҳи матншиносӣ ҳам бояд таваҷҷуҳ кард.

Дар байни ин силсила таълифоти Т. Зеҳнӣ оид ба Рӯдакӣ таҳти унвони «Шоири бузурги нахустини тоҷикон» (1925) яке аз кӯшишҳои пурсамари оғози рӯдакишиносии тоҷикӣ ва ягона мақолаи ҷудогона дар контексти сухансанҷии тоҷик оид ба устод Рӯдакӣ аз нигоҳи фарорафт ба матолиби муҳимму мондагори рӯзгор ва нақди шеъри шоири аҳди Сомониён арзиши баланд дорад, ки, мутаасифона, дар рисолаи ҷамъбастии рӯдакишиносии тоҷикии солҳои 50-уми садаи XX – китоби «Абуабдулло Рӯдакӣ»-и А. Мирзоев аз доираи гуфтугӯ берун монда ва арзишу аҳаммияташ сарфи назар шудааст. Таваҷҷуҳ ба ин мақола ва матолиби андешаҳои Т. Зеҳнӣ дар солҳои 80-уми садаи XX оғоз ёфт [4].

Мақолаи Т. Зеҳнӣ аввалин навиштаи пуртаҳлил ва натиҷабахш дар замони нав мебошад. Бо нигариши равшангаронаи Т. Зеҳнӣ қазияи бунёди маънавӣ ва расидан ба арзишҳои гузашта хусусияти хеле назаррас пайдо кард ва майл ба рӯзгори гузашта ранги нав дарёфт ва эҳсоси ифтихор аз таъриху адабиёти гузашта баланд гардид.

Решаи равшангарии мақолаи Т. Зеҳнӣ дар он аст, ки ӯ баробари зикри нуфузи шахсият, арзиши шеъри устод Рӯдакӣ, нақди андешаҳои тазкиранигорон ва муаррифии афкори ноқидони рӯдакишинос аввалин маротиба дар замони навин «ба тариқи маслаҳат ба Назорати маорифи кишварии Тоҷикистон ва Шурои илмии тоҷикони Ӯзбекистон» масъалаи ҷашни ҳазораи Рӯдакиро ба миён гузоштааст. Дар ин ҷода ба таҷрибаи баргузории чаҳорсадсолагии зодрӯзи Муҳаммад Фузулӣ ва таҷлили ҷашни панҷсадсолагии Алишер Навоӣ равшан ишора шудааст. Аз ин ҷиҳат, муаллиф дар қиёс бо намояндагони адабиёти озарбойҷониву ӯзбекӣ бо ҳисси ифтихор навиштааст, ки «ҷашни Рӯдакӣ ба тамоми порсизабонони Шарқзамин аҳаммияти бузург дорад» [2-II].

Равшангароне монанди Т. Зеҳнӣ ба чунин нуктаи муҳим диққати аҳли замонро ҷалб карданӣ шуданд, ки «наҷоди Рӯдакӣ набояд бесавод бошад. Барои миллате, ки беш аз ҳазор сол шоир ва нависандаи калоне монанди Рӯдакӣ дошта, барои миллате, ки осори адабӣ, илмӣ, фаннӣ ва ахлоқии он ба ҳазор сол пеш аз ин дар дунё ба ёдгор монда, бесаводӣ нанг аст, айб аст, зиллат аст» [2-II].

Ҳадафи муҳимтарин аз таъкиди нақши таърихӣ-фарҳангии симоҳои дурахшони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, асосан, ба эҳёи руҳи миллӣ, шинохти мардуми аслӣ ва соҳибтамаддуни Осиёи Миёна будани тоҷикон, бозкушоӣ кардани таърих барои эҳсоси масъулият дар назди сарнавишти миллату ватан равона шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки Рӯдакӣ барои мо – тоҷикон хеле хидматҳои қиматдоре кардааст ва мо аз он оҷиз ҳастем.

Дар ин гуна ҷусторҳо барои бознамоии пайванди замона бо гузашта, боз кардани шаҳомати адабиёти гузашта ва ангезиши ҳарчи бештари он дар андешаи аҳли замон кӯшиши фаровон ба харҷ рафтааст. Ба ин маънӣ, бо кӯшишу талоши зиёиёни ин замон таваҷҷуҳ ба ному кори устод Рӯдакӣ бештар гардид. Шаҳомату азамат ва густариши жарфи рӯдакишиносӣ аз самараи ҳамин кӯшишҳост…

Назари интиқодӣ дар мақола барои мутолиаи сифатҳои хос ва мумтози даврai нави адабиёт ба хидмат меояд. Аввалан, мақола дар нақди шеър ва нуфузи шоирии Рӯдакӣ ҷойи холии рӯдакишиносии ҳавзаи тоҷикони Осиёи Миёнаро дар замони охир пур намуд. Ин мақола аз нахустин кӯшишҳои назарраси таъини қимати шеъру шоирии бунёдгузори адабиёти форсӣ дар замони нав ба ҳисоб меравад. Аз он сабаб, ки дар ҷусторҳои адабшиносӣ ва наққодии тазкиранигории садаи Х1Х ба ному шеъри устод Рӯдакӣ кам таваҷҷуҳ шудааст, ин ном дубора бо кӯшишу талоши зиёиёни тоҷик дар даврai нав ба муомилаи адабиётшиносӣ ворид гардид.

Мақолаи Т. Зеҳнӣ нахустин кӯшиши радду бадали ахбор, асноду нақди тазкиранависони гузашта – Давлатшоҳи Самарқандӣ, Лутфалибеги Озар, Ғуломалихони Озоди Балгиромӣ оид ба мақом ва арзиши шеъри Рӯдакӣ аст: ҳудуди ҷуғрофии омӯзиши мавзуъ низ хеле доманадор ва густурда ба назар мерасад. Бо арзёбии муаллифи мақола дар таъйини мақоми Рӯдакӣ ва шеъри ӯ ҳосили нақду муҳокимаҳои муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳи олими турк Муҳаммад Фуод Купрулузода ба хазинаи нақду адабиётшиносии тоҷик ворид шудааст, ки шеъри Рӯдакиро аз лиҳози «қудрати лисон» соҳиби «сарвати хаёл» ба шумор оварда ва «дар қасидаҳояш дорои як адои самимӣ» [2-I] будани ӯро таъкид менамояд.

Бо мақола аҳли таҳқиқ ва мутолиаи тоҷик аз матолиби асари Ҳусайни Дониш ном тарғибгари хушсалиқаи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ дар кишвари Туркия «Саромадони сухан» огоҳ мешаванд, ки афкори наққодии ӯ дар мавриди офаринишгарии Рӯдакӣ хеле ҷолиб аст: «Рӯдакӣ қасидаҳояшро ба авсофе, ки ба зебоиҳои табиат ва бадеаҳои фитрӣ оид аст, зиннат медиҳад. Масалан, ба мавсими баҳор рост ояд, чунин тасвири нозуконаро истифода менамояд: табиат ба камоли хуррамӣ, перостагӣ расида, боғистон бо навниҳолон ва гулҳои шукуфта оростагӣ дида, насими атрбез, шохсорҳо бо таъсири боди баҳорӣ ларзон ва роҳатангез» [3, с. 9].

Нақду арзёбии моҳияти воқеии шеъри шоир аз ҷониби Т. Зеҳнӣ бо камоли мӯшикофӣ ва дарки хоси зебоишиносии адабӣ сурат пазируфтааст: «Қимати шеъру шоирии Рӯдакӣ баланд аст. Услубаш равону табиист»; «қасида ва порчаҳои ӯ… чӣ қадар салис ва бетакаллуф»; «…то имкон ёфт, шеъри форсии дариро ба қолаби муайян ва мусаббат рехт»; қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён…» «чӣ қадар рақсон, хафиф ва равон» [2-II].

Дар ҳоле, ки мероси шоирии Рӯдакӣ дар ихтиёри хонандагон замони нав қарор надошт, Т. Зеҳнӣ аввалин маротиба ба олами рӯдакишиносии солҳои 20-уми садаи XX аз боби ба даст омадани 80 байт аз «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳ, «Оташкада»-и Лутфалибеги Озар, «Хизонаи омира»-и Ғуломалихони Озод, «Намунаи адабиёти Эрон»-и Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ ва «Саромадони сухан»-и Ҳусайни Донишро дарак медиҳад.

Натиҷаи бардошти зиёиёни солҳои 20-уми садаи XX буд, ки маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» низ таҷлили «Рӯзи Рӯдакӣ»-ро ба миён ниҳодааст. Дар яке аз шумораҳои ин маҷалла дар соли 1926 мақолаи муҳим бо номи «Рӯзи Рӯдакӣ» бо имзои Деҳқон ба нашр расид, ки дар арзёбии ин масъала саҳми назаррас дорад [1].

Мақола бархе аз вежагиҳои гароиши рӯдакишиносии замонро равшан мекунад. Ба ин маънӣ, дар он кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки таҷлили ҳамасолаи мақому мартабаи Рӯдакӣ ба як масъалаи муҳимми пайванду муносибати замон ба мероси адабии гузашта мубаддал шавад. Аз ин нуқтаи назар қарордоди бузургдошти Рӯдакӣ «дар таъқиби як силсила дархостҳои заҳматкашони тоҷик, чӣ ба воситаи мақолот дар рӯзномаҳо ва чӣ забонӣ» ба амал омада, тибқи ин дархост «ҷиргаи (коллегияи) Назорати маорифи

Тоҷикистон рӯзи 2-3-юми иди Наврӯз – «Соли Нав»-ро «Рӯзи Рӯдакӣ» таъин кард» [1, с. 7].

Шахсияти мустаоримзои огоҳ аз равандҳои адабиву илмӣ – Деҳқон ба қазия аз назаргоҳи иҷтимоъгарии рӯзафзуни замон ва фарорафти донишу фановарии сиёсиву иҷтимоии ин марҳалаи хоси бунёди ҷомеаи ранҷбариву табақотӣ наздик шудааст. Дар ин мақола баъзе аз майлонҳо ва равишҳои кор дар болои классикони адабиёт инъикос ёфтаанд.

Ба ин тариқ зикри чанд нукта ба назар муҳим мерасад:

1. Нақду адабиётшиносии солҳои мавриди баҳс ва рӯйоварии уламои замон ба масъалаи мероси классикӣ ҷанбаи равшангарона дошта ва тарҳи масоили пажӯҳиши адабиёти классикӣ аз диду назари равшангарӣ сурат гирифтааст.

2. Нимаи аввали солҳои бистуми садаи XX раванди нисбатан солим ва демократии муносибат ба адабиёти гузашта ва дурдонаҳои он роиҷ ва меъёрҳои матлубе барои омӯзиши он мавҷуд буд, ки дар саргаҳи ин равиш С. Айнӣ ва намояндагони мактаби илмии ӯ қарор гирифта буданд. То нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» бозтоби айнӣ ва ҳақиқии таърихи адабии тоҷикон дар пажӯҳишот ва мақолоти расмии уламои замон сурат гирифта ва арзишдоварии ҷойгоҳи шуарои гузашта, аз ҷумла Рӯдакӣ дар сатҳу савияи нақду адабпажӯҳии пешини форсӣ идома пайдо намудааст. Масалан, мақолаи Зеҳнӣ аз лиҳози нақду арзёбии афкор ва ақоиди аҳли таҳқиқ дар мавриди Рӯдакӣ аз бозҷустҳои мафкуравии расмии нимаи дувуми садаи XX тафовути комиле дорад. Дар мақолаҳои нимаи дувуми солҳои 20-ум ба баъд ранги арзёбиҳои адабӣ комилан синфиву табақотӣ аст. Барои қиёс ба мақолоти олимони солҳои 30-юми садаи XX дар боби ҷойгоҳи Фирдавсӣ ва дигар намояндагони адабиёти форсӣ таваҷҷуҳ шавад.

3. Сару садоҳое, ки дар нақди «Намунаи адабиёти тоҷик» баланд гардид, бештар ба ному мақоми устод Рӯдакӣ гиреҳ хӯрд ва ба маҳдудияти синфиву табақотии мусанниф гирифтор шуд. Муҳаққиқони замон ном ва ашъори Рӯдакиро барои паст задани шаъни синфиву табақотии мусаннифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ба кор гирифтанд. Аммо мавзуъ боиси рӯй овардани дубора ба мақом ва арзишҳои камназири осори Рӯдакӣ гардид. Маҷмуаи мақолаҳои «Устод Рӯдакӣ» дар соли 1940 марҳалаи дигари нақду назарсанҷии С. Айнӣ дар мавриди қофиласолори адабиёти форсӣ мебошад, ки нашри он низ ба расму равишҳои фикрии замона сурат гирифтааст. Ин матлаб мавзуъи баҳсу баррасии ҷудогона аст…

**Пайнавишт:**


1. Деҳқон. Рӯзи Рӯдакӣ [матн] / Деҳқон // Дониш ва омӯзгор. – 1926. – №2. – С. 7-14.

2. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Шоири нахустини тоҷикон – устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ [матн] / Т. Зеҳнӣ // Овози тоҷик. – 1925. – 7, 12-уми август.

3. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Чанд сухани судманд: маҷмуаи мақолаҳо [матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 160 с.

4. Раҷабӣ, Маъруф. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ (Асосҳои назариву эстетикии адабиёти тоҷикии марҳилаи якум. Солҳои 1920-1954) [матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 208 с.

**Аъзамов С. Б.**

**ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ ВА РӮДАКИШИНОСӢ**
**ДАР НИМАИ ДУВУМИ СОЛҲОИ 20-УМИ САДАИ XX**

***Вожаҳои калидӣ**: Забон ва адабиёти тоҷик, нақди адабӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, рӯдакишиносӣ*

Тӯрақул Зеҳнӣ яке аз намояндагони илми адаби тоҷикии садаи XX –адабиётшинос ва мунаққид мебошад, ки дар рушди адабиёт ва равнақу ривоҷи филологияи тоҷик нақши муҳиме бозидааст.

Дар мақола моҳияти ҷустуҷӯҳои илмии Тӯрақул Зеҳнӣ дар рӯдакишиносии тоҷик (солҳои 20-уми садаи бист) баррасӣ шудааст. Муаллиф кӯшидааст, ки ҷустуҷӯҳои ҳамаҷонибаи ин олими намоёнро дар рӯдакишиносӣ муқаррар намояд.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

Аъзамов Субҳонҷон Бахромҷонович – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**E-mail: subhonazamzod@mail.ru**

**Азамов С. Б.**

**ТУРАКУЛ ЗЕХНИ И РУДАКИВЕДЕНИЕ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ**
**20-ЫХ ГОДОВ XX-ГО ВЕКА**

***Ключевые слова**: Таджикский язык и литература, литературная критика, Туракул Зехни, Абуабдуллах Рудаки, рудакиведение.*

Туракул Зехни являеться одним из представителей таджикской науки и литературы двадцатого столетия – литературовед и критик, который внёс неоценимый вклад в развитие литературы и совершенствовании таджикской филологии.

В данной статьи рассматривается сущность научных изысканий Туракула Зехни в таджикской рудакиведении вторая половина 20-х годов XX века.

Автор попытаеться выявить многосторонные поиски знаменитого учёного в рудакиведении.

**Сведение об автора:**

Аъзамов Субхонжон Бахромжонович – кандидат филологических наук, заведующий кафедрой современной таджикской литературы ГУО «Худжандский государственный университет имени академика Бободжана Гафурова»

**Azamov S. B.**

**TURAKUL ZEHNI AND RUDAKIVEDENIE**
**(second half of 20-ies of the twentieth century)**

***Key words**: Tajik philology, language, literature, Turakul Zehni, Abuabdullah Rudaki.*

Turakul Zehni is one of the representatives of Tajik science and literature of the twentieth century – a literary critic, translator who made a huge contribution to the development of the Tajik literature and philology.

The article deals with the first period of the author’s scientific activity where he tried to learn the essence of Tajik science and literature of the XX century.

The author tries to reveal Turakul Zehni’s multilateral investigation in the sphere of linguistics, literature, literary criticism, folklore studies and etc.

**Information about the author:**

Azamov Subkhonjon Bahromjonovich – candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Modern Tajik Literature, Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov

# ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷалла мақолаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар ҳаҷми то 16 саҳифа пазируфта, ҳамроҳи мақола фишурдаи он низ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ талаб карда мешавад. Фишурдаи мақолаҳо набояд аз 1 саҳифа зиёд бошад. Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 14 дар як рӯяи коғази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шуда, ҳар саҳифаи навишта аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни сатрҳо – 0,5 см.

Ба дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот роҷеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷойи кор, вазифа, нишонии ҷои зист, шохис (индекс)-и шуъбаи почта, рақами телефони хона ва кор, нишонии почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақолаи дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо нусхаи электронӣ пешниҳод мешавад, ки дар он маводи муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”, № 2 (10), 2018. –с. 70-78.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [1, с. 75]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [2, с. 72-80].

Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад.

Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад.

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

# ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

К публикации в журнал принимаются статьи объемом не более 16 страниц на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере – размер шрифта 14 – с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее – 2,5 см, левое и правое – 3 см. Размер абзацного отступа – 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии – адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг – фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) для статей – фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”, № 2 (10), 2018. С. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, с. 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, с. 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов – всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

Ба матбаа 01.07.2023 таҳвил гардид. Чопаш 11.07.2023
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60х84 $^1/_8$.
Ҷузъи чопии шартӣ 13,25. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 05

Дар матбааи ҶДММ «МУЛКВАР» ба табъ расидааст.
mulkvar@mail.ru